ҚОДИРИ РУСТАМ

# ЧОЙХОНАИ «РОҲАТ» Ё ХУД
# ҚИССА ВА ҲИКОЁТ
# БАРОИ ХОНИШИ ПЕШ АЗ ХОБ

ДУШАНБЕ
2010

Қодири Рустам

ЧОЙХОНАИ «РОҲАТ», ё қисса ва ҳикоёт барои хониши пеш аз хоб. – Душанбе, нашриёти «Деваштич» , 2010, 200 саҳ.

Дар ин ҷо ҳарфе нест, аз саҳифаи чаҳорум шурӯъ кунед. Сафаратон хуш ва пурбаракат бод!

©Қодири Рустам, 2010

ФЕҲРИСТИ ҚИССА ВА ҲИКОЁТ

Ба ҷойи эпиграф …………….
Сарсухан дар боби сарсухан ва инчунин дар бораи он, ки чаро мардуми тоҷик чойхона нишастанро хуш доранд…………………..
Чаро «Роҳат»? …………………
Бошандагони «Роҳат»…………
*Девонагон…*
*Шоирон, нависандагон ва ҳунармандон….*
*Донишҷӯён…….*
Ҳикояти ин ки чи тавр бод дар Маскав мевазаду дарахтон дар Тоҷикистон решакан мешаванд…….
Ҳикояти дабири аввали кумитаи ҳизбии Марзоб ва хар шудани шавҳари ӯ…
Тантанаи дусолаи дӯстии халқҳо дар ноҳияи Марзоб ……
Саги тағои ман ва дӯстии халқҳо дар марҳалаи сосиализми мутараққӣ…..
Як пула гапу сад пула ғавғо (фоҷиъаи оптимистӣ)……..
Ҳикояти «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» …….
Чӣ тавр Алишери Деҳотӣ СССР-ро барҳам зад…….
Чой, папирос, нос. Нос ва инҳитоти мардуми тоҷик……
Имтиҳони муаллим Табаров…….
Текнулужии ҳақорати тоҷикӣ…..

*Қиссаи ин ки чӣ тавр Ҳалимаи Мирзобадал бо Соҷидаи Адбусалими Ғаффориён ҷанг карданд……*
*Шарҳи қисса ва мулоҳизоти муқаддамотӣ дар боби душному ҳақорат*
Забони коргар……
Сафари Аълоҳазрат ба деҳкадаи Шонарг….
Сухан аз риш ва перомуни риш……
Дар боби тарс…..
Дар боби одоби шаркӣ ….
Ифтихор ва ҳиммат….
Боз дар боби ҳиммат ва ғурур …..
Насли оянда…..
Достони ёд гирифтани Шарифмурод ба ақиб рондани мошинро…
Қиссаи пахтачинӣ, устод, футбол ва шоҳу дузд….
Хари марзшикан
Ду ёр аз ду диёр дар чойхонаи «Роҳат»
Аҳволи Хоҷа Зайнулобидин……

## БА ҶОЙИ ЭПИГРАФ

Пӯлод Толис, худо раҳматаш кунад, навишта буд, эпиграфи асар санги сари гӯрро мемонад. Чун жарф нигаристам, дидам холӣ аз ҳақиқат нест. Бад-ин сабаб барои ин навишта эпиграф наҷустам, вале агар эпиграф интихоб кардан лозим меомад, бе тардид бо андаке тағйир мисраъи Расул Ғамзатов: ”Мо зи бисёр чашма хӯрдем об”- ро бармегузидам. Умри мо ҳам ба ҷойе расида ва мо ҳам аз чашмаи фаровон об хӯрдаем. Вале ҳамчунин мо аз чойхонаҳои зиёд чой нӯшидаем, дақиқтару саҳеҳтар бигӯям, мо беш аз оби чашмаҳо чойи чойхонаҳоро хӯрдаем  ва афзун бар ин, чун маншаъу манбаъи сӯҳбатҳоямон аз чойхона аст, бо маъзарат аз рӯҳи Шоир мегӯем:
Мо зи бисёр чойхона хӯрдем чой.

# САРСУХАН ДАР БОБИ САРСУХАН ВА ИНЧУНИН ДАР БОРАИ ОН КИ ЧАРО МАРДУМИ ТОҶИК ЧОЙХОНА НИШАСТАНРО ХУШ ДОРАНД

Роҷеъ ба ин ки сарсухан чист, чизе намегӯям, шарҳи ин ки сарсухан чист, басо сода аст ва ба ҳама маълум. Оғоз мекунам аз таснифи сарсухан. Ва инак вобаста ба он ки сарсуханро кӣ менависад, онро метавон ба ду навъ тақсим кард: навъи аввал ва серистеъмол сарсуханест, ки бар китоби дигарон нигошта мешавад ва навъи сонӣ сарсуханест, ки муаллифон бар китоби худ менависанд. Мо сарсухани навъи аввалро бо ҷуръати тамом, нотарсонаю бебокона сарсухани нолозим, муғризона ва ҳатто музирр (ба ҷуз мавориди истисноӣ) меҳисобем, зеро:

а) Офариниши асар раванди комилан субъективк аст, зеро ҳар инсон, ба вежа инсоне, ки халлоқӣ мекунад, махлуқе нотакрор аст; ва сарсухан низ офариниш аст ва раванди субъективк, пас ҳеч мумкин нест, ки ду раванди офаринандагии субъективк бо ҳам ҳамоҳанг, ҳамсон, ҳаммаъно бошанд ва аз ин рӯ, муаллифи сарсухан ба офаридаи адиби дигар фақат ва фақат аз равзанаи диди худ, бо чашмандози худ баҳо медиҳад, ки бештар вакт бо диду ҷаҳонбинии соҳиби нома ҳеч иртиботе надорад.

б) Муаллифи сарсухани китоби дигарон баковули оши тайёр аст, муфаттишеро мемонад, ки барои бозрасии фаъолияти идорае ё муассисае омадааст ва аз ваҷоҳаташ чунон мехонед, ки тақдири кормандони ин идора ё муассиса баста аст ба майли ӯ, хоҳад гунаҳкор мешаванд, хоҳад бегунаҳ ва ин ваҷоҳати худхоҳонааш, ин бевиҷдонии ошкороаш хонандагони бошарафро аз хондани худи асар бозмедорад.

Ба хонандагоне, ки ба далоили мо қонеъ нашуда, ҳатман мехоҳанд сарсухани навъи аввалро бихонанд, маслаҳати дигар медиҳем бо истинод ба фармудаи Ҳерман Ҳессе: аввал ҳатман худи асарро бихонед ва баъд сарсуханро, яъне сарсуханро ба охирсухан табдил бидиҳед; дар ин сурат метавонед таассуроти худро аз асар бо андешаҳои муаллифи сарсухан муқоиса кунед ва камтар зиён бубинед. Ва аммо хонандагони якраву гарданшахе ҳастанд, ки ҳамеша баръакс амал мекунанд ва ин хонандагони гарданшах, баъди хондани ҷумлаи боло, ҳатто агар то кунун сарсухане нахонда бошанд ҳам, ба сарсухан хондан сар мекунанд, то бар хилофи маслаҳати банда коре карда бошанд. Ба онон мегӯем: хонед, хонед, боз хонед, агар мефорадатон хондан гиред, ман гуфтаму аз сар соқит кардам, дигар шумо медонед.

Аммо сарсухани навъи дувум сарсухани муфид аст. Ин навъи сарсухан мифтоҳи асар аст ва дари қасри пуршукуҳеро, ки дар он паҳлавонону нозанинони дилрабо ба сар мебаранд, ба рӯятон боз мекунад. Ин навъ сарсуханҳоро ҳатман бояд бихонед. Вале, агар намехоҳед, нахонед ҳам масъалае нест, ихтиёр бо шумост.

Он чи миёни ин ду навъи сарсухан муштарак аст, чист? Албатта, гонорар аст, яъне ҳаққи қалам (ибораи ҳаққи қалам чандон саҳеҳ нест, ба ҷойи он дар бархе маврид ҳаққи калла, гоҳе ҳаққи қалб ва дар аксар мавориди ҳаққи дасту …н мебояд гуфт). Дар асл, гонорар сабаби асосии зуҳури адабиёти олам аст, агар гонорар набуд, агар навиштан ройгон буд, ҳаштод дар сади адабиёти олам офарида намешуд[1].

Инак, дӯстони ҳамсафари ман…! Ин ҷо боз суол матраҳ мешавад, ки чаро шумо, хонандагони азизамро ҳамсафар гуфтам. Ку, ку, кӣ ҷавоб медиҳад? Ҳеч кас даст боло намекунад, касе наметавонад ҷавоб бигӯяд? Албатта, суоли душвор аст ва агар медонистам, ки посухашро медонед, намепурсидаматон ва вақтатонро зоеъ намекардам. Худам посух мегӯям: китоб хондан қадам задан аст; яъне хонанда аз паси муаллиф ҳарф ба ҳарфу сатр ба сатр, саҳифа ба саҳифа қадам мезанад ва бо ҳам роҳ рафтани ду, се, ва бештар одамонро ҳамсафарӣ меноманд. Ва китоб роҳ аст. Аз китобе ба иртифоъи кӯҳ мерасӣ, аз китобе ба лаби варта. Китобе роҳи биёбон аст, ки чоҳи обе надорад ва лабташна дар ними роҳ мемирӣ ва китобе гулистону боғистон, ки на фақат меваи ширин мехуриву атри гул мешамӣ, балки ин накҳати хушу он бари нофеъро ба раҳовард низ меоварӣ.

Инак, дӯстони ҳамсафари ман, чунонки мебинед, сарсухани мо ҳам аз ҷумлаи сарсуханҳои навъи дувум аст, яъне сарсухани нофеъу муфид аст ва хонданаш ҳатмист.

Ва аммо дар бахши дигари ин сарсухан банда мехоҳам роҷеъ ба як ҷумла, як ҷумлаи китоби мусаввари ”Тоҷикистон” (ин китоб дар солҳои даҳаи 70-уми садаи бистум дар Маскав чоп шуда буд) мулоҳизоти худро иброз кунам. Он ҷумла, ки баъди чанд даҳсола мушарраф ба таваҷҷӯҳи роқими сутур шуд, ин аст: ”Агар фаронсавиҳо вақти бекории худ ба қаҳвахонаҳо бираванд, тоҷикон вақти холии худро дар чойхона мегузаронанд”. Дар ин ҷумлаи кӯтоҳ як хислати бисёр муҳимми мардуми мо инъикос ёфтааст. Лекин муаллиф, агарчи, ин хислати муҳиммро мушоҳида ва зикр кардааст, шарҳ надодааст, ки чаро? Чаро мардуми тоҷик вақти холии худро

---

[1] Чопи китоб дар Тољикистони пас аз истиќлол, ки нависандааш бештар аз хонандааш аст, ин иддаъои бандаро зери суоли фарбење ќароре дод. Вале боз њам, чунонки мегўянд, истисно таъйиди ќонуни умумї аст.

дар чойхона мегузаронанд? Мо мехоҳем ба ҳамин ”чаро” посух бигӯем.
Ту хонандаи донотарошу булфузули ман, чун ин сатрро мехонӣ, заҳрханда мекунӣ, мехоҳқ аз фарти булфузулқ маро душноме бидиҳиву аз роҳ пас гардӣ. Вале сабур бош ва аз ҳамсафари дигарат – хонандаи зираку заранги ман ибрат бигир, ки ҳама тан гӯшу ҳуш шудааст, вай медонад, ки Қодири Рустам беҳуда аспи хома ба майдони сафҳа намеронад. Ва агар суоле чунин одинамову содашакл матраҳ намудааст, посухе амиқу пурмуҳтаво дар пай дорад ва ҳатман андешаи ҷолибе баён хоҳад кард. Ва инак, эй хонандаи зираку ҳушманди ман, ки дӯстат дорам ва ту, эй хонандаи донотарошу булфузули ман, ки туро низ ҳам дӯст дорам, гӯш фаро ниҳед. Агар пурсанд, чаро мардуми тоҷик чойхона нишастанро хуш доранд, чӣ хоҳед гуфт? Албатта мегӯед: чунки мардуми мо чойнӯширо дӯст доранд ва нафаре аз шумо ва ё ҳар ду сухани ҳамдигарро бурида, аз иллати иҷтимоъӣ ( фақру бенавоии мардуми тоҷик ва ба ин сабаб маҷбуран бо чойу нон қаноъат карданаш), хусусиёти дармонбахшии чой (тибқи пажӯҳиши табибон чой барои пешгирии бемориҳои мухталиф муфид аст), вежагиҳои иқлим (иқлими мо гарму хушк аст ва беҳтарин василаи рафъи ташнагию гармӣ чойи сабз аст) ва ғайра ва ҳоказо ва ғайра ва ҳоказо…. як соату ду соат лексия мехонед. Лекин ман мегӯям: не, не бародарон, иштибоҳ мекунед, хато мекунед, ба кунҳи масъала нарасидаед ва басо сода қазоват мекунед. Ман ҳам бо шумо мувофиқам, албатта, мардуми мо чой нӯшиданро дӯст дорад ва боз ҳам медонам, ки сокинони Тоҷикистон аз ҳайси саронаи чойнӯшӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ (ва дар маҳдудаи Шӯравии собиқ) чанд даҳсола боз ҷойи аввалро аз даст намедиҳанд. Вале ин сабаби асосӣ нест, ин мағзи гап нест. Чой нӯшидан ва чойхона нишастан ду амри комилан мутафовит аст. Ин ду чизро бо ҳам омехтан ҳеч мумкин нест, онҳо иртиботи заъифе бо ҳам доранд ва дар байни ин ду – чой нӯшидан ва чойхона нишастан ҷустани муносибати сабабу натиҷа амалест бесуд. Чунончи шахсеро медонем, ки дар чой нӯшидан дасти тамом дорад, тамоми рӯз дар дафтари кораш ва то ними шаб дар хонааш чой менӯшад ва ҳатто пеш аз хоб чой дам карда, чойникро дар канори рахти хобаш мегузорад, то агар бедор шаваду ташна монда бошад, пиёлае чой бинӯшад, вале ӯро, ин чемпиони чойнӯширо боре ҳам дар чойхона надидаем. Чаро ба чойхона намеояд, албатта, ҳайратовар аст, вале воқеъият ин аст, ки намеояд, вассалом.
Ва боз касеро мешиносем, ки соатҳои дароз дар чойхона менишинад, вале чой наменӯшад, ё агар нӯшад ҳам, беш аз як-ду пиёла не. Албатта, ҳамин тавр дар чойхона нишастани вай айб, ҳатто шубҳаовар ба назар мерасад. Пешхидмат ҳам ғурунг-ғурунг

мекунад, ки беҳуда ҷойро банд карда нишастааст барои касони дигар, ки мехоҳанд лагману лӯлакабоб хӯранд, ҷой нест. Ва ӯ маҷбур як чойник чой мегираду дар пешаш, рӯйи миз ё кат мегузорад, ба пиёла чой мерезад, як қатра ба лаб мебарад ё не, маълум нест, шиштан мегирад, менишинаду менишинад ва ба баҳри андеша ғӯта мезанад, лекин ман гумон мекунам, ҷойи ин тавр одамон чойхона нест, барои фикру андеша дар танхоҳ ҷойҳои дигари беҳтар аз чойхона ҳаст.

Пас, пас, мегӯед шумо, бигӯ, охир, чаро? Чаро мардуми мо чойхона нишастанро хуш доранд? Бигӯ, ки ҷонамон аз интизори посухат ба лаб омад. Сабур бошед, сабур бошед, хоҳам гуфт, мегӯям, мегӯям…

Ва инак мегӯям: барои он ки мардуми мо гап заданро, баҳс карданро хуш доранд!

Ҳамааш ҳамин!? Барои ҳамин моро аз пасат кашола карда овардӣ?! Ту хонандаи донотарошу булфузули ман боз заҳрханда мекунӣ, рӯй метобӣ ва мехоҳӣ биравӣ. Ту хонанадаи зарангу ҳушманди ман навмед мешавӣ: ҳай Қодири Рустам, ҳай Қодири Рустам, умедам аз ту на ин буд, ба ҳурмати Худо!

Бале ҳамааш ҳамин. Мардуми мо гап заданро хуш доранд ва ин гапи сода ҳам нест. Гап мисли шамшер аст, шамшерро ки муддати мадид аз ғилоф берун наоварӣ, занг мезанад, гапи дилатро ба каси дигар нагӯӣ, дарди дил накунӣ, дил холӣ накунӣ, гапҳо дар дилат мепусад, гапҳо ки дар дил пусидан гирифт, дил мекафад. Сӯҳбат шамшер аст, ҳамсӯҳбатон шамшербозанд: инаш мезанад, вайаш рад мекунад, иш мегӯяд, уш мешунавад, иш ҷавоб медиҳад, уш мениюшад.

Ва ин ки мегӯянд, касе сесаду шасту шаш даҳон гап занад мекафад, бовар накунед, дурӯғи маҳз аст, мо худ борҳо санҷидаем. Ва ин ки мегӯянд, хомӯшӣ тиллост, даҳани баста сад танга, забони сурх сари сабз медиҳад бар бод - ҳама барои пешгирӣ аз ҳарф задан, баҳс кардан, интиқод кардан, дарди дил гуфтан бофта шуда ва аҷаб нест, ки бо супориши махсуси ҳукуматҳо бофта бошанд, то даҳони норозиёнро бибанданд.

Вале нахустин фарқи инсон аз ҳайвон забони гӯёст, Худо ки забони гӯё додааст, бояд бо самар аз он истифода кард, вагарна куфрони неъмат мешавад. Боре биандешед: чаро мардум аз ошкорбаёнӣ ва озодии сухан ин қадар хурсандӣ карданд? Ҷавобаш маълум, намегӯям. Ва боз ҳақ бар ҷониби шайх Саъдист: То мард сухан нагуфта бошад, айбу ҳунараш нуҳуфта бошад…. Агар аз даҳонат як гап берун наояд чӣ тавр бидонанд, ки чӣ касӣ?!

Ва боз Ардамехр фармудааст: Сухане ҳаст, ки ба дӯст мегӯйӣ, сухане ҳаст, ки ба душман мегӯйӣ, сухане ҳаст, ки ба ҳама мегӯйӣ ва сухане ҳаст, ки танҳо ба худ мегӯйӣ.

Ман меафзоям: сухане ҳаст, ки фақат дар чойхона мегӯйӣ, сухане ҳаст, ки фақат дар чойхона мешунавӣ.

Барои ҳамин мардуми мо чойхона нишастанро хуш дорад, барои ҳамин мардуми мо ба чойхона меояд.

Ва акнун, ту эй хонандаи донотарошу булфузули ман, мехоҳӣ бош, мехоҳӣ бирав, ихтиёр бо туст, худат шоҳу табъат вазир, агар мемонӣ бимон, ҷоят болои дида, агар меравӣ бирав, чор тарафат қибла.

Ва акнун, ту эй хонандаи зираку ҳушманди ман, навмед машав, то ин ҷо сарсухан буд, бо ман биё, агар монда шудаӣ, каме менишинем, ду- се пиёла чой менӯшем, каме аз ин дару аз он дар мегӯему мешунавем ва баъд идомаи роҳ мекунем.

ЧАРО “РОҲАТ” ?

Воқеъан ҳам чаро “Роҳат”? Чаро “Фароғат” не, “Саъодат” не, чойхонаи дигаре не, балки маҳз “Роҳат”? Суолест, ки ногузир матраҳ мешавад ва аз посухаш гурезу гузир нест. Ин суол мисли рӯди бузург пеши роҳи мост ва агар мехоҳем, ки сафарамонро идома бидиҳем, бояст аз ҷавобҳои мушаххас пул бисозем ва аз он бигзарем.

Ва инак посухи он ки чаро “Роҳат”?

Барои он ки “Роҳат”-ро баргузинем, чанд сабабу далел буд.
Аввал бипардозем ба шарҳи далели субъективӣ. Ва ин далел чунон аст, ки банда понздаҳ сол “Роҳат”-нишинӣ кардаам (ва агар маҷбур намешудам, ки Душанберо тарк кунам, чанд соли пеш 30-юмин соли ”Роҳат”-нишиниамро таҷлил мекардам) ва агар, ба назар гирем, ки дар ин понздаҳ сол ҳар рӯз, ба ҳисоби миёна, се чойник чой менӯшидам, дар як сол 365 х 3 =1095 чойник мешавад ва дар понздаҳ сол ҷамъулҷамъ 1095 х 15 = 16425 чойник. Аммо чун табиист, ки ман ҳеч гоҳ ин чойникҳои чойро танҳо наменӯшидам ва ҳамроҳ ё ҳамроҳоне доштам, пас ба хулосаи мантиқӣ мерасем, ки мо ҳеч гоҳ хомӯш чой наменӯшидем ва ҳатман аз ин дару он дар, аз ин мавзуъу он мавзуъ сӯҳбат мекардем. Яъне ҷони гап дар ин аст, ки дар ин понздаҳ сол банда чи қадар сӯҳбатҳо кардааму шунидаам, чи андоза мушоҳидаҳо кардаам ва чӣ қадар таассурот гирифтаам; метавон понздаҳ соли дигар китоб навишт.

Ва акнун далоилу сабабҳои объективиро бозгӯ мекунем.
Аввал: “Роҳат” модели хурди Тоҷикистон аст. Дар ин чойхона аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ, аз намояндагони тамоми касбу кор чойхурони доимӣ ҳастанд. Зимнан, ваҳдати миллии Тоҷикистон ҳам, шояд, аз ҳамин ҷо оғоз бишавад.

Сонӣ: “Роҳат” ҳама вақт дар мухолифат бо давлат қарор дошт, дар мухолифат бо давлат аст ва дар мухолифат бо давлат хоҳад буд. “Роҳат” шакли нав ва каме тағйирхӯрдаи ҳамон “Ғайбатхона”-и машҳури Бухорост, ки устод Айнӣ тасвир кардааст. Наздикии “Роҳат” бо бинои КМ ҲК Тоҷикистон ва бинои ҳукумат фақат наздикии ҷисмонӣ асту бас. Вақте ки “боли рости” бинои КМ ҲК Тоҷикистонро месохтанд, Эшон гуфт: ҳизб мехоҳад бо халқ ( яъне

чойхонаи “Роҳат” ) наздиктар бишавад. Арбоб посух дод: Не, ҳизб боз ним ҳектор замини халқро ғасб кард. Намебинӣ, аз тарс девор ҳам бардоштааст.

Баҳс намекунем, ки сухани Арбоб ба ҳақиқат қаробат дорад, ё гуфтаи Эшон, лекин он чи мусаллам аст, ин аст, ки фаввораe, ки дар байни бинои ҳизб ва чойхонаи “Роҳат” сохта шуд, барои ҳар ду тараф муфид аст, ҳам барои ҳизб ва ҳам барои халқ ва инчунин тарҳҳо ва чизҳое, ки барои ҳарду тараф манфиъат дошта бошанд, мутаассифона, дар кишвари мо хеле каманд ва камтар мешаванд.

Ҳизб (ҳизби коммунист, албатта, он замон ҳизби дигаре набуд) аз “Роҳат” хавфи бузург дар дил дорад ва аз ин рӯ, табиист, ки ҷосусонашро ба ин ҷо ҳам ворид кардааст. Ин ҷосусон маъмулан шатранҷбозӣ карда менишинанд ва гап мечинанд ва азбаски ҳушу ёдашон ҳамеша ба даҳони мардум аст, ҳама вақт мағлуб мешаванд.

Гуфтем, ки “Роҳат” ҳамеша дар оппозитсия буд ва боз ҳам мегӯем, ки бештар ба ҳамин далел машҳур гаштааст. Ва гарчанд аҷиб менамояд ва зидду нақиз ба гӯш мерасад, банда бо камоли масъулият мегӯям, ки барои чунин шуҳрати зиёд касб кардани “Роҳат” бештар аз ҳар кию ҳар чизи дигар ҳизб ( мо ҳизб мегӯем, ҳукуматро дар назар дорем, ҳукумат мегӯем, ҳизбро дар назар дорем), мусоъидат кардааст. Аз ин гапам ҳайрон мешавию чашмот мошворӣ кушода мешавад. Ҳайрон нашаву гусолаворӣ нигоҳ накуну биншин, ки шарҳашро гӯямат.

Он чи Ленин дар таърифи давлат гуфта, яъне ”давлат мошинаи зӯрӣ ва фишор аст”, ҳарфест, ки акнун кӯҳна шуда. Таърифи мо ин аст, ки дигар дар интиҳои асри бистум ва ибтидои асри бисту якум, давлат дастгоҳи фиреби мардум аст. Пирӯзии демократия буд, ки вазифаи давлатро тағйир дод ва дар ҳар кишваре демократия пешрафтатар аст, фиреби мардум нозуктар ва пардапӯштар анҷом мешавад,

Азбаски ҳизб ҳама вақт дурӯғ мегуфт ва дурӯғ мегӯяд ва ин дурӯғҳоша шабу рӯз ба воситаи радиёю телевизиону рӯзномаҳою маҷаллаҳояш пахшу паҳн мекарду интишор медиҳад, мардуми боақл кам-кам ба ин фиребу найранг пай бурданд ва ба хешону ҳамсояҳошон бехигӯшӣ мегуфтанд ва онҳо ҳам кам-кам, андак – андак чашмошон кушода шуда буд ва кам-кам дигар ба суханони ҳизб бовар намекарданд ва ин нобоварӣ оҳиста – оҳиста ба эътимод бадал шуда буд ва гарчанд ин рӯзномаю родиёю телевизор гоҳе хабарҳои рост ҳам нашр мекарданд, дигар мардум ба ҳамин хабарҳои рост ҳам бовар намекарданд. Масалан, ҳар вақт дар Сармаддеҳ Холдори Чилдурӯғ ба қисса кардани дурӯғи навбатиаш оғоз мекард, мардум зери лаб механдиданду мегуфтанд, ин гапҳоя аз “Тоҷикистони советӣ” хондааст, ё худ мегуфтанд, ки родиёи Холдор боз ба пахши барнома шуруъ кард. (Дар омади гап гӯям, ки дурӯғҳои

Холдори Чилдурӯғ хеле ҷолибтар, пандомӯзтар ва аҷибтар аз ростҳои ҳизб буданд, чи расад ба дурӯғҳояш). Дар Марғкати мо низ айнан ҳамин хел буд. Вақте ки дар Маскав ГКЧП шуду родиёю телевизион шабу рӯз қарорҳои вайро қироат мекарданд, мардуми Марғкат бовар накарданд ва интизор нишастанд, то кай аз Душанбе ягон донишҷӯи “Роҳат”- нишин меояду ҳақиқати гапро аз вай мефаҳманд. Як рӯз интизор шуданд, касе наомад, ду рӯз интизор шуданд, касе наомад ва ниҳоят рӯзи севум писари Камол омад. Ҳама мардони Марғкат омаданд ба хонаи Камол, гуфтанд, ки ку, шери амак, бигӯ, дар “Роҳат” будӣ? Будам, гуфт, писари Камол. Пурсиданд, ки кай будӣ? Ҳамин саҳар, як соатак пеш аз парвози самолет, гуфт вай. Ин тур, ки бошад, шери амак, гуфтанд, бигӯ, ки ҳамин гапҳои радиёю телевизор рост аст? Рост аст, ки Горбачуфа ҳабс карданд? Рост, гуфт писари Камол. Ва ҳама бовар карданд, ягон кас шубҳа накард. Ва парторги колхоз гуфт, ки хезед ба хонаи ман биёед, ба муносибати ҳабс шудани ин муттаҳам, ин агенти буржуазияи байналхалқӣ, ин ҷосуси СРУ зиёфат медиҳам ва худ даст ба гардани писари Камол андохта, ҷониби хонааш роҳ пеш гирифт. Мардуми палавдӯст низ (яъне қариб ҳама) хестанду ба хонаи парторг омаданд. Аммо ҳанӯз палава дам напартофта буданд, ки лаҳни гуфтори наттоқхонуми телевизор тағйир ёфт, телевизор ҳавопайморо нишон дод ва аз ҳавопаймо Горбачуфу Раиса Максимовна фуромаданд. Дар тани Горбачуф либоси варзишӣ. Мардум ҳайрон шуданд, албатта, бовар накарданд, вале дар таҳи дилашон мурғи шубҳа тухм зоид. Ранги рӯи парторг ҳам каме канд, дастонаш ларзид, арақи пиёлааш рехт, вале нахост бовар кунад, балки бо қотеъияти Ленин қабл аз ҳуҷум ба Кохи зимистона, хайли шубҳаро аз дил бурун ронду арақи таҳи пиёларо ба ҳалқ фурӯ рехт ва гуфт:

– Дурӯғ, бовар накунед, ина Елтсини антипартийний махсус ташкил кардагӣ, ки синфи коргару деҳқона гӯл занад, Борис Карлович[1] дабдалаи ҳардеша мебарорад!

Оша кашиданду бо арақ хӯрданд ва хестанд рафтанду боз интизор нишастанд, ки кай ягон донишҷӯи «Роҳат»-нишини дигар меояд. Рӯзи дигар ҷомадон дар даст писари Ҳамза аз автобус фуромад, фуромаду ҳалқапеч кардандаш. Ва пурсиданд: Рост, ки Елтсин Гарбачуфа халос кард? Рост, гуфт писари Ҳамза. Аз куҷо шунидӣ? Шумо, гуфт писари Ҳамза, радиё гӯш намекунед, телевизор намебинед, рӯзнома намехонед? Ба ғайр аз себфурӯшӣ кори дигара намедонед? Дар радиё гуфт, дар телевизор нишон дод, дар рӯзномаҳо навиштанд. Э, бас куне, ладиё, тилвизол, лӯзнома,

---

[1] Борис Пуго, яке аз аъзои ГКЧП, ки чун табаддулоташон бо шикаст мувољењ шуд, худкушї кард.

радиоро худамон гӯш кардем, телевизорро худамон дидем, рӯзномаҳоро ҳам ҳар вақт, ки ба Марғкат бирасонанд, мехонем, ту бигӯ, ки дар “Роҳат” будӣ ё не? Не, гуфт писари Ҳамза, набудам. Садқаи одам шавӣ, гуфтанд, мо гумон кардем, чор сол дар институт хонда одам шуда бошӣ, ту ҳамон аблаҳи қадима, додотворӣ ноодам, одамгурез, агар пеш аз омаданат, ақаллан як сари қадам ба “Роҳат” даромада, аз кору бори дунё хабар меовардӣ, мемурдӣ, гум шаве, дар бехи кокулат сагу пишак рияд! Писари Ҳамзаро ҳақорату душном дода, пеш карданду боз дар сари зинаҳои магазин аз ин дару он дар сӯҳбат карда, интизор нишастанд. Як рӯз нишастанд, ду рӯз нишастанд ва рӯзи севум писари Розиқ омад. Бе ҳеч муқаддама, бидуни салому алайк пурсиданд: писари калтаи Розиқ дар “Роҳат” будӣ? Будам, гуфт. Қандата зан, додарзода, гуфтанд, ҳамин гапо рост аст? Рост аст, ки… Рост, гуфт, вай, дар “Роҳат” ҳам, ҳама аз ҳамин хусус гап мезананд. Ва ҳама бовар кард. Парторг давида ба дафтари кораш рафту акси бузурги дохили чорчӯби зарҳалии Горбачуфро, ки Худоро шукр, ҳанӯз фурсат наёфта буд, бисӯзадаш, боз дар паҳлӯи аксҳои Марксу Ленин овехт ва аз номи худашу аз номи колхозчиён мақола навишта, гекачепистҳоро маҳкум кард ва ба рӯзномаҳои ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ фиристод.

Ихтилофи “Роҳат”-у ҳизб ба идораю корхонаҳо низ доман густурдааст ва дар ҳар идораю коргоҳе, ки ҳам намояндагони “Роҳат” ва ҳам сарсупурдагони ҳизб ҳастанд, зуд–зуд оташи баҳсҳои идиуложӣ ва ҷанҷолҳои сиёсӣ забона мекашад.

Аз ҷумла, Арбоб Вадуд, шоири ҷавону умедбахш ва сардабири ҳафтаномаи “Пари ҳумо” ки чун мурғи анқо ҳама шуниду касе надид, ҳикоят кард, ки байни ӯву яке аз намояндагони ҳизб ҷанҷоли сиёсӣ сар зад.

Намояндаи ҳизб гуфт: мо соли сию ҳафт корро бе тайёрӣ сар карда, ба иштибоҳоти ҷиддӣ роҳ додем. Як қисми душманони халқро боздошт карда куштему ба зиндон андохтему табъид кардем. Қисми дигар даррав пӯст дигар карданду аз ҷазо раҳо шуданд. Ин дафъа корҳо дар маҷрои дуруст аст, ошкорбаёнӣ эълон кардем, ҳар кас дилаш ҳар чӣ ки хост, мегӯяд, мо ҳамаро рӯихат мекунему баъд якбора пахш мекунем, медорем.

Арбоб гуфт: соли сию ҳафт, ки бобома куштед, гӯсфанди бисёр дошт, гӯсфандҳоша хӯрдед, ман ки фақат як сари қоқ дорам, маро ҳабс карда ё кушта, фалонама мехуред?

Ҳамин тавр, ҳамсафарони азиз, ҷанобони гиромиқадр ва ҳуззори муҳтарам, ихтилофи “Роҳат” ва ҳукумат (ҳизб) чунончи дар назари аввал менамояд, чандон содаю хурд нест, балки хеле печидаю мураккаб ва густурда аст.

Ҳукумат аз “Роҳат” сахт метарсад, агарчи нисбат ба “Роҳат” васоили хеле бештаре барои фишору тазйиқ дорад. Барои чӣ, мегӯӣ? Барои он ки дар муборизаи байни онҳо, бар тибқи формулаи машҳур “Роҳат” ба ғайр аз завлонаҳои дасташ ва косаи лағмону чойники чойаш чизе бой намедиҳад ва аммо, ҳукумат, эҳтимол ҳама чизро бибозад.

## БОШАНДАГОНИ “РОҲАТ”

Хонандаи булфузули ман мегӯяд: Ин қадар аз “Роҳат” гуфтию гуфтӣ. Охир, аз одамони зинда бигӯ, намедонқ, ки Максим Гуркий нависандаро муҳандиси руҳи одамизод гуфтааст. Объекти тасвири адабиёт инсон аст, махсусан ки дар сабки реализми сосиалистӣ. Гуфтам: Акнун, ту ду- се лексияи муаллимота гӯш карда, ба ман дарси адабиёт медиҳӣ? Мефорадат, биншину гӯш кун, намефорадат, бихезу бирав бо реализми сосиалистиат. Бираву “Одамони ҷовид” ва “Замини падарон”[1] хон, туро бо мо коре набошад, моро бо ту коре нест. Қаҳрамонони ман – бошандагони “Роҳат” дар чаҳорчӯби реализми сосиалистӣ намегунҷанд. Уна дидӣ? Ҳамуне, ки ба ҳеч кас навбат надода гап мезанад? Арбоб Вадуд аст. Чойхоначиро мешиносӣ? Акаи Ҷамшед аст ӯ. Ун мисли ман лоғарандому мисли Арбоб қадпастро мебинӣ? Эшон аст ӯ. Уне, ки мӯисараш дароз аст, Баҳриддини Ҷӯё мегӯянд варо. Дар он тараф он ду касро мебинӣ, ки се соат шуд сӯҳбату баҳс доранд? Якеш ки айнак дорад Сабзаалии Мурод аст, дигареш Раҳмони Остон…. Дар хусуси инҳо чӣ тавр ба сабку услуби реализми сосиалистӣ менависӣ, дар бораи инҳо мешавад, асари реалистӣ навишт, достони романтикӣ навишт, китоби натуралистӣ навишт, мешавад аз сӯҳбатҳои онон муколамаҳои фалсафӣ ва рисолаҳои равоншиносӣ навишт, танҳо на ба сабки реализми сосиалистӣ. Қаҳрамони асари реализми сосиалистӣ дар “Роҳат” номаъқул мекунад?! Умуман ки дар зиндагӣ ба нудрат аст. Вале сабур бош, баъдан рӯзгори якешро рақам мекунам, мехонӣ.

Бисёр қаҳрамро наёр, ки хотирам парешон шуду гапҳоям ба маҷрои дигар рафт, чой рез бидеҳу хап биншин, ки аввал қаҳрамонҳо – бошандагони “Роҳат”- ро тасниф бикунем, ҳар гурӯҳеро дар раддае бигзорем, баъд агар лозим донем, агар бинем, ки ҳарфашон кирои гуфтану шунудан мекунад, як-як ба майдони сафҳа бикашем, нигоҳ кунемашон, сӯҳбаташонро гӯш бидиҳем, ҳамроҳамон бигирем, ва агар не, ба ҳолашон бигзорем.

---

[1] Романњои Рањим Љалил ва Юсуф Акобиров, ки адабиётшиносии шўравии тољик ба унвони намунањои хуби реалисми сосиолистї таърифу тавсифашон мекард.

Ва, инак, чун бузургворе фармуда: “матлаъи ин девон сухани девонагон аст”, мо ҳам аз девонагон оғоз мекунем.

***ДЕВОНАГОН***

Аммо дар оғоз бидон, ки миллате ки девона надорад, миллати комил нест, балки аслан миллат нест. Ва чун мо гуфтем, ки “Роҳат” модели хурди Тоҷикистон аст ва чун қоил ҳастем, ки тоҷикон ҳам миллат шудаанд, пас низ бояд қоил бошем, ки тоҷикон девона доранд ва девона зиёд доранд, (хеле зиёд доранд, ки гоҳе ваҳм мегирад ), яъне мантиқан ба ин маънӣ андар мерасем, ки “Роҳат” ҳам бояд девонагон дошта бошад. Ва дорад ҳам. Аъробро масал аст, ки “ алҷунуну фунунун”, яъне девонагӣ қисмҳо дорад. Ва аммо девонагон, аз ҷумла девонагони “Роҳат” ҳам, дар маҷмуъ ба ду гурӯҳанд: аввал, девонагоне, ки девонагиашон бар зиёни худашон аст, азият мекашанд, бечораанд ва дувум, девонагоне, ки аз девонагии худ суду манфаат мебардоранд. Намояндагони ин табақаро мардум “девонаи ба кори худ ҳушёр” хондаанд. Бояд бигӯям, ба сабаби он ки ҳоло вазъи иқтисодӣ хеле душвор аст, бар шумори девонагони ба кори худ ҳушёр рӯз ба рӯз афзуда мешавад. Дар “Роҳат” аз ин гурӯҳи девонагон се нафар намояндагӣ мекунанд, вале азбаски рафтори ҳар се сахт мушобеҳи ҳам аст, фақат аз якешон сухан мекунем: Либосҳояш либоси одию маъмулӣ, дар ин амр танҳо фарқе, ки аз дигарон дорад, ин аст, ки тоқиро каҷ дар як гӯшаи сар мегузорад ва дар ҳар даҳ – понздаҳ қадам ин тоқӣ аз сар афтодан мегирад, вале ӯ тарки ин одат накард, ки накард; хам шудану аз замин бардоштани тоқӣ, ки ба дилаш зад, дар даст нигоҳ медораду гаштан мегирад. Хулоса, аз ноҳияи пӯшок фақат дар самти тоқӣ девона аст. Рост аст ё дуруғ, намедонам, мегӯянд, ба як хонуми овозхон ошиқи шайдо шуда ва азбаски шармгин ҳам будааст, ин ишқро дар дурҷи дил нуҳуфта медошта ва изҳор намекардааст ва чун ин хонум суруде мехонда – «тоқира каҷ мондаӣ, садқаи каҷ монданот» вай ҳам ба ин хотир тоқиашро каҷ мегузошта ва пас аз он ки ақлаш зоил шуда, агарчи он ишқро фаромӯш карда, дигар тоқиро каҷ гузоштан барояш одат шудааст.

Бори нахуст, ки омаду паси миз нишаст ва пешхидматро амр кард, ки хӯрок биоварадаш, пешхидмат чандон эътиное накард ва ӯ кафки даҳон паронда, ҳақоратҳои гӯшношунид кард ва чойники нимахолии наздашро бардошту ба замин зад, ки чойник хурд–хурд шуд. На танҳо ҷарима накардандаш, на танҳо берун нарондандаш, балки дарҳол косае лағмон оварданду дар наздаш гузоштанд ва узр хостанд. Хӯрду тамом карду косаро лесиду бо иқтибос аз кудом яке - “аз он рӯзе ки ҷаннатро бино кард, савоби косалесонро ҷудо кард”, ин косалесиро тавҷеҳ кард ва боз каме “лексия” хонду хест рафт. Ва

баъди ду рӯз боз омад ва боз косаи ҳаққи лағмонашро хӯрд ва дигар ҳама вакт, пас аз ду - се рӯз омадан мегирифт. Ба ин қадар ақлаш мерасид, ки агар ҳар рӯз биёяд, ниҳоятан меронандаш ва дигар ройгон чизе намедиҳанд. Ин амр гувоҳ бар як мушоҳидаи роқими сутур ҳам ҳаст, ки бархе девонагон ҳушёртар аз ҳушёрон ва баақлтар аз соҳибақлон ҳастанд.

Ва аммо шарҳи муфассали нақши девонагон дар таърихи башар ва мавқеъи ҷунунзадагон дар таърихи адаби ҷаҳонро ба замони муносиби дигар мавқуф мегузорем ва дар ҳамин ҷо аз тавсифи эшон лаб фурӯ мебандем.

Танҳо нуктае ки таъкидаш бе маврид нахоҳад буд, ин аст, ки дар гузашта барои пешрафти мардуми тоҷик андаке девонагӣ, ки ақли солимро ба таҳрик овараду аз чорчӯби муқаррару маъмул хориҷ кунад, намерасид, имрӯз баръакс девонагӣ афзун шуда ва ба ақли солим бештар ниёз дорем.

## *ШОИРОН, ҲУНАРПЕШАГОН ВА ХАБАРНИГОРОН*

Ин тоифа шабоҳати зиёд бо гурӯҳи аввал, яъне девонагон доранд. Ба хусус шоирон. Шоир ҳар қадар шоиртар бошад, он қадар девонатар аст. Саҳеҳтар бигӯем, ҳар ки ҷунуни бештар дорад, шоиртар аст . Фаридуддини Аттор, ки гуфта: “Сар ба сар девони ман девонагист” ба сидқ гуфта ва Лоиқи Шералӣ, ки суруда: “Шоирию ошиқӣ девонагист” ҳоли худро суруда.

**Латифа.** “Газ 66”-и хатсайри “Панҷекат–Ворӯ”, ки барои паноҳонидани мусофирон аз гармои тобистону сармои зимистон ва боронҳои баҳору тирамоҳу чангу ғубори баҳору тобистон дар болояш брезент кашида буданд, аз роҳҳои пурчолаву каҷу килеб ҳаракат мекард. Ҳар бор, ки чархи мошин ба чолае мезад, ҳар бор ки ронанда дар гардишгоҳҳои сершумор чанбари фармони мошинашро сахттар метофт, мусофирон низ мувозанаро гум мекарданду ба рӯи ҳамдигар меуфтоданд. Ду нафар ғаззагие, ки дар муқобили ворӯие нишаста буданд, се бор ба рӯи мусофири ворӯӣ уфтоданд. Марди воруӣ ба сутуҳ омад, дигар тоқат накард ва бо асабоният гуфт: падарраҳматои занони ғаззагӣ мисли себи дубараанд, як сол шоиру нависанда мезоянд, як сол девона. Ба бахти бади ман, имрӯз дар ин мошин фақат девонаҳош савор шудаанд .

Ин қиссаро ба Баҳманёр, ки худ ғазагист, нақл карданд. Гуфт, Худоро шукр, ун бечора намедонад, шумо ҳам хабар набаредаш, ки шоирону нависандагонаш ҳам девонаанд.

Аммо як нуктаи борик аст, ки бояд дар назар дошт; шоирон ба девонагон шабеҳанд, на девонагон ба шоирон. Шоирон девона мешаванд, аммо девонагон, ба истисноҳои нодир, шоир не.

Аз шоирони маҷзубтабиати “Роҳат”- нишин, аз ҷумла, аз марҳум Сармад ва Мирзо Боқӣӣ метавон ёд кард. Ва боз аз Абдуллоҳи Дӯст. Вале инро мизони ҷунун бештар аз шоириаш буд. Абдуллоҳи Дӯсти мутахаллис ба Хоксорӣ – Худо ӯро аз биҳишти барин ҷой бидиҳод - ашъори матбуъу номатбуъ фаровон суруда, ки бархе хеле ҷолиб аст ва зуд дар хотир нақш мебандад. Беманфиат нахоҳад буд, чанд байте аз ӯро бо ҳам бихонем ва ёди ӯ кунем:

Ҳар ду дастат мегӯяд: ман ошиқи Абдулло,
Ҳар ду чашмат мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Зулфаконат мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Абрувонат мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Чашмаконат мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Сар то поят мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Ҳама ҷоят мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Ҳатто дилат мегӯяд: ман ошиқи Абдулло.
Чаро забон нагӯяд: ман ошиқи Абдулло?!.

Гарчи дониш дорам мисли Маркс
Ман фукамро намегирам ба боло.

Беҳуда раворавӣ накардам,
Чун буқа даводавӣ накардам.

Гӯянд, шоир Бозор Собир китобашро ба Абдуллоҳи Дӯст эҳдо кард ва ба ёдгор навишт:

Туро зиндагонӣ сияҳнома кард,
Баҳору зимистон ба як ҷома кард.

Хоксорӣ чун ин сатрҳоро бо ифтихор барои чанд нафар хонд, иғво доданд, ки Бозор туро таҳқир карда ва барангехтанд, ту низ, ки шоирӣ ҷавобе бо шеър ӯро бигӯй. Хоксорӣ савори аспи тундболи илҳом посухе муштамил бар 50–60 байт навишт. Гуфтанд, на, аз ҷавонмардӣ дур аст, ки ӯ туро як байт гӯяд ва ту ӯро дар 50 байт ҳаҷв кунқӣ, бо як байт хулоса кун. Ва Хоксорӣ бадоҳатан гуфт:

Ҳамин гап дуруст аст, наранҷам, вале,
Яке мурда бар мурдадил нома кард.

Мавзуъи шабоҳати шоирон бо девонагон то кунун тадқиқ нашуда ва мунтазири муҳаққиқони худ аст. Моро дар ин хусус андешаҳое рӯида дар мазраъаи ҳадсу гумон ҳаст, ки Мишел Фуку ҳам ба

даркашон нарасидааст[1], вале чун ин мухтасар гунҷоиши он тафсилро надорад, баёни онҳоро то замони иншои рисолае, ки ваъда кардем, умр бақо кунад хоҳем навишт, мавқуф мегузорем.
Аз ҳунарпешагон дар "Роҳат" бештар аз дигарон Ҳошими Гадо ва Шералӣ Абулқайсро метавон дид, ки ин ду низ ҷунуне ба мизони муносиб доранд ва аз Худои мутаол мехоҳем, ки ин мизон наафзояд. Устод Ҳошими Гадо доим як кифи нимакӯҳна ба даст дорад, андаруни ин киф ҳамеша як пора нон, як шишаи пур ё холии ҷуғрот ва ду санги варзишии панҷкилоӣ аст, зиндагӣ барояш саҳнаи театр ва саҳнаи театр барояш зиндагӣ аст.
Марҳум Мақсуди Ҳусейн, ки ҳама дидаву шунидаашро нарезондаю начаконда менавишт ва кӯшиш мекард ҳама навиштаҳояшро ба дасти чоп бидиҳад, то дигарон ҳам бихонанд, боре чанд ҳикояти ширин аз зиндагии машоҳири тоҷик ба идораи нашрияи "Чароғи рӯз" овард. Яке аз он ҳикоёт марбут ба устод Ҳошим Гадо ва худи Мақсуди Ҳусейн буд, ки ин аст:
Ҳунарпеша аз рӯзноманигор пурсид:
"Мақсудҷон, миллатро дӯст медорӣ"
"Албатта, устод, шумо ки мана мешиносед, чӣ ҷои суол аст!"
"Агар, ки миллата дӯст бидорӣ, як коса лагманам бигир, ки ай гуруснагира, қариб аст, бимирам".
Соли 1992 чун ин ҳикоятро хондам, бо завқ хандидам, соли 2004, чун аз сафаҳоти хотира ба саҳифаи дафтар интиқол кардам, ки истифодааш бикунам ва хонандагонро низ бихандонам, ашки дарду алам аз чашмонам берун заҳид.
Дар ин ҳикояти хурд як табақа ханда ва чанд табақа ғаму дарду анову гиря ҳаст ва ҳар хонанда ба қадри завқу фаҳми хеш баҳрае аз он хоҳад гирифт, яъне дар ҳар сурат бе суд нест.
Қариб фаромӯш карда будам: аз ҳунарпешагон марҳум Абдусалом Раҳимов низ аз "Роҳат"- нишинӣ хушаш меомад. Вай бештар шатранҷ бозӣ мекард ва чун бозиро мебохт, то расидани навбаташ аз рӯзгори худ ва дидаву шунидаҳояш ҳикоят мекард. Аз ҳикоёташ яке дар хотирам нақш баста, ки чун ҳикояти Ҳошим Гадою Мақсуди Ҳусейн ҳам хандаовари гиряолуд ва ҳам омӯзанда аст.
Интиҳои даҳаи солҳои 50 ва ё ибтидои даҳаи солҳои 60, дар хотирам нест, гурӯҳи бузурге аз ҳунарпешагони тоҷикро барои анҷоми сафари ҳунарӣ ба Эрон эъзом мекунанд. Ва ҳунармандон, барои он ки ҳунари миллати сосиалистии тоҷикро ба таври арзанда ва шоиста арза кунанд, ҳамарӯза машқу тамрин мекарданд. Рӯзе намояндае аз КМ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ба театр омад, то

[1] Мишел Фуку – файласуф, фарњангшинос ва љомиъашиноси муосири фаронсавї. «Таърихи љунун» яке аз китобњои ўст, ки њосили пижуњишњои Фуку дар мавриди тањаввули назари урупоиён ба девонагиву девонагон дар асрњои XYII – XIX аст.

ҳунарпешагонро қабл аз сафар ба Эрон биозмояд. Абдусалом Раҳимов низ чанд шеър қироат кард. Намояндаи КМ, ки бо сарҷунбонӣ ва “далше” гуфтан аз имтиҳон гузаштани ҳар нумраи консертро таъйид мекард, чун Абдусалом Раҳимов бихонд:

Басо нишастам ман бо акобиру аъён,
Биозмудамашон ошкору пинҳонӣ,
Нахостам зи таманно магар, ки дастурӣ,
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ,

чун тӯби ба замин задаи баскетбол ҷаҳид ва фарёд зад: “хватит, прекратит” ва ҳунарпешаро ба наздаш хонд:

-- Ту гумон мекунӣ мо шеър намефаҳмем, намефаҳмем барои чи ин шеърро хондӣ,  намедонем, кӣ ёд додат, ки ин шеърро бихонӣ?! Медонам манзурат аз аъёну ашроф кист, медонам, ки Брагинский[1] ёд додат, ки ҳамин шеърро бихонӣ. Тамом, ҳамин ҷо хондӣ, дар ҷойи дигар намехонӣ!

Абдусалом Раҳимов ки чанд бор талоши беҳуда ба харҷ дод, то лаб боз кунаду сухане дар посух бигӯяд, ниҳоят бо истифода аз таваққуфе, ки баъд аз ин ҳукм ба миён омад, гуфт:

- Э, не, муаллим, ин тавр нест, охир ин шеъри Рӯдакист, аъёну ашроф дар замони Рӯдакӣ ҳамон феодалоне буданд, ки заҳматкашонро истисмор мекарданд. Дар Эрон ҳам Рӯдакӣ сардафтари адабиёти форсӣ ҳисоб мешавад, мо бо ин шеър ва шеърҳои дигари Рӯдакӣ ва дигар классикони адабиётамон нишон додан мехоҳем, ки ватан ва миллати сосиалистии мо аз бузургони гузашта қадрдонӣ мекунад ва мо онҳоро фаромӯш накардаем.

Оташи ғазаби намояндаи СеКа аз ин посух бештар аланга гирифт.

- Фарқ надорад кӣ навиштагӣ, касе навишта бошад бар падараш лаънат!

Рӯдакӣ навишта бошад, аввал бар падари Рӯдакӣ лаънат, баъд бар падари Брагинский лаънат, баъди он ду, бар падари ту ҳам лаънат! Намехонӣ гуфтам, намехонӣ. Тамом!

Аммо рӯзи дигар ин олимақом боз ба театр омад. Шояд ҳамроҳонаш чизе гуфта буданд, ё худ шаб баъд аз андешаҳои тӯлонӣ ба натиҷае расида буд, намедонем, на Абдусалом Раҳимов медонист, на мо медонем, вале ҳар чӣ ҳам буд, ин олимақом ба театр омаду Абдусалом Раҳимовро ба гӯшае хонд ва  узр хост, ки дирӯз каме нӯшида буд ва иҷоза дод, ки ҳунарпеша ин шеърро бе ибо хондан

[1] И.С.Брагинский—ховаршиноси рус, ки солњои тўлонї дар Тољикистон, аз љумла, дар КМ Њизби Коммунисти Тољикистон кор кардааст. Дўсти содиќи фарњанг ва мардуми тољик буд, ёдаш ба хайр!

гирад. Ва низ хоҳиш кард, он гуфтугӯ дар миёни ҳардуяшон монад ва Раҳимов онро ба касе нагӯяд.

Теъдоди хабарнигорони "Роҳат"-нишин хеле зиёд аст. Ва мутаассифона, бештари ин хабарнигорон шоирию нависандагӣ ҳам мекунанд: бархе хабарнигороне ҳастанд, ки бо хабарнигорӣ қонеъ нестанд ва шоирию нависандагӣ ҳам мекунанд ва гурӯҳи дигар шоирону нависандагоне ҳастанд, ки маҷбур ҳастанд дар рӯзномаю ҳафтаномаю радиёю телевизион кор кунанд, то шиками худу фарзандонашон сер бошад.

Мутаассифона, ки гуфтам, барои он буд, ки аз ин амр ҳам адабиёт зиёни зиёд дид ва ҳам рӯзноманигорӣ. Расонаҳои тоҷикӣ ба истисноҳое ҳақиқат ва воқеъиятро шоирона, бо рангу бор ва муболиғаю дурӯғ ба тасвир мекашиданд ва ба тасвир меоваранд ва шоирону нависандагони тоҷик шиорҳои рӯзномаҳоро, саҳрои пахта ва пахтаи саҳрои Вахшро, говони фермаи Ховалингро, агрегатҳои нерӯгоҳи Норакро, каланди сари китфи деҳқонро, зардолузорони Исфарaро ба сафҳаи адабиёт кӯчонданд. Хулоса, бо истисноҳои нодире, на ҳақиқати зиндагӣ дар навиштаҳои хабарнигорони шоир ҳаст ва на лаззати маънавӣ дар офаридаҳои шоирони хабарнигор.

ДОНИШҶӮЁН. Гурӯҳи бузурге аз бошандагони "Роҳат"- ро донишҷӯён ташкил медиҳанд. Ва ин амр низ, аз сӯйе гувоҳ бар мардумӣ ва аз сӯйе таъйиди муҳаррики рушди ҷомеъа будани ин чойхона аст. Чун дар ҳама ҷомиъа мубашширон ва ҳомилони рушд маҳз донишҷӯён ҳастанд. Ҳар ҷомиъае, ки донишҷӯи исёнӣ бештар дорад, обистани таҳаввулот аст ва ҷомиъае ки донишҷуёнаш ба ҷуз барномаҳои дарсӣ ва духтарони ҳамсабақашон ба касею чизею андешаи дигаре таваҷҷӯҳ надоранд, ба зани ақиму астарван мемонад.

Банда, ки аз панҷ қисмати даврони донишҷӯии худ (яъне панҷ сол) як қисмро (яъне як солро) дар "Роҳат" сипарӣ кардаам, бо итминон ва ба ҷидд мегӯям, аз ин чойхона на камтар аз дарси устодони донишгоҳ таълим гирифтаам.

Як гувоҳи равшан бар ин ки "Роҳат" дар замони ҷавониҳои мо дар миёни донишҷӯён шӯҳрати фаровон дошт, ин аст, ки ҳар марде аз деҳаи мо ба Душанбе меомад ва агар бо шаҳр ошно ва роҳҳоро балад набуд, ба автобус менишасту ба "Роҳат" меомад ва ҳамон лаҳза ё дар давоми як соат нафаре аз донишҷӯёни ҳамдеҳаро пайдо мекард ва бо роҳбаладии ӯ корҳояшро сомон медод.

## ҲИКОЯТИ ИН КИ ЧӢ ТАВР БОД ДАР МАСКАВ МЕВАЗАДУ ДАРАХТОН ДАР ТОҶИКИСТОН РЕШАКАН МЕШАВАНД

Агар жарф бингарем, воқеъан, ҷолиб аст: марде дар толори Кохи Кремл менишинад ва танҳо барои он ки ҳарфе гуфта бошад, танҳо барои он ки дигарон нагӯянд, чаро ӯ хомӯш нишасту ҳарфе назад, чанд сухане мегӯяд ва аз ин чанд калима дар як ё чанд гӯшаю канори шашяки рубъи маскун зиндагии анд, даҳ, сад, ҳазорҳо нафар дарҳаму барҳам мешавад, тағйир меёбад, аз маҷрои маъмулӣ берун меояд. Ва бештари аворид он марди нишаста дар Кремл аз ин амр хабар ҳам надорад. Аммо бо офарин ба равони оне, ки барои аввалин бор Кремлро тақдирсоз номидааст, ба ин муқаддамаи кӯтоҳ нуқта мегузорем ва ба асли қисса мепардозем.
Як нафар узви Бюрои Сиёсии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ, шояд Суслов, ё Кириленко, ё, эҳтимол Пономорёв аз сари субҳ аз дарди меъда азоб мекашид. Ин дард дарди ҷонкоҳ набуд, албатта, дарде набуд, ки маҷоли роҳ рафтану гап задан надиҳад, аммо дардаке буд, ки соҳибдардро пайваста аз меъда доштанаш огоҳ мекард. Ин дардак ба ҳадде набуд, ки Суслов, намедонам, ё Пономорёв ва ё Кириленко дар хона бихобад ва ё докторро барои муоинаву муолиҷа бихонад ва худ бо дасташ барои худ чоҳ биканад, яъне баҳонаи ба иллати беморӣ, баъд аз чанд моҳ, ё соле - ҳар вақт, ки рафиқон лозим бидонанд, барканор шуданашро фароҳам бисозад. Албатта ҳам Суслов, ҳам Пономорёв, ҳам Кириленко ва каси дигар ҳам медонист, ки агар партия зарур донад, бидуни беморӣ ҳам барканор хоҳад шуд ва боз ҳам агар барои халқ лозим бошад, бо дарди бедаво ҳам дар мақомаш мондан мегирад. Вале ба ҳар ҳол…
Ба ҳамин далел, яке аз ин се нафар, дақиқан намедонам кудом яке, дар раёсати Пленуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ азоб кашида нишаста буд. Ҳар кӣ ҳадди ақалл як бор ба дардаки тӯлонии дандон, шикам, меъда, гӯш… гирифтор шудааст, медонад, агар нафаре ёфт бишавад, ки соҳибдард ба сари ӯ дод бизанаду ғазабашро фурӯ бирезад, ин дард хеле сабуктар

мешавад. Ин ки таъкид кардам “дардак” бедалел нест. Он ки гирифтори дарди шадид аст, бо фурӯ рехтани ғазабаш ба сари дигарон ва ё доду фарёд ба сари атрофиён дардашро таскин намебахшад. Аслан мубталои дарди шадид танҳо гирифтори худу дарди худ аст ва бо дигарон коре надорад. Хулоса, фақат дардак аст, ки аз дод задан ба сари дигарон таскин меёбад ва соҳиби дардро тасалло медиҳад.

Сухан кӯтоҳ, Суслов, намедонам, Пономорёв ва ё Кириленко ва ё эҳтимол, на ину ни ину на ин, балки нафари дигаре аз Бюрои Сиёсӣ, дар раёсати Пленуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ нишаста буду азият мекашид ва уқоби чашмонаш дар ҷустуҷӯи сайде буд, ки чанголи ғазаби худро ба сари ӯ фурӯ биоварад. Ва баъд аз чанд лаҳзае Ҷаббор Расуловро интихоб кард.

Хонанда набояд ба гумони бебунёд дода шавад, ки узви Бюрои Сиёсӣ аз қабл дабири аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро бад медида ва ё худ ба сабабе аз Тоҷикистон хушаш намеомада ва бо баҳонаи таскин бахшидан ба дардаки меъдааш Ҷаббор Расуловро интихоб кардааст, ки мавриди нигоҳҳои тезу теғдор ва каҷу кушандааш қарор бидиҳад. Не. Не, албатта, ин гумони безаминаро аслан ба дил роҳ набояд дод. Интихоби Ҷаббор Расулов ба унвони объекти хиёлан фурӯ рехтани ғазаб интихоби мантиқӣ буд. Чунки ӯ дар рӯ ба рӯи чашмони Пономорёв, намедонам, Суслов, ё Кириленко ва ё шояд узви дигари Бюрои Сиёсӣ, нишаста буд. Нафаре аз онҳо, намедонам, кӣ, ҳар кудом ки бошад, гӯ, бош, бо диққат ба Расулов нигарист ва хиёлан ба фурӯ рехтани ғазабаш ба сари ӯ шурӯъ кард. Дар ин амр вай аз чӣ вожаҳо истифода кард, мо намедонем. Албатта, бо поймардии нерӯи мантиқ ва дастёрии сипоҳи тахайюл метавон ҳадс зад ва ин вожаҳоро метавон дарёфт, вале дар ин маврид иҷиноб салоҳу савобтар аст. Ҷаббор Расулов маънии ин нигоҳи бодиққати тӯлонии гудозандаро нафаҳмид, ҳеч кирдоре, ҳеч гуфторе, ки сазои ин нигоҳи бераҳм бошад, аз ӯ содир нашуда буд. Гузашта аз ин, ҳанӯз соле аз як миллион тонна пахта супурдани Тоҷикистон ва моҳе аз Қаҳрамони кори сосиалистӣ шудани ӯ нагузашта буд. Хулоса, Расулов маънии ин мори нигоҳро нафаҳмид ва барои он ки бифаҳмад, барои он ки вокуниши соҳибнигоҳро бидонад, чанд бор табассум кард. Эҳтимол ҳамин табассумҳои бесабаб, ки ба сабаби бесабабиашон, албатта, соф набуданд ва метавонистанд, ки захрханду пӯзханд пазируфта бишаванд ва ё қиёфаи Расулов, ё чашмонаш, ё биниаш, ё ҳама бо ҳам боиси ғазаби бештари узви Бюрои Сиёсӣ гардид, ин ғазаб зарфи тани узви Бюрои Сиёсиро пур кард ва аз даҳонаш берун рехт: Между прочим, - гуфт ӯ сухани кудомеро бурида, - почему это в Таджикистане первых секретарей райкомов и горкомов из числа женщин ничтожно мало?

Муаррихе, ки бихоҳад ҷараёни ин воқеъотро ба таври мустанад бинависад, метавонад бойгониҳои КМ ҲКИШ-ро биҷӯяду пайдо бикунад, ки ин суханонро кӣ гуфт: Суслов, Пономорёв, Кириленко ва ё нафари дигаре. Барои мо ҳеч тафовуте ва ҳеч аҳамияте надорад, ки кудомӣ гуфт. Он чӣ барои қиссаи мо муҳим аст, ин аст, ки ин сухан дар Кремл, дар Пленуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби як тан узви Бюрои Сиёсӣ гуфта шуд. Ва баъди як ҳафта ё даҳ рӯз дар чанд минтақаи Тоҷикистон зиндагии садҳо нафар тағйир ёфт. Дар риёзиёт аст, ки аз тағйир ёфтани ҷои ҷамъшавандаҳо ҳосили ҷамъ тағйир намеёбад. Вале агар дар кумитаи ҳизбии ноҳия, масалан, дабири аввал барканор бишавад, мисли санги ғелида аз қуллаи кӯҳ, ки садҳо санги дигарро аз дунболи худ мeғелонад, садҳо нафар тағйири мақому табдили шеваи зиндагӣ мекунанд ва дабири дигар ҷойгузини ӯ бишавад, мисли оҳанрабое, ки ҳамзотҳои худро ҷазб мекунад, садҳо хешу табору ёру ошноро дар атрофи худ ҷамъ мекунад[1].

Бале, дар ин маврид низ дар оғоз сухан буд.

Ба ҳамин далел низ ҳеч веростор ҳақ надорад дар матни ин қисса ба “Бюрои Сиёсӣ”, “Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ” дасти тасарруф биёзад ва онҳоро бо ҳарфи хурд бинависад. Муаллиф дар ин маврид на танҳо рӯҳи замони содир шудани ин воқеъотро муроот кардааст, сабаб амиқтар аст ва иртибот бо масоили мофавқуттабиӣ дорад.

Бадеҳист, ки баъд аз ин пленум дар чанд ноҳияи Тоҷикистон чанд мард аз мақоми дабири аввали кумитаи ҳизбии ноҳия барканор гардид ва чанд зан ба ҷойи онҳо нишаст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Марзоб Салим Анварович Анваровро барои идомаи таҳсил ба мактабии олии ҳизбӣ фиристоданд ва Ҳалима Расуловна Акбарова ба ҷои ӯ дабири аввал мансуб ва интихоб гардид.

Вале ин ҳама низ муқаддима буд.

## Ӯ ҲИКОЯТИ ДАБИРИ АВВАЛИ КУМИТАИ ҲИЗБИИ МАРЗОБ ВА ХАР ШУДАНИ ШАВҲАРИ Ӯ

---

[1] Бо он ки Њизби коммунист зимоми ќудрат дар даст надорад, ин ќонун, ба вежа дар Тољикистон на ин ки побарљост, балки рушд кардааст. Яъне ”турфа шогирде, ки дар њайрат кунад устодро”.

Агар бигӯем, ки интихоб (мансуб) шудани Ҳалима Акбарова ба мақоми дабири аввали кумитаи ҳизбии ноҳия барои ҳама, ҳам барои бегонагону атрофиён, ҳам барои хешону наздикон ва бештар аз онҳою инҳо барои худи ӯ ногаҳонӣ ва ғайри интизор буд, чизе нагуфтаем. Вале чун вожаи дигар надорем, ки ҳадди ниҳоии ғайри чашмдошт будани ин амрро баён намоем, маҷбурем бо ҳамин чанд калима иктифо кунем.
Маркаби умри Ҳалима, инак сию чаҳор сол, пайваста аз як пайраҳаи якнавохту якранг роҳ мепаймуд ва идомаи ин роҳ низ ҳеч чизи ғайри мунтазир дар пешорӯ надошт ва бояст ҳамин тавр ба охир мерасид. Ӯ акнун дарк карда буд, ки агар дар ин амр гунаҳкоре ҳаст, касе ҷуз худи ӯ нест. Ӯ, акнун ки маркаби умраш аз гареваи сӣ убур карда, ба теғаи чил роҳпаймо буд, ба ин маънии сода андар расид, ки хушбахтӣ - дарёфтани надошта, дидани надида ва ҳаст шудани нест аст, барои саъодати як фард танҳо шабзиндадорӣ кардану то каллаи саҳар рӯнавис кардани мазмуну маъонии китобҳои сершумору ғафси Марксу Энгелсу Ленину Брежнев ва матолиби пленумҳои сершумору пай дар пайи КМ КПСС, ширкату суханронӣ дар нишастҳои ҳамарӯза кофӣ нест. На. На, албатта. Ба ҷуз ин ҳама ва боз авомили дигар, ки ҳоло на мавридаш аст ва на ҷояш, ки он ҳамаро баён бикунем, орзуҳои бузург дар лонаи қалб бояд бипарвард ва чун ин орзуҳо пару бол бароварданду парвоз кардан омӯхтанд, онҳоро ба фазо раҳо бояд кард ва аз дунболашон бояд рафт, то ба он ҷое ки метавонанд бубаранд. Ва албатта, барои амалӣ шудани онҳо талош бояст кард. Аммо ӯ чӣ орзуҳое дошт? Худоё, оё мешавад даҳон пур карду инҳоро орзу гуфт!? Якум, баъд аз хатми донишгоҳ дар шаҳр мондан, дувум, бо ҷавони машҳуре издивоҷ кардан, сеюм, мудири шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия шудан. Тамом. Тамом. Дигар ҳеч чӣ. Орзуҳояш беҳимматона, ҳақир ва кӯчак буданд. Вале ӯ худашро таъриф мекард, ки воқеъбин ва амалгаро аст. Намедонист, ки орзу, агарчи ҳеч гоҳ ба он тавре ки дар қалбу мағз парварда мешавад, сомон намеёбад, ва ё умуман сомон намеёбад, мисли ситораи равшан дар шаби тори биёбони бекарон аст, ки мусофирро ( албатта, агар ин мусофир ба ҳадде аблаҳ набошад, ки бидуни мутолиъаи мавқеъияти аҷроми самовӣ роҳи биёбонро пеш гирифта бошад ) ба ободӣ раҳнамун хоҳад буд. Ӯ агар эътироф мекард, ки ба ғайр аз Марксу Энгелсу Ленин дигарон ҳам китобҳое навиштаанд, агар гоҳ-гоҳ, ҳатто барои тафреҳ Мавлоно мехонд, Достоевский мехонд, гоҳе девонҳои Ҳофизу Саъдиро варақ мезад, гоҳе шабон китоби Нодирпуру Фурӯғу Лоиқу Бозор Собиру Есенин зери болишт хоб мерафт, осори Шекспир, Ҳерман Ҳессе, Балзак, Германн Мелвилл, Гарсиа Маркес, Гогол, Борхес, Хайём, Толстой, Гӯте, Уолт Уитмен, Артур Рембо, Маҳдӣ Ахавони Солис,

Голдинг, Данте, Акутагава, Такур, Сайидо, Соиб, Булгаков, Фолкнер, Матевосян, Хосе Сарамаго, Отар Чиладзе мехонд, шояд мурғи дилаш парвоз меомӯхт ва орзу кардан ёд мегирифт. Ё… ё… Нагӯям, гуфтам, нашуд! Хоксориро хок бар сар мекашему мегӯем: агар ҳосили рашҳаи қалами Қодири Рустамро мехонд, ки барои чун ӯҳое навишта буд: Он ки орзуи осмон мекунад, ба қуллаи кӯҳ хоҳад расид, он ки орзуи қулла дорад, ба домани кӯҳ мерасад ва он ки орзуи домани кӯҳ дорад, аз остонаи дарвозааш дуртар намеравад, шояд орзуҳои бузургтар дар дил мепарвард. На, ба бахти бадаш нахонда буд ва расид ба ҷое, ки расид ва гирифтор шуд ба ҳоле ки гирифтор шуд[1]: на дар шаҳр монд, на бо марди машҳуре издивоҷ кард, на мудири маориф шуд.

Албатта, ҳоло барои мудири маориф шудан, агар Худо бихоҳад, солҳое дар ихтиёр хоҳад дошт, вале чун ду орзуи аввалаш баровaрда нашуданд, саҳеҳтар бигӯем, орзуи аввал баровaрда нашуд ва орзуи дувум ҷомаи фарсудаю дарбеҳхӯрда ба тан кард, вай дигар аз қувват ба феъл гароидани орзуи севумро ҳам бовар надошт ва онро чун чизи нолозими афтода дар рӯи хона, ки ба дарою бурои аҳли хонадон халал мерасонад, аз миёнаи кошонаи қалбаш ба анбори куҳнаколои хотирааш афканд.

Хулоса ин буд ҳосили сию чаҳор сол умри ӯ: ҳафтае бисту чаҳор соат дарс дар мактаби деҳ, дабири созмони ибтидоии ҳизбии мактаб, ки аз панҷ нафар: худи ӯ, директор ва мудири бахши таълимии мактаб ва ду нафар бознишаста, ки бисёр вақт яке ё ҳар ду ба иллати беморӣ, ё сардию гармии ҳаво наметавонистанд дар ҷаласаҳо ширкат бикунанд, таркиб ёфта буд ва марди занмурдае ба ном шавҳар, ки аз дасташ на гармӣ меомад, на сардӣ ва писаре –- танҳо тӯҳфае, ки аз ин шӯи ношуд гирифта буд. Тамом. Дигар чизе аз ин зиндагӣ намехост ва интизор ҳам набуд. Ин буд, ки бовар накард. Сабаб ин буд, ки чун мошин фиристоданду ба маркази ноҳия бурдандаш ва пешниҳод карданд, ки дабири аввали созмони ҳизбии ноҳия бишавад, ба шунидааш бовар накард, гумон кард, хоб мебинад ва дар ҷавоб хомӯшӣ гузид. Ва чун ба дабирӣ мансуб карданд ва ё интихоб намуданд, низ ҳанӯз бовар намекард ва як моҳи дигар низ, нобоварӣ бо душворӣ аз хонаи дилаш берун рафт.

Ва низ ба сабаби ногаҳонӣ ва ғайри интизор будани ин амр буд, ки баробари шунидани хабари он, колинги директори мактаб афтид. Орвораи зерини мудири мактаб, ки бори нахуст ҳангоми хидмати сарбозӣ дар варзишгоҳи шаҳри Перм аз "бaракати" пирӯзии "Помир" бар "Звезда" (2 : 1) ва хуни гарми ҷавонӣ ва эҳсоси гарми миллиаш фурӯ уфтонда будандаш, баъд аз он бо се иллат зуд–зуд

---

[1] Эй, шумо њам ки то кунун нахондаед ва ё ќасд кардаед нахонед, бихонед, ки дур нест ба ин рўз бирасед ва ба ин њол гирифтор шавед!

уфтодан мегирифт, - гоҳе бар асари даҳон боз карда ҳамёзаҳои тӯлонӣ кашидан, мавориде ба сабаби хандаҳои дуру дарози самимӣ ва баъзан ба далели аз фарти ҳайрат даҳонро калон боз кардану зуд набастан. Ва бояд гуфт, директор ба сабаби камхобӣ бисёр ҳамёза мекашид, ба мӯҷиби ҷавонию хушбинӣ зуд-зуд механдид, ба иллати кунҷковии ирсӣ даҳонаш пайваста аз ҳайрат боз мешуд. Ва ин аст, ки ба ин амр, ба пайваста фурӯ уфтодани орворааш одат карда буд ва ҳар бор бидуни тарсу саросемагӣ, чунонки пизишкон омӯзонда будандаш, бо кафи даст колингро муддате молиш медод, молиш медоду бо як ҳаракати чуст ва моҳирона аз зер фишор меовардаш ва орвора дар ҷои худ қарор меёфт. Хулоса, уфтодани колинг ва боз дар ҷойе ки Худо муқаррар карда, қарор додани он барои мудири мактаб ба як амри сода ва одатӣ табдил шуда буд, мисли он ки ронанда фишанги суръатро иваз мекунад. Вале ин бор ҳар қадар талош кард, натавонист колингро дар маҳалли табииаш қарор бидиҳад. Орвора дар ҷои худ қарор мегирифт, лаҳзае бозмеистод, вале андаке ҳаракати сар ё даҳон кофӣ буд, ки боз биафтад. Чанд бор чунин ҳол такрор шуд. Директор ноилоҷ рӯймолеро аз зери манаҳ гузаронда, дар паси сар баст ва ба ҳар ки мепурсид «чӣ шуд, ба хайр ҳаст?» бо ишораи сару ангушт ҷавоб мегуфт, ки дандонаш дард мекунад, мадору тавони сухан пайвастан надорад. То ки баъд аз ду рӯз ба маркази ноҳия ба назди пизишк рафт ва духтур бо мушкили зиёд ва бо истифода аз чанд шеваи равонию дармонӣ орвораро дар ҷояш қарор дод.

Пизишк, ки ба сабаби ин колинг бо мудири мактаб унсу улфат шуда буд, низ аз нофармонии колинг, ки қаблан бо як фишор дар ҷои худ қарор мегирифт, ба кӯи ҳайрату шак ворид шуд. Вай аз ин дару он дар гап оғоз кард, пурсиду шунид ва ниҳоят эълон кард, ки албатта, иллати афтодани колинг ин бор ҳам чизе ба ҷуз ҳайрат нест. Шумо, гуфт вай, аз дабири аввал интихоб шудани рафиқаи муҳтарама, Ҳалима Расуловна хеле ҳайрону мабҳут шудед, ин ҳайрати амиқу тӯлонӣ боис шуд, ки муддате колингро фаромӯш кунед, даҳонатонро дуру дароз боз нигоҳ доред ва колинг ҳам афтид, наметавонист наафтад. Гуфта будам, ки камтар бихандед, талош кунед аз ҳеч чизе ба ҳайрат наоед, дар ин зиндагӣ ҳар чи рух медиҳад, такрори гузашта аст, ҷойи ҳайрат надорад, ба ҳар киву ҳар чи ки механдед, агар жарфтар нигаред ба ҳолашон бояст гирист, вале мутаассифона, гуфтаҳоямро паси гӯш кардед ва натиҷааш ҳамин шуд, ки бояд мешуд, колинг боз афтид. Гумон накунед, ки масхараатон мекунам, вале барои шумо муҳимтарин узви баданатон ҳамин колинг аст, ҳатто нисбат ба сару дилатон, ки Худоро шукр инаш, ба бахти зану фарзанду наздиконатон пайваста метапад ва онаш, ба хушбахтии насли навраси мо, ҳамеша меандешад. Вале ин ки натавонистед

колингро дар ҷояш қарор бидиҳед ва мо ҳам бо вуҷуди таҷрибаи зиёд, бо душворӣ  тавонистем ин корро анҷом бидиҳем, тарс аст, бале, бале, ҳайрон нашавед, тарс аст,  тарс аз Ҳалима Расуловна. Намедонам барои чӣ, донистан ҳам намехоҳам, вале аз сӯҳбататон фаҳмидам, ки шумо рафиқаи муҳтарама, Ҳалима Расуловнаро, хеле бад мебинед, нагуфтед, вале аз ишораатон фаҳмидам, ки таҳдид ҳам кардаед, ки на фақат аз вазифаи дабирии созмони ибтидоии ҳизбӣ, балки аз мактаб ҳам берун мекунедаш. Ва баъд аз он ки сипоҳи ҳайрат колингатонро афтонду аз мағзу дилатон берун рафт, дафъатан хайли тарс омаду дар ҷои он нишаст ва майли берун рафтан ҳам надорад. Метарсед, ки Ҳалима Расуловнаи муҳтарам интиқоми он ҷафоҳоро аз шумо мекашад. Ва ҳар қадар бештар дар ин бора меандешед, он тарс бештар ба мағзу дилатон реша медавонад.
Воқеъан, ҳамин тарс буд, ки дастони мудирро ба ларза афканда буд ва ӯ наметавонист орвораро ончунон ки мебояд, дар ҷояш устувор бикунад ва ё тарс буд, ки бофтаҳои ҷоғу рӯйашро карахт ё таранг карда буд ва намегузошт колинг дар ҷое, ки Худо муқаррар карда, қарор бигирад.
Вале ин ҳама чизе нест.
Агар ҳамаи ҳарф ин буд, арзиши навиштан надошт.
Рӯи суханро ба шавҳари Ҳалима бигардонем, ки мағзи қисса он ҷост. Ин ки аз ӯ ба номи “шавҳари Ҳалима” ёд кардем, на танҳо ба ин далел аст, ки мо воқеъан ҳам исми ӯро намедонем. Не, албатта. Исми ӯро надонем ҳам, метавонистем, номи шартие барояш бигзорем, Худоро шукр, нависанда дар ин амр мухтор аст, вале дар деҳ ҳам, гӯӣ, номи ӯро фаромӯш карда буданд ва ҳама “шӯйи Ҳалима” мехондандаш. Вақте ки дар русто аз марде бо номи занаш ёд мекунанд, ба ин маънист, ки ин мард дар хонадон зердасти зан аст, он қадар марди тавоно нест ва ё зани ӯ он қадар шуҳрате дорад (ба ҳар сабабе бошад), ки мардии шӯяш дар сояи шуҳрати ӯ қарор мегирад. Пас бигузор ҳамин тавр – “шавҳари Ҳалима” боқӣ бимонад, чун муҳимтарин кор дар зиндагии ӯ ҳамин шавҳари Ҳалима шуданаш буд.
Нӯҳ сол пеш, вақте ки Ҳалимаро барои ин марди занмурда хостгорӣ карданду нон шикастанд, яке ин амрро гардиши фалаки каҷрафтор, дигаре ҳукми тасодуф хонд. Муҳриддини писари Закариёи гав, ки рӯи кати чойхона, барои паноҳ ёфтан аз нури офтоб тоқиашро ба болои чашмонаш кашида, каҷпаҳлӯ зада буд, нимхез шуду дар ҷавоби онон  гуфт, балки хонд:

На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд? Ман-т бигӯям: қазои яздон буд.

Абӯи хоҳарзодаи мулло Розиқ пӯзханде карду гуфт: Худоро бо зангирии ин чи кор, кори дигар надорад, ки духтаракеро ба пирдухтарӣ мерасонад, ҷони зани ҷавони мардеро мегирад, то ки ин пирдухтарро ба ин занмурда бидиҳад?

Мулло Розиқ, ки дар паҳлӯи хоҳарзодаашон нишаста буданд, як тапончаи обдор ба пушти сари Абу заданд, ки тоқиаш парида, фир-фир давр зада, аз фазои чойхона берун рафта, дар руйи буттаи садбарг нишаст. Гоҷи худобехабар, гуфтанд, Оне ки дар қаъри санги сиёҳ роҳ рафтани мӯри ҳақирро мебинад, аз ҳоли бандагонаш наметавонад хабар дошта бошад?

Абӯ, ки бо баҳонаи гирифтани тоқӣ аз ҷой бархост, барои эман мондан аз мушту тапончаи тағояш ба кати канори дигари чойхона гузашт нишасту гуфт, нагуфтам, ки намебинаду хабар надорад, гуфтам, коре надорад, агар фарз кардем, воқеъан кори Худо аст, пас бандагонашро масхара мекунад.

Нӯҳ сол қабл, вақте ки ин марди занмурдаро бо Ҳалима хонадор карданд, вай як ҳафта наёрист, ба рахти хоби занаш наздик бишавад, чанд бор ҷуръат карду то ба паси дари хонаи хоб омад, вале дар ин ҷо гӯйӣ ҳама неру аз дасту пояш фурӯ рехт, ё бигӯем мисли харгӯши гургдида моту мабҳут бимонд. Ва баъд аз он ки худи Ҳалима гиристу гиристу гиристу бо ақли амалгарояш фаҳмид, ки илоҷе ҷуз тан ба тақдир додан надорад ва бояд бо ин ҳол бисозад ва шавҳарашро маҷбур карду ба рахти хоби муштаракашон овард, боз ҳам ӯ натавонист як ҳафтаи дароз ба зани никоҳии худ ба истилоҳ "дастдарозӣ" бикунад, ҳама ҷисмаш ба кулӯх табдил шуда буд. Ӯ ҳеч наметавонист, худро ки ҳашт сол аз гӯшаш кашидаву аз дасташ кашола карда, ба мактаб мебурданд ва то кунун номи худро ҳам бехато навишта наметавонист, шавҳари зани ҷавону зебо, панҷ сол хонда дар донишгоҳ, муаллимаи мактаб ва изофа бар ин ҳама, узви ҳизби коммунист тасаввур бикунад. Гумон мекард, бо масхара онҳоро бо ҳам хонадор кардаанд ва мунтазиранд, ки бубинанд чӣ хоҳанд кард.

Бечора чӣ медонист, ки аз ин ҳам бадтар хоҳад шуд.

Шавҳар тавону таҳаммул надошт, дабири аввали созмони ҳизбии ноҳия шудани занаш ва чун худеро дар рахти хоби дабири аввали райком тасаввур бикунад, чун мехост тасаввур кунад, ба чоҳи бетаҳи тарсу ҳарос меуфтод, нафасаш мегашт, дилаш заъф мекард. Гумон мекард, акси бузурги В.И. Ленин, ки ки чандин сол боз бо нимтабассуми малеҳ аз девори чойхона ба сӯҳбату баҳси мардум менигарист, нақли макон карда, ба девори хонаи онҳо омада ва табассум аз кунҷи лабаш маҳв шуда ва доҳии муаззам бо қаҳру ғазаб ба ӯ ҳад мекашад, ки ку, бубинам, чун ту марди омие чи тавр ҷуръат

карда, ба рахти хоби котиби райком медарой?! Ниҳоят, дигар натавонист ин ҳолро таҳаммул кунад. Ва пас аз ҳафтае, баъд аз он ки мошин сари субҳ омаду занашро ба маркази ноҳия бурд, ӯ харашро зин зад, чаҳор нонро ба чашми хӯрҷин андохт, хӯрҷинро ба болои зин партофт, худ низ ба хар нишаст ва аз роҳи гардана ба биёбони Дизак фирор кард. Ба писараш гуфт, агар модарат пурсад, бигӯ, ки ба биёбон ба дастёрии чӯпонҳо рафтам. Вайро, азбаски сухани касеро ду намекард, шарм мекард, ки «не» бигӯяд, ҳар сол замони тӯлгирӣ ба биёбони Дизак, ба назди рамаи гӯсфанди колхоз мефиристоданд. Вале ҳоло то мавсими зоиши гӯсфандон чанд моҳ вақт буд ва касе ҳам нафиристода будаш. Ӯ худ бояд мегурехт, аз хона, аз деҳа, аз ноҳия бояд мегурехт, фарқ надорад ба куҷо, аммо чун ӯ дар ҷаҳони офаридаи Худо ва шашяки рубъи маскуни Замин, ки Ҳизби Коммунист иҷозат медод, биравад, ҷои дигареро ҷуз маҳалли чарогоҳи зимистонаи рамаи гӯсфандон намедонист, амри мантиқист, ки ба он ҷо фирор кард.

То Ҳалима фаҳм кард, дар хона чизе намерасад ва то дарк намуд, ки на чизе, балки касест, ки муддатест ба чашм намеояд ва ин кас шавҳараш аст, як моҳ аз миён гузашт. Ва чун фаҳмид, ки ба Ӯзбакистон, ба назди моли колхоз рафта, дигар суоле надод.

Аммо зан зан аст, агар дабири райком ҳам бошад, ва ҳама одам нафс дорад, агарчи пайғамбари Худо бошад. Чун чанд моҳ аз миён гузашт ва Ҳалима ба мақому вазифаи нави худ одат кард, шаҳвати хуфта бедор шуд ва рӯз ба рӯзу шаб ба шаб қавитар мегардид. Ӯ талош мекард, тавсани ин нафси саркашро лагом занад, вале намедонист, нахонда буд, таҷриба ҳам надошт, “к-аз кашидан тангтар гардад каманд”, кӯшиш мекард ин мори шаҳватро хафа кунад, бикушадаш, аммо зоҳиран, фаромӯш карда буд ва ё ба иллати ихтилофоти шадиди идеулужӣ бовар намекард, ки ин ҳамон мор аст, ки дар субҳидами офариниш модарбузургашро фирефта, ба васваса андохта, боиси аз биҳишт ронда шудани Одам шуда буд, чи расад ба вайи чабераи пургуноҳ. Шабҳо, ки бо вуҷуди хастагиҳои зиёд хобаш намебурд, китоби Ленин ё Марксу Энгелсро ба даст мегирифт, то ҳам вақташ зоеъ нараваду нуктае биомӯзад, ҳам бо ёрии Марксу Энгелсу Ленин худро аз таҳоҷуми деви шаҳват бираҳонад. Ва… ва, астағфуруллоҳ, шабе хоб дид, ки дар рахте махмалину атрогин бо доҳии пролетариати ҷаҳон Карл Маркс ҳамхоб аст ва…ва, наъузубиллоҳ ҳар ду… ҳар ду он кор мекунанд, ки на танҳо дар рахти махмалину атрогин, мардон бо занон мекунанд. Риши ғӯлии Маркс ба гардану барози синааш расида, гоҳе хор-хоракаш мекард ва ӯ бо душворӣ шиддати хандаашро фурӯ менишонд. Гоҳе гардани Марксро оғӯш намуда “Карлик, о, Карлик” мегуфт ва ҳамзамон аз ин гуфта ба ҳарос меомад, ки шояд Маркс аз

“Карлик” гуфтани ӯ на навозиш, балки маънои дигар – “пакана”-ро ирода бикунад. Ва чанд лаҳза машғули ин андеша буд, ки оё рафиқ Маркс забони русиро балад ҳастанд ё не. Ва ниҳоят ба хулоса расид, ки албатта чунин шахси бузургу зуфунун русиро ҳам медонистагист ва аз ин хулоса сахт тарсид. Ҳамин тарс буд, ки аз хоб бедораш кард. Агарчи танҳо буд, шармаш омад, худро уфтода ба закоб эҳсос намуд, ҷилди Куллиёти Марксу Энгелсро канори токча гузошту ғусл кард. Ва рӯзи дигар ба биёбони Дизак кас фиристод, ки шӯяшро пайдо бикунаду биоварад. Ва фиристодаро таъкид намуд, ки агар шавҳараш гӯяд, ту бирав ман худам меоям, ба гуфтааш бовар накунад, ваъдаҳои ширинашро нашунида гирад, баҳонаҳои рангинашро гӯш надиҳад, ба суханони нармаш фирефта нашавад, нею нестонашро паси гӯш кунад ва зинҳору зинҳор бидуни ӯ барнагардад, ба ҳар василае, ки бошад, ҳамроҳи худ биёварадаш.
Шавҳари Ҳалима гӯӣ бо гардани баста ба деҳ омад, вале бо қатъияте, ки ҳеч кас ҳеч гоҳ гумонашро надошт, бо исроре, ки касе чашмдошт набуд, зистан чӣ ки рафтанро ба маркази ноҳия, ба хонае, ки барои занаш дода буданд, рад кард. Худи Ҳалима Расуловна низ ҳанӯз ба он хона одат накарда буд ва бештари шабҳо ба деҳ меомад.
Баъдан ҳодисае рух дод, ки ба таври хулоса ду қисса - “Хари тиллоӣ”- и Апулей ва “Масх”- и Франс Кафкаро дар худ гунҷоиш додааст.
Зимнан, касе намедонад, он чи дар муддати як моҳи пас аз бозгашти шӯи Ҳалима рух дод, кай оғоз шуд ва аслан, он чиро, ки рух дод, оё метавон гуфт, “оғоз шуд” ва ё амре буд, ки дафъатан, якбора рух дод? Ҳар ду назарро метавон дуруст шумурд ва ҳар дуро метавон иштибоҳ хонд. Албатта, чунонки “Грегор Замза як субҳ, аз хоби ноором бедор шуда, дид, ки дар рахти хоб ба ҳашараи даҳшатнок бадал шудааст”[1] Ҳалима низ субҳе аз хоби ширин бедор шуда, хамёза кашид ва аз болои китф сар гардонда, ба паҳлӯяш нигарист ва дид, ки шӯяш ба хар табдил ёфтааст. Тарсид, як қад парид, худро канор кашид, чашмонашро молиду бо умед нигарист: вале дар канораш хар хобида буд. Бале, шаб, вақте ки дар паҳлӯи ӯ дароз кашида буд, одам буд, вале субҳ, ки аз хоб бархост, дид ба хар бадал шудааст. Аммо мо медонем, ҳеч гоҳ дар зарфи чанд соат чизе ба чизи дигар наметавонад бадал бишавад, ҳатто гил ба кӯза, чи расад ба он ки одам ба хар. Ин амр раванди тӯлонист. Зимнан, бояд гуфт, ҳам дар сафаҳоти адабиёт хондаем ва ҳам аз таърих ба ёд дорем, ки басо одам хар шуда, вале дар ҷое нахондаему аз касе нашунидаем, ки хар одам шуда бошад. Албатта, далели ин амр сода аст: аз Хар то Одам ҳазор фарсанг аст, вале аз Одам то Хар як қадам! Ва ҳам,

[1] Франс Кафка. Масх.

табиист, ки фуромадан (нузул) осонтар аз баромадан (суъуд) аст. Вале ин нукоти фалсафиро канор бигзорем, ки сари хонандаи нозуктабъамонро дард мегирад.

Ҳалима, албатта, аз мушоҳидаи ин амр, бояд беҳуш мешуд. Вале беҳуш нашуд, чунки вай бовар накард, ин хар, ки дар рахти хоб дар паҳлӯяш паҳлӯ задааст, шавҳараш аст. Дар ҳеч китоби хондаи вай, на дар ҷилдҳои сершумори осори Ленину Марксу Энгелс, на дар Таърихи КПСС-у материалҳои съезду пленумҳо, на дар китобҳои риёзиёту физику шимӣ аз ин боб ишорае рафта буд, ва ӯ на романи Апулейро хонда буд, на қиссаи Франс Кафкаро. Вай ба хашм омад, гумон кард, ин корест, ки душманонаш тарҳрезӣ кардаанд, ҳатто лаҳзае хиёл кард, ки ин кори буржуазияи байнулмилалист - ва ба муҷиби ин хиёл аз миёни абри хашм лаҳзае шуълаи ифтихор барқ зад, - шаб ин харро дар паҳлӯи ӯ гузоштаанду шавҳарашро рабуда ва пинҳон кардаанд, ва ин корро, албатта, на барои он, саҳеҳтараш, на фақат барои он кардаанд, то ки ӯро битарсонанд, ё масхарааш бикунанд, балки мехоҳанд табар ба решаҳои назарияи коммунизми илмӣ ва диалектикаю эволютсия зананд! Баъди чанд лаҳзаи дигар гумон кард, эҳтимол ин корро худи шавҳараш карда бошад, то ки дубора бигурезад. Аммо зуд аз ин гумон даргузашт, медонист шавҳараш на ақли андешидани ин корро дорад, на ёрои анҷом доданашро ва боз ба гумони аввал баргашт. Вале ҳам дар аз дарун баста буд ва ҳам тиреза ва мағзи ӯ муддате гирифтори ин масъала шуд, ки чӣ тавр дар ё тирезаро боз карда, харро овардаанд ва шӯяшро бурдаанду боз дар ё тирезаро аз дарун бастаанд. Шояд чанд соатро сарфи андеша сари ин масъала мекард. Вале ин дам хар кӯрпаро канор заду чобук ба по хест.

-Эҳе, - гуфт Хар, - офтоб теғ задасту мо дар хоб.

Реализм тақозо мекунад, дар ин ҷо бинависам, ки Ҳалима ин бор “воҳ” гуфту беҳуш афтод. Вале боз ҳам наменависем, чунки бар тибқи реализми сосиалистӣ (хонандаи дӯстдори реализми сосиалистӣ, мутаваҷҷеҳ бош) қаҳрамони мо, ки бо назарияи материализми диалектикӣ мусаллаҳ ва ба ин ақида росиху устувор буд, ба хусус дар марҳалае, ки дабири аввали созмони ҳизбии ноҳия аст, ба ин осонӣ, ҳатто бо гӯши худ ҳарф задани харро бишнавад ҳам, наметавонад бовар бикунад, ки ин хар чанд соат пештар одам буда. Ва чун бовар намекунад, албатта, беҳуш ҳам намешавад. Баъзе хонандагон хоҳанд гуфт: бошад, бовар накунад, накунад, майли ӯст, вале гап задани харро шуниданаш кофист, ки ақаллан ду-се дақиқа беҳушу беёд биафтад. Дар посух мегӯям: бале метавонист беҳуш бишавад, вале нашуд, моту мабҳут шуд, саргиҷ шуд, ба гирдоби ҳайрат уфтод, дар гумоби даҳшат ғарқ гардид, вале беҳуш нашуд. Албатта, нависанда барои хонанда менависад ва мо метавонистем,

ба хотири ин хонандагонамон бинависем, ки Ҳалима беҳуш шуду уфтод, вале, дар ин сурат Хар чӣ бояд мекард? Хари бечора бояд ба руи Ҳалима об мезад ва ё сари ӯро рӯи зонуяш мениҳод, аммо ин ҳарду амр бо дастони хар ғайри қобили имкон аст ва беҳтар ин аст, ки аз рӯи хотири хонандагон бигзарем ва воқеъиятро қурбони руихотирбинӣ накунем. Агар нависандагону шоирон аз дунболи майлу ихтиёри хонандагон мерафтанд, ба ҳар хости онҳо "лаббайк" мезаданд, ба ҳурмати Худо, ҳолиё чабераҳои Лайлию Маҷнун соҳиби чандин чоҳи нафт дар Арабистону халиҷи Форс буданд ва аберaҳои Ромеою Ҷуллета дар порлумони Итолиё менишастанд ва ё яке раиси ҷумҳури Итолиё ва дигаре попи Рим буд ва мазореъи адабиёт чанд сада пеш ба шӯразор табдил ёфта ва уқёнуси адаб ба ҳоли дарёчаяки Хоразм гирифтор шуда буд. Хулоса, ба касе хуш меояд ё на, Ҳалима на ин ки беҳуш нашуд, балки хеле зуд аз гумоби даҳшат халос шуд, аз гирдоби ҳайрат солим бурун омад ва ба сари Хар дод зад:

- Шумо кистед? Дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

Аз ироаи ин пурсиш чанд ҳадаф дошт, мехост аз посухи Хар чанд нуктаи мавҳумро барои худ равшан созад. Вале беш аз ҳама умед дошт, ин посух шубҳаеро, ки табиист, ба як гӯшаи дилаш соя андохта буд, бартараф хоҳад кард. Вале, афсусу ҳайҳот. Хар бе ҳеч тардиде, балки бо ҳайрат гуфт:

- Чӣ хел кистам? Худатон кас фиристода наоварда будед? Агар иҷозат диҳед, баргардам равам! – ва шубҳаро ба бовар табдил дод.

Вале ин зани ҷасур, ҳанӯз тан ба таслим надода буд. Вай бо ҷуръат ба Хар наздик омад, аз гӯшаш гирифт ва ба муқобили ойина кашидаш. Хар муқовимат накард, дар муқобили ойина қарор гирифт ва бо диққат ба ойина ва баъдан ба зан нигарист.

- Дидед!? – гуфт Ҳалима ва ин як вожа ҳам посух ба суоли нигоҳи Хар буд ва ҳам пурсиш аз вай.

- Дидам, - гуфт Хар.

- Чӣ дидед, чӣ тавр дидед!? – садо баланд кард Ҳалима.

- Одам чӣ турин мебинад, шумо чӣ дидед, ман ҳам ҳамон тур дидам, худамро дидам, шуморо дидам, пардаи токчаро мебинам, аз канори бозшудаи парда чойники лаби токчаро мебинам, як гӯшаи ҷогаҳро мебинам, як гӯшаи шибдори хонаро мебинам, боз чӣ бинам, шумо чӣ дидед, ки ман надидам, ё ягон хоби бад дидед?

- Кошки, хоб медидам, - гуфт Ҳалима, вале мухотаби ин сухан худаш буд.

Вай акнун итминон дошт, ки шавҳараш ба Хар табдил ёфтааст ва бадтар аз он ки Хар шуда, ин аст, ки фаҳму дарк намекунад, ки Хар шудааст. Аммо, дафъатан, суханони Хар, рафтори вай дар рӯ ба рӯи ойина, шубҳаи дигар ба дили Ҳалима ворид кард: вай ба худ гуфт,

шояд ин ҳама дар воқеъ танҳо ба назари вай чунин менамояд ва дар асл чунин нест, эҳтимол ӯро ҷоду кардаанд, чунончи дар афсонаҳое, ки замони кӯдакӣ бибияш қисса мекард, шоҳдухтаронро ҷоду мекарданд? Дабири аввали райком аз кудом шоҳдухтар кам аст?! Аз ин андеша беш аз пеш тарсид. Бо ин ҳол чанг ба пушти Хар зад, дасташро бозпас оварду дар пешорӯи чашмонаш мушт боз кард: муйҳое дар кафи дасташ часпида буд. Шитобон аз хона берун шуду дарро баст ва ба хонаи паҳлӯ даромаду писарашро аз хоб бедор кард ва чун ӯ бедор шуду чашм молида рӯи рахти хоб нишаст, дасташро ба ӯ намуд.

- Чӣ мебинӣ?—гуфт. - Писарам, чӣ мебинӣ?

- Мӯй? Мӯй!– гуфт писараш. – Фақат мӯй!

Дигар ҳеч ҷойе барои шубҳа боқӣ намонд. Ва ӯ музтарибҳол бимонд, ки чӣ кор бикунад. Агар Хар гап задан наметавонист ва ё ҳадди аққал Хар шудани худро дарк мекард ва дар он сурат ҳам, агар ақлаш қад медод, бифаҳмад, ки фош кардани Хар шуданаш ба судаш нест, мешуд ӯро дубора ба биёбони Дизак фиристод, то ки чанд моҳе он ҷо назди чӯпонон бошад. Вале Хар гап мезад, аз харии худ хабар надошт ва Ҳалима илоҷи дигаре ҷуз ин надид, ки дарро ба рӯяш қулф кунаду ба кор биравад.

Мегӯянд чанд моҳ ба ин ҳол буд. Албатта, Ҳалима дар ин бора ба касе чизе нагуфт. Шавҳари ӯ низ аслан касе набуд, ки набуданашро эҳсос бикунанд. Вале аз рӯзе, ки ногаҳон аз шӯи муаллимаи одии мактаб ба шавҳари дабири аввали созмони ҳизбии ноҳия бадал шуд, арзиш пайдо кард, мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт ва ҳар замон ин аз ону он аз ин ҷӯёи ҳолаш мешуд ва ин ба ону он ба ин мегуфт, гумон мекунам, эҳтимол, ба фикрам, шояд, ба биёбон ба назди моли колхоз рафта бошад. Аммо, оқибат ин қазия ба таври асроромезе фош гардид. кӣ аввал хабар ёфт ва ба кӣ гӯшакӣ гуфт, касе намедонад. Лекин дар деҳ аввал паст-паст ва миёни худ, баъд баланд-баланду ошкоро аз қазияи Хар шудани шӯи Ҳалима сӯҳбат мекарданд. Яке гуфт, Ҳалима ӯро маҷбур паси миз нишонда ва чиҳил бор “Манифести Ҳизби Коммунист”- ро барояш чаппа хондааст ва пас аз он ки хониши чилум ба охир расида, шӯи бечорааш ба хар табдил ёфтааст. Ҳама хандиданд, чунки, албатта, касе ба ин сафсатта бовар накард. Далқаке гуфт, чӣ зарурат буда, ки “Манифест”-ро чиҳил бор чаппа бихонанд, чаҳор бор роста хондан ҳам кофист, ки одам хар бишавад. Ин ҳарфи он далқакро ба парторги колхоз расониданд ва азбаски вай, далқак коммунист набуд, ки шармандавор аз сафи ҳизб биронандаш, парторг чаҳор рӯзи кории вайро хат кашид ва вақти тақсими коҳ ду ҷувол камтар додаш.

Ин банда дар рисолаи маҷҳулмуаллифи “Аҳвол ва ақволи Хоҷа Зайнулобидин” дар поёни ҳикояти аз воқиъият дури “Хар сохтани Хоҷа марди аъробиро” хондам, ки меорад: ҳеч кас касеро наметавонад хар бикунад, то дар ботини ӯ мояи харият мавҷуд набуда бошад. Ин гуфта, ба гумони ман, бештар аз ҳар ҳадсу тахмин метавонад, қазияи хар шудани шӯи Ҳалимаро равшан бисозад.

Бадеҳист, ки овозаи ин воқиъа оқибат ба ҷое расид, ки бояд мерасид, Бовар карданд, ё не, муҳим нест, бозҷӯӣ накарданд, комиссия нафиристоданд, Ҷаласа ташкил доданду Ҳалима Акбароваро чунонки ногаҳон, ғайриинтизор дабири аввали кумитаи ҳизбии ноҳия интихоб намуда буданд, ҳамон тавр ғайри чашмдошт барканор карданд ва ба мактаби деҳ директор мансуб намуданд. Ва тақрибан баъд аз як моҳи ин нузул, Ҳалима субҳе аз хоб бархост ва бо тақозои неруи мармузе дари хонаи паҳлӯиро, ки талош мекард камтар бозаш бикунад, кушод ва дид Харшавҳараш ба одам табдил шудааст.

Ӯ, яъне шавҳараш, худ аз ин амр, албатта, хабар надошт.

## ТАНТАНАИ ДУСОЛАИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲО ДАР НОҲИЯИ МАРЗОБ

Бар тибқи омори саршумории соли 1979 дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сосиалистӣ чаҳордаҳ ҳазору ҳафт нафар ва даҳ сол пас, яъне дар соли 1989 понздаҳ ҳазору яксаду ҳаштоду чаҳор нафар чукча зиндагӣ мекард. Ва агар дар асоси ин ду рақам бихоҳем шумораи чукчаҳои Шӯравӣ дар соли 1983-ро пайдо кунем, бо назардошти он ки миёнгини афзоиши солонаи шумораи ин қавмият дар даҳ соли байни саршумории аввал ва дувум 117, 7 нафар будааст, рақами чаҳордаҳ ҳазору чорсаду ҳафтоду ҳашт ҳосил мешавад. Ва чун медонем, чукчаҳо дар кишвари дигаре ҷуз Иттиҳоди Шӯравӣ (акнун Русия) умр ба сар намебаранд, метавонем бо итминон бинависем, ки соли 1983 дар кулли ҷаҳон чаҳордаҳ ҳазору чорсаду ҳафтоду ҳашт нафар чукча зиндагӣ мекард. Аз ин теъдод чаҳордаҳ ҳазору чорсаду ҳафтоду ҳафт чукча дар минтақае зиндагонӣ мекарданд, ки бояд зиндагӣ мекарданд, яъне асосан дар Чукотка, қисман дар Камчатка ва андаке дар Ёқутистон ва бо коре иштиғол доштанд, ки бояд машғул мешуданд, яъне оҳубонӣ ва моҳигирӣ. Ва фақат як чукча на дар минтақае мезист, ки бояд мезист ва на ба коре иштиғол дошт, ки машғул бояд мебуд. Вай дар ноҳияи мо, дар Марзоб ҳаёт ба сар мебурд ва ҳеч коре намекард, ҳел-ҳелу саланг-саланг мегашт. Чӣ тавр ӯ ба ноҳияи мо омад? Чаро бо ҳеч коре машғул набуд? Барои чӣ? Барои дарёфти посух ба ин суолҳо ин қиссаро бояд хонд.

Албатта, хоҳӣ гуфт, «оё пайдо кардани посухи ин пурсишҳо кирои он дорад, ки ман ин ҳама роҳро тай бикунам, ин қадар сафҳаро бихонам? Ин заҳмату машаққатро подоше ва суде ҳаст?! Оё беҳтар нест, ки ба як бор, ба як сухан, мухтасар бигӯӣ, ки ин чукчаи раҳгумзадаи бадбахт чаро ба Марзоб омаду чӣ тавр омад»!? Ва ба пиндорат хеле ҳарфе гуфтӣ, мағзи гапро задӣ, лекин адабиёт, азизам, мусобиқаи хардавонӣ нест, ки ҳар ки зудтар ба пилла бирасад, ҷоиза хоҳад гирифт, дар адабиёт муҳим худи роҳ аст.

Агар якбора ва муҷмал бигӯям, ки чаро чаҳордаҳ ҳазору чорсаду ҳафтоду ҳаштумин чукчаи ҷаҳон ба Марзоб омад ва барои чи ҳел-ҳелу саланг-саланг мегашт, хабари хушки рӯзнома мешавад, ба дарди рӯз мехӯраду бас, агар бо резу хурдаҳояш, бо тафсилоташ бинависам ва каме намаки тахаюл ба он биомезам, мешавад адабиёт ва моли абадият. Пас агар мехоҳӣ бимону даст ба домани абадият бизан ва гар на по ба ҷодаи ҳавасҳои худ бинеҳу бирав.

Гуфта будем, ки Анвар Салимовро бо баҳонаи идома ва такмили омӯзиши ҳизбӣ ба мактаби олии ҳизбӣ фиристода буданд.

Акнун меафзоем: баъд аз он ки Ҳалима Акбарова маъзул шуд, Анвар Салимовро дубора бозпас хонданд оварданду дар мақоми қаблиаш барқарор намуданд.

Намедонем, Анвар Салимов аз дарсҳои хондааш дар Алмаато чӣ сабақҳое бардошту чӣ донише ҳосил кард, намедонем, аслан донише бар донистаҳои қаблиаш афзуд, ё не. Аммо як нукта мусаллам аст: вай дар Алмаато ва умуман дар Қазоқистон бори аввал тантана ва шукуфоии идеяи ленинии дӯстии халқҳоро дар амал ва бо чашмони сару дили худ дид ва ошиқи беқарор ва шефтаю ақлбохтаи интернасионализм шуд. (Таъкиди ин нуктаро зарур медонам, ки Анвар Салимов, бар хилофи бештари ҳамҳизбонаш на ошиқи интернасионалисми маҳдуди пролетарӣ, балки дилдодаи ҷигарсӯхтаи интернасионалисми густурдаи ҳамагонӣ буд). Намояндагони саду бист қавмияти ҷаҳон мисли гулзори мулаввани муташаккил аз ҳазору як гул дар кӯю кӯча ва хиёбону барзанҳои Алмаато мавҷ мезаданд ва ӯ мукаррараран мегуфт, ки коммунизм ҳатман аз ҳамин ҷо, аз замини барӯманди бародарони қазоқ оғоз мешавад. Ин ҳарф дӯстдоштатарин нӯшбоди ӯ дар нишастҳои дӯстонаи замони таҳсилаш дар Алмаато буд ва ин ҳарфро на барои лутф мегуфт, на барои он мегуфт, ки ба мизбонон хуш ояд, на ба тақозои вазифаи ҳизбиаш мегуфт, ки садоқаташ ба интернасионализмро собит намояд, балки ба гуфтааш муътақид буд, итминон дошт ҳамчунон хоҳад шуд, ки ӯ мепиндорад. Ин нӯшбодро то замоне гуфтан гирифт, ки як нафар профессори пири қазоқ, ки сиёсатшиносӣ тадрис мекард ва низ як нафар қазоқи миёнсол, ки ҳамроҳаш мехонд, эрод гирифтандаш. Қушербоюф, профессори пир

гуфт: он чи, ки шумо гуфтед, рафиқ Салимов, на фақат иштибоҳи мантиқӣ, балки хатои идеологӣ аст. Вай ангушти ишораташро боло кард, чунонки ҳар вақте ки гумон мекард, ҳарфи хеле хеле муҳимме хоҳад гуфт ва сомеъон бояд ҳама тан гӯш шаванду суханони ӯро бишунаванд, мекард - ва афзуд: коммунизм, бар хилофи сосиализм наметавонад дар як кишвари ҷудогона мутантан шавад, чи расад ба он ки дар минтақае аз як кишвар фаро бирасад. Коммунизм ҳамзамон дар тамоми сайёраи замин пирӯз мешавад, ин ҳарфро ки чанд бор такрор кардед, - коммунизм аз Қазоқистон оғоз мешавад, - гувоҳ бар камсаводии сиёсии шумо аст! Дигар такрор накунед! Профессор тайи солҳои тӯлонии пижӯҳишҳои худ дар мавриди асл ва шеваи истикрори коммунизм кохи бузурги назарӣ афрохта буд, ки иттако дар сутунҳое мустаҳкам аз далелу бурҳон дошт. Вай мегуфт, фасоди ахлоқиву молӣ, луздӣ, изофанависӣ, фиреби мардум, тақаллуб, фаҳш, рӯспигарӣ, роҳзанӣ, сикаи қаълӣ задан, пора ситондану пора додан, суиистифода аз мансаб, миллатгароӣ, маҳалгароӣ ва хешу табори худро мақому вазифа додан, тасарруфи сарватҳои ҷомеъа, ду зан ва ё маъшуқа доштан ва …. ҳама мисли бемориҳои вогир ҳастанд. Агар бемории вогире дар Ҳиндустон буруз кунад, пас аз чанд моҳ ин бемор бо парандаҳои муҳоҷир ба Қазоқистон оварда мешавад. Ва ё содатар бигӯем, масалан, хонаи шуморо таракан, пахш мекунад, шумо дору меореду мепошеду ҳама фавҷи тараканро маҳв месозед ва гумон мекунед: тамом!? Меосоед?! Не, не, не! Чунки ҳамсоятон тараканҳояшро накуштааст, вай бемалол бо тараканҳои хонааш ҳамзистии осоишта дорад ва ё шояд аслан тараканро дӯст дорад. Ва пас аз ду рӯз, таъсири доруи шумо, ки тамом шуд, тараканҳои ҳамсояатон ба хонаи шумо меҳмонӣ меоянд, ба меҳмонӣ меоянд, вале чунонки дар таърих бисёр мушоҳида кардаем, - масалан,ончунонки истилогарони англису испанӣ бо Амрико карданд - барнамегарданд, аз хонаи шумо хушашон меояд, мемонанду соҳибхона мешаванд. Пас, дар даврони коммунизм, ки ҳеч марзе вуҷуд нахоҳад дошт ва инсонҳо мисли парандагон озод ба сар мебаранд, чи гуна метавон аз ин маризиҳои иҷтимоъӣ пешгирӣ кард!? Аз ин маризиҳои бадтар аз маризӣ намешавад пешгирӣ кард, магар ин ки онҳоро баробар ва ҳамзамон дар ҳамаи рубъи маскун маҳв кунем. Пас, такрор мекунам, коммунизм наметавонад дар кишвари ҷудогонае пирӯз бишавад! Ба ақидаи ман, дар бораи барқарории коммунизм он чиро, ки Карл Маркс ва Фридрих Энгелси азизу муҳтарам дар мавриди пирӯзии сосиализм гуфта буданд, метавон татбиқ дод, агарчи дар бораи пирӯзии сосиализм, ки марҳалаи аввали коммунизм аст, ман албатта ҳамназари Владимир Иличи бузург ҳастам, ки ақидааш дар бештар аз бист кишвари ҷаҳон таҳаққуқ ёфт ва ба таъйид расид, - профессор

ангушти ишораташро боло карда, ба самти шифт даст ёзонд ва азбаски ҳарфаш хеле муҳим ва амиқ буд, барои он ки даст баландтар биёзад, ба нӯги по рост шуд.

Қазоқи миёнсол - Утембоев баръакс, агар нарм бигӯем, аз ин танаввуъи қавмӣ чандон хушаш намеомад ва гоҳе, ки қадаҳе бештар мехӯрду танҳо дӯстони наздикаш боқӣ мемонданд иддаъо мекард, ки дӯстии халқҳо гургест, ки ҳамарӯза қазоқҳоро мехӯрад. Чун ҳарфашро намефаҳмиданд, ошкорову пӯстканда шарҳ медод, ки қазоқҳо оҳиста-оҳиста ба рус табдил шудан доранд. Анвар Салимович аввал эътироз мекард, ки э, не охир, чӣ хел қазоқ бо ин чеҳраву чашму бинӣ метавонад рус бишавад. Утембоев посухе ба эътирози содалавҳонаи Анвар Салимович намегуфт, вале баъдан ӯро зуд-зуд ба хонаи хешон ва дӯстонаш мебурд, то нишон бидиҳад, ки чи гуна насли ҷавони қазоқ забони модарии худро фаромӯш карда ва ойинҳои бобоиро бар тоқи нисён гузоштааст.

Бо ин ҳол, Анвар Салимович на ҳарфи профессори пирро пазируфт, на гуфтаи қазоқи миёнсолро, на бо ин мувофиқ буд, на бо он, вай муътақид буд, ки дар назари Кушербоев инҳирофе ҳаст ва дар эътиқоди Утембоев муболиғае. Вале, аз тарси Кушербоев ва рӯйи хотири Утембоев муҳтавои нӯшбодҳояшро дигар кард. Ва низ шавқи орзуи ташкили як чунин озмоишгоҳи хурдтари дӯстии халқҳо (ки онро чорбоғи дӯстии халқҳо номгузорӣ карда буд) дар яке аз ноҳияҳои Тоҷикистонро (итминон дошт пас аз хатми давраи омӯзиш ҳадди ақалл дабири аввали созмони ҳизбии ноҳияе интихоб хоҳад шуд), ки рӯз аз рӯз афзунтар мешуд, дар дурҷи қалбаш пинҳон кард.
Ва чун муҷаддадан дабири аввали кумитаи ҳизб дар Марзоб таъйин шуд, донист, ки фурсати муносиб фаро расидааст, то ба ин қувваи урён ҷомаи феъл пӯшонад.
Аҳолии бумии Мазроб асосан аз тоҷикон ва панҷ рустои ӯзбакон иборат буд. Ҳамчунин русҳо, се хонаводаи украинӣ, ду хонаводаи яҳудӣ, ки яке сартарош ва дигаре кафшдӯз буданд, як курд, ки зани арманӣ дошт, як хонаводаи гурҷӣ, як хонуми беваи чуваш дар маркази шаҳристон ба сар мебурданд. Анвар Салимович дар уқёнуси ғаму андӯҳ, дур аз соҳили амну осоиш музтариб монд; бо намояндагони нуҳ қавм намешуд чорбоғи дӯстии халқҳо бунёд кард. Киштии андешааш чанд рӯз дар ин уқёнус, ки соҳили умедаш наменамуд, гирифтори гирдоби махуф буд. Дар ин рӯзҳои навмедӣ буд, ки андешае ба хотираш хутур кард ва андаке монда буд шутурвор маҳор ба сару пӯзаш бизанаду ӯро аз шоҳроҳи марксизм-ленинизм берун кашад: вай барои аввалину охирин бор аз Амрико рашкаш омад; чун аз андешаҳои тӯлонӣ ба натиҷае расид, ки дӯстии халқҳо бидуни сиёҳпӯстону сурхпӯстон дӯстии воқеъӣ, мустаҳкам ва амиқ нест, камнур аст, дурахшон нест, рангоранг нест ва аммо

Иттиҳоди Шӯравӣ, мутаассифона, на сияҳпӯст дораду на сурхпӯст, баръакс Амрикои буржуазӣ сияҳпӯсту сурхпӯст фаровон дорад, гарчи ба қадрашон намерасад. Рашке гудозанда мисли рашки ошиқи нокоми ҳаждаҳсола қалбашро фишурд, алағдаву асабониаш кард ва ранҷише рафиқонаву дӯстона аз Сталину Хрушеву Брежнев дар дилаш лона гузошт. Ба худ гуфт, Владимир Илич, албатта, фурсат наёфтанд ва зуд ҷон бохтанд, вале Иосиф Вассирионович, Никита Сергеевич ва Леонид Илич метавонистанд ҳадди ақалл қисме аз ин сиёҳону сурхҳоро ба Иттифоқи Шӯравӣ биоваранд. Амрико, ки дигар аз тарси пролетариати байнулмилалӣ ҷуръат надорад чун қабл сурхпӯстҳоро кушаду сиёҳонро истисмор кунад, дар асл, албатта, чашми диданашонро надорад ва розист як субҳ аз хоб бархезаду на аз инҳо нишон бибинад, на аз онҳо. Вале ба эҳтимоли қавӣ аз бахиливу шамотат, барои он ки боз шарорате алайҳи Иттиҳоди Шӯравӣ бикунад, ҳамин тавр ба содагӣ розӣ намешуд, ки дастикам қисме аз сиёҳону сурхонашро ба мо бидиҳад, вале барои ин кори бузург, барои расидан ба ситеғи дӯстии халқҳо, мо метавонистем аз ягон чиз чашм пӯшем, аз баҳри ягон арзиш бигзарем, масалан, аз баҳри Кубаю Фидел Кастро! Ва ё агар Амрико нахоҳад надиҳад, мо метавонистем ин сиёҳону сурхҳоро аз кишварҳои дӯсти Африқо ва Америкаи Лотинӣ биоварем. Дар иваз мо метавонистем чи қадар халқҳои Африқову Америкаи Лотиниро рӯҳбаланд ва ба роҳи инқилоб ҳидоят намоем!

Ба болои сӯхта намакоб, вай наметавонист аз ин рашки ҷигарсӯз, ба касе, ҳатто ба рафиқи шафиқе, ба ёри ҳамдаме, ба дӯсти марҳаме ҳикоят кунаду сӯзи дилашро коҳиш диҳад ва ҳамин тавр чанд рӯз дар оташи рашк сӯхт. Вале пас аз чаҳор-панҷ рӯз ногаҳон фикре чун чароғи роҳнамои соҳил қалбу мағзашро равшан кард: Чаро ин ҳама барлосу турку лақайро, ки ҳамаро узбек навиштаанд, шиносномоҳаи нав дода, шумораи қавмиятҳоро наафзоем?! Ёд дошт, ки авони бачагии ӯ Алибеки турк исён карда, ба назди дари райком рафта буд, ки чаро дар шиноснома ӯро узбек навиштаанд, дар ҳоле ки ҳафт пушти ӯ бо хуни узбакӣ омехтагие надорад. Ин фикр то ҳадде сӯзи рашки Амрикоро дар қалбаш коҳиш дод. Вале ин шодӣ ҳам хеле зуд ба поён омад. Ҳамкорони зердасташ фаҳмонданд, ки зинҳору зинҳор ин корро накунад. Константин Захаров - дабири дувум гуфт, агар собиқаи шиносоии бистсолаамон набуд, гумон мекардам андешаҳои зиддиҳизбӣ дар сар мепарваред, вале медонам, ки ҳадафатон чизе ба ҷуз ривоҷу густариши дӯстии халқҳо нест. Мутаассифона, роҳи пешгирифтаатон иштибоҳ аст, ба боғи мақсуд намерасонадамон, балки ба биёбони хушку беоби опортунизм мебарад. Меҳринисо Сироҷева - дабири дигар гуфт, аввал ин ки дар феҳристи номҳои халқҳои советӣ на лақай ҳаст, на барлос, чи тавр ба онҳо шиноснома

медиҳед!? Анвар Салимович эътироз кард, агар дар феҳрист нестанд, дар ҳаёт ҳастанд! Баъдан, афзуд, магар хуб нест, ки ба гулдастаи бузурги халқҳои Шӯравӣ боз ду-се шоха гули тар бо рангу накҳати тоза афзуда шавад. Баръакс, гуфт, ба фикри ман, партия ва ҳукумат бояд аз мо сипосгузор бошанд. Меҳринисо Сироҷева гуфт, партия чанд даҳсола қабл қарор карда буд, ки инҳо ҳама шохаҳои дарахти тановари халқи воҳиди бародари узбеканд, акнун ки мо ба инҳо шиносномаи нав диҳем, ба ин маъност, ки партия иштибоҳ карда будааст ва мо ин иштибоҳро ислоҳ кардаем. Соният, агар туркҳову лақайҳою барлосҳоро халқҳои дигару мухталиф гӯем, боз дар ноҳияҳои дигар қанғуроту марқаву юзро халқҳои ҷудогона эълом кунем, барои ҳамаи инҳо мактаб даркор, китоби дарсӣ даркор, муаллим даркор… эҳе-е чи қадар хароҷоти барзиёд мешавад.
Вале Анвар Салимович он қадар аз иштиёқи ба дувоздаҳ расонидани шумораи қавмҳои маскун дар ноҳия лаззат гирифта буд, ки ҳеч намехост ин шаҳдро шарангомез кунанд. Гуфт, магар раҳбарии партия, мутаассифона, дар солҳои шахспарастии Сталин ва худкомагии Хрушев иштибоҳ накарда буд, аз шоҳроҳи марксизм-ленинизм берун нарафта буд? Бояд хурсанд бошанд, ки мо – аъзои ҳизб, на бегонагон - ба ин иштибоҳ пай бурда ва мехоҳем ислоҳ кунем, магар ҳамин тавр нест!? Дар мавриди мактаб гуфтед. Шарт нест, ки мактаби нав созем, китобҳои нав нависем, дар ҳамон мактабҳои узбекӣ хондан мегиранд, ё хоҳанд дар мактабҳои русиву тоҷикӣ бихонанд, аз ин амр масъала набояд эҷод кард.
Аммо Константин Захаров низ эътироз кард. Шумо, рафиқ Салимов гуфт, ба масъала нигоҳи куллӣ надоред. Тоҷикон дуруст мегӯянд, ки чашми ошиқ кӯр аст, шумо ки ошиқи дӯстии халқҳо ҳастед, наметавонед ба ҷуз ин маъшуқаатон касеву чизеро бибинед. Фаромӯш накунед, ки стратегияи асосии партия эҷоди халқи воҳиди шӯравист. Халқи воҳиди Шӯравӣ хулоса, ба ибораи дигар гӯем, меваи дарахти пурбори дӯстии халқҳост. Бо рушди марҳалаи сосиализми мутараққӣ оҳиста-оҳиста ҳама тафриқаҳои қавмӣ аз миён мераванд. Дигар на тоҷик мемонад, на узбек, на латиш, на молдаван, на рус, на украин, ҳама яке мешаванд. Худатон беҳтар аз ман медонед ин масъаларо, вале ишқатон иҷоза намедиҳад, ки андеша кунед. Шумо мехоҳед, мо ба марҳалае, ки кайҳо тай кардаем, баргардем. Рафиқони лақаю барлосу турку қунғурот хушбахт ҳастанд, ки қабл аз дигарон либоси даридаву фарсудаи тафовутҳои қавмиро аз тан бадар кардаанд. Дар ин кор, албатта, Партияи коммунистӣ ҳам мусоидат кард. Шумо мехоҳед, ба хидматҳои насли гузашта хати бутлон кашед, вале касе иҷозат намедиҳадатон, аз баҳри кори нашуданқ гузаред, ки ҷуз зиён ба худатону ба мо ҳам, ки бо шумо кор мекунем, ҳосиле надорад.

Анвар Салимов боз ба кӯйи бунбасти ғами ҷонкоҳ ворид шуд. Баъд зоҳиран оҳиста-оҳиста ба тақдир тан додан гирифт ва гӯйӣ омода мешуд, ки аз бахри эҷоди чорбоғи дӯстии халқҳо барояд. Аммо пас аз чаҳор моҳ бо ҳайате ба Маскав рафт ва дар назди яке аз пивнушкаҳои пойтахт Гришаро дучор омад, шинос шуд, сари суҳбат пайваст ва ба дил иқрор кард, ки Худо беҳуда ӯро, ки ҳеч гоҳ ба худ иҷоза намедод, сари роҳ пиво нӯшад, ба ин пивнушкаи ниматорику мутааффин наовардааст ва хеле зуд Гришаро барои омадан ба ҷумҳурии офтобие, ки чаҳор фасли сол меваю сабзавот дар сари роҳҳояш мерӯянд, розӣ кард.

Ин Гриша ё Гришка, ки номи аслиашро дар Марзоб камтар кас медонист ва тақрибан ҳама Чукча хитоб мекардандаш, ҳамон чаҳордаҳ ҳазору ҳафтсаду ҳаштумин чукчаи ҷаҳон буд.

Кашф шудани Гриша ва омадани ӯ ба Марзоб дигарбора илҳомбахши Анвар Салимов барои эҷоди чорбоғи дӯстии халқҳо шуд. Агарчи бо омадани Гриша шумораи қавмҳои ноҳия ба даҳ расид ва ин камият низ дархури чорбоғи рангоранги дустии халқҳо набуд, вале вуруди вай ба ноҳия аз назари кайфият арзиши бузурге дошт. Ҳеч ноҳияи Тоҷикистон, балки ҳеч ноҳияву шаҳри Осиёи Миёна чукча надошт. Ҳатто дар байни 120 қавмияти Алмаато ҳам як нафар чукча пайдо намешуд.

Анвар Салимович боз ду рӯз касеро ба ҳузур напазируфт, ба котиба гуфт, ба ҳар ки меояд ва ё занг мезанад гӯяд, ки вай каме нотоб шудааст ва худ рӯй-рӯйи қолии густурда дар фарши дафтараш гом заду ба андеша фурӯ рафт, ки чӣ бояд кард ва ниҳоят ба натиҷа расид, ки бояд аз бахри эҷоди чорбоғи дӯстии халқҳо барояд ҳам маблағи зиёд мехост ва ҳам вақти бисёр. Ба хулоса омад, Кохи дӯстии халқҳо бунёд намояд, ки ҳам пул ва ҳам вақтро сарфаҷӯӣ менамояд. Андаки дигар ба фикр фурӯ рафту ду василаи муҳимми амалӣ кардани орзуяшро низ пайдо кард: хона ва мансаб.

Баъд мудири корхонаи тамокуро даъват кард.

- Сохтмони наватон чанд маскан дорад?
- Чиҳулу ҳашт-то, Анвар Салимович!
- Бист-тоашро ба райком медиҳед!
- О, ин чи хел мешавад, Анвар Салимович, ҳаштоду ду нафар бехона дорем!
- Ин супориши партия, баъдтар аз ҳисоби дигар мегиранд!
- Хайр, Анвар Салимовичу….
- Никакой «у»-ву «и»….
- Дар вазорат чӣ мегӯянд?
- Ман худам бо вазиратон суҳбат мекунам.
- Хуб шудаст, Анвар Салимович!
- Кай ба истифода медиҳед!

- Ба муносибати ҷашни инқилоби октябри кабир!
- Дар остонаи ҷашни якпорчагии меҳнаткашони ҷаҳон месупоред!
- О, ин чӣ хел мешавад, Анвар Салимович, фурсат кам мондаст!
- Ин супориши партия, 28 апрел қабул мекунем, 30 апрел мардум дар ин хона зиндагӣ мекунанд.

Ту хонандаи ҷавони ман, ки хушбахтона ва ё бадбахтона, дар замони Шӯравӣ зиндагӣ накардаӣ, агар падару модарат нагуфтаанд, намедонӣ, ки дар он замон ҳарчи партия мегуфт, ҳамон мешуд, фарқ надорад, ки чӣ тавр ва чӣ гуна.

Иморати дорои 48 хонаи маскуниро 28 апрел ба истифода доданд, 20 хонаи онро корхонаи тамоку ба райком дод, саҳеҳтараш райком аз корхонаи тамоку гирифт ва шаби 30 апрел тақрибан аз ҳамаи тирезаҳои ин сохтмон лампочкаҳои иличӣ (яъне, барқ) нурафшонӣ мекард.

Худи Анвар Салимович ва бо супориши ӯ чанд нафар аз кормандони райком чандин бор ба Хуҷанд, Душанбе, Самарқанд ва Қурғонтеппа ба маъмурият рафтанд ва муваффақ шуданд бо ваъдаи таъмини маскан ва мақому вазифа як хонаводаи эстонӣ, як хонаводаи тотор, як нафар молдаван, як нафар ҷавонзани бошқирд, як хонаводаи қазоқ, як нафар марди муҷарради куриёӣ, як хонаводаи қабардинҳоро ба Марзоб оварданд ва аз бинои нав як хонагӣ ҳафт хонаро ба онҳо доданд. Анвар Салимович аввал талош кард, ҷавонзани бошқирдро розӣ кунонад, ки ё бо марди молдаван ва ё бо ҷавони куриёӣ издивоҷ бикунад. Вале бошқирддухтар, агарчи узви комсомол буд ва нишони пешқадами кори панҷсолаи нуҳумро бо ифтихор дар сари сина овехта мегашт, ба пешниҳоди дабири аввали кумитаи ҳизб мувофиқ нашуд. На инро дӯст медорам гуфт, на онро. Анвар Салимович ранҷидахотир гуфт, туро нагуфтам, дӯст дор, гуфтам, издивоҷ кун. На, гуфт бошқирддухтар, Михаэл Лаэртович пир аст, Василий Пак гӯшти саг мехӯрад. Аҷиб одам ҳастӣ, гуфт Анвар Салимович, – ранҷишаш ба қаҳр бадал шуд ва садояш баландтар гардид, - ту даҳ сол дар мактаби советӣ хондӣ, ду сол дар омӯзишгоҳ таҳсил карда, аз коммунизми илмӣ имтиҳон супурдӣ, боз ин турҷ гапҳо мегӯйӣ, о, ба гӯшти саг хӯрдани вай чӣ кор дорӣ, гӯшти саг хоҳад, паз деҳ хӯрад, нахоҳӣ напаз, худаш пазад, - дар ин Кохи дӯстии халқҳо, баробарии зану мард, албатта, комилан риоят мешавад, - худат гӯшти гову гӯсфанд хӯр. Фаронсавиҳо қурбоқа мехӯранд, хитоиҳо малах мехуранд, баъд чӣ, барои ҳамин, аз интернасионализми пролетарӣ ва ҳамбастагии меҳнаткашони ҷаҳон даст кашем?!

Вале ин ҳама бурҳону далел беҳуда буд, бошқирддухтари гарданшах бо он ки аз дилу ҷон аз интернасионализми пролетарӣ ва ҳамбастагии меҳнаткашони ҷаҳон ҷонибдорӣ кард, нахост худ дар

ин кор саҳм дошта бошад ва ба оташи шавқи Анвар Салимович каме оби сард зад.

Анвар Салимович майл дошт бо хонадор кардани бошқирддухтар бо марди молдован ва ё куриёӣ бо як тир ду нишон занад, ҳам ба ду нафар як хона диҳад ва ҳам дар рӯзи хонадароён ҷашни арӯсии интернасионалӣ баргузор карда, ид болои ид баргузор намояд.

Ҳафт хонаи дигар ба хонаводаҳои укроинӣ, яҳудӣ, марди курду хонуми арманиаш, хонаводаи гурҷӣ, хонаводаи рус, бевазани чуваш ва Гришаи чукча тақсим шуд.

Аммо Гришкаро, ки зоҳиран ба ҷуз гавазнбониву моҳигирӣ касби дигареро намедонисту наметавонист, бо супориши Анвар Салимович ба посбонии автобаза гумоштанд, то маоши рӯзгори муҷаррадонаашро таъмин бикунад. Гриша бояст як шабонарӯз ба кор мерафт ва ду шабонарӯз дам мегирифт. Аммо ӯро ба ҷуз дар шабонарӯзи аввал касе дар автобаза надид. Ҷояш ё дар пивнушкаи боғи марказӣ буд ва ё дар ошхонаи сари бозор ва касбаш арақу пивонӯшӣ ва ба ин сабаб чанд бор ба ҳушёрхона низ бурдандаш. Анвар Салимович аз ин кор огоҳ шуд ва супориш дод, милисаҳо дигар ба Гриша кордор набошанд ва агар бибинанд, ки дар роҳ уфтода ва ё роҳ рафта наметавонад, ба хонааш бирасонанд. Ва ҳам бо дахолати ӯ раёсати автобаза ҷуръат накард Гришаро аз кор биронад. Ҳар моҳ боре мерафту моҳонаашро мегирифт ва гоҳе низ меоварданду медодандаш. Баъди ин Гриша «чукчаи Анвар Салимович» лақаб гирифт.

Азбаски тоҷикону узбекҳои корманди корхонаи тамоку аз ҷойи кор хона гирифта буданд, Анвар Салимович барои хонаводаҳои ин ду қавм додани хонаро ҷоиз надонист ва шаш хонаи боқимондаро низ барои хонаводаҳои ақвоми дигар, ки умед ва бовар дошт онҳоро аз шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ ва берун аз он пайдо кунад ва теъдоди қавмиятҳои Кохи дӯстии халқҳоро ҳадди ақалл ба бисту се расонад, нигоҳ дошт.

Ва дар воқеъ пас аз ду сол, замоне, ки ин хона фурӯ рафт, танҳо ду хонаи он бесоҳиб монда буд… Бале, бале хона фурӯ рафт, на танҳо фурӯ рафт, балки… Вале сабр кун, ки ҷумлаамро тамом кунам ва баъд идома диҳем.

Анвар Салимович дар давоми ин ду сол боз муваффақ шуд, чаҳор хонавода – яке белорус, дигаре олмонӣ, савум туркман ва чаҳорум юнониро бо ваъдаҳои зиёд ба Марзоб биёварад. Барои он ки ба лётчики бознишастаи белорус вазифае бидиҳанд, раиси колхози наздик ба маркази ноҳияро бо баҳонаи ба нафақа расидани синну солаш маҷлиси ботантана карда, аспу ҷомаву радиё ҳадя карда, консерт баргузор кардаву дуру дароз кафкӯбӣ карда, барканор намуданд ва ин марди белорусро раис интихоб карданд. Аммо ин

белорус уъҷубае буд, ки мислу монандашро дар ин диёр аслан надида буданд ва ин амр ҳам баъдан яке аз сабабҳои барканории Анвар Салимович аз мақом шуд. Васил Адамович ҷалби донишомӯзон барои корҳои саҳроиро комилан манъ кард ва ду бригадирро барои нақзи ин фармонаш барканор намуд. Вай дар ду моҳи хеле муҳимми август ва сентябр аз соати 11 то чаҳори баъд аз зуҳр, ки ҳарорати ҳаво аз 40 дараҷа боло мешуд, пахтачиниро мамнуъ эълон кард. Вай дар саҳро кор кардани занонеро, ки кӯдаки ширмак доштанд, тамоман манъ кард. Ва ин колхози ”Москва”, ки мисли ҳамаи колхозҳои Тоҷикистон пахтачинони асосиаш занону донишомӯзон буданд, аз раддаи боло ба ҷойи охирини колхозҳои пахтакори ноҳия ғалтид. Анвар Салимович фаҳмид, ки иштибоҳ карда ва Васил Адамовичро аз раисии колхоз маъзул ва ба муҳандисии автобаза мансуб кард. Вале, албатта дер шуда буд, чанд номаи шикоятӣ аз Васил Адамович ва пуштибони ӯ Анвар Салимович ба маркази вилояту маркази ҷумҳурӣ рафт. Ва ба бахти бади Анвар Салимович ду рӯз қабл аз он ки комиссиони вежаи марказ барои баррасии ин номаҳо ба Марзоб омад, як гӯшаи Кохи дӯстии халқҳо, ҳамон бахше ки хонаводаҳои қавмиятҳо мезистанд, аз табақаи чорум то аввал фурӯ рафт. Худоро шукр, ки ин амр рӯзона рух дод, замоне ки сокинони Кох дар кор, бачагонашон дар мактабу кӯдакистон буданд ва танҳо сокини бекор – Гришаи чукча дар пивнушкаи боғи марказӣ пивонӯшӣ мекард. Табиист, ки зуд сармуҳандиси сохтмонро боздошт карданд. Баррасӣ карданд. Ва ҳама чормағз дар сари бечора Анвар Салимович шикаст. Шаҳодат доданд, ки вай маҷбур кардааст, сохтмонро шаш моҳ пеш аз муҳлати барномарезӣ шуда, ба муносибати иди байнулмилалии заҳматкашон ба истифода диҳанд ва муҳандис маҷбур корро дар ду басти рӯзонаву шабона ташкил кардааст, то супориши партия ва ҳукумат дар муҳлати пешбинишуда иҷро бишавад ва азбаски шабона бо вуҷуди насби прожекторҳо рӯшноӣ ба қадри кофӣ набудааст, коргарон иштибоҳ карда ва сементро камтар аз меъёр андохтаанд, саҳеҳтараш ба ҷойи семент рег андохтаанд ва инак оқибаташро худатон мебинед… Агарчи ин ҳама сармуҳандиси сохтмонро аз чаҳор сол зиндон озод накард, вале Салим Анваровичро низ – бо он ки вай гуфт ва шоҳид ҳам овард, ки таҳкурсии сохтмонро, ки сабаби фурӯ рафтани бино шуд, то чанд моҳ қабл аз мансуб шудани ӯ ба мақом ба итмом расонида буданд - ҳушдори ҳизбӣ дода аз вазифа барканор карданд ва бархе дӯстонаш табрик ҳам карданд, ки зиндонаш накарданд ва худаш ҳам шукр гуфт, ки аз сафи ҳизб берун нарондандаш, вагарна ӯ мисли моҳии берун аз об уфтода нафастанг мешуду мехушкиду мемурд.

Ва аммо бархе аз сокинони Кохи дӯстии халкҳо, аз Марзоб кӯчиданду рафтанд, ба чанд нафар хонаи дигар доданд ва танҳо Гришкаи бечора бесоҳибу бехонаю дар монд ва муддате гоҳе дар ҳушёрхона ва гоҳе дар харакҳои боғ шабро саҳар мекард, то замоне ки амаки Муҳаммадрабеъ дилаш сӯхту аз ҳавлии берунаш хонаеро ба ӯ дод ва барои ризои Худо обу нонашро ҳам таъмин мекард. Гриша баъди ду сол дар ҳамин хона фавтид ва дар гӯристони масеҳиёни Марзоб ба хок супурдандаш.
Ва аммо баъди се сол Анвар Салимович бо изҳороти пурсару садое ҳизби коммунистро тарк кард ва ба сафи демократҳо пайваст ва чун миллатхоҳи ҷабрдида аз Ҳизби Коммунист парчами муборизаи таҷаддудхоҳон шуд.

## САГИ ТАҒОИ МАН ВА МАСОИЛИ МИЛЛӢ ДАР МАРҲАЛАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ

Тағои Фатҳуллоямро саге буд.
Қариб чиҳил соли умри тағоям бо чӯпонӣ гузашта буд ва он кас, албатта, на як, на ду, на панҷу шаш, ҳатто на даҳу дувоздаҳ, балки хеле бештар саг доштанд, саги зиёд доштанд, саги бешумор доштанд. Вале таъкидам бар ин ки «тағоямро саге буд”, бар ин маъност, ки як сагашон аз ҳамаи сагҳои дигарашон, балки аз ҳамаи сагҳои дигарон низ мумтоз буд; ин як сагашон саги нодир буд, ин як сагашон назиру ҳамто надошт: уъҷуба буд ин саг!
Калимаи “саг”, вожаи сода аст ва як ҳиҷо дорад. Талаффузи ин як ҳиҷо ҳам хеле осон аст, талошу кӯшише намехоҳад: нӯги забон лаҳзае ба дандонҳои таҳтонӣ мерасад ва рӯи забон андаке ба коми боло ва дандонҳои пеши боло лаҳзаяке ба рӯи забон мечасбанд ва садои бурун омада аз ҳалқ ҳосил мекунад: “саг”. Вале то имрӯз ҳам чун дар рустои мо аз сифоти саги тағом ҳикоят оғоз мекунанд, нӯги забон ба дандонҳои поён ҷафс мешавад, даҳон ду баробар бузургтар ва тӯлонитар боз мегардад ва садоноки “а” мадд кашида мешавад ва мегӯянд: “Са-а-а-г”!!! Дар ин як вожаи сода шаҳомат, ҳайрат, эҳтиром ва низ каме тарс бо ҳам мамзуҷ мегардад[1] ва онҳое, ки Сагро мешинохтанд, талош мекунанд, бо ёрии хотира сураташро пеши назар муҷассам бикунанд ва ононе, ки танҳо ҳикояташро шунидаю мушарраф ба диданаш нашуда буданд, бо истифода аз неруи хиёл мекӯшанд, тасаввураш намоянд.

---

[1] Нигоранда дар ин чанд љумла аз “Лолита”-и Владимир Набоков ва “Асп”-и Онелио Хорхе Кардосо вом гирифтааст.

Чун ҳама сагони чӯпониро ном мегузоранд, Сагро низ, яқинан, исме буда. Вале ман номашро намедонам, боре ҳам напурсидаам ва акнун, эҳтимол касе дар ёд надорад, ки Вай чи ном дошт. Чунки, дар солҳои зиндагиаш ҳам касе бо ном намехонд, ҳама "Са-а-а-г" хитоб мекардандаш. Яъне Саги тағом исми ҷинси худро ба исми хос табдил дода буд.

Чи саге буд, чи саге буд!

Аз боби сагони вафодор бисёр навиштаанд.

Дар бораи сагони шуҷоъ зиёд шунидаем.

Аммо мислу монанди саги тағои Фатҳуллоям ҳеч саге на дар сафҳаи адабиёти ҷаҳон ҳаст ва, эҳтимолан, на дар сафҳаи олам буда.

Ин Саг саги вафодор буд ва агар дар амри вафою садоқат мисли саги асҳоби каҳф ва ё монанди саги Хоҷа сагпараст шуҳрат надорад, танҳо ба ин далел аст, ки хушбахтона, зарурате пеш наомада, то чун ин ду салафи машҳуру маъруфи худ, дар шароити изтирорию ғайри маъмулӣ изҳори вафою ибрози садоқат бикунад.

Ин саг саги шуҷоъ буд. Ва машҳур аст, ки дар Курабанд гӯши харворӣ хирси бузургро канда, хирсро гурезонд. Дар ҳамаи ду обрави Киштуд медонанд ва Бозори Раҳмат ба муқаддасот қасам хурда, таъйид мекард, ки то замоне ки Саг зинда буд, балки то ду сол баъд аз марги вай ҳам, гургеро ёрои он набуд, ки аз теғаи Сӯхта ба ин тараф, ба тарафи деҳи мо бихамбад, чунки чанд тан аз бародарону хоҳарони худро дар ҷанги тан ба тан бо Саг талаф дода ва бархе худ то дами маргашон дар бадан захми дандон ва дар дил лонаи тарси вайро доштанд.

Ва чун ин нуктаро таъкид кардем, ҳам савоб аст бигӯем, ки ба ин сабаб, мардуми Зимтуду Порвен аз Саг ва аз боиси Саг аз мардуми деҳи мо - Панҷрӯд низ малулхотир ва дилозурда буданд, агарчи ин ранҷишу дилмондагиро изҳор намекарданд.

Ин ранҷишу дилмондагӣ, албатта, бе сабаб набуд: кӯҳ яке буд, дар ин тарафи кӯҳ деҳи мо ва дар он тараф Порвену Зимтуд. Ва гургҳои ин кӯҳ, албатта, ҳеч марзеро намеписандиданд, гургҳо гургҳои умумӣ буданд ва дар ҳар ду тарафи кӯҳ турктозӣ мекарданд. Имрӯз, агар, гов, буз, ё барраи зимтудӣ ё порвениеро медариданд, фардо ба ин тарафи кӯҳ мехамбиданду гӯсфанд ва ё гӯсолаи панҷрӯдиеро мехӯрданд. Зиёну хасорати ду тараф баробар буд: панҷоҳ ба панҷоҳ, ҳамасола, агар, фаразан 6 гов, 10 гӯсфанд ва 12 буз маъоши зиндагии гургон буд, аз ин шумор 3 гов, 5 гӯсфанд ва 6 буз моли панҷрӯдиён буд ва нимаи дигар моли порвению зимтӯдӣ. Ва ҳар ду тараф розӣ буданд, бародарию баробарӣ ҳукмравою ҳукмфармо буд, адолат муроъот мешуд, чун деҳи мо бузургтар аст ва ба ҳақ гуфтаанд, ки ҳар киро бом бузургтар аст, харҷи ӯ бештар аст.

Аммо, чун гургҳо дигар аз тарси Саг ба ин тарафи Сӯхта нахамбиданд ва низ дандони иштиҳояшон кунд нашуд, албатта, пайдост, ки дар давоми чанд сол моли саҳми панҷрӯдиҳоро низ аз ҳисоби порвениҳою зимтудиҳо мехӯрданд.
Албатта, ин амр беадолатӣ буд, вале шароити вежа буд, вазъи ғайри қобили пешбинӣ буд ва ба ин сабаб на зимтудию порвениҳо метавонистанд аз дасти Сагу гургон ба райкому исполком шикоят бинависанд ва на панҷрӯдиҳо метавонистанд ба гургҳо бигӯянд, ки натарсед, ақаллан зимистон, ки Саг ҳамроҳи рамаи гӯсфандон ба биёбони Ӯзбакистон меравад, биёед, меҳмони тарафи мо бошед.
Вале аз ин ҳарфҳо бигзарем.
Гуфтем, ки саги вафодору содиқу шуҷоъу нотарсу далеру ҳушёру фаҳиму закию зирак фаровон будаву фаровон ҳаст ва ҳам гуфтем, ки шабеҳу монанди Саги тағом саги дигар набудаву нест. Чаро?!
Зеро…
Чунки Саг ҳам далеру шуҷоъ буд, ҳам вафодору содиқ буд, ҳам фаҳиму ҳушёр буд, ҳам закию зирак буд ва ҳам… ва ҳам, - намедонам чи тавр бигӯям, - ҳам тоҷикро аз ӯзбак ва ӯзбакро аз тоҷик ташхис медод, яъне саги ботамйиз буд.
Ҳар тоҷик, хоҳ аз деҳи худамон буд ва ё аз маҳаллу минтақаи дигар (яъне Саг маҳалгаро ҳам набуд, дар байни тоҷики ин маҳал бо он маҳал фарқ намегузошт) бе ҳеч монеъа метавонист ба назди рамаи тағоям ояд, ҳеч ӯзбак хоҳ бегона буд, хоҳ аз ошноҳои сершумори тағом, ҷуръат надошт аз саду панҷоҳ-дусад метр бештар ба ин рамаи гӯсфандон наздик шавад.
Саг, ки аз дур сиёҳиеро медид ва ё садое мешунид, ҳамон лаҳза ба по бармехост, мӯйҳояш сих мешуд, даҳ-понздаҳ қадам ба он тараф медавид ва пас аз чанд лаҳза ё дар ҷояш меистоду дум меликонд ва боз мегашту кулча мезаду мехобид ва тағому чӯпонҳои дигар мефаҳмиданд, ки меҳмонашон тоҷик аст ва ё бо суръати тамом, ғав карда ба ҷониби оянда ё ояндагон медавид, нимагӯшонаш чур мешуд, мӯйҳош сих мешуд, чашмош ду лахчаи оташ мешуд, аз муй то устухонҳояш маҳин-маҳин меларзид ва тағому шогирдонашон мефаҳмиданд, ки мусофирон ӯзбаконанд ё ӯзбаки раҳгузарест, ки меояд ва садо мекарданду Сагро ба пас мехонданд ва Саг дили нохоҳам ақиб мегашту меомад ва муддати мадиде ғур-ғураш қатъ намешуд.
Ҳар касе аз дарахти ақли худ меваи ҳадсе мечид ва нони далеле аз сандуқи гумони хеш ба хони ом мениҳод, вале баҳсу мунозираҳо хотима наёфт; касе натавонист, сабаби ин рафтори Сагро ба тавре ки хирад бипазирад, шарҳу тафсир бикунад.
То он ки - солҳо пас - дар шабе аз шабҳои дарозу дилгири зимистон дар хобгоҳи аспирантони Душанбе писари Раҳимро хоб набурд ва ӯ

бархосту китоби Лев Гумилевро, ки чанд рӯз пеш яке аз ҳамкоронаш барояш аз Маскав ҳадя оварда буд, аз рафи кутуби рӯи миз берун кашид ва аз аввалин сафҳае, ки боз шуд, ба хондан шуруъ кард. Ва ҳанӯз панҷ сатр хонда буд ё не, ҳолате даст додаш, ки ду ҳазору дусаду бисту се ё бисту чаҳор сол қабл бо Архимедус дар ҳаммоми хонааш рафта буд ва ин тоҷики ҷавон низ мисли он юнонии пир бонги шодӣ дардод, ки “эврика”, яъне ёфтам.

Ва дигар то субҳ хобаш набурд.

Рӯзи дигар каллаи саҳар ба ҷамъияти “Дониш” омаду барои лексия хондан роҳхат гирифт, то ақаллан рафту омадаш маҷҷонӣ бошад ва рост ба деҳ омаду дар хонаи падараш панҷ дақиқа шишт ё не, бо баҳонаи сигор харидан берун омад, аз мағоза сигарет хариду ба чойхона гузашт ва дар рӯйи кати чойхона пойҳояшро овезон кардаву сигор дуд дода интизор нишаст, то мардуми бештар ҷамъ омаданд. Ва чун тақрибан ҳабдаҳ-бист нафар ҷамъ омаданд, нафас рост карду бидуни ҳеч муқаддама эълом кард, ки сабаби адовату душмании саги амаки Фатҳулло бо ӯзбаконро кашф кардааст.

Ва ба касе фурсати даҳон боз кардану суол додан надоду ҳикоят кард, ки ба ривояти машҳури бархе аз ақвоми турк, ки бародарони ӯзбакамон аз он тоифаанд, онҳоро гург парвардааст, дақиттар бигӯем, ҷади бузурги онҳоро, ки аз падару модар ятим монда, гург шир дода бузург кардааст ва душмании сагон бо гургон ва адовати Саг бо ӯзбакон гувоҳ аст, ки якум, ин ривоят воқеъият дорад, дувум, ӯзбакон, саҳеҳтар бигӯем, бахше аз ӯзбакон аз дудаи ҳамон бобокалони гургпарварда ҳастанд ва севум, саг тоҷикро аз ӯзбак, маҳз ба воситаи бӯйҳои мухталифи онҳо тамйиз мекунад, на аз чашмони онҳо, чунонки Бозори Раҳмат гумон мекунад, ва на аз шакли риши онҳо, ончунонки Қурбоналии Ёдгор ҳадс мезанад ва тахмину гумони ин ду, ки ҳар кадом ҷонибдороне низ доранд, ҳеч иртиботе бо илм надорад ва онҳо танҳо нишонаҳои зоҳириро ба назар гирифтаанд.

Ин тафсир он чунон ғайри интизор, он қадар ғайриоддӣ ва ба ҳадде зидди партиявию мухолиф бо идеяи дӯстии халқҳо буд ва ба ҳадде густохонаю бебокона иброз шуд, ки чанд лаҳза дами шунавандагон ба дарун зад, хомӯшии мутлақ фазои чойхонаро мусаххар кард ва аспиранти ҷавонро тарсонд, баъд якбора чунон шӯру ғавғо барангехт, ки ҳама лаззати кашфиётро аз мағзу қалби бечора писари Раҳим шусту бурд.

Вай бо душворӣ мардумро ором кард ва хандае дурӯғин чун қасами раиси колхоз дар аввали баҳору охири тирамоҳ заду гуфт: охир, ин назари ман нест, инро Гумилев дар китобаш навиштааст, Гумилев олими машҳури рус аст, дар Ленинград зиндагӣ мекунад, китобаш дар худи Москва чоп шудааст….

Ин ки Гумилев олими рус аст, дар Ленинград умр ба сар мебарад ва китобаш дар Москва чоп шудааст, мардумро хеле ором кард ва таскин бахшид.

Бо ин ҳол низ чанд нафар то чанде калла заданд, ки он ба ду маънӣ тафсир мешавад: бархе бовар накарданд ва каллашон ба забони ҳол мегуфт, то он китобро ба чашми худ набинем, бовар намекунем, бархи дигар ишора бар он мекарданд, ки эй шохнашикаста, ҳар чи ки русе мегӯяд, тоҷике набояд такрор кунад.

Шаб худи Раҳим ҳам писарашро хеле насиҳату коҳиш кард, ки эй ҷони падар, эй гӯсолаи додо, эй олими босаводу эй аблаҳаки беақли ман, магар дар мактабҳои хондаат таълим надодандат, ки ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад, магар ақлат қад надод бифаҳмӣ, ки ҳар гапро дар ҳар куҷову ба ҳар кас набояд гуфт, намедонӣ ки агар ҳама касон ҳама чизро бидонанд, олам вайрон мешавад. Аз ёдат рафт, ки Саги бечораро бо чӣ гуноҳ куштанд? Фаромӯш кардӣ?

- Чӣ?! Чӣ?! Чӣ?! – нидо зад писари Раҳим, ки то ин дам сари хам ва хомӯш доруи талхи андарзу насиҳатҳои падарро аз роҳи гӯш менӯшид, - “ба чӣ гуноҳ гуфтед”? Чӣ тавр “ба чӣ гуноҳ”?

Вай, албатта, медонист ки Сагро чор сол қабл кушта буданд. Медонист, ки Миралии агрономи худобехабари аблаҳи гоҷу гаранги писари Хӯҷаалӣ мисли гурги даранда, монанди гурози ваҳшӣ, чун рӯбаҳи дузд паронда будаш. Аммо чун ҳамаи дигарон медонист, ки ин куштор тасодуфӣ буд, нохоста сурат гирифта буд, гумон мекард, ки Миралии агроном аз тарс, Сагро гург пиндошта, паронда буд.

Аммо, акнун падараш мегуфт “ба чӣ гуноҳ”, яъне чӣ, маънии ин сухан чист?

Ва ӯ суол кард: яъне чӣ, ба чӣ гуноҳ куштанд, гуфтанатон, ба чӣ маънист?

Ва падараш ҳикоят оғоз кард.

Медонӣ, ки панҷ сол пеш, тирамоҳ, Сафиуллоҳи писари Ҳакимуллоҳ аз сарбозӣ мураххас шуду омад.

Медонӣ, ки ҳар сарбоз, ки аз хидмат бозояд, ҳама мардуми деҳ ба дидораш меоянд.

Агарчи он замон дар деҳ набудӣ, вале медонӣ, албатта, чунонки суннату одати мардуми мост, одамони зиёд дар хонаи Ҳакимуллоҳ ҷамъ шудаву аз ин дару он дар суҳбат карда нишаста буданд.

Вале шояд надонӣ, ки Сафиуллоҳ ба миёни гапи кудоме лагад заду ҷилави суҳбатро ба кӯи сагон кашид. Ва сар кард ба таърифи сагҳои русҳо. Гуфт: мардуми мо, ки аз чордевори кӯҳҳо берунро надидаанд, намедонанд, ки дар рубъи маскун бештар аз ҳазор навъи саг вуҷуд дорад: саге ҳаст, ки аз гурба ҳам хучектар аст, саге ҳаст, ки хари амаки Қурбоналӣ дар пеши вай гӯсолаяки ношуд менамояд, саге ҳаст, ки аз “жигули” гаронқиматтар аст, саге ҳаст, ки калеша бинӣ

хук гумон мекунӣ, аз пасаш бинӣ шера мемонад. Гуфт: сагони русҳо хеле сагони муаддабу доно ва вафодору содиқ ҳастанд. Боз гуфт: сагони русҳо аз табақу косаи чинӣ ғизо мехӯранд ва баъзе мардуми рус сагҳошонро бо шампуну собуни хушбӯ мешӯянд. Ва пичинги Қурбоналии Ёдгорро, ки гуфт, барои ҳамин собун дар магазинҳо кампайдо шуд, паси гӯш карду қисса намуд, ки саги командири мо, Валерий Петрович, намедонам, ба чи гуноҳе муртакиб шуда, зани командирамон, Алевтина Виноградовна, барои он ки вайро сабақ омӯзад, ки дую дубора он гуноҳро такрор накунад, дӯғу пӯписа карда ва сагро фармуда, ки дар дами остонаи хона бихобад, на дар хонаи хоби худ, дар рӯи кати нарму гарм, ки ба виҷдони комсомолиам қасам, - ҳамаи Тоҷикистонро намедонам, намехоҳам дурӯғ гӯям, - ягон бачаи киштудӣ чунин рахти хоби нарму гарм надорад, ва ин саги бечора, бо ҳамин як даҳон амри Алевтина Виноградовна, - баъзе бачаҳои моро гӯшашонро тобӣ ҳам фармудаи калонсолонро ба ҷо намеоранд, хостагии худашонро мекунанд - барои он ки дили соҳибонашро дубора ёбад, се рӯз дар остонаи хона хобида ва се рӯз даҳон ба ғизо назадааст ва чашмаш, ки ба чашми Алевтина Виноградовна меафтодааст, ашки пушаймонию надомат аз дидагонаш мешоридааст ва аз мушоҳидаи ин ҳол дили Алевтина Виноградовна ҳам ба танг омада аз чашмонаш об мерехтааст, вале ӯ рӯй метофта, ки саг ин ашкҳоро набинад. Гуфту гуфту гуфт, он қадар таърифу тавсиф кард, ки барои одами боақл маълум буд, чӣ мехоҳад бигӯяд, яъне сагони русҳо аз мардуми мо беҳтар зиндагӣ мекунанд. Мардум аввал сар ҷунбонданд, баъд хомӯш гӯш карданд, диданд, ки аз ҳад гузаронд, ба қаҳр омаданд, ба ғазаб омаданд, вале аввал ба ҳурмати аз роҳи дур омаданаш, баъд ба рӯи хотири Ҳакимуллоҳ лаб бастанду дам назада нишастанд, то замоне, ки Кабуро дигар тоб наовард, тоқаташ тоқ шуд, ду даст ба зонувонаш такя дода, бе он ки бархезад, китфу бол ёзонд, - мисле ки агар дар телевизорат дида бошӣ, делфин аз қаъри укёнус қомат рост мекунад, - баъд, бо ду ангушти дасти рост буруташро, ки аз фарти ғазаб мисли курраи сури ромнашуда пир-пир мепарид, молида-молида ором кард, баъд сар бардошту ба мардуми нишаста нигарист ва ба Бозори Раҳмат рӯй оварду гуфт:

- О, қиссаҳои Саги акои Фатҳуллома ҳикоят кун, ин бетамизи сагшинос фаҳмад, ки дар рӯйи олам чӣ сагҳое ҳастанд! – ва чунон теғи нигоҳ ба писари Ҳакимуллоҳ партоб кард, ки дамаш ба дарун зад ва дигар то охир лаб накушод.

Ва Бозори Раҳмат, албатта, мунтазир нашуд, ки дубора хоҳиш бикунандаш, чеҳрааш шукуфт, чашмонаш дурахшиданд, хандид ва гардан ёзонда ба атрофиён чашм давонд ва ба қисса кардани “қаҳрамониҳои” Саг оғоз кард. Танҳо ба се гург ҳамла оварда, якеро

куштаву дуи дигарро хуншор карданашро қисса кард, дар Курабанд гӯши барзагов ворӣ хирси бузургро кандану гурезонданашро ҳикоят намуд, duздонро гирдгардон кардаву суронда ба дасти чӯпонҳо супурданашро ривоят кард ва баъд ба қисса кардани мавридҳои сершумори тоҷикдӯстию ӯзбакбадбинии Саг пардохт. Кудоме луқма партофт, ки ин ҳамаро мону қиссаи Ниёзуфи самарқандиро бигӯй.

Ва Бозори Раҳмат, ки ин қиссаро барои ҳусни хотимаи ҳикоёташ гузошта буд, нигаҳе кӯтаҳу норизо ба гӯянда афканд, хост чизе бигӯядаш, вале ногаҳон хандид, хандиду ду-се бор бо даст ба зонуи онҳое, ки дар ду паҳлӯяш нишаста буданд, зада, амвоҷи хандаашро фурӯ нишонд ва баъд ба қисса кардан пардохт.

Як самарқандиро – номаш Ниёзуф ба як колхози Ҷиззах агроном таъйин мекунанду мефиристонанд. Самарқандӣ, ки агроном шуда ба Ҷиззах меояд, колхозчиҳо, ки ҳама ӯзбак буданд, норизоӣ мекунанд, ғур-ғур кардан мегиранд, ки магар дар Ҷиззах ба тухми агроном қирон омадаст, ки самарқандиеро фиристоданд; на ин ки дар Ӯзбакистон як агрономи ӯзбак набошад, ки тоҷикеро ба колхози ӯзбакон фиристодаанд.

Вале…

Вале ин Ниёзуф, ки ба колхози ӯзбакҳо меояду ба кор сар мекунад, бо ҳар баҳона колхозчиҳоро ҷамъ кардан мегирад, дар идораи колхоз бошад, дар сари замин бошад, ё дар клуб фарқ надорад, ҷамъ мекунаду маҷлис кардан мегираду аз таърихи ӯзбакон, аз бузургони ӯзбак, аз ифтихори ӯзбакӣ лексия хондан мегирад ва ҳар дам дар миёни лексияш колхозчиҳои бечораро, чи хел мегуфтанд…дар маҷлисҳо мегӯянд-ку… ҳа, ҳа, ба ёдам омад, бо тозиёнаи танқид задан мегирад, ки шуури миллиашон паст, таърихи пуршарафашонро намедонанд. Ҳар ҷумлаашро “ мо узбекон” гуфта сар мекардаст. Чунон лексия мехонад, он қадар оби даҳон паронда, лофи узбак будани худашро мезанад ва ба ҳадде деҳқонӯзбакони бечораро ба қадри ӯзбак буданатон намерасед, гуфта танқид кардан мегирад ки, ба дили ҳама мезанад, биллоҳи азим!

Баъд, як ошнои акои Фатҳулло - Тошпулод ном дошт, а Кабуро? – ҳамин Тошпӯлод қасам мехурад, ки ин агрономро боб накунам, расвои олам накунам, номам Тошпӯлод набошад, агар аз колхоз гум накунамаш, аз авлоди Чингизхону Ҷӯҷӣ набошам. Ҷӯҷӣ ҳам писар ё набераи Чингизхон будасту шаҷараи Тошпӯлод ба ҳаминҳо мерасидаст, рост бошад, дурӯғ бошад, худи Худо надонад бандеш намедонад, лекин асли гап ин нест.

Баъд фикр мекунад, фикр мекунад ҳамин Тошпӯлоду як рӯз ба меҳмонӣ ба пеши моли акои Фатҳулло мебиёяд, мебиёяд мешинаду баъд аз як пиёла чой мегӯяд, ки гап ҳамин ошно, ин тавр шуду ҳамин тавр, як самарқандӣ мегӯяд, ба колхози мо агроном шуда

омад, худашро ӯзбек мегӯяд. Фатҳулло мегӯянд, ки гӯяд гуфтан гирад, ӯзбак бошад будан гирад, ба ману ту чӣ, Тошпӯлоди сода? Тошпӯлод механдад, мегӯяд, самарқандга ӯзбек йуқ-ку, ҳамаси тажик. Акои Фатҳулло мегӯянд, медонам, гапи нав нест, нисфи самарқандӣ худаша ӯзбак мегӯяд, чӣ кор кунем, сарамонро ба девор занем? Тошпӯлод мегӯяд, кори ман ҳам нест, ҳамаашон ҳам гӯянд, гуфтанд гиранд, лекин ин худозада дар ӯзбекӣ худаша аз мо пеш медонад, маънии ҳама суханаш ин ки вайи тоҷик узбеки хубу пешрафта асту мои пушт ба пушту авлод ба авлод узбек узбеки баду ақибмонда. Фатҳулло мегӯянд, ки аҷаб марди сода ҳастӣ, Тошпӯлод, ҷӯра, даҳанаш дард накунад, мон ки гуфтан гирад. Тошпӯлод мегӯяд, мо ҳам чизе нагуфтем, мондем гуфтан гирифт, вале ӯ аз ҳад гузаронд, охир, қимобамон кард бо лексияҳош, бовар мекунӣ ё не, агар ягон кас ба хона биёяду гӯяд, ба идораи колхоз биё, Ниёзов маҷлис доштаст, баданамро ларза мегирад. Агар ягон илоҷ наёбему Ниёзов лексияҳоша бас накунад, ман бояд аз ин колхоз кӯчаму равам, ба Худо, дигар тобу тоқат надорам. Акои Фатҳулло мегӯянд, хайр, чи кор карданиӣ, ягон нақша дорӣ? Тошпӯлод сар тофтаю гардан ёзонда ба атроф нигоҳ мекунад, ҳарчанд медонад, ки ҳама ҳамроҳони акои Фатҳулло рафтаанд, молро ба чаро бурдаанд, касе дар ин наздикиҳо нест, садояшро паст мекунад ва дар ҷавобашон мегӯяд, ки дар афсонаҳо шунида будем, ки дар мамлакате мардум осуда зиндагӣ мекарданд ва баъд дар ин мамлакат аждаҳое пайдо шуда, оромиро барҳам заду ҳамаро ба валвалаю дамдама андохт. Ва худаш мепурсад; баъд чӣ шуд? Баъд, мегӯянд, акои Фатҳулло, паҳлавоне пайдо шуду мардумро аз балои ин аждаҳо халос кард. Ҳамин паҳлавоне, ки моро аз ин аждаҳо халос мекунад, Саги ту аст, Фатҳулло ошно, мегӯяд Тошпӯлод. Чӣ хел, мепурсанд, акои Фатҳулло. Нафаҳмидӣ, мегӯяд, Тошпӯлод, нафаҳмидӣ! Ва ҳамон чиро, ки чанд шабу рӯз фикр карда дар деги сараш пазонда будаст, нақл мекунад.

Баъд як рӯз, чӣ мегӯяду чӣ тур розӣ мекунад, намедонам, хулоса ин ки Тошпӯлод Ниёзуфи агрономро як рӯз ҳамроҳ мегираду ба назди моли акои Фатҳулло мебиёрад. Ба мол, ки наздик мешаванд, Тошпӯлод мегӯяд, ки ту рафтан гир, моли тоҷики ошнои ман дар паси ҳамин хома аст, ман дастбахок шинам, мебиёям, сабил гӯшти буз хӯрда будам, шикама вайрон кардаст. Ниёзуф мегӯяд, ки ман ҳамин ҷо интизор меистам, дастбахок шинӣ шиштан гир, баъд ҳамроҳ меравем. Тошпӯлод мегӯяд, дар ин дашти ҳамвор як буттаву санг набошад, чӣ хел ту нигоҳ карда меистӣ, дар пеши ту шалворама кашам? Рав, охир, ман аз қафот мебиёям.

Ниёзов, ки аспсавор сари хома пайдо мешавад, аз барои Худо, Саг хез карда ба по мехезаду медавад. Ниёзови бечора аз сурату ҳайбати

Саг сахт метарсад, дар тараддуд мешавад, ки фарёд кашад ва ё сари аспро ба ақиб гардонад, ки мебинад, саг якбора аз давидан меистад, дум меликонад, оҳиста ба қафо мегардаду мераваду дар як гӯша ҳалқа зад хоб мекунад. Лекин Ниёзуф намеёрад наздиктар биёяд, ҳамон ҷо истодан мегирад. Акои Фатҳулло даст мегардонанд, ки омадан гиред, натарсед. Ниёзов оҳиста-оҳиста, тарсида- тарсида бафурҷа асп ҳай карда омадан мегираду дам ба дам ба пушташ нигоҳ кардан мегирад, ки Тошпӯлод менамояд ё не. Лекин Тошпӯлод намоён нашуда, Ниёзов кебида-кебида ба сари қӯш мерасаду бо як гӯшаи чашм ба Саг нигоҳ карда, ба ӯзбакӣ бо акои Фатҳулло салому алейку пурсупос мекунад. Акои Фатҳулло ба тоҷикӣ ҷавоб мегардонанд. Ниёзов худаша ба нодонӣ мезанад, ки "ӯзбекча гапрингиз, мен таҷикча билмайман"[1]. Фатҳулло мегӯянд, ки "э, не-е аз барои Худо, шӯхӣ накунед, Саги ман мегӯяд, ки шумо тоҷик-у? Вай то ҳол ягон бор хато накарда буд". Ниёзуф ранг бурда ранг мебиёрад, ба ҳурмати Худое, ки мана халқ кардаст, акои Фатҳулло таги чашм нигоҳ кардан мегиранд, Ниёзов дам ба дарун меистаду гап намезанаду китф дарҳам мекашад, яъне, чизе намефаҳмам, ё ба забоне гап занед, ки фаҳмам, ё хап шинед. Акои Фатҳулло ба тарафи Саг мегарданду сиёсату пӯписа мекунанд: "падарлаънати муфтхӯр аз бекорию танбалӣ ба ҷое расидқ, ки суп-сурх узбака тоҷик хиёл мекунӣ, ба ин ҳол равқ ду рӯзи дигар гургро ҳам гӯсола гумон мекунӣ, хез гум шаве, чашмота кирмои гӯр хӯранд". Нӯги забон мегӯянд, албатта, ба Саг чашмакӣ мезананд, ки гапҳояшонро ҷиддӣ нафаҳмад, дилашон намешуд ягон сагашонро носазою нораво гӯянд, чи расад ба ин Саг. Чашмои Ниёзови агроном, ба ҳурмати Худо, дурӯғ гӯям, Қуръони маҷид занадам, аз ҳайрата пиёла ворӣ кушода мешавад. Лекин наметавонад, даҳон кушояду пурсуков кунаду чи хеле, ки гапдонҳо мегӯянд, гурги гуруснаи ҳайратašро аз ҷавобҳои акои Фатҳулло хурок диҳад. Ҳамин дам Саг ҳам ба по мехезад, мӯйҳояш сих мешавад. Самарқандӣ аз дил мегузаронад, ки "фаҳмиде, падарлаънат, қаҳраш омад". Вале Саг ав-ав зада, ба ҷониби офтобнишин медавад ва акои Фатҳуллою Ниёзуф мебинанд, ки сари хома Тошпӯлод савори асп пайдо шудаст. Фатҳулло, албатта, қасдан садо намедиҳанд, дам истодан мегиранд, гӯшашона ба карҷ мезананд, бозпас ҷеғ намезанандаш ва Саг мераваду пеши роҳи аспи Тошпӯлодро мегирад. Тошпӯлод ҳам ҳарчанд ки садо мезанаду бо қамчин таҳдидаш мекунад, Саг куҷо хомӯш мешавад, баръакс баландтар ак-ак мекунаду баробари қади асп хез кардан мегирад. Ҳар хезо мекард ин Саг, ҳар хезо мекард, ки ба Худо, агар надида бошед, ба гуфтан бовар намекунед! Як-ду дақиқа, ки

[1] Ӯзбакї гап занед, ман тољикї намедонам.

мегузараду Саг бас намекунад, Тошпӯлод садо мекунад, ки о, Фатҳулло гир ин тоҷикдӯстата, дар мулки худамон намемонад гардем- е!
Баъд акои Фатҳуллою Тошпӯлод дар сари дастархон дукаса ба таърифу тавсифи Саг сар мекунанд ва қиссаҳои зиёдеро ҳикоят мекунанд, ки чӣ тавр дар кадом вақтҳову кадом ҷойҳо тоҷиконро аз узбакон фарқ карда буд ва чи тавр Саги ҳушёру донову ботамиз аст. Мегӯянду механданд, мегӯянду механданд, ба Ниёзов нигоҳ ҳам намекунанд, гӯё ки вай умуман вуҷуд надошта бошад.
Баъд Тошпӯлод мегӯяд: ба ҳурмати арвоҳи гузаштагонат, Фатҳулло, рости гапро бигӯй, қасам хур, ки ягон бор хато кард ё не?
Акои Фатҳулло мегӯянд: барои чӣ арвоҳоя пеш меорӣ, чаро беҳуда қасам хурам, кай дурӯғама шунида будӣ, ягон бор хато накарда буд, то имрӯз ягон бор иштибоҳ накарда буд, лекин имрӯз ин каса тоҷик гумон кард, ин кас, ки як калима тоҷикӣ намедонанд. Пир шудаст, ба фикрам, ё чашмош хуб намебинанд, ё биниаш бӯйҳоро фарқ намекунад дигар.
- Э, не-е, шумо донеду Худо, ин каса тоҷик гумон кард, ҳамин каса-я - мегӯяд, Тошпӯлод ва чашмони тангашро дурӯға, зӯр зада, гӯё аз ҳайрата, ҳарчи калонтар кушода, ба агрономи бечора бо диққат нигоҳ мекунад.
Ниёзов мисли гурбаи ба об афтода сари хаму пакар менишинад, дар ҷош ҷунбидан мегирад, на буридаи гӯшт аз гулӯш мегузарад, на садое аз даҳонаш берун меояд, фақат гоҳ – гоҳ дӯлчаи айронро ба лаб мебараду қулте менӯшад ва бар макру фиреби Тошпӯлоду Фатҳуллою Саг, ки хеле сода ба дом афкандандаш ва бар нодонии худаш ҳам, ки розӣ шуд ба ин ҷо биояду ба ин дом афтад, борони лаънат мефиристад.
Чун қисса ба ин ҷо расид, Раҳим лаб фурӯ баст ва пиёлаи чои сардшударо ба ҳалқ фурӯ рехт. Муддате хомӯш монд, писар гумон кард, падараш саргарми нақли корнамоиҳои Саг суоли ӯро фаромуш кардааст ва хост дубора бипурсад. Вале Раҳим сар бардошту идомаи қиссаро ҳикоят кард. Аммо чун қиссаи Раҳим баровараду фуроварди нолозим ва руҷуъҳои беарзиш зиёд дорад, давоми қиссаро боз худам мегӯям.

Он шаб дар хонаи Ҳакимуллоҳ, ки нақли корномаи Саги тағои Фатҳуллоям нуқли маҷлис буд, парторги колхоз низ ҳузур дошт. Касе эътибор надод, ки чаро вай зуд бархосту рафт. Кӣ гумон мекард, ки вай чунин мекунад!? Кӣ хиёл мекард, ки дар сари вай чунин андешаҳо меояд!? Ҳеч кас ҳеч чиз намедонист. То як моҳ пеш, то замоне ки Миралии Хӯҷаалӣ дар митинги демократҳо, дар

болои минбар билети коммунистиашро даронду пошу чош дод ва сирри куштани Сагро фош кард, аҳаде чизе намедонист.

Парторг, ки он шаб дар хонаи Ҳакимуллоҳ қиссаҳои Сагро шунид, ба тарс афтод ва тарсаш ба воҳима табдил шуд. Ин парторгро, ки аз ноҳияи дигар аст, як сол пеш оварда, котиби созмони ҳизбии колхози мо интихоб кунонда буданд. Албатта, гумон намекунам, пеш аз он шаб дар хусуси Саг чизе нашунида бошад, қиссаҳои Саг пайваста сари забонҳо буд ва парторг низ ҳамеша ҳозиру нозири суру азоҳо ва ҳеч имкон надошт, ки ин қиссаҳоро нашунида бошад. Вале эҳтимол хиёли вай машғул ба корҳои зарууртар, масалан заминҳои шудгорнашуда ва киштзорҳои надаравида ё харманҳои дар зери борон пусида ва себҳои начида дар дарахтон монда, машғули шароити мусобиқаи сосиалистӣ ва қарорҳои пленуми навбатии Бюрои Сиёсии ҲК буд ва ин ҳикоёт аз як гӯшаш медаромаду аз дигаре мебуромад!? Ё қаблан ба мухтавои ин ҳикоёт, ба моҳияти онҳо аҳамият надода буд? Касе ба дурустӣ чизе намедонад, ман ҳам. Он чи ки акнун ҳамаи мо медонем, ин аст, ки он шаб, ки қиссаҳои Саг, ба хусус муносибати вай бо тоҷику узбак ба тафсил нақл шуд, парторгро ба олами андеша бурд ва ӯ ба нури ақлаш дарёфт, ки ин Саг садди чинӣ, балки таҳдиди бузурге барои амалӣ сохтани сиёсати миллии партия дар ҳаёт ва бештар аз он, хатаре барои идома ёфтани муқоми парторгии вай дар колхоз аст. Камтар амиқтар, ки андешид ба ин натиҷаи мантиқӣ расид, ки вазифа чист, аз вазифа рафтан дарди андак аст, боз метавон вазифаю муқоми дигар ёфт, вале мумкин аст аз сафи партия ҳам хориҷ кунандаш! Мумкин не, яқин хориҷаш хоҳанд кард! Агар Саг саги моли чакана буд, як бало буд, вале саги моли колхоз ки ҳаст, сад бало, - ки аз зикраш забон месӯзад- ба дунбол дорад. Тамоми неруи ақлониашро кор фармуд, як ҳафта аз сад кӯю кӯчаи андеша убур кард ва гашт гашту бозгашт омаду дар назди дарвозаи Хӯҷаалӣ таваққуф кард. Дарвозаро накӯфт, садо накард, баргашт омаду дар дафтари кораш нишаст ва кас фиристод, ки аз ҳар куҷо, ки бошад, Миралиро пайдо бикунаду бигӯяд, ҳарчи зудтар расида биёяд.

Миралӣ, ки се сол пештар Донишгоҳи кишоварзиро хатм карда ва дипломи агрономӣ гирифта буд, баробари ба даст гирифтани ин диплом фаҳмид, ки акнун пас аз итмоми панҷ соли таҳсил камтар аз нимаи роҳро паймудааст ва то ба сафи ҳизб напайвандад, ба ҷое намерасад. Ва ин буд, ки чанд бор бо хоҳишу илтимос ба назди парторги қаблқ ва ин парторг низ омада буд, то ба сафи партия қабул кунандаш.

Ровиён посухи парторги қаблиро ҳифз накардаанд ва ё сазовори нақл намедонистанд, вале ин парторг ҳар бор мепурсидаш: “Писарам, чаро мехоҳӣ узви партия бишавӣ?” Миралӣ ҳамеша як

посух дошт: “Мехоҳам ба халқу Ватан хидмати бештар кунам”. Парторг мепурсид: “Магар наметавонӣ ҳамин тавр, бе он ки узви партия бошӣ ба халқу ватан хидмати бештар кунӣ?” Миралӣ мегуфт: ”Партия илҳом мебахшад ва одам хастагияшро дар роҳи хидмат ба халқу Ватан эҳсос намекунад”. Парторг мегуфт: “Офарин, офарин писари хуб, лекин ҳоло ҳамту хидмат кардан гир, алҳол ҷой надорем”. Бори аввал гуфт, ба колхоз барои ду нафар зан саҳмияи узвияти ҳизб додаанд, бори дувум, афсус хӯрд, ки танҳо як саҳмия дорем ва он ҳам барои як колхозчии одии бесавод, ту дипломи донишгоҳ дорӣ, қабул намекунандат, мо ҳам наметавонем дидаю дониста, бар хилофи линияи генералии партия пешниҳодат кунем.

Миралӣ арақшору нафастанг ба идора расид ва парторг бе салому алек, бе он ки ба он бечора фурсат бидиҳад, ки нафас рост кунад, бидуни муқаддама гуфт, то даме ки Саги Фатҳулло зинда аст, узви партия шуданро фақат дар хоби шабат мебинӣ, рафиқ Хӯҷаалиюф!

Ва ба тафсил аз сиёсати миллии ҳизби коммунист ва давлати шӯравӣ сухан ронда, афзуд, ки агар қиссаҳои ин Саги лаънатӣ – ки ному нишонаш гум бод- ба болоҳо бирасад, на танҳо ҳама беобрӯ мешавем, на танҳо маро аз парторгӣ барканор ва ё ҳатто аз партия хориҷ мекунанд, балки дар чанд соли оянда ҳеч касро аз ин колхози бадномшуда ба сафи партия роҳ намедиҳанд, ҳатто авратҳову колхозчиҳои одии бесаводро ҳам, чи расад ба ту, ки интиллигентсияи колхозқ ном дорӣ ва вазифаи ҷониат аст, ки роҳ надиҳқ, аҳаде, ҳатто саге дар ин колхоз таблиғоти зиддипартиявӣ барад ва ба пойдевори дӯстии халқҳо, ки аз муҳимтарин рукни сиёсати партия аст, рахна занад.

- Ва ин ҳама балоҳо аз барои як саг, як сагаки ношуд як колхоза, колхоз чӣ, тамоми района, тамоми Тоҷикистона, ба гирдоби балоҳо мекашад, ба виҷдони партиявем қасам, агар дар КМ КПСС шунаванд, тамоми республика шарманда мешавад, - таъкид кард вай ва бо ду кафи даст рӯяшро пӯшонду чанд лаҳза сар ҷунбонд.

Вале ин қисса дар ду ривоят маҳфуз монда ва он чи гуфтем, ривояти аввал аст. Ва аммо ривояти дигари гуфтугӯи миёни парторгу Миралӣ низ мавҷуд аст, ки чанд нафар аз дӯстони парторги собиқ ба нақл аз худи ӯ ҳикоят мекунанд. Инҳо ҳикоят мекунанд, ки баръакс, худи Миралӣ буд, ки ба идораи парторг омада, бидуни иҷоза ворид шуд ва дар курсии холии рӯ ба рӯи ӯ нишаст ва даст болои миз гузошта, сар ба рӯи дастонаш нишонд ва мисли карафсаи чука нишаста дар сари санг гардан ёзонда рост ба чашмони парторги бечора нигарист. Парторг аввал гумон кард, ки маст аст. Баъд ба чашмонаш нигаристу ба чеҳрааш диққат кард, бӯйе ҳам нашунид ва чун донист, ки маст нест, ба ростӣ, ки тарсид, Миралиро хуб мешинохт, дар рӯ ба рӯйи ӯ ҳамеша ё табассуми тамаллуқомез дар

лаб дошт, ё чашмонашро поин меандохту зуд дур мешуд, ки носазое нашунавад. Акнун рост ба чашмони парторг менигарист ва муҳри сукути мармузе дар лабонаш нақш баста буд. Парторг ин сукутро таҳаммул карда натавонист ва зери лаб ”чӣ шуд, гап зан, охир” гуфт. Ва Миралӣ парторгро маҷбур кард ба қиссаҳои Саг мутаваҷҷеҳ бишавад ва ӯро шонтож кард, ки ё ба сафи партия қабул мекунонадаш ва ё ӯ – Миралӣ вазифаи ҷонии комсомолии худ медонад, ки ба Душанбею Маскав нома навишта, ҳама корҳои зиддиҳизбию мухолиф бо идеяи дӯстии халқҳои Саги колхозро, ки аз бепарвоӣ ва саҳлангории парторг ба ин ҳадд расида ва бидуни халал адовати ошкорояш алайҳи халқи бародари узбекро давом медиҳад, ба тафсил, нарезондаву начаконда менависад.

- Туҳмат накун, рафиқ Хӯҷаалиюф, туҳмат накун, - парторг аз шиддати эҳсосе, ки омехтаи ғазаб, алам, тарс ва заъф буд, аз ҷой бархост ва ду даст ба рӯйи миз гузошта, сар пеш овардаву хам шуда ба чашмони Миралҷ нигарист, - худат хубтар медонӣ, ки ин саги лаънатӣ чанд сол пеш аз омадани ман ба ин колхоз ҳамин тур буд, ки ҳаст, чандин сол пеш аз «рамка» баромада буд! Ба виҷдони комсомолият қасам хуру бигӯй, ки магар ҳамин тур набуд?! Ҳамин тур набуд, Мираличон?!

Миралҷ дар суханони парторг лаҳни тамаллуқ эҳсос кард, фаҳмид, ки сахт тарсидааст ва на фақат эътиное ба суханони ӯ накард, балки афра гирифту афзуд: ин саги лаънатӣ, на танҳо худаш чунин корҳои ношоиста мекунад, балки боиси пайдо шудани ҳар гуна гапҳои нолозим ва ангезаҳои носолим дар миёни унсурони ноустувор ҳам шудааст. Чунонки Насими писари Маҳмадғанӣ дар байни чандин кас гуфтааст, ки агар ҳадди ақалл нисфи тоҷикон мисли ин Саг миллатро дӯст медоштанд, мо Самарқанду Бухороро аз даст намедодем.

Кудоме аз ин ду ривоят рост аст, намедонем. Ё чунин буд, ё чунон, ба ҳар ҳол, парторг наметавонист, интизор бинишинад, ки кай овозаи ”кардаҳои ношоистаи” Саг ба гӯши болоиҳо мерасаду ӯро, чун моҳиро аз об ба соҳили хушк мепартоянд ва Миралӣ, ҳам албатта сабру таҳаммул надошт, ки то мурдани Саг интизор бимонад ва умри азизро бо агрономӣ хазон кунад. Бечора Саги тағои ман нуқтаи васли манофеъи ин ҳар ду шуда буд.

Ва парторг пас аз моҳе Миралиро намояндаи раёсати колхоз дар рамаи тағои Фатҳуллоям таъйин карду ба дашти Дизак фирист, ба баҳонаи он ки дар мавсими тӯлгирӣ дастёрӣ бикунад.

Ва Миралӣ дар як шаби торику сард, ки беист барф мебориду боди дайду турктозӣ мекард, Сагро паронд.

Садои тир баромаду дар дашти бепаҳно ғарқ шуд. Пас аз лаҳзае сагҳо ба ав- ав оғозиданд.

Тағом аз канори рама садо доданд: чӣ шуд, кӣ паронд?
Ва Миралии писари Хӯҷаалӣ аз канори дигар гуфт, балки аввал чизе гуфта натавонист, баъд чанд бор гулӯ афшонду бо овози гирифтаву хиррӣ фарёд зад, дод зад: гургҳо ҳамла карданд, якешро парондам, дигарош гурехтанд рафтанд.
Тағои Фатҳуллоям лаҳзае ба аккоси сагон гӯш фаро доштанд, садои ошно ба гӯшашон нарасид, дилашон таҳ рафт ва бо садое изтироболуд фарёд карданд:
- -Воҳ, хок бар сарат, писари Хӯҷаалӣ, номат гуму рӯят сиёҳ, писари качали Хӯҷаалӣ, Сагро куштӣ, Сагамро парондӣ!

ЯК ПУЛА ГАПУ САД ПУЛА ҒАВҒО

**(Ё худ маъорифи халқ дар Тоҷикистон ба шукуфоӣ расида буд ё на?)**

(фоҷиъаи оптимистӣ дар чор намоиш)

***Иштироккунандагон***

*МАНСУР ШАВКАТОВИЧ ШАВКАТӢ* – қоиммақоми райиси нашриёт, 60 – сола

*МАН, яъне ҚОДИРИ РУСТАМ ( Азизқулов) и. в. мудири шуъба, 29 сола*
*ҲАЙДАР РАҲИМӢ – мудири шуъба, 58- сола*
*АБДУРАҲМОН ОЛИМОВ- мудири шуъба, 40-сола*
*ФАЙЗИБОЙ ҲАЗРАТОВ, мудири шуъба, 63-сола*
*АЛЕКСАНДР РУДЕНКО, муҳаррир, 36 сола.*
Котиба, Мустафо ва дигарон

ПЕШПАРДА

*Ман дар дафтари кор дар паси мизи таҳрир нишастаам. Дар даст худкор дорам ва сарам хам аст. Дар қисмати пешини миз дастхате гузошта шуда ва тамошоиён гумон мекунанд ман, ки дар даст худкор дорам ин дастхатро веросторӣ мекунам. Вале дар паси ин дастхати бузург дар муқобили чашмони ман китоби ”Моби Дик” боз аст ва ман машғули хондани он ҳастам. Манончунон ғарқи хонданам, ки аз занги ногаҳонии телефон як қад мепарам. Баъд аввал худро ба даст мегирам ва сониян гӯширо. М.Шавкатӣ занг мезанад.*

**Садои М.Шавкатӣ.** Ҳастанд-мӣ Мирзо Наимович?
**Ман.** Салом, Мансур Шавкатович, не, пошон шикастагӣ, худатон медонед, дар хона хобанд!
**Садои М.Шавкатӣ.** Ҳа-а**, с**алом, салом! Баъд, ҳамин як пом шикастагӣ гуфта, дар хона хоб кардан мегиранд-мӣ ?! О, як бор ним бор ба кор ҳам биёянд-дия! Кор ин тавр нашудаст-дия!

*Ба ин сухан намешуд посух гуфт ва ман хомӯш мемонам.Лаҳзае аз даруни гӯшӣ боди хомушӣ мевазад ва баъд Шавкатӣ гӯширо мегузорад. Ман боз ба киштии нохудо Ахав, ки обҳои уқёнуси Оромро даронида аз паси Кити сафеди одамхор медавад, ворид мешавам. Вале ҳанӯз кит ба дид наёмада, аз дуриҳои дур садои бонги ожир ба гӯш мерасад, баъди лаҳзае бонги ожир ба садои занги телефон бадал мешавад ва маро ба дафтари нашриёти «Ирфон» дар шаҳри Душанбе бозпас меоварад..*

**Садои М. Шавкатӣ.** Зуд дарро қулф кунеду ба кабинети ман биёед.

# НАМОИШИ АВВАЛ

*Дарро қулф мекунаму ба табақаи севум мебароям. Мансур Шавкатӣ бештар аз як моҳ пеш, баъд аз истеъфои райиси қаблӣ муҷрии муваққати вазифаи райиси нашриёт мансуб шуда буд, вале ҳанӯз дар дафтари қаблии худ–дафтари сармуҳаррир менишаст. Зоҳиран, пеш аз таъйид шудан ба мақоми райисӣ гузаштан ба дафтари райисро фоли нек намедонист ва ё намехост, ки дар сурати таъйид нашудани номзадиаш, ки маҷбур хоҳад шуд дубора ба дафтари аввалаш баргардад, мавриди тамасхур ва нигоҳҳои шамотатомези кормандон қарор бигирад. Намедонам.Ва ин албатта, муҳим ҳам нест. Дарро боз мекунам. Дар дафтари танги Шавкатӣ ҳамаи мудирони шуъбаҳо паси мизи дароз нишастаанд, ҳама хомӯшанд ва чун мотамзадагон сар ба пеш афкандаанд, ба ҳадде, ки бо ворид шудани ман ҳам касе сар боло намекунад ва дар посухи саломи ман бо андаке ҷунбонидани сар иктифо мекунанд. Ба курсии холии васати Абдураҳмон Олимов ва Ҳайдар Раҳимӣ менишинам. Шавкатӣ низ дар паси мизи худ ва сараш хам нишастааст, вале ангуштони дасташ пайваста дар рӯйи миз нақора мезананд. Пас аз тақрибан ним дақиқа шояд эҳсос мекунад, ки садои нақоразании ангуштонаш дар фазои танги хомӯш хеле баланд ба гӯш мерасад ва ё ба натиҷа мерасад, ки агарчи бо ангуштзанӣ асабашро андаке ором менамояд, вале дар айни ҳол изтироби ботинашро фош месозад ва якбора нақоранавозиро қатъ карда, дастонашро оҳиста ба пас мекашад ва аз лаби миз ғеҷонида ба рӯйи зонувонаш мегузорад. Вале баробари дар рӯйи зонуҳо қарор гирифтани дастҳо пойҳояш дар зери миз ба таблзанӣ шуруъ мекунанд. Ман эҳсос мекунам, ки мушкиле пеш омадааст ва оҳиста оринҷ ба паҳлӯи А. Олимов мерасонаму бо ишораи сар мепурсам: чӣ гап шуда? Вай ҳам ҷуръати даҳон боз кардан намекунад ва бо ишора мегӯяд: сабр кун, мефаҳмӣ. Ин дам дар боз мешавад ва котиба Марина бастаи китоб дар даст ворид мешавад, бастаро боз мекунад ва китобҳоро руйи миз мегузорад. Бо ишораи Шавкатӣ китобҳоро як-як ба нишастагон тақсим мекунанд. Ин китоб барои ман ошност, зуд мешиносамаш, «Расцвет народного образования в Советском Таджикистане» ном дорад. Се нафари дар илми педагогикаи ҷумҳурӣ машҳур – М. Эркаев, И. Обидов ва Бозорбоева муаллифонаш ҳастанд. Китоб тавассути шуъбаи мо – шуъбаи адабиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ба чоп омода шуда буд ва чун равшан мегардад, ки сабаби ғамгинӣ ва хомӯшии даҳшатзойи бузургони нашриёт ҳамин китоб аст, фавҷи сиёҳию нохушӣ ба қалбам ҳамлавар мешавад.*

**М. Шавкатӣ. (*Садои ларзонаш хомӯширо медаронад*).** Бо диққат варақ занетон, бинетон чӣ гап доштаст ин китоби ҳарина, ки аз худи СеКа занг заданд!

**Раҳимӣ.** О, чӣ гуфтанд, ягон гапи аниқ гуфтанд-мӣ, не-мӣ? ***(Муаллим Раҳимӣ ҳамарӯза бо Шавкатӣ ғизои чошт мехӯранд, ошнои наздиканд ва ин аст, ки қабл аз дигарон ҷуръат пайдо мекунаду суол медиҳад).***

**М. Шавкатӣ.** Э, аҷиб гапҳо мегӯед-дия Ҳайдарбой, о агар аниқ мегуфтанд, кори дигар надоштам, ки шумоёнро ин ҷо ҷамъ мекардам?! Аз куҷо донам ман? Ба фикрам, худи одами СеКа ҳам намедонист. Гуфт, ки аз Маскав, аз Комитети Марказӣ ба уно занг задаанд. ***(Садои Шавкатӣ баланд мешавад, вай тезтар гап мезанад)*** Як нафар инспектори СеКа КаПаеСеС ба Душанбе омада будааст, кадоме аз муаллифо «сигналный экземпляра» тӯҳфа кардагӣ ба вай, гумон кардагӣ, ки хурсанд мешавад, хаёл кардагӣ, ки инспектори СеКа ба ҳамин як китоби ино зор бошад, вай вақт дорад-мӣ хонад интурӣ китобҳоя!

**Ҳазратов.** О нахонда бошад, чӣ гуфта занг мезанад? Хондаст, ки занг задаст-дия!

**Шавкатӣ.** Э, не-е-е, куҷо мехонад, даруни самолётба зиқ шудагию варақ задагӣ, хайр мумкин як ҷо ним ҷоша хонда бошаду дар ҳамун як саҳифа-ду саҳифаи чашм давондагеш гапои беҷоя дидагӣ бошад! ***(Баъд ба ман чашм медӯзад).*** О, барои чӣ «сигналный экземпляра» ба муаллифо мететон!?

**Ман.** Ман ба касе китоб надодаам, ҳамун «сигналный экземпляра» ҳатто надидаам.

**Олимов.** Чӣ гуфтаст ҳамон испектори СеКа аз Маскав, инспектори СеКаи худамон ягон чиз нагуфт?

**Шавкатӣ.** Телфон кардагию «Что за книгу вы выпустили», гуфтагӣ.

**Олимов.** Боз чӣ? Тамом?!

**Шавкатӣ.** Тамом. Аз ин зиёд чӣ гӯяд боз! Ҳамин қадар гуфтагӣ вай, лекин ин одами СеКаи худамонам, ба фикрам, тарсидагӣ, намедонам, ё саросема шуда фаромуш кардагӣ, хулоса ҷуръат ҳам кардагӣ не, ки пурсад, ки ин гап чӣ маънӣ дорад. Баъд ба ман занг заду гуфт, ки что за книгу выпустили—«Рассвет народного образования» называется кажется.

**Ҳазратов (ба вараќи охири китоб чашм давонда).** О Руденко будаст-ку муҳаррири ин китоб, худаша даъват кардан даркор, биёяд ҷавобаша тияд-дия.

**Шавкатӣ.** Гуми бедарак, котибая фиристонда будам, то ҳоло ба кор наомадаст.

**Ҳазратов.** Дина шаб араќа бебаркаш зада бошад, баъди соъати ду меояд, ё аслан намебиёд. Мустафо ҳамқадаҳаш, ҳардушон ҳамроҳ мехуранд, фиристодан даркор пеш-пеш кунаду гирад биёд.

*Шавкатӣ зангро пахш мекунад, Марина медарояд ва Шавкатӣ мефармояд, ки Мустафоро даъват кунад.*

**Ҳазратов.** Ман гуфта будам, ки ҳамин алкаголика ба ДНД[1] нафиристонем, боз фиристондетон, садқаи ДНД шавад ин тур одам, вай сазовори ин корҳо нест, мабодо дар вақти дежурнигӣ дар кӯча афтида монад, тамоми нашриёта шарманда мекунад
**Шавкатӣ.** Як гапҳо мегӯед, ки Файзибой. Охир вай наравад, шумо меравед, ман меравам?! Гумон мекунед, ДНД ягон чиз дорад, ки дар болош ҷанг мекунанд.
**Ҳазратов.** Ҷаро ману шумо? Ҷавоно мераванд, ҷавонои сазовору арзанда дорем дар нашриёт, камсамолои пешқадам дорем. Ин алголик ҳамая шарманда мекунад.

*Ин дам дар нимабоз мешавад ва Мустафо сар мехалонад.*

**Шавкатӣ.** Даро, охир, чаро мулӯҳ барин нигоҳ карда меистӣ! ***(Мустафо дарун медарояд, дарро мебандад ва дар дами рост меистад).*** Ин ҷӯри бадмастат дар куҷоҳо мегардад ?!
**Мустафо.** Кӣ муаллим!?
**Шавкатӣ.** Кӣ мешуд, ҳар рӯз ҳамроҳи кӣ арақ мехурӣӣ! Руденко-дия!
**Мустафо.** Ҳар рӯз не, муаллим… Намедонам, дар хонеш будагист, вай ҳар рӯз дер мебиёяд, баъзе корҳоя ба хонаш мебарад!
**Шавкатӣ.** Балоя мебарад ба хонааш, ман худам ба чашм камтар намояд гуфта, иҷозат додам, ки баъзан дер биёяд. Раву зуд пеш-пеш карда гирифта биё! Боз ҳамунҷа арақхурӣ карда нашинетон!
**Мустафо.** Ман хонаша намедонам, муаллим!
**Ҳазратов.** Ҷӣ хел намедонӣ! Дурӯғ нагӯ, хонаи ҳамқадаҳата намедонӣ!
**Мустафо.** Ба виҷдонам қасам, намедонам, муаллим! Чанд бор дидам, ки аз паси истгоҳи ҳафтум километр нишеб шуд, вале адреси аниқаша намедонам!

---

[1] ДНД – Добровольные народные дружинники (посдорони ихтиёрии мардумї). Дар замони шўравї корхонаву муассиса ва пижуњишгоњу донишгоњњо муваззаф буданд, моње як бор ва бо навбат гўруње аз кормандонашонро ба ёрии милиса бифиристанд. Аъзои ДНД дар бозуњояшон навори матоъи сурх мебастанд ва гоње бо милиса, гоње бидуни милиса кўчањоро мегаштанд, гоње мастону авбошонро боздошт мекарданд ва гоње худ араќнўшиву авбошї мекарданд.

**Шавкатӣ.** Хайр, рав охир ҳамун ҷа, аз одамо, аз ҳамсояҳош пурсуҷӯ кун, медонистагист ягон кас, ҳар рӯз калавида-калавида меравад, ҳама мешинохтагист, ин хелаш дар як маҳалла якта будагист, охир.

**Мустафо.** Хайр, равам канӣ! ***(Мустафо зуд мебарояду дарро мебандад).***

**Раҳимӣ.** Вақти хуроки чошт ҳам наздик шуд, о, беҳуда интизор шуда нашинем акнун.

**Шавкатӣ.** Хӯрок хӯрдан мешавад чӣ бо ҳамин ҳол? Хайр, шумоён раветон ҳоло, агар аз гулӯятон ягон чиз гузарад, хуретон, ман ҳеч чӣ хурдан наметонам, ман ҳамин ҷо мемонам. Вале дер намонетон, ҳама соати ду дар ҳамин кабинет ҷамъ мешавем. Китобҳоя гиретон, вақт ки шуд варақ занетен бинетон, фикр кунетон, ки чӣ гап буданаш мумкин дар ин китоби дарди сар!

НАМОИШИ ДУВУМ

*Боз ҳамон кабинет, боз ҳамон одамон, фақат Руденко ба нишастагон пайваста.*

**Ҳазратов.** Ну, Саша, дорогой, выкладывай, что ты натворил опять?

**Руденко.** Ничего я не натворил, и почему «опять»? Можеть, вы мне подскажете?!

**Ҳазратов.** А ты не знаешь, почему это мы все, отложив в сторону свои дела с утра заседаем. Что, дружок твой по дороге не рассказал?

**Руденко.** Ну, рассказал Мустафа мне кое-что, насколько сам был в курсе, но единственное что я понял это то, что он толком ничего не знаеть, да и вы тоже сами не знаете!

**Шавкати.** Вот, вот, ты, как редактор этой книги поможешь нам узнать!

**Руденко.** Да ничего такого нет в этой книге! Книга как книга, если не лучше, то и не хуже тех книг которые мы издаем каждый день.

**Ҳазратов.** Ты что, хочешь сказать что это книга такая же как труды классиков марксизма-ленинизма?

**Руденко.** Нет, конечно, я так не сказал, я сказал такая же как те, которые мы издаем, а книг классиков мы не издаем, а переиздаем.

**Раҳимӣ.** У, балое! Гап меёбад-а!

**Шавкатӣ.** Монед, акнун аз ҳамин таърифои шумоҳона арфа гирифтагӣ ин, фӯкаш дар ҳаво! (*Ба Руденко рӯй меоварад*) Так, по твоему ничего такого нет в этой книге? Тогда пожалуйста, объясни нам, из-за чего вес этот сыр-бор?! Почему это из самого ЦК КПСС звонили?

**Руденко**. А давайте, напишем письмо туда, попросим объяснить, в чем суть этого странного звонка!

**Шавкатӣ.** Молчи, молчи, ты что, ни то что говорить вслух, даже не смей думать об этом.

**Рахимҷ.** Да, ты что? Этого еще нам не хватило!

**Руденко**. А, давайте, я лучше напишу туда!

**Шавкатӣ.** Ты иди лучше, занимайся своими делами, мы сами без тебя разберемся здесь.

***(Руденко лаҳзае ҳайрон бозмеистад, мебинад, ки симои Шавкатӣ ҷиддист, китф дарҳам мекашаду меравад).***

**Хазратҷ.** О. барои чӣ вайа ҷавоб додед? Шинад, ҷавоб тияд буд, охир.

**Шавкатӣ.** Э, монед гум шавад. Аз буданаш набуданаш беҳтар.

**(Шавкатӣ ба ҳозирон менигарад).** Хайр ягон кас ягон чиз ёфт-мӣ? Варақ занетон охир, ҳамту бепарво шиштан мегиретон?

***(Ҳама сарҳо хам ба сафҳагардонии китоб машғул мешаванд, ду-се дақиқа ба ҷуз хиш-хиши варақгардонӣ садое шунида намешавад. Садои ногаҳонии Шавкатӣ ҳамаро маҷбур мекунад, ки сар бардоранд).***

**Шавкатӣ.** О, худаш чӣ гап, барои чӣ ягон иқтибос аз Горбачёф нест. Ана ҳамин сабаби телефони Маскав шудагӣ, ба фикрам. Рафиқ Азизқулов, намешуд ҳамина контрол карда, як ҷумла ду ҷумла аз маърузаҳои Гарбачёф дохил кунетон? Аз Андропов ҳаст, ҳатто аз Черненко ҳаст, аз Котиби генералии ҳозира нест.

**Ман.** Ҳаст муаллим, ҳаст!

**Шавкатӣ.** Дар куҷо ҳаст?

**Ман.** Ду саҳифа баъд аз ҳамон иқтибоси Черненко гардонед. Ҳошияро нигоҳ кунед. Материалы апрелского (1985 г.) пленума ЦеКа КаПаеСеС.

**Шавкатӣ.** Ин иқтибос аз Горбачёф не-дия!

**Ман.** Чаро, матна хонед, иқтибос аз суханронии Горбачёф дар ҳамин пленум аст!

**Шавкатӣ (*сар хам мекунаду мехонад*).** Хайр, тем-более! Намешуд, ки дар поварақ ҳам М.С.Горбачев гуфта, нависетон. Наход, ки барои ҳамин қадар гап шуда, гап шунавем, сурху сафед шавем.

**Олимов.** Наход, барои ҳамин шуда аз ЦеКа занг зананд! Ягон гапи дигар будагист дар ин китоб?!

**Шавкатӣ.** Хайр чӣ набошад, охир! Ҳамин қадар ҳам ман ёфтам, шумоён ягон чиз наёфтетон- ку! Шумоён дар хӯрокхӯрӣ, ман як бори дигар тамоми китоба саҳифа ба саҳифа чашм давонда баромадам.

**Раҳимӣ.** О чистона ҳам ягон нишонаш маълум, ки аз рӯйи ҳамун ҷавобаша меёбед. Моям варақ гардондем, чашм давондем. Лекин намедонем, ки чия ҷӯем, охир!
**Шавкатӣ (бо қаҳр)** Агар нишонаша мегуфтанд, шумоҳона ҷамъ кардан лозим набуд. худам меёфтам. ***(Баъд аз лаҳзае таваққуф, оромтар).*** Лекин аз инҷо чашмаки ман чашмаки ту гуфта шиштан ҳич мурод ҳосил намешад. Китобҳоя гиретону то бегоҳ дар кабинетотон, шаб дар хонаҳотон бо диққат нигоҳ кунетон, боз бинем чӣ гап! Пагоҳ соъати даҳ рост ба ҳамин ҷо биёетон.

НАМОИШИ СЕВУМ

*Боз кабинети Шавкатӣ, боз ҳамон ширкаткунандагон, ҷойи нишасти бархе тағйир ёфта, вале ин ҳам мисли он аст, ки аз иваз шудани ҷойи ҷамъшавандаҳо ҳосили ҷамъ тағйир намеёбад.*

**Шавкатӣ.** Бовар кунетон шаб то саҳар мижа таҳ накарда баромадам. Чил сол бе нуқсон, бе ягон ҳарфу калоча кор мекуниву барои як китобаки ночиз обрӯи одама мерезанд. Ёфтетон-мӣ ягон чиз?
**Раҳимӣ.** Ман диққат карда баромадам, ягон гапи зидди давлативу зидди партиявӣ надидам. Ин муаллифо ҳам одамои пухта, академико, докторои илм, мемунан-мӣ дар китобашон инхела гапо равад!
**Шавкатӣ.** Дигаро чӣ, шумоён ҳам ҳич чӣ наёфтетон! (***Хомӯш чанд лаҳза мунтазир мемонад, касе ҳарфе намегӯяд***). Мана газад, шумоёна чӣ ғам, чормағз дар сари ман мешиканад-дия, а-а! Дирӯз, ки аз ҳамин ҷо рафтетон, ба ғайри Раҳимӣ ягонтетон ин китоби сабилмондая накушодетон. **(*Ба Раҳимӣ рӯй меоварад*).** Шумо чӣ хел бо диққат нигоҳ кардед! Бо диққат нигоҳ мекардед, медидед-дия!
**Раҳимӣ.** Чиро медидам?
**Шавкатӣ.** Як бор номи ҳамин китоба хонед!
**Раҳимӣ.** Номаша?!
**Шавкатӣ.** Ҳа, ҳа, номаша, номаша як бор хонед.
**Раҳимӣ *(ҳайрон ба чапу рост менигарад, айнак ба чашм мепӯшад ва китобро дар баробари чашмонаш мебардораду мехонад)*** «Расцвет народного оброзования в Советском Таджикистане». (***Хомӯшу ҳайрон ба Шавкатӣ ва баъд ба дигарон менигарад).***
**Шавкатӣ *(низ пас аз лаҳзае хомӯшӣ.)*** Акнун фаҳмидед?
**Раҳимӣ** (*ҳайрону ошуфта)* Рости гапа гӯям, ҳич чӣ нафаҳмидам. Номи бад барин не-ку?
**Шавкатӣ.** О чи хел номи бад набудаст, Ҳайдарбой! Як гапо мегӯед, ки… Партия перестройка эълон кард, Горбачёфу дигар раҳбарои ҳизбу давлат ҳар рӯз, дар ҳар маърузешон мегӯянд, ки солҳои 70-

уму нимаи аввали 80-ум солҳои рукуд буд, карахтӣ буд, лекин нашриёти «Ирфон», ману шумо дидаву дониста китоб чоп мекунем, ки «Расцвет народного образования в Советском Таджикистане», гапи сарварои ҳизбу давлата мегардонем, рад мекунем, ба рӯшон медавем, установкаи партияя дурӯғ мебарорем. Ё чӣ, дар тамоми СССР рукуду карахтӣ буду фақат дар Тоҷикистони мову шумо расцвету инкишоф буд-мӣ!

**Раҳимӣ.** Э-ҳе, ана гапу, о, ин тур китоб чӣ хел чоп шудаст-а?!

**Олимов.** О, ин китоба, дар хотирам ҳаст, муаллифо шиш-ҳафт сол пеш оварда буданд. Ун вақтҳо ин хел номҳо номи маъмулӣ буд. Дар бораи рукуду карахтӣ ҳам касе чизе намедонист.

**Шавкатӣ.** Дуруст, дуруст, лекин баробари замона қадам задан даркор, охир. Баъзан хутотон медонетон, ки як китоби сиёсӣ ё иқтисодия то чоп шуданаша чанд бор аз материалҳои пленумҳои ЦК иловаҳо медарорем.

**Ҳазратов.** Як алкаголик, ки муҳаррир шуд, оқибаташ ҳамин-дия. Намедонам, Мансурҷон, барои чӣ ин муттаҳама статья катӣ гум намекунед! Вай шояд ман намояндаи халқи бузурги рус гуфта ифтихор кунад, лекин ин хел одамо садқаи халқи кабири рус шаванд, инхелаҳоя худи русҳо «позор нации» мегӯянд!

**Шавкатӣ.** Э, шумо, Файзибой ако, фақат мудиретона медонед, чӣ медонед, ки инча ҳар рӯз чӣ гапо мегузарад! Навиштагеш навиштагӣ, аз комитети худамон сар карда, то комитети марказии партияи коммунистии Тоҷикистон, то Госкомиздати СССР, ҳатто то Се Ка КаПаеСеСа менависад, ба дилам зад, лекин илоҷ нест.

**Ҳазратов.** Хайр, гуфтам-дия, боз худатон беҳтар медонед!

**Шавкатӣ.** Хайр, рафиқо, сабаб ки маълум шуд, акнун бояд ман ба Комитети Марказӣ ҷавоб нависам?

**Раҳимӣ.** Ӯҳӯ, ба худи Масква- мӣ?

**Шавкатӣ.** Э, не-е, ба Комитети Марказии худамон. Ба Маскав лозим донанд худашон ҷавоб додан мегиранд. (***Пас аз каме таваққуф).*** Лекин ҳамин тур ҷавоби хушку холӣ навиштан намешавад. Бояд ягон каса ҷазо дода, дар мактуб нависем, ки гунаҳкора ҷазо додем!

**Ҳазратов.** Руденко-дия, Руденкоя ҷазо додан даркор, минбаъд дар вақти кор арақ намехурад!

**Шавкатӣ.** Э монед, бебало шинем, боз як роста ба даҳ дурӯғ якҷоя карда менависад, то дурӯғ буданаша исбот мекунед, ки як соли умратон кӯтоҳ мешавад, монед гум шавад! ***(Каме таваққуф мекунаду хомӯш ба нишастагон чашм медавонад ва нигоҳаш ба рӯйи ман хира мешавад).*** Биёед, рафиқ Азизқулов ба шумо як выговор диҳем! (***Дар садояш лаҳнҳои изтироб, илтиҷо ва исрор ба ҳам омехта аст*).**

**Ман.** Не, ман розӣ нестем. Барои чӣ выговор ба ман?! Ман ҳеч рабте бо ин китоб надорам.
**Шавкатӣ.** Шумо иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъба-ку! Китоб аз шуъбаи шумоён чоп шуд-ку?! Баъд ин выговор ҳамтур, барои ҷавоб навиштан, баъди чанд моҳ мебардорем.
**Ман.** Аввал, ин ки ин китоб то замони иҷрокунандаи вазифаи мудир шудани ман ба чоп имзо шудагӣ, ман имзо накардаам. Дувум, агар ман иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъба бошам, чаро моҳонаи мудири шуъбаро намегирам, порсол ҳам се моҳ иҷрокунандаи вазифаи мудир будам, имсол ҳам моҳи дувум мешавад, ки иҷрокунандаам, як бор ҳам моҳонаи мудириро нагирифтам, акнун ки вақти ҷазо шуд, ба хотиратон омад, ки ман иҷрокунандаи вазифа ҳастам! Не, ҷазоро ба касе диҳед, ки гунаҳкор аст.
**Шавкатӣ.** Э, шуд, бас кунед-е. Шумоя ҳама таъриф мекунанд бачаи басаводу испольнителный гуфта, лекин шумо беодобед, ҳама вақт гапи одамои аз худатон калона мегардонед**.** Соли гузашта ҳам вақти алафдаравӣ рафтан ман катӣ баҳс карда будед.
**Ман.** Барои он ки ба кори матбаъа ҳамеша ман меравам, ба пахтачинӣ ман меравам, ба алафдаравӣ ман меравам, боз ду-се нафари дигар, тамом. Нашриёт дигар одам надорад? Аз сад нафар зиёдтар одам кор мекунад дар нашриёт.
**Шавкатӣ.** Хайр шуд акнун, монед, бас кунед. Заб кор кардед – алафдаравӣ-я! Мо ин ҷо чанги шаҳра нафас кашида кор кардем, шумо дар ҳавои тоза як ҳафта истироҳат кардеду омадед! (***Гӯшии телефонро мебардораду шуморагирӣ мекунад***). Салом, янгамулло! Нағз ҳастед, бачаҳо нағзанд, гуфтем, як аҳволи Мирзо Наимовича пурсем! (***Чанд лаҳза мунтазир мемонад).*** Э-ее ассалому алайкум, Мирзо Наимович, хайрият ҳастед, баофият ҳастед, по чӣ тур, по, баҳузур нағз шуд-мӣ ?.... Ҳа, худо шифо диҳад, худо шифо диҳад… О Мирзо Наимович як бор ҳам ёди моёна намекунед, намепурсед нашриётоба чӣ гап…. Рост, рост мегӯед…. Э, напурсед, ташвиши олам охир надорад, боз ана як китоб аз шуъбаи шумо буромада буд, ки ун се академики илмҳои педагогӣ навиштагӣ, о ҳавая диққат накардем-дия, номи «Рацсвет народного образования в Советском Таджикистане»-катӣ чоп шудаст…. Ҳа, ҳа ҳамуно…. Аз Москва занг заден, аз худи СеКа КаПаеСеС ба Кумитаи Марказии худамон, ки какой рацсвет можеть быть в годы застоя?! Аз унҷа ба ман занг заданд, бовар мекунед ду шаб шуд хоб накардем. Ду рӯз шуд маҷлис мекунем…. Акнун ҷавоб навиштан даркор, худатон дар вазифаҳои масъул кор кардагиед, медонед, ки ҳамту ҷавоби хушку холӣ навиштан намешавад… Ҳа, ҳа, албатта, ҳа-дия, ҳа-дия… албатта охир, албатта… Ин ҷо мо рафиқо қатӣ маслиҳат кардем, ҳамашон дар ҳамин ҷо шиштагиянд, ба шумо салом мегӯянд, маслиҳат

кардем, Мирзо Наимович, ки ба шумо як выговор занесены личный карточка катӣ тиему гунаҳкора ҷазо додем гуфта, нависем… (***Таваққуф мекунад ва гӯш ба посухи Наимов медиҳад ва ҳамзамон чеҳрааш тағйир меёбад, ошуфтатар мешавад)***. Э-е не-е-е, не-е, Мирзо Наимович, не-е, охир, худатон корманди партиявӣ будед, дар вазифаҳои масъулу калон кор кардед, медонед-ку, ин хел выговор ҳамтур, барои он ки як чиз гуфта ҷавоб навиштан даркор, баъди шаш моҳ мебардорем…Ин хел выговора як бор нагирифтагистед-ку… Соф мешавед меравед боз! Ин ҳамту як формалний чиз, барои ҷавоб навиштан… (***Таваққуф)***. О шумоям положении мана фаҳмед-дия, шумо гунаҳкор набошед, ман гунаҳкор-мӣ? … Акнун СеКа КаПаеСеС катӣ баҳс карда шинам-мӣ? Биеёд розӣ шавед, як выговор катӣ осмон омада ба замин намечаспад-ку, шумоя аз мудирӣ намегирем-ку… Не, не маҷбур не, зорӣ дорему зӯрӣ не… Э-е монед-е! Э, ман шумоя одами мефаҳмидагӣ гӯм… Э монед-е! (***Гӯширо бо қаҳр мегузорад, каме зери лаб ғур –ғур мекунад, ки касе намефаҳмад. Баъд ба ҳозирон рӯй меоварад***) Рафиқо, ҳар кас ҷонибдор бошад, ки барои рӯй додани хатои сиёсӣ ба Мирзо Наимович Наимов – мудири шуъбаи адабиёти иҷтимоию иқтисодӣ выговор занесенӣ личнӣ карточка катӣ эълон карда шавад, даст бардорад. Хоҳиш мекунам масъулият эҳсос кунетон! (***Ва худ даст боло мекунад, дигарон ҳам як-як даст баланд мекунанд)***. Раҳмат! Акнун ҷавоб ба ҳаметон, диққат кунетон, контрол кунетон, ки минбаъд дар китобҳо ин хел хатоҳои дағал роҳ наёбад.

## НАМОИШИ ЧОРУМ

*Даҳ рӯз баъд. Ҳамон ширкаткунандагон, дар дафтари раиси нашриёт, ки бузургтар аз дафтари сармуҳаррир аст, нишастаанд. Дар сари миз Шавкатӣ. Чеҳрааш шод, дар лабонаш табассум гул кардааст.*

**Шавкатӣ.** Ҳайдарбой**,** ба хиёлам дина қассоби ошнотон чорӣ гуфта, ба мо гӯшти қасирчая фурӯхт-дия.
**Раҳимӣ.** Э, не-е-е, ман шиш сол шуд аз вай гӯшт мехарам, мана фиреб намекунад вай.
**Шавкатӣ.** Намедонам, вале янгетон бегоҳ манту кард, ҳич ба гӯшту рӯғани чорӣ монанд набуд… Хайр, бало ба пасаш! Ҳама омаданд-мӣ ?
**Раҳимӣ.** Фақат Файзибой - ако нестанд, камтар нотоб шудаанд.
**Шавкатӣ.** Хайр рафиқо! Ҳаметона табрик мегӯям!
**Олимов.** Чӣ шуд, чӣ гуфтанд?

**Шавкатӣ.** Э, як пула гапу сад пула ғавғо! Хестанд, воҳимаи бисёре карданд, китоба таги мошин монда, қима карда партофтан даркор гуфтанд!
**Раҳимӣ.** Э-ҳе-е, ана гапу!
**Шавкатӣ.** Қариб ҳамин хел қарор мекарданд, ки рафиқ Маҳкамов савол доданд, ки худаш асли гап чист? Маълум ки хабар надоштен. Инспектор хесту гуфт, ки аз Маскав занг заданд, нашриёти «Ирфон» як китоб чоп кардаст, «Рацсвет народного образования в Советском Таджикистане», муаллифо таърифу тавсифи бисёре карден маорифи Тоҷикистона, ки дигар ин гапҳо бо руҳи замони муосир мувофиқ нест, худтанқидкунӣ надорад, установкаҳои перестроёкая ба назар нагирифтен. Боз чӣ, пурсиданд, рафиқ Маҳкамов, гапи дигар надорад-мӣ ? Инспектор гуфт, ки дигараша намедонем, шояд боз гапҳое бошаду мо надонем. Худи китоб дар куҷост, пурсиданд Қаҳҳор Маҳкамович. Ман хестаму гуфтам, ки ҳама тиражро дар анбор ҷой карда, дарашро қулф карда мӯҳр задем, яктеш ҳам берун набаромадаст, Қаҳҳор Маҳкамович! Қаҳҳор Маҳкамович гуфтанд, ки равед, анборатона кушоеду китоба ба фурӯш бароред! Тамом, ҳамин катӣ ҳамеш ҳал шуд! Аз барои Худо барои як пула гапи кадом як инспектор ҳамин қадар ғавғо-я!
**Олимов.** Хайр, акнун выговори Наимовро ҳам бардорем мешудагист?!
**Шавкатӣ.** Монетон бебало шинем охир, чи хел выговори як ҳафта пеш додагия даррав мебардорем! Ҳар кор вақту соъат дорад, охир!

*Зери мусиқии мутантан парда баста мешавад. Садое, ки мушаххас нест аз кист ба гӯши тамошоиён мерасад:*
Хайр, акнун ба ин муносибат садта садта задан даркор, охир.

## ҲИКОЯТИ “ҶОМЕЪ УЛ-ҲИКОЁТ»

Ва аммо пеш аз «Рацсвет народного образования….» «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» буд, ки овозаи нашриёти «Ирфон»-ро ба Маскав бурд. Ҷилди севуми «Ҷомеъ ул-ҳикоёт», ки маҷмуъаи қиссаву ҳикояти насри ривоятии классикии форсу тоҷик аст ва Қамчин Чиллаев ба чоп омода карда буд. Занг заданд, ки ҳама муҳаррирони шуъба ба

дафтари райиси нашриёт равем. Баромадем ба табақаи севум. Даромадем ба дафтари райис. Дафтари райис пури одам буд. Тамоми мудирони шуъба ва муҳарриронро ҷамъ карда буданд. Райиси нашриёт Абдуҷалил Воситзода - марди меҳрубону оромтабиат аз қаҳру ғазаб меҷӯшид, рӯяш суп-сурх шуда буд, лабонаш мепарид. Касе аз мо ӯро қаблан ба ин вазъи ошуфта надида буд. Аз худи Маскав нома фиристода буданд! Баръакси суҳбати телефонии маҷҳулу номушаххас барои «Рацсвет народного образования» ин нома хеле равшану возеҳ буд: Чӣ тавр нашриёти давлатӣ, ки ниҳоди идеологии партияву ҳукумат аст, китобе чоп карда, ки зарбаи муҳлик ба сутуни дӯстии халқҳо мезанад!? Чӣ тавр ҷумлаи моҷароҷӯёна ва мухолиф бо сиёсати дӯстии халқҳо аз чашми масъулини нашриёт дур монда ва дар китоб роҳ ёфтааст?!
Ва аммо он ҷумлаи лаънатӣ, ки боиси ташвишу изтироб гардида буд, буду шуд аз шаш калимаи кӯтоҳ иборат буд: «Ӯ ҷуҳуд аст ва душмани мусалмонон». Воситзода хеле бо ғазаб гап зад, дод зад, интиқод кард, маҳкум намуд ва аз муҳаррирон хост, «назари худро дар бораи ин хатои набахшиданӣ иброз доранд». Ҳама хомӯш буданд, касе намехост ҳамкори худро, ки ҳеч душмание бо ӯ надорад, барои кудом як ҷумлае, ки ҳеч иртиботе бо шахси худи вай надорад, танқид бикунад. Воситзода чун дид, ки касе ихтиёрӣ аз сиёсати интернасионалистии партия ва давлат пуштибонӣ карданӣ нест, нигоҳашро ба ҷустуҷӯ фиристонид ва Обидовро пайдо карду бархезонд ва ҳидояташ ҳам намуд, ки чӣ бигӯяд:
- Рафиқ Обидов, канӣ шумо ба унвони муҳаррири ботаҷриба ва собиқадори нашриёт чӣ назар доред, чӣ мегӯед дар ин бора! Оё ба ҳамин хел саҳлангориву иштибоҳ, не, не, иштибоҳу саҳлангорӣ ҳам гуфта намешавад ин корро, ба ҳамин тавр хатокориву бемасъулиятӣ роҳ додан мумкин аст?
Обидов бо душворӣ ва дили нохоҳам аз ҷой баланд шуд. Имдодҷуёна ба атроф нигарист, вале чун дид касе ба ёриаш намешитобад, маҷбур гулӯ тоза карду сар кард ба сухан гуфтан. Дар бораи муносибати муаллиф ва муҳаррир, масъулияти тарафҳо хеле гап зад, вале як ҷумлае, ки ба хости дили райис бошад, аз даҳонаш берун наомад. Воситзода бештар ба ғазаб омад, вале изҳор накард. Метавон гуфт, вай ба Обидов бо умед сухан дода буд, итминон дошт ба торҳои нозуки эҳсосоти ӯ нохун задааст; мегуфтанд, Обидов аз яҳудиёни мусалмоншудаи Бухорост ва райис, эҳтимол интизор дошт, ки он хуни қадим ба ҷӯш меояд ва Обидов суханоне мегӯяд, ки бидуни костану афзудан, бе таҳрир дар суратҷаласа мешавад навишт. Ва аммо зоҳиран Обидов намехост гумон баранд, ки вай ҳанӯз бо яҳудият пайванд дорад ва дарди яҳудиёнро дарди худ мешуморад ва ё шояд намехост бе ваҷҳе ба муҷозот шудани

Маҳбуба Сироҷева, ки ҳар рӯз бо вай рӯ ба рӯ мешуд ва гарм пурсупос мекарданд, мусоъидат намояд. Воситзода бо ранҷиш аз ӯ рӯй тофт. Ва чун дид, ки ман даст бардоштам, хурсанд шуд, чашмонаш барқ заданд, гумон кард ҳарфҳои савоби ман бефаҳмии Обидовро талофӣ мекунад.

- Марҳамат, марҳамат, рафиқ Азизқулов, гап занед, бинем, комсомолон, наслиояндаи ватанамон чӣ назар доранд!

- Аввал ин ки, ки ҳикоёти «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» дар асрҳои миёна таълиф шудаанд ва муҳаррир ҳақ надорад, ҷумлаҳои онро ихтисор ва ё таҳрир кунад, ки баробар бо таҳриф аст. Дувум, ин ҷумла назари як нафар дар бораи як нафари дигар аст ва рабте бо муносибати мусалмонон ба мардуми яҳудӣ надорад. Севум, намунаҳои назари зидди яҳудӣ дар адабиёти рус фаровон аст, аз ҷумла, нависандаи бузург Федор Михайлович Достоевский гуфтааст, ки «евреи погубять Россию» ва китоби Достоевский бо миллионҳо тирож гаштаву баргашта чоп шудааст. Нависандаи маъруфи муосири рус Виктор Астафьев дар романи «Детективи ғамгин» дар мавриди қаҳрамонаш бо лаҳни истеҳзо мегӯяд, ки «он учился в пединституте вместе с семнадцатью еврейчатами»! Чаро Маскав дар ин бора сухане намегӯяд, ба чопи ин китобҳо иҷозат медиҳад ва акнун ба як ҷумлаяки китоби мо эрод мегирад?

Воситзода мабҳут шуд, лол монд, сурхи сурх шуд—ҳам барои он ки суханони ман муғойири он чӣ буд, ки вай интизорашро дошт ва ҳам барои он ки ҷавобе омода ба ин суханон надошт.

Ман нишастам ва дафъатан Искандар Ҳамроқулов бархост.

- Дуруст мегӯяд Абдуқодир, дар адабиёти рус таҳқири яҳудиён бисёр аст, нависандагони бузурги рус яҳудиҳоро бо номи таҳқиромези «жид» ёд кардаанд. Ҳеч кас барои ин кор Толстойу Чеховро танқид ҳам накардааст. Ин адабиёт аст, аз адабиёт сиёсат ҷустан мумкин нест.

- Шинед-е, шинед - тоқати Воситзода тоқ шуд, баррасии китоб, саҳеҳтараш як ҷумлаяки носавоби он на бо маҷрое ҷорӣ буд, ки вай мехост.

Ӯ ваъда кард, масъалаи фаъолияти минбаъдаи рафиқон Азизқулов ва Ҳамроқулов дар нашриётро баъдан махсус баррасӣ хоҳад кард ва ба Маҳбуба Сироҷева – муҳаррири «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» выговор эълон кард ва бо осемасарӣ маҷлисро хотима дод.

Аммо даҳ рӯз аз миён гузашт ё не, ки боз муҳаррионро дар дафтари райис ҷамъ оварданд. Боз баррасии китоби «Ҷомеъ ул-ҳикоёт» буд, саҳеҳтараш байте аз он, ки ба сурати зайл аст:

Занонро нашояд на тоҷу на тахт,
Ғуломи сияҳ бошаду к… сахт.

Воситзода, ки аз баррасии умумии китоб дар нишасти гузашта таҷрибаи талх андӯхта буд, ин бор муҳарриронро танҳо барои он ҷамъ карда буд, то ки суханаш ва ҳукмашро гӯш бикунанд.
- Чи тавр зани тоҷик ин байтро хонда шарм накардааст, иҷозат додааст, ки ин тавр фаҳш чоп шавад!? Оё ҳамин тавр байти зиддиахлоқиро ба хонанда пешниҳод кардан мумкин аст?
Воситзода осемасар ба М. Сироҷева ин бор выговори ҷиддӣ («строгий выговор») эълом карду маҷлисро ҷамъбаст намуд.
Аммо қазия бо ҳамин поён наёфт. Пас аз ду моҳ Кумитаи табъу нашр тасмим гирифт, саҳифае, ки ин байт дар он омада, бо саҳифаи нав иваз карда шавад. Чанд ҳазор нусха аз он саҳифа чоп карданд. Вале китоб кайҳо ба шаҳру вилоятҳо ирсол шуда буд. Акнун бояд кормандони нашриёт ба вилоятҳо сафар мекарданд ва он сафҳаи «нангин»-ро даронда ба ҷояш сафҳаи нави баодобона мечаспонданд. Ва аммо боз масъалаи дигар пеш омад. Дар ин муддат дар заминаи шуъбаҳои адабиёти бадеии нашриёти «Ирфон» нашриёти нави «Адиб» таъсис ёфта буд. Акнун баҳс дар сари он буд, ки иваз кардани сафҳаи беадабонаро кудом муассиса бояд анҷом бидиҳад: «Ирфон» ё «Адиб». Дар «Ирфон» мегуфтанд, шуъбае ки ин китобро омодаи чоп карда, дигар мутааллиқ ба «Адиб» аст, кормандоне, ки боиси судури ин хато шуда низ дар «Адиб» кор мекунанд ва масъулияти китоб ҳам бар дӯши масъулони ин нашриёт бояд бошад. Дар «Адиб» гуфтанд, китоб бо тамғаи «Ирфон» чоп шуда ва дар он замон «Адиб» ҳатто вуҷуд надошт, чи тавр метавонад фарзанд бузургтар аз модар бошад?! Баҳс бо он поён ёфт, ки қарор карданд, ба вилояте намояндагони «Ирфон» бираванд ва ба вилояти дигар намояндагони «Адиб». Ду нафар муҳаррирони «Ирфон»-ро ба маркази вилояти Ленинобод эъзом карданд. Вале чун онҳо ба Хуҷанд омаданд, дар анбори китоб танҳо ду баста аз ин китоб монда буду бас! Онҳо ҳамин ду бастаро боз карда он сафҳаро бо «ғуломи сиёҳаш» даронда ба ҷояш саҳифаи нав часпониданд ва баргаштанд. Масъулин ҳам ба натиҷа расиданд, ки кор аз кор гузаштааст ва акнун ба вилоятҳои дигар сафар кардан суде надорад.

## ЧИ ТАВР АЛИШЕРИ ДЕҲОТӢ СССР-ро БАРҲАМ ЗАД

Алишери Деҳотӣ – муҳаррири калони нашриёти «Ирфон» бори охир бо ҳавсалаву диққат ҷилди ҳафтуми китоби «Бо роҳи Ленин»-и Л. И. Брежнев – котиби генералии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравиро хонд, мамнун аз итмоми кор чойи таҳи пиёларо нӯшид ва бо манзури чопи китоб дар сафҳаи аввалаш муҳр заду имзо кард, имзои мудири шуъба ва сармуҳаррирро ҳам гирифт ва ба матбаа фиристод. Ва даҳ дақиқа гузашта буд ё на, радио хабари марги

Леонид Иличро пахш кард. Ва ҷилди ҳафтуми осори Л.И. Брежнев ба забони тоҷикӣ чоп нашуд.

Пас аз шаш моҳ Алишери Деҳотӣ аввалин китобчаи К.У. Черненко ба забони тоҷикиро таҳрир карду ба матбаа фиристод. Аммо миқрози аҷал риштаи умри Константин Устиновичро бурид ва ин китобча ҳам ба дунболи муаллифаш ба мулки адам – бойгонии нашриёт рахт баст.

Соле аз миён гузашт ё не, ки матни тоҷикии китобчаи Ю. А. Андропов дар рӯйи мизи таҳрири Алишери Деҳотӣ қарор гирифт. Алишер ин китобро ҳам бо ҳавсалаи тамом хонду веросторӣ кард, ғалатгирӣ намуд ва имзо карду ба чопаш иҷоза дод, вале Азроил, ки рӯихотирбинӣ намекунад ва миёни пиру ҷавон ва шоҳу гадо фарқе намебинад, ба китоби умри Юрий Александрович ҳам нуқтаи таммат гузошт ва идеологҳои ҷумҳурӣ низ дигар лозим надонистанд, китобаш ба тоҷикӣ чоп шавад.

Боз чанд моҳ сипарӣ шуд ва инак Абдураҳмон Олимов мудири шуъбаи нашриёт китоби тарҷумаи тоҷикии суханрониҳои котиби генералии навбатии Ҳизби Коммунист – М.С. Горбачёвро ба назди Алишер овард, ки веросторӣ кунад. Аммо Деҳотӣ, ки марди ҳалим ва коршикаста буд, бо қатъият сар печид, гуфт, китоби Горбачёвро веросторӣ нахоҳад кард. Ва умуман, гуфт, беҳтар аст, ки пас аз ин китобҳои сарони ҳизб ва давлати советиро муҳаррири дигаре веросторӣ намояд, ба хусус китобҳои М.С.Горбачевро.

Алишер, ки дар миёни веростории худ ва марги котибони генералии Ҳизби Коммунист иртиботи мармузеро пай бурда буд, изҳор намуд, ки Горбачёвро дӯст медорад, ин мард суханони маъқул бисёр мегӯяд ва садояшро паст карду афзуд, ӯ намехоҳад, ки Михаил Сергеевич гуфтаҳои худро амалӣ накарда бимирад. Олимов ноилоҷ монд ва веростории китоби Горбачевро ба муҳаррири дигар вогузор кард.

Боз чанд соле сипарӣ шуд ва мардум субҳе аз хоб бархостанду кишвари бузурги Иттиҳоди Шӯравиро фурӯпошида диданд.

Дар Тоҷикстони соҳибистиқлол ҷанги дохилӣ сар зад, қаҳтӣ, гуруснагӣ, бемориҳое, ки чиҳил -панҷоҳ сол боз номашон ба мулки фаромӯшӣ рафта буд, домангири мардум шуд. Абдураҳмон ҳам гоҳе ки барои гурез аз ин воқеъияти тазйиқовар қадаҳе шароб мехӯрд, хитоб ба Алишери Деҳотӣ мегуфт, «ба ҳамааш ту гунаҳкорӣ, ошно, Иттифоқи Советиро тую Горбачёф вайрон кардед, аммо гуноҳи ту бузургтар аст, агар ҳамон вақт китобашро мегирифтию таҳрир мекардӣ, Горбачёф фурсат намеёфт, ки моро ба чунин рӯз гирифтор кунад».

## ЧОЙ, ПАПИРОС, НОС. НОС ВА ИНҲИТОТИ ҚАВМИ ТОҶИК

Ду донишҷӯи тоҷик дар табақаи дувуми чойхонаи ”Роҳат” ба баҳс пардохтанд. Баҳсашон шиддат ёфт. Чун хурӯсҳои ҷангӣ гардан ёзонданд, чашмошон дурахшид, биниҳошон теғ гирифт, ёдоваре аз баҳсҳои шогирдони мадориси Бухорои Шариф буд, ки устод Айнӣ тасвир кардааст. Вале, албатта, баҳсашон аз ”қилу қоли мадраса” набуд, аз пуштибонию мухолифати тимҳои футбол ҳам набуд, дар боби имтиёзу зиёнҳои носу сигарет баҳс мекарданд, ҳама баҳсашон дар атрофи накуиш ва накӯҳиши папиросу нос мечархид. Яке папиросро месутуду носро наҳ мезад, дигаре қадри носро боло бурда дар осмони чаҳорум, дар миёни Хуршеду Исои Масеҳ ҷой медод ва папиросро ба асфаласофилин ва ё мағзи ҷаҳаннам меафканд.
Баҳс хеле тӯл кашид, инаш гуфту онаш шунид, онаш гуфту инаш шунид, баъд инаш гуфту онаш нашунид, онаш гуфту инаш нашунид, фақат мо атрофиҳо мешунидем, вале кирои шунидан надошт; бештар далоилашон сусту заъифу фаҷу бе маънӣ буданд. Агар хулоса кунем, ин яке сигарету папиросро нишонаи пешрафту рушд ва носро иллати ақабмондагӣ дониста ва барои тақвияти андешааш вазъи кишварҳои ғарбӣ ва ҳоли мардуми тоҷику ӯзбакро мисол овард. Он дигар носро самбули миллӣ унвон кард ва бовар дошт, дар замоне ки расму ойин, фарҳанг ва ҳунари бегонагон, дар ҳама дунё мусаллат мешавад, нос аз муассиртарин васоилест, ки вежагии миллии моро ҳифз менамояд ва бо ифтихор онро ”хоки Ватан” хонд.
Ниҳоят баҳс ба ҷангу занозанӣ пайваст; даст ба гиребон шуданд, кашталхо дарид, тугмаҳо парид, дандоне шикаст, аз биние хун омад ва чойники нимапур аз рӯи кат уфтоду шикаст.
Гиребон гиребони пираҳани худашон буд, бинию дандон ҳам қисмате аз каллаву даҳони ҷангараҳо буд ва ҷанг ки шуд, аз инчунин талафот гузиру гурез нест, албатта. Вале чойник моли чойхона буд, ”Роҳат” бе ин ҳам чойник кам дошт ва ин амр гоҳе боиси ҷанҷоли муштариён бо масъулони чойхона ва чойхоначиҳо мешуд. Ва акаи Ҷамшед, ки бо завқ, гӯйӣ ҷанги хурусҷӯҷаҳоро тамошо мекард, пас аз шикастани чойник, давида ба миён даромаду ҳар дуро ба ду тараф тела дода, ҷудо кард ва ба сӯи яке нигаристу ”бар падари касе, ки папиросу папиросакашия расм кардаст, лаънат”, гуфт, ба ҷониби дигаре гашту ”бар падари носу носкашия баровардагӣ ҳам лаънат” гуфт ва чун бо ин ҳама қаҳраш ва алами шикастани чойник паст нашуд, «бар падари ҳар дуи ту ҳам лаънат» гуфт. «Ба чойхона, -

гуфт, - барои чойхуриву дамгирию ғубори дил баровардан меоянд, гапи носу сигаретатон бошад, дар қади кӯча гуфтан гиред, охир».

Акутагава Рюноскэ аз густариши сигоркашӣ дар кишвари худ ба сутуҳ омада, вуруди тамоку ба ватанашро ”Шайтон дар Жопан” унвон карда буд. Ин ҷавонмарги хушбахт мурд рафту хабар наёфт, ки аз ин шайтони амрикоӣ на танҳо сигарету папирос, балки нос ҳам мекунанд.

Вақте ки дар хусуси вежагиҳои зиндагии мардуми тоҷик суол ба миён меояд, дар қатори чанд чиз ҳатман аз чой ва нос низ ёдовар мешаванд; дар ҳеч кишвари дунё ин қадар чой наменӯшанд, ки дар сарзаминҳои тоҷикнишин, ва агар ӯзбеку туркману паштуро ба ҳисоб наоварем, ки дар густураи фарҳангии тоҷикон ба сар мебарад ва дар ҳар кор аз тоҷик пайравӣ мекунанд, ҳеч қавме ҷуз тоҷик нос намекашад..
Албатта, чиниҳо ва жопаниҳо маросимҳои чойнӯшӣ доранд, ки муқаррароти вежа дорад ва тоҷикон чунин маросимҳо надоранд, аммо бояд донист, ки маросими чойнушии чиниву жопанӣ дар ҳошияи зиндагии онон қарор дорад ва чойнӯшии тоҷик дар бофти зиндагии ӯст, яъне чойнӯшиаш аз зиндагиаш ҷудоӣ надорад. Чойи сабзу носи сабзина чунон ба зиндагии хурду калони тоҷик ворид шуда,ончунон дар ин зиндагӣ мустаҳал гашта, ки гӯйӣ аз замони пайғамбар Зардушт мутадовил будаанд.
Аммо ҳам чой ва ҳам нос бештар аз ду қарн, дар авохири садаи ҳаждаҳуми милодӣ ба ҳаёти тоҷикон ворид шудаанд. Ва ба тахмини наздик ба яқини ин банда ҳардуро ҳам ба Осиёи Миёна русҳо ворид кардаанд. Албатта, бархе далоиле ҳаст, ки бар асоси он метавон ҳадс зад, нос аз Ҳинд, ки дар он ҷо “нес” меномандаш ва аз назари таркиб шабоҳате наздик бо носи тоҷикон дорад, вале на дар зери забон, балки дар васати лабу дандон мегузорандаш, ворид шуда. Вале, далоилу бароҳин бештар ба вуруди ҳам чой ва ҳам нос аз Русия гувоҳӣ медиҳанд. Ва далели асосӣ ҳам ин аст, ки ҳарду баробар бо вуруди русҳо ба Осиёи Миёна пайдо шуданд. Дар ин амр нукоти печидае ҳаст, ки гиреҳашонро бо ақл наметавон боз кард. Аввал, тоҷикон ки аз қадим бо Чин – ин сарзамини парвариши чой ва дорои суннатҳои дерини чойнӯшӣ равобит ва доду ситад доштанд, чаро то поёни қарни ҳаждаҳум чой масраф намекарданд? Дигар, агар истеъмоли нос аз русҳо ба тоҷикон мунтақил шуда, пас чаро худи русҳо имрӯз нос намекашанд? Посухи ин пурсишҳоро намедонем ва таҳқиқи ин мавзуъҳоро ба муҳаққиқини оянда вогузор мекунем. Ва аммо дар мавриди вожаи ”нос” ва шеваи истеъмоли ин модда бояд гуфт, ки калимаи русии ”нос” (бинӣ) дар мавриди мавзуъи мо

кутоҳшудаи вожаи дигари русии ”носовой” аст, ки ”мавод барои бинӣ” маънӣ дорад. Русҳои чанд қарн пеш ин маводи таҳияшуда аз тамокуро дар сӯрохи димоғ мегузоштанд, онро ташаммум мекарданд, атса мезананд ва хумор мешикастанд, ё худ кайф мекарданд. Тоҷик онро каме тағйир дод, чизҳое ба он афзуд ва ҳай дареғ, сад дареғ, ки маҳалли истеъмоли онро низ аз сӯрохи бинӣ ба зери забон мунтақил сохт. Таърих, мутаассифона, исми нахустточикеро, ки нос сохту нос кашид, маҳфуз надоштааст, то муҷассамаашро дар маркази Душанбе бигузорем, ҳар вақт ки хостем ба пояи ин муҷассама оем ва ба ҳафт пушташ лаънат бифиристему дилро каме таскин бидиҳем.

Вале ҳам нос ва ҳам чой хеле зуд дар миёни мардуми тоҷик интишор ёфт ва бо итминон метавон гуфт ”сарҳадди тоҷик” на танҳо ”забони тоҷик”[1] аст, сарҳадди тоҷикро нос ҳам мушаххас мекунад, ҳар куҷо ҳадди ақалл се нафар тоҷик ҳаст, нос ҳам ҳаст.

**Ҳикоят.** Дӯсте ҳикоят кард, ки дар замони донишҷӯйӣ мо – ҳудуди 40 нафар аз Институти варзиши Тоҷикистон гурӯҳи студентони бинокор ташкил кардему ба Челябинск рафтем. Рӯзи аввал, ки расидем, устодамон, ки ба унвони райис моро ҳамроҳӣ мекард, моро даъват намуд, ки ҳамроҳаш ба бозор равам, то барои гурӯҳ маводи ғизоӣ бихарем. Дигаронро гуфт, зинҳор то омадани мо аз маҳалли хоб дур нараванд, чун ҳанӯз шаҳрро намедонем ва хӯю хислати мардумашро намешиносем, мабод суъитафоҳуме рух бидиҳад. Пурсуҷӯ кардему ба автобусе нишастем ва дар истгоҳи бозор пиёда шудем. Ба назди дарвозаи бозор, ки расидам, дидам муаллим дар канорам нест. Ба ақиб нигаристам, ки муаллим даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар сари по нишаста бо диққат ба замин менигарад. Сар бардошту моро ба наздаш хонд. Рафтам. Гуфт, ин падарлаънатҳо гурехтаанд. Кӣ? – суол додам ман. Кӣ мешуд, ҳамкурсонат, ҷӯраҳот, гуфт. Э, не муаллим, гуфтам, ҳоло фурсате нашудааст. Мана аҳмақ гумон мекунӣ, гуфт муаллим, ин носа ба ғайр аз бачаҳои мо кӣ дар ин ҷо туф мекунад? Муаллим бо ангушт ба замин ишора кард. Нос ҳанӯз хушк нашуда буд.
Вақте ба бозор даромадем, воқеъан ҳам ду нафар шарикдарсонамро дидем, ки даст дар киса дар байни радаҳо сайругашт мекарданд.

Тоҷикони ду қарн пеш дар амри пазириши ин ду – чой ва нос он қадар ваҳдат ва якпорчагӣ нишон доданд, ки боиси ҳайрат ва ҳасади мо тоҷикони имрӯз аст. Агар ниме аз ин ваҳдатро дар замони ҳамлаи ғузу муғулу манғит нишон дода буданд, шояд ба рӯзҳое сахте, ки

---

[1] Ишора ба сурудаи Бозор Собир «Дар њаду сарњадшиносии љањон Сарњади тољик забони тољик аст» аст аз шеъри машњури ў «Забони модарї».

дар масири таърих дучор омаданд, гирифтор намешуданд ва ба эҳтимоли зиёд ба дарди носу носкашӣ низ мубтало набуданд ва мо низ шояд, имрӯз ҳоли беҳтаре доштем ва аз сардиҳои зимистон намеларзидем ва аз торикиҳояш ба сутуҳ намеомадем.
Зеро мо носро ҳам натиҷа ва ҳам боризтарин намуна ва самбули инҳитоти мардуми тоҷик медонем.
Пас аз суқути Сомониён мардуми тоҷик, ба хусус дар Мовароуннаҳр пайваста дар нишеби инҳитот гом мезад. Кисоӣ дурусту рост фармуда, ки

Ба аҳди давлати Сомониёну Балъамиён,
Чунин набуд ҷаҳон, бо ниҳоду сомон буд.

Бо Носири Хусрав низ мувофиқем:

Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,
Дигаргуна шудаш аҳволу сомон.

Хулоса назҳати миллӣ ва фарҳангии аҳди Сомонӣ ончунон неруи бузургу азим ва созандае буд, ки мардуми тоҷикро, бо он ки ҳама ваҳоеъи таърих дар ин сомон ва таи қарнҳои дароз ба рағми вай будааст, аз маҳв шудан маҳфуз дошт.
Вале ҳуҷумҳои пай дар пайи ақвоми бегона ва аз назари фарҳангӣ ақабмонда, адами неруи муқовимат бо ин селҳои тахрибкори таърих, оҳиста- оҳиста боъиси заъфи неруи халлоқа ва маънавии мардум шуд. Дар садаҳои XYII то XIX ин заъфи маънавӣ ба ниҳоят расид. Агар боз ҳам ба баҳси чой ва нос руҷуъ кунем ва биандешем, дармеёбем, ки тоҷикон бо андаке неруи боқии халлоқа чойу чойнӯширо пазируфтанд ва низ ба иллати заъфи ин неру носу носкаширо. Сабки иншои ин китоб иҷоза намедиҳад, дар ин хусус бо тафсили бештар ва амиқтар суҳбат кунем ва ин амрро ба замони дигар ва мавриди дигар мавкул мегузорем. Аммо он чи дар ин маврид метавон афзуд, ин аст, ки нос бо он ки хеле зуд ба зиндагии тоҷикон ворид шуд ва густариш пайдо кард, боъиси баҳсҳои шадид дар ин ҷомеъа низ шудааст.

**ЁДДОШТ.** Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоеви марҳум – сардабири рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар нимаи дуюми солҳои 80-ум мақолае ба унвони ”Нос ва кӯчаҳои ифлос” дар ин рӯзномаи асосӣ ва марказии Тоҷикистон интишор дод ва ин мақола боиси баҳсҳои шадид дар миёни ҷонибдорон ва мухолифони носкашӣ шуд. Ва аммо шояд бисёр касон намедонанд, ки ин шумораи рӯзнома, ба иллати ин мақола қариб буд чоп нашавад ва ё ҳадди ақалл бо таъхири барои

рӯзномаи аввали ҳизбу давлат бесобиқа ба дасти хонандагон бирасад.
Зеро коргари чопхона - мутасаддии ҳуруфчинии “Ҷумҳурият” носкаши ашаддӣ буд. Худаш бисту шашсола беш набуд, вале собиқаи носкашии бисту яксола дошт. Ин ҳуруфчин нос ба зери забон партофту бо шавқ матлаби навбатиро пеш кашид, дар канори мошини чоп гузошт ва хост ба ҳуруфчинии он шуруъ кунад, вале сарлавҳаи онро: ”Нос ва кӯчаҳои ифлос” хонду даст аз ҳуруфчинӣ боздошт ва ба хондани мақола сар кард. Бо хондани ҳар сатр хашму ғазабаш бештар мешуд ва ниҳоят ба ҳадде расид, ки дигар натавонист бихонад, бо кароҳат, бо нӯги ангуштон- чунонки ҳашараи кареҳманзарро - сафҳаҳоро рӯфту ба фарш афканд, коғазеро печонду носи даҳонашро туф кард ва ба зери мошини ҳуруфчинӣ партоб намуд, шишаи носашро баровroutеrдو дубора нос ба зери забон партофт ва дастонашро ба пушт ҳалқа карду ду бор аз ин тараф ба он тарафи чопхонаи бузург рафту омад. Ғазабаш каме поён ёфт, албатта, вале на ба ҳадде ки тавонад ин мақоларо ҳуруфчинӣ бикунад. Чун ба сари дастгоҳ менишаст, ғазабаш дубора ҷӯш мезад ва чун даст меёзонд, ки сафҳаҳоро аз замин бардорад, дастонаш меларзиданд. Мисли ин буд, ки агар ин мақоларо ҳуруф бичинад, хиёнат ба Ватан мекунад. Ва рӯйи сина даст ба даст печонда дар канори дастгоҳаш нишаст.
Ва аммо навбатдори нашрия дар чопхона ду сафҳаи рӯзномаро хонду имзо кард ва интизори сафҳаи сеюм чой нӯшида нишаст. Вале чойники чой тамом шуд, ду сигор кашида шуд, муддати мадиде сипарӣ гардид, чанд бор ду-се дақиқа хоби нӯги бинӣ ҳам рафту бедор шуд, вале аз сафҳаи севум хабаре набуд, наовардандаш. Навбатдор бархосту ба назди ҳуруфчин омад ва дид, ки вай бекор, ду даст ба ҳам печондаву рӯйи сина гузошта, мисли мулӯҳи паси шишаи мағоза дар канори дастгоҳаш нишастааст. Хост суоле кунад, вале чашмаш ба варақҳои парешон афтод, хам шуду варақҳоро бардошт. Ба суолҳои рӯзноманигор, ки чаро бекор нишастааст, ҳанӯз ду сафҳаи дигар ҳуруфчинӣ нашудааст, чаро ин варақҳо рӯйи фарш, дар зери пойҳо паҳну парешон хобидаанд, оё медонад, ки ин мақоларо худи сардабир навиштааст ва оё ҳеч медонад ифтихори ҳуруфчинии чӣ рӯзномаеро мушарраф шудааст, ҳуруфчин эълон кард, ки дигар ягон матлаби рӯзномаи “Ҷумҳурият”-ро ҳуруф намечинад, ҳар ки майл дорад кунад, вай дигар даст намерасонад. Навбатдор ҳарфе нагуфт, насиҳат ва дӯғу пӯписаро беҳуда донист, агар чанд сол қабл буд, медонист чӣ гӯяду чӣ кунад, вале ҳоло зери лаб ”ба ҳамааш Горбачев гунаҳкор” гуфту ба назди мудири шуъбаи чопхона рафт. Мудири шуъба ба шунидааш бовар накард. Се сол қабл ин ҷавон чанд нафарро восита карда ба ин шуъба, ки моҳонаи

бештар аз дигар шуъбаҳо дошт, ба унвони шогирд истихдом шуда буд. Мудири шуъба ончунон ба ғазаб омад, ончунон ба хашм омад, ки натавонист то расидан ба назди ҳуруфчин таҳаммул кунад ва аз дур фарёд кард, ки мехоҳӣ ҳамин ҳоло аз кор дафъ кунамат. Ҳуруфчини носкаш посухе надод, вале чун мудири шуъба ба наздаш расид ва таҳдидашро такрор кард, бе ҳеч тарсу ибо гуфт, ҳатто аз кор пеш кунадаш ҳам, дигар як сатри ”Ҷумҳурият”-ро намечинад. Ҳар нашрияи дигарро бошад ҳуруфчинӣ мекунад, вале ”Ҷумҳурият”-ро не. Мудири шуъба ҳам лол монд, ҳам тарсид. Он чи ки лолаш кард, посухи ғайриинтизори ҳуруфчин буд. Вале ин посух тарс низ зоид, тарси дугоник зоид. Тарси аввал, ин ки ин ҳуруфчини аблаҳ, ба эҳтимоли қавӣ пуштибони тавоное пайдо карда, вагарна чунин посух намедод, дигар ин ки агар ба сабаби қаҳри ин аҳмақи худобехабар муҳимтарин рӯзномаи ҳизбу давлат дар вақти муъаяну муқаррар ба дасти хонандагон нарасад, фардо албатта, намепурсанд ки ҳуруфчин кӣ буд, балки чормағз ба сари ӯ мешикананд. Ин аст, ки чун дид, ҳуруфчин шишаи нос бароварду ба таҳи забон партофт ва бо ҳамин гуфт, гап тамом, вай бештар тарсид. Вале зуд худро ба даст гирифт, изтиробашро зоҳир насохт, агарчи чанд сол қабл тарки носкашӣ карда ва фақат гоҳ-гоҳе дар лаҳзаҳои хурсандӣ хуморшиканӣ мекард, бо он ки ҳоло чунин лаҳзаи хурсандӣ набуд, бо табассуми тамаллуқомез шишаи носи ӯро хосту низ як каш ба зери забон партофт ва чун дид гардани ҳуруфчин хеле нарм шуд, ӯро маҳрамона аз зери каш гирифта бурду ҳардуро бо ҳуруфчини “Омӯзгор” иваз кард ва оҳи сард аз дили пурдард кашид.

*ЛАТИФА.* Аз марде ривоят мекунанд, ки дар яке аз деҳаҳои Киштӯд мезист ва носкадуе дошт. Носкадуяш хеле зебо буд, мунаққашу симкӯб ва мард ҳар бор, ки мехост нос бикашад, қаблан носкадуро ламс мекард, бӯяш мекашид, ним соат ба ин маъшуқа менигирист ва чашмонашро об медод, ё ба истилоҳи адабиётшиносон бигӯям, лаззати эстетикӣ мегирифт. Иттифоқан рӯзе, ин мард барои қазои ҳоҷат ба мабраз нишаст ва носкаду аз кисаи шалвораш ба ҳоҷатхона уфтод. Чун нусхаи дигаре аз ин носкаду дар ақсои ҷаҳон вуҷуд надошт (яъне дар тамоми Тоҷикистону Ӯзбакистону Афғонистон), чун ин носкаду бахше аз зиндагии мард шуда буд, хобу хӯрдро аз ӯ рабуд ва мард тасмим гирифт, чӯбҳои мабразро дарбиёвараду носкадуро бигирад. Вале дар шаку тардид буд, ки оё носкаду баъд аз уфтодан ба мабраз ҳалол аст ё не ва оё метавон аз он истифода кард. Субҳи дигар аз хоб бархост, харро зин зад, савор шуд ва рафт ба Ғӯйтан, ба назди мулло Одина ва арзи ҳол кард, ки чунон буду чунин шуд, чи мегӯед, пеши потон мурам, агар носкадуро аз ҳоҷатхона берун биёраму бишӯям, ҳалол мешавад ё не?

Мулло Одина (раҳматуллоҳи алайҳ) пурсиданд: носкаду, ки ба мабраз афтод, даҳонаш баста буд ё кушода.
Баста буд, ҷавоб дод, соҳиби носкаду.
Мулло Одина, раҳматӣ гуфтанд, хуб аст, ки даҳонаш баста буд, вагарна мабразат ҳаром мешуд ва қазои ҳоҷати марди бонамоз дар он муҷоз не.

**Ёддошт.** Боре ба дидори дӯстам, ки сардухтури бемористон аст, рафтам. Хурсанд буд; бемористонро тоза таъмир карда буданд. Дидам зинаҳои байни табақаҳоро ранги сабз задаанд. Сабаб пурсидам. Чеҳрааш турш шуд, ба атроф нигарист, даҳон фарогӯшам овард ва ба садои паст гуфт: агар нос туф кунанд, наменамояд.

**Ёддошт.** Дар аввалин соли истиқлоли Тоҷикистон чанд нафар аз равшанфикрони тоҷик бо даъвати давлати Эрон ба Теҳрон рафтанд**.** Чун равобит тоза барқарор шуда ва ҳанӯз бародарони зиндаҷудо аз дидори гарми ҳамдигар сер нашуда буданд, мизбонон меҳмононашонро хеле иззату эҳтиром карданд, аз шаҳр ба шаҳр мебурданд, лутфу меҳрубониҳо мекарданд. Ҳеч камбуде ва эроде набуд, ба ҷуз ин ки раҳбалад пайваста лаб ба шикоят аз бародари севум дошт – пайваста афғонҳоро наҳ мезад. Ин амр ба яке аз меҳмонон хуш наомад, чанд бор бечуръатона «э не-е-е, ин тавр набудагист» гуфт, вале раҳбалад «ҳамин тур, оқоҷон, хамин тур, ман ки медонам» мегуфт ва боз дар ҳар маврид ба интиқоди бародарони афғонистонӣ идома медод. Ниҳоят меҳмони тоҷикистонӣ баҷуръаттар шуд ва изҳор кард, ки вай, мизбон бояст дигар ҳаргиз чунин ҳарфҳои бадро дар бораи афғонистониҳо, ки низ бародари мо ҳастанд, нагӯяд, зеро бо чунин гапҳо ба осиёби душманон об мерезад. Мизбони эронӣ бо ҳайрат ба меҳмони тоҷик нигарист ва гуфт:
- Оқоҷон, чаро аз ин ҳарфҳо нороҳат мешавед, магар шумо намедонед, инҳо, ки нос мекашанд?!
Ва меҳмони тоҷик дигар то поёни сафар ба ҳимояти бародарони афғонистонӣ лаб боз накард ва пайваста дар тарс буд, ки мабод мизбон азноскашии тоҷикон низ хабар ёбад!

**Ривоят** аст, ки нос дар Бухорои қарни 19 боиси баҳси фақеҳон шуд. Гурӯҳе бар ин будаанд, ки нос кашидан дар рамазон муҷоз аст, чун аз гулӯ ба зер намеравад, балки аз таҳи забон бозпас ба замин туф карда мешавад. Гурӯҳи дигар мухолиф бо ин амр буданд. Ва чун табиъист, ки дар ҳеч китоби фиқҳ ин масъала вуҷуд надошт, баҳсашон тулонӣ шуд. То замоне ки гурӯҳе аз муллоён, ки дар лаби ҳавзи Девонбегӣ нишаста буданд, диданд машкобе омад, сусту кунд

по мекашид, машки обро фурӯ гузошт, нос кашид ва дубора машкро бар дӯш гирифту бо шитоб рафт. Садо кардандаш. Омад. Пурсиданд: "Сабаб чист, ки сусту кунд пой мебардоштӣ, чун нос кашидӣ, қадамат тезтару калонтар шуд". Гуфт, носро, ки кашидам, гӯйӣ неруи тоза ёфтам.

Ва фақеҳони Бухоро носкашӣ дар моҳи шарифро ҳаром ва мамнуъ эълом карданд.

Вале, аҷаб нест, ки ин ривояти ба зоҳир мухолифи нос ва дар асл дар таърифу тавсифи он, бофтаи носкашон бошад барои тақвияти мавқеъи нос ва носкашон дар ҷомеъа.

Ин ки дар байни ҷонибдорон ва мухолифони нос баҳсу мунозараҳои шадид дармегирифта, метавонем дар фолклор бибинем. Аҷабам омад, вақте китоби "Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ"-ро варақ задам ва дидам носкашони тоҷик чи қадар «зарбумасал» ва масалгуна дар боби ин лаънатӣ эҷод кардаанд. Хонеду "кайф" кунед:

*Аз рафиқи бемурувват гарди носам беҳтар аст*
*Нос гуфтааст: аз ту кафак, аз ман кайфак.*
*Носа кашад гулписар, тоза шавад мағзи сар.*

Ва ҳам зидди нос:
*Ҳар ки носак мекашад, дар гӯр улосак мекашад.*
Ва низ ҳикояте машҳур аст, ки марде носкаду берун оварду нос кашид ва ба шавқ омаду суруд:

Бузургон номае оғоз карданд,
Ҷавоҳирпораеро нос карданд.

Ва чун хост носро туф кунад, даҳону ришу муйлабаш олуда шуд. Духтараш, ки ҳозир буд, бадоҳатан гуфт:

Илоҳӣ, гум шавад номи бузургон,
Даҳону ришу лаб ифлос карданд.

Афсус, ки қиссаҳои нос ва сухани нос поён надорад ва мо ба дуъои ин духтар, - Худо ӯро аз биҳишти аъло ҷой бидиҳод – шарик мешавему бо ҳамин қадар иктифо мекунем.

# ИМТИҲОНИ МУАЛЛИМ ТАБАРОВ

Имтиҳони муаллим Соҳиб Шуҳратиевич Табаров ду тафовути куллӣ аз имтиҳони ҳамаи устодони дигар дошт; аввал, ҳамеша соати ҳашти субҳ шуруъ мешуд ва дигар, вуруди донишҷуён ба синфхонаи имтиҳон танҳо ва танҳо бо тартиби алифбо анҷом мегирифт, тахаллуф дар ин ду амр муаллимро, ки дар ҳама кор низомро хуш дошт, асабонӣ ва ошуфта мекард ва ба мизони баҳои донишҷӯён таъсири манфӣ мегузошт.

Ва инак ман ва чанд нафар аз ҳамсабақонам, ки исмамон мутобиқ бо алифбо дар оғози дафтар қарор дошт, соати ҳафту ним дар сохтмони шашуми Донишгоҳ, ки мутааллиқ ба факултаҳои забону адабиёти тоҷик ва ховаршиносӣ буд, ҳозир шудем, то аз риштаи "Адабиёти муосири советӣ" имтиҳон супорем.

Муаллим Соҳиб Табаров бо шогирдонаш Собира Аминова ва Абулҳай Муҳаммадаминов ба синфхонаи имтиҳон ворид шуданд ва пас аз ду-се дақиқа Абдулғанӣ Қурғонов - сардори гурӯҳамон чаҳор нафари аввалро ба синфхона даъват кард.

Суолҳои дувуми билети имтиҳони ин ришта ҳама бар асоси асомии адибони ҷоизадор, машҳур ва маъруфи ин ё он ҷумҳурии Шӯравӣ таҳия шуда буд. Масалан, "Адибони Украинаро номбар кунед", "Шоиру нависандагони Литваро ном баред", "Номи адибони Туркманистонро бигӯед" ва ғайра. Ин суол барои ман хеле сода буд; ман на камтар аз муаллим Табаров исми шоирону нависандагони советиро медонистам ва осорашонро низ – тақрибан ҳамаи он чиро, ки то он замон ба тоҷикӣ тарҷума шуда, хонда будам. Ва осуда аз посухи суоли дувум, вориди кӯю бунбастҳои хотира барои ҷустуҷуи посух ба суоли аввали билет рафтам. Ҳоло дар ёдам нест, ин суол дақиқан чи буд, вале чун ҳама суолҳои аввали билетҳои имтиҳони "Адабиёти муосири советӣ" дар мавриди мазмуну мундариҷаи ин ё он асари машҳури адабиёти советӣ, рисолаҳои В.И.Ленин дар иртибот бо адабиёту ҳунар (масалан, "Толстой – ойинаи инқилоби рус"), партиявият, синфият ва халқияти адабиёт, қарорҳои ВКП(б)-у

КМ КПСС дар бораи осори адабӣ ва ҳунарӣ ва ё масоили назарии адабиёт буданд, суоли билети ман низ аз ин насақ буд, албатта.

Ва чун муаллим пас аз ним соат ба синфхона нигаристу пурсид, "кӣ тайёр шуд, шогирдони азизи ман, кӣ ҷавоб медиҳад", ман пеш аз дигарон даст бардоштам ва бо иҷозаи устод дар рӯ ба рӯи вай ва шогирдонаш нишастам ва суоли аввали билетро хондаму шуруъ кардам ба посух гуфтанаш. Соҳиб Шуҳратиевич хомӯш гӯш мекард, суханамро бурида суолҳои хурду реза намедод, чунонки баъзе муаллимон ҳангоми имтиҳон мекарданд, балки ҳар лаҳза ба нишони таҳсин калла задаву бандаро руҳбаланд карда, гӯш фаро медошт, то лаҳзае, ки ман барои боз бештар руҳбаланд шудан, сар бардошта ба устод нигаристам ва дидам дигар каллаи ишон намеҷунбад, калла каме хам ба тарафе ором аст, вале ангуштонаш тез-тез тасбиҳ мегардонад. Бо ин ҳол, ҳар чи дар посухи суол навишта ва омода карда будам, гуфтаму лаб фурӯ бастам ва интизори амр ё ишораи муаллим шудам, то ба посухи суоли дувум шуруъ намоям.

Аммо Соҳиб Шуҳратиевич бидуни он ки сар боло кунад, ҳукм кард, ки суолро дуруст намедонам, ба тавре ки мебояд ҷавоб надодаам ва бояд дубора биншинаму посухи онро дурусттару муфассалтару дақиқтар тайёр кунам. Хостам даҳон кушояму эътироз кунам, ки ҳар чи дар лексиятон буд ва ҳатто бештар аз он ҷавоб додам, вале муаллим Табаров баъд аз эъломи ҳукм гардан тофта аз паси шишаи тиреза ба саҳни холии васати сохтмонҳои шашуму даҳуми Донишгоҳ менигарист ва интизор буд, кай ман бармехезаму ҷой холӣ мекунам.

Ман маҷбур шудам бархезам ва бозпас раваму дар ҷоям биншинам. Вале ҳар қадар фикр кардам, ҳар қадар сафҳаҳои хотираамро, ки мундариҷаву муҳтавои лексияи муаллимро аз оғоз то поён дар он нақш карда будам, нигаристам, беш аз он ки навишта ва гуфта будам, чизе надидам. Ва интизор нишастам. Се нафаре, ки ҳамроҳи ман ба синфхона даромада буданд, ба суолҳои билеташон посух гуфтанду рафтанд, ду нафаре ки ба ҷойи онҳо даромада буданд, низ аз пули сироти имтиҳони муаллим гузаштанд… Ва боз банда ҷуръат кардаму дар муқобили Соҳиб Табаров қарор гирифтам. Боз сари муаллим ба нишони таҳсин болову поён шуд, вале ман дигар фиреби ин сарро хӯрданӣ набудам, ин сар, ки метавонист ҳар лаҳза аз ҷунбидан бимонад, дигар маро руҳбаланд намекард, раҳнамун ба ҷаҳони романтикӣ набуд, ман ба дасту тасбеҳ, ки вазъи ботинии муаллимро беҳтар, дақиқтар ва воқеъитар нишон медод, менигаристам ва пас аз чанд дақиқа дидам, ки гардидани муҳраҳои тасбеҳ тезтар шуд.

- Биншину фикр кун, фикр куну дурусттару муфассалтар тайёр кун!

Аммо ман ин бор эътироз кардам:

- Ҳар қадар лозим буд, фикр кардам, ҳар чи дар лексиятон буд, гуфтам, зиёдтар аз он ҳам ҷавоб додам, дигар чизе илова кардан наметавонам.- Ман фурсат надодам, ки устод лаб боз намояду мавзеъашро устувор кунад ва қатъитар афзудам: - Дафтарчаи маро диҳед, беҳтар аст, комиссия ташкил кунед, ман ба комиссия имтиҳон месупорам!

-Гапгардонӣ накун, гапгардонӣ накун мо туро пеш накардаем, гузару бишин, бишину фикр кун, ҷавобатро пухтатар кун, такмил деҳ, баъд биё.

Ман боз мағлуб шудам ва ба ҷуз ин ки боз раваму дар партаи охири синфхона нишинам, илоҷе надидам.

Вале эътирози ман, зоҳиран ба муаллим сахт расида буд ва ғазаб дар дилаш ҷӯш зада ва гӯйӣ хонаи дилро пур карда берун омаду аз даҳону лабонаш хориҷ шуд:

-Кӣ дишаб телевизиони Маскавро тамошо кард?!- муаллим сар бардошта ба синфхона нигарист ва суолаш, ки барои ҳама буд, аз болои сарҳои хам ва гӯшҳои кар гузашта ба деворҳои синфхона бархӯрд. Донишҷӯён аз тарси он ки мабодо чашми муаллим ба чашмашон афтад, ва барои телевизиони Маскавро надиданашон гап шунаванд, сарҳои хам ба рӯи коғазро хамтар карданд ва муаллим, бо он ки аз қабл медонист, ҳеч яке аз ”шогирдакони бесаводакаш” телевизиони Маскавро тамошо накардааст, аз ин ибрози бехабарӣ бештар лаззат бурду афзуд: - Мирзо Турсунович дишаб аз телевизиони Маскав, - Табаров ангушти ишора боло бурд ва гардан гардонида ба ангушти худ нигарист, - баромад карда, устод Айниро Садриддин Саидмуродзода гуфтанд! – Даст поён омад ва руйи миз қарор гирифт. - Лекин аз болои мани бечора ба худи СеКа навиштанд, ки Табаров нависандаи бузурги моро масхара карда, Садриддин Саидмуродович мегӯяд!

- Э-э-э, Шумо академик, бо академико ҷӯра, Мирзо Турсунович мегӯед, Сотим Улуғович мегӯед, о, кори ино чӣ?

Аз ҳарфи чоплусонаи муаллима Аминова ки таъсири керосини рехта бар оташро дошт, ғазаби Соҳиб Шухратиевич бештар аланга гирифт.

- О. ино ҳамин хел, ино. Аз хурдиям ятим, ки мондам, ин падарлаънато мана аз хурдиам азоб медиҳанд!

Ман баъдан фаҳмидам, ки ман ҳам нафаре аз ин ҳама ”ино” ва ”падарлаънатҳои” муаллим будаам ва яке аз онҳое, ки аз болои муаллим дар шиш ё ҳафт сол қабл навишта, бародари бузурги ман будааст. Ва муаллим ”алами Мусоро аз Исо мегирифтааст”, интиқом мекашидааст.

Вале он замон дар синфхона ”бехабар аз гапи ҷаҳон” нишаста, баъд аз ибрози шикоятҳои муаллим, боз сарбозони хиёли парешонро ҷамъ кардаму ба фатҳи қалъаи хотирот рафтам, онро убур карда ва боз

ҳам дар кӯю кӯчаҳои шаҳри ёдҳоям гардидам, вале чизе шоиста, ки ба посухи суолам афзоям, пайдо накардам ва боз, пас аз он ки панҷ-шиш нафари дигар аз ҳамсабақонам имтиҳон супурданду аз синфхона берун рафтанд, даст боло кардам.

Муаллим ором, бидуни ҳарфе посухи суоли аввалро то охир гӯш кард ва ҳам ба нишони таҳсин калла зад ва ҳам ба забон таъйиду таъкид кард: ”дуруст”, ”дуруст”!

Вале, аҷаб, ки ман ҳеч хурсандӣ эҳсос накардам, на танҳо хурсанд нашудам, балки ба ҳайрат уфтодам ва ин ҳайрат хеле зуд ба қаҳру алам табдил шуд. Ман ба пайкаре мамлу аз ҳайрату ғазаб ва аҷзу нотавонӣ дар баробари ноадолатӣ ва дурӯғу тухмат табдил ёфтам.

- Чӣ хел дуруст, муаллим, чӣ тавр дуруст, нодуруст, нодуруст!

- Не, не, дуруст, дуруст, - такрор кард Соҳиб Табаров.

**Ман**: Бори аввалу дуюм, ки ҷавобҳоямро нодуруст гуфтед, пас ин бор ҳам нодуруст аст. Агар ин бор дуруст бошад, пас ду бори аввал ҳам дуруст будааст, ман ҳар се бор ҳамон як чизро гуфтам, чизе илова накардам, чизе кам накардам, чӣ тавр ду бори аввал нодуруст буду акнун дуруст шуд!

**Табаров**: Туҳмат накун, гапгардонӣ накун, мо ин ҷо аксариятем, мо аксариятем, ду бори аввал ҷавобат дигар буд!

**Ман**: Як калимааш ҳам дигар набуд, ҳамааш айнан ҳамин тавр буд, ки ҳоло гуфтам.

**Муҳаммадаминов**: Ба гапи ин аҳамият надиҳед, муаллим, ин муллодағал-77, ин дар аудиторияи 27 маро дар байни ду гуруҳ шарманда кард![1]

**Ман**: Ҷавобҳои ман дар ин варақ навиштагӣ, бинед, ҳамон варақи аввал, ки буд, ягон ҷояшро хат назадаам, ягон калима ҳам илова накардаам.

**Аминова**: Э, писарам, одам ҳамин хел мешавад-мӣ, гапи муаллимота нагардон, охир!

**Табаров**: Шуд, шуд, тӯҳмат накун, баҳс накун, бирав, бирав… рав шину ҳамин ҷавобҳоятро дар як варақи тоза рӯнавис карда биё!

Аз дилам гузашт, ки чун бо муаллим баҳс кардем, вай мехоҳад ин варақро нигоҳ дорад, то дар сурати идомаи баҳс далели шайъӣ дошта бошад. Рафтам бозпас нишастаму ба рӯйнавис кардани ҷавобҳоям шуруъ кардам. Дар ин муддат духтаре аз ҳамсинфонам, ба фикрам Мавлуда Ҷабборова, ба суолҳои билети имтиҳон ҷавоб медод ва чун суоли дувумаш ”Адибони Гурҷистонро номбар кунед» буд, ин духтари бечора аз Нодар Думбадзе оғоз кард.

---

[1] Мо бо муаллим Муњаммадаминов дар бораи санъати бадеии ”такрор” бањс карда будем. На ман назари ўро дар бораи ин ”санъати бадеї” пазируфтам ва на ў бо аќидаи ман розї шуд. Манзур аз 77, соли 1977 мелодї, замони рух додани ин бањс аст.

-Нодар Думбадзе, … -гуфт ва даҳон боз кард, ки зикри исми дигар кунад, вале фурсат наёфт.
-Кӣ ин Нодар Думбадзе! Кист Думбадзе?! Мон Думбадзеятро! – Муаллим бо ғистеҳзо ва хашм рӯй тофт, баъд якбора садояш тағйир ёфт, чашмонаш дурахшиданд, ангушти ишорат ба боло ёзонд. - Ту ба ман Ира-аклий Аба-аши-идзе-еро гӯй, ака-де-микк, ака-де-микк, Қаҳрамони кори сотсиалистӣ, Гри-иго-ол Аба-ашидзе-еро гӯй, барандаи ҷоизаи давлатии СССР, Қаҳрамони кори сотсиалистӣ, академик! Ака-де-ми-к! Кист ин Нодар Думбадзе! Думбадзе, Думбадзе… Вай ҳамин Сорбони худамон барин як нависанда!
Адибони соҳибунвону соҳибҷоиза қадру манзалати бештар дар назди муаллими мо доштанд ва ҳар қадар ҷоизаю унвонҳои шоир ва ё нависанда бештар буд, муааллим номашро тӯлонитар, бо мадд кашидани садонокҳо, бо эҳтироми бештар, бо шавқи зиёдтар, аз умқи дил ба забон меовард ва зоҳиран аз зикри исмашон худ лаззат мебурд!

(**Хотира.** Табаров:- Ку шогирдони азизи ман кӣ савол дорад?
Бекмурод Раҳимов даст боло мекунад:- Мумкин муаллим?
Табаров: - Ҳа, ҳа шогирди азизам, албатта, албатта.
Бекмурод Раҳимов: - Як бор Юхан Смуул гӯед, муаллим!)

Ва аммо баъди ду сол Нодар Думбадзе барандаи ҷоизаи Ленин шуд. Ва муаллим Соҳиб Табаров ба синфхона даромад. ”Ку шогирдони азизи ман, кӣ романи «Қонуни абадият»-ро хонд, ку, ку, кӣ хонд… Ҳа, ҳа шогирдакони бесаводаки ман, кӣ хонд, кӣ?”. Мутаассифона, касе нахонда буд. “О шогирдони бесаводаки ман, хо-ондан даркор, хо-онда-анн даркор, нависандаи советӣ қонуни абадият кашф кардаст, - ангушти ишорат ба боло меёзад - ”қо-онуни а-аба-ади-ият”, ”закон вечно-ости” – “қо-онуни а-абаади-ият”! ”За-а-кон ве-е-ечности” ном дорад романи Нодар Думбадзе, барандаи ҷоизаи Ленин шуд барои ин роман, вале шогирдакони бесаводаки ман нахондаанд, ман хондам, дар ду шумораи маҷаллаи ”Дружба народов” – органи Союзи нависандагони советӣ чоп шуд, Табаров чанд шабро ба субҳ пайваста хонд! Нода-а-ар Ду-ум-ба-аад-зе-е, Ду-ум-ба-аад-зе-е”, ”Закон ве-е-еч-ности”, ”зако-о-он ве-е-еч-ности”!
Ва аммо ҳоло ман посуххҳоямро аз нав дар варақи тозае покнавис кардаму боз даст бардоштам. Соҳиб Шуҳратиевич иҷозат дод, ки барои посух гуфтан оям ва худ аз ҷой бархост ва ба Аминоваю Муҳаммадаминов рӯй овард:
- Шумо пурсед инро, муаллимони азиз, ман дигар тоқати дар назди ин нишастан надорам, ман рафтам, шумо бипурсед.
Ва бо димоғи сӯхта, рӯй ба сӯйе тофта аз синфхона баромаду рафт.

Бори чаҳорум суоли аввали билетро ҷавоб гуфтам, ба суоли дувум ва низ ду-се саволи иловаи муаллимон ҷавоб додам ва ниҳоят дар нимабоз шуд ва муаллим Табаров сар дарун оварду пурсид:
-Та-амо-мм ка-ард! –- садои марди хаставу ранҷур буд. Ва чун Муҳаммадаминов гуфт, ки бале, тамом кард, Табаров иҷоза дод, ки аз синфхона берун шавам. Ва танҳо пас аз он ки ман берун рафтам, вориди синфхона шуд ва дар ҷояш нишаст. Ва чун дафтарҳои имтиҳониро берун оварданд, дидам баҳои ”чор” гузоштааст. Ин ”чор” бароям бештар аз даҳ ”панҷ” ҳам заҳмат ва ҳам қурб дошт.

**Хотира.** Муаллим Табаров ба синфхона даромад. Зоҳиран дар дарси қабл бо шогирдон баҳсу мунозара карда буд, ки асабонӣ, ранҷуру ғамгин ва дилсарду ошуфта буд.
- Шумо бесаводокон ҳеч чи намешавед! Як шогирдам дуктури илм шуд, се нафари дигар дуктур шаванду аз чор пояи тобутам бардоранд, беармон мемирам, шумо бесаводакои танбал чизе намешавед, аз дасти шумо чизе намеояд.
 Раҳим Илёсов даст боло кард, иҷозаи сухан ёфт ва гуфт:
- Мо пеш-пеши тобутатон гулдаста мебарем, муаллим!

**Латифа.** Муаллим Табаров гоҳе аз калимоти нодир ва ғайримаъмул дар Тоҷикистон истифода мекард. Масалан, ҳама мегуфтанд: Қаҳрамони Меҳнати сотсиалистӣ ва танҳо ӯ мегуфт (ва дуруст ҳам ӯ мегуфт): Қаҳрамони Кори сотсиалистӣ. Боре зимни дарс гуфт: адабиётшиносони маъруф Холиқ Мирзозода ва Шарифҷон Ҳусейнзода, адабиётшиноси мутаваффо Абдулғанӣ Мирзоев…. Донишҷӯйи соли аввал “мутаваффо”-ро бори аввал шунида буд, гумон кард чун ҳамроҳ бо исми адабиётшиноси шинохта Абдулғанӣ Мирзоев истеъмол шуд, ҳатман маъное ба мисли машҳуру маъруф дорад ва онро ба сафҳаи хотира супурд.
Рӯзи имтиҳони муаллим Табаров, зимни посух ба суоли билети имтиҳон чун мавзуъро ба дурсустӣ намедонист, пас аз муқаддамаи кӯтоҳи дуҷумлаӣ хост бо таърифу тамаллуқ ба муаллим ришва бидиҳад ва гуфт: Чунонки Соҳиб Табаров – адабиётшиноси мутаваффои тоҷик дар китоби худ гуфта… Ва “ду” гирифт ва бо ин “ду” аз донишгоҳ рафт.

## ТЕКНУЛУЖИИ ҲАҚОРАТИ ТОҶИКӢ

Дӯсте аз сафари Душанбе баргашт, андӯҳгину малулхотир буд. Сабаб пурсидам. Ҳикоёти зиёди шикваангез аз каму костиҳои зиндагӣ дар Ватан кард. Ин шикваҳоро зиёд шунида ва то ҳадде одат карда будам. Вале ҳангоми суҳбат як мушоҳидаашро ҳам иброз дошт, ки бароям ҷолиб буд ва сабаби андешаҳои тӯлонӣ ва боиси иншои ин боб гардид. Дӯстам гуфт, мардуми мо ҳама мусалмонанд ва ислом ҳам динест, ки беш аз адёни дигар ба масоили ахлоқӣ пардохтааст, китоби шоиронамон ҳам пур аз панду андарз аст. Вале чун дар кӯчаву хиёбонҳои Душанбе мегардӣ, аз забону даҳонҳо

ҳақорат меборад. Ҳар суханро бо ҳақорат ”зинат” медиҳанд, дар ин «соҳаи зиндагӣ» занон бо мардон баробар шудаанд, аз даҳонҳо “к…”-у “к…”-у “к….” меборад, одам аз гӯш доштан пушаймон мешавад, ба ҳурмати Худо! Гумон бар ин аст, ки душному ҳақорат забони давлатӣ шуда!

Баъд ба ман бо диққат назар карду гуфт: Дар байни мо бекортар аз ҳама худат ҳастӣ, камтар мағзатро об кун, фикр кун, ки чаро ин тавр аст, чаро мардуми мо ин қадар зиёд ҳақорату душном мекунанд.

Воқеан чаро?

Чаро “куффори” Урупо ин қадар муаддабанд ва тоҷики мусалмон ҳатто дар маҳалли убури омм низ наметавонад фаровези даҳонашро нигоҳ дорад.

Вале посухи ин суол андешаҳои зиёд мехоҳад ва бад-ин сабаб онро ба охир мегузорем, шояд ҷавобе сазовору бояста пайдо шавад, ҳоло… биравем аз дунболи хотира.

## *ҚИССАИ ОН КИ ЧИ ТАВР ҲАЛИМАИ МИРЗОБАДАЛ БО СОҶИДАИ АБДУСАЛИМИ ҒАФФОРИЁН ҶАНГ КАРДАНД*

(матни қисса)

Писари Абдуқаҳҳор аз кӯҳ ҳезум овард, ҳезумро дар паси ҳавлӣ фуровард ва азбаски гуруснаву хаста буд, харро аз дари оғил дарун карду рафт ва бастани дарвозаро фаромӯш кард. Гови Муҳаммадсолеҳ, ки шикамро аз алаф ва синаро аз шир пур карда аз кӯҳ ба хонаи соҳибаш мерафт, сари роҳ дарвозаи бозро дид, аз дарвозаи боз юнучқаи каб-кабуд, тару тоза ва пуршираро дид, касерову чизеро садди роҳ надид ва бо он ки шикамаш пур буд, азбаски гов аст ва юнучқа тару тозаву пуршира даромад – айнан мисли хари амаки Муҳаммадлатиф, ёдатон ҳаст? - ва ба хӯрдан сар кард. Агар фақат алаф мехӯрд, чандон гапе набуд, ду чӯби обдор ба пушту шохаш мезаданду аз дарвоза берун мекарданду садақаи сар мегуфтанду менишастанд. Вале гов сар набардошта, ҳарисонаву говона фашу фуш алаф хӯрда, алаф хӯрда пеш рафту пеш рафту бо пештанааш ҳачаро, ки зери шохи пурбори дарахти нок гузошта буданд, дака зада афтонд ва ба қавли Абдуқаҳҳор ягон 10-12 кило, ба гуфтаи писараш як яшик (яшики собуни ҷомашӯӣ, ки гунҷоиши на камтар аз 25 кг себу нок дорад) ва ба гувоҳии занаш, ки бо силсиласавгандаш таъйид ҳам шуд, як нок ҳам дар шохи дарахт намонда, ҳамаро резонд. Агар нок ноки маъмулии ҷойдорӣ буд, саҳл гапе буд, ду-се чӯби обдор ба пушту гарданаш мезаданду як шабонарӯз дари оғилро бар рӯяш мебастанд, то ки соҳибаш кӯҳу адирҳоро гардаду наёбадаш, хаставу монда шаваду по кашола карда

баргардад, назди мулло раваду даҳони гургро бандад, ба хонааш биёяду дилашро гургон тала кунанд, шаб аз ғам хобаш набараду чанд соат аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ гардад, ниҳоят ғанаб кунаду хоб бинад, хоб бинад, ки гургон говашро пешандоз карда зери по мекунанду… Не, не! Гургҳо говро пешандоз мекунанду гов пешпо хӯрда… Не, не! Гургҳо говро пешандоз мекунанду гов аз ҷари баланди баланд ғалтида дасту пойҳояш мешиканад ва гургон гӯшташро хомталош мекунанд ва он чи аз гургон мемонад ба хӯрди каргасон мешавад ва соҳиби гов, ки ин гови ҳаринаю исқотиашро ҳайдав сар медиҳад, ба сазои аъмолаш мерасад.

Вале нок ноки маъмулии ҷойдорӣ набуд. Ин ноки уъҷуба буд, меваҳои калон-калон медод, дутош паллаи тарозуро пахш мекард, пас аз пухтан як тарафаш сурх мешуд, сурхӣ ба зардӣ мегароид ва зардӣ ба кабудӣ мепайваст. Ин нок бозорҳои Узбекистону Туркманистонро девона карда буд, Абдуқаҳҳор ё писараш ин нокро дар пештахта, ки мечиданд, ҳар харидори воридшуда аз дарвозаи бозорро ба худ ҷазб мекард, ба сӯи худ мекашид ва харидорон аз пештахта то дари дарвоза саф мекашиданд. Як килои он дар Бухоро ба чаҳор рубл, дар Марӣ панҷ рубл ва дар бозори Ишқобод шаш рубл[1] ба фурӯш мерасид. Гови Муҳаммадсодиқ ҳамин нокро резонда зери по карда буд ва барои ин гуноҳ вайро намешуд ду-се чӯби обдор заду аз дарвоза берун карду хап нишаст. Говро панҷ-шаш чӯб заданд, борони душному ҳақорату дуъои бадро ба сари худашу соҳибонаш рехтанд ва бурданду дар гӯшаи оғил гарданашро ба сутун қантар карда бастанд, ки на алафи харашонро бихурад ва на хоб кардан тавонад. Субҳи рӯзи дигар, ду соат пас аз он ки Муҳаммадсодиқ аз як тараф, писараш аз тарафи дигар ба кӯҳ барои ҷустуҷӯи гов баромаданд, пас аз он ки нури офтоб ҳамаи деҳро фатҳ карду гирифт, Ҳалима – зани Абдуқаҳҳор говро аз шохбанд раҳо карду се чӯб ба пушташ зада аз дарвоза берун сар дод, баъд чарху пӯстак гирифт омаду дар лаби дунгии канори боғ, дар ҷойе ки ҳавлии Муҳаммадсолеҳ аз паси анбуҳи шоху баргу меваи дарахтон беҳтар ба назар мерасид, бузмӯ ресида интизор нишастан гирифт. Гов, ки аз нуки пистони тарангаш, қатра-қатра шир мечакид ва доруҳояш ба сӯзиш омада буд, по кашола карда омад, аз паси дарвозаи соҳибаш бонг зад ва Соҷида – зани Муҳаммадсолеҳ “ҳазор шавӣ, ҳазор шавӣ, куҷо бедарак шудӣ, ҷигарама хун кардӣ, гургҳо нахурандта гуфта, дилама гургон тала карданд-о” гуфта, ба пешвозаш давиду дастонашро ба гардани гов ҳалқа карда, хорумол карда оварду дар сутуни долон баст ва баъди чанд лаҳза дар рӯйи

[1] Барои хонандагони љьавони ин китоб, ки шояд гумон мекунанд, як рубл баробар бо як сомонї аст, ёдовар мешавем, ки як рубли он замон баробар бо 1 доллару 10 сенти амрикої арзиш дошт ва масалан, шаш рубл мешуд баробари 26 сомонї.

ҳавлӣ намудор шуду арӯсашро фармуд, ки соғуро аз ошхона бигираду равад говро бидӯшад. Ва Ҳалима фурсатро муносиб ёфту оғоз кард.

- Э, муред, муред, ба қатори говдоро нагардед, тонед говдорӣ кунед, натонед баред фурӯшеду хап кунеду хап шинед, на ин ки гов дорам гуфта, дар қади кӯчаи Марғкат ҳайдав кунед, ҳе илоҳӣ, ширу ҷурғоташ заҳр шавадтон, зуқум шавад…

Ҳалима аз қабл тарҳи носазогуфторашро, ки аз таҳқиру тавҳин, душному ҳақорат, лаънату нафрин, дуъоҳои бад, пичингҳои турш, танзҳои шӯр, кинояҳои талх, талмеҳҳои бӯин, гӯшзадҳои мармуз фароҳам оварда буд, бо низоми муъайян дар зеҳнаш омода ва паси ҳам чида буд. Мехост чунон шуруъ бикунад, чунон оғоз бинихад, ки аҳаде - ҳатто соҳибони гов ҳам - аз чаҳор-панҷ ҷумлаи аввал ҳеч нафаҳманд, ки манзураш кист, киро мегӯяд ва фурсати посух камтар дошта бошанд. Бигузор худовандони гов ҳам дар оғоз гумон кунанд, ки гови каси дигарро дар назар дорад, нафари дигарро носазо мегӯяд ва мисли дигарон лаззат баранд, кайф кунанд ва кайфашон ба ”қиём” расад, сабуриашон ба сар ояд – ”бигӯ охир, бигӯ, ком накун, аз барои Худо, аз интизорӣ накуш, бигӯ номашро”, - баъд якбораву ногаҳон нишону ҳадафро ошкор кунаду мисли як сатл оби сард ба сарашон бирезад. Вале ҳадаф аз бахши аввал, яъне муқаддама танҳо ин набуд, фақат ғофилгир кардани соҳибони гов набуд, балки ҳамчунин дебочаи суханаш вазифаи дигари муҳимтар низ дошт; ин сароғоз бояст диққати ҳарчи бештар мардумро ҷалб мекард, масалан, Ҳумайроро аз хамир шӯридан, Юнусро аз алаф даравидан боз медошт, намози ҳоҷӣ Зокирро, ки як умр магазинчигӣ карда, ду сол пеш ба зиёрати хонаи Худо рафта омада буду акнун ба талофии фиребу найрангу луздиҳояш ба ҷои панҷ вақт ҳамарӯза понздаҳ вақт намоз мегузошт, мебуронд, ҳама мардумро ҳушу гӯш месохт, чунончи ҳофизони кӯчабоғӣ ва ё дорбозон ҳар бор, ки ба деҳ меомаданд, аввал ним соат карнайу сурнай навохта мардумро ҷамъ менамуданду баъд ба сурудану дорбозӣ сар мекарданд.

Вале… Вале Ҳалима дид, ки Соҷида ё ҳарфҳояшро нашунид, ё шуниду таваҷҷуҳе накард, ё шуниду нашунида гирифт ва ба пиллаи айвон пой монду баъд аз лаҳзае ба хона медарояд. Ва чун медарояд, эҳтимол то бегоҳ набарояд. Ва бо таассуф, бо таъҷил бахши аввал, муқаддамаро канор гузошт, фурӯгузор кард ва садояшро як парда болотар гирифту ба қисмати асосӣ гузашт.

-Ҳе, илоҳӣ аз Маҳмазарифу Абдусалим онсутар равед, илоҳӣ гови шохшикаста ба оши тахтаатон равад….

Дигар ҳеч ҷойе барои шакку шубҳа боқӣ нагузошт Ҳалима, Муҳаммадзариф падари Муҳаммадсолеҳ буд, Абдусалим падари Соҷида ва гови шохшикаста низ дар тамоми Марғкат яке буд – гови

Муҳаммадсолеҳу Соҷида. Ва Муҳаммадзарифу Абдусалим ҳарду чандин сол пеш ҷон ба ҷонофарин таслим карда буданд ва акнун Ҳалима аз Худо мехост писару духтарашонро ҳам ҳарчи зудтар ба паҳлӯи он ду бифиристад.

Ва Соҷида мабҳуту ҳайрон як пой дар зинаву як пой дар лаби айвон монд, баргашту ба ақиб нигарист, аммо касеро надид, садо ба гӯшаш шинос мерасид, вале натавонист ташхис бикунад, ки овози кист. Ва рӯйи айвон баромаду дасташро лапар карда, болои абрувонаш гузошт ва сарашро он тарафу он тараф гардонида, хаму рост шуда, соҳиби овозро ҷуст. Ва агарчи касеро надид, агарчи ҳеч ба хотир оварда натавонист, ки садои ошно овои кист, ин дуъои ҷонситонро намешуд бе ҷавоб гузошт ва бояст ҳарчи ҳам зудтар ҷавобашро медод, то он ноинсофи Худобехабар, – ҳар кӣ ҳам бошад, илоҳӣ гӯраш бисӯзад, гумон накунад, ки Соҷида тарсиду дам ба дарун хап карду нишаст.

- Уҳу-у-у, аз Худои карим умед дорам, ки оши ҳафту чилу солата мехӯрам, алафи рӯйи гӯрата даравида ба говам медиҳам, биллоҳи азим агар ҳаминту накардам, Соҷидаи Абдусалими Ғаффориён набошам!

Танҳо чизе ки барои Соҷида равшан буд, ин буд, ки маншаъи ҷанҷол гови ӯст ва ҳамин гов аст, ки ба гуноҳе муртакиб шуда ва ин ки шаб наомад ва саҳар по кашида омад, низ гувоҳ бар ҳамин аст, вале азбаски ҳанӯз рақибашро надида ва нашинохта буд, то ҳадде бар ин мемонд, ки мушт ба торикӣ мезанад ва барои рақибаш имтиёз медиҳад. Барои ҳамин дар оғоз ибрози ҳамин ду ”ният”-ро кофӣ донист ва эъломи исмаш дар охири нияту орзуяш низ, ки чун имзо дар поёни санад пахш кард, доме беш набуд, ки барои ҳариф густурда буд, то шояд ӯ ҳам номашро бигӯяду худро фош кунад.

Вале Ҳалима аз ин найранг огоҳ набуд, вай намедонист, ки Соҷида на танҳо надидасташ, балки садояшро ҳам нашинохт, ва албатта, агар медонист, аламаш мекард, бештар ба хашм меомад, зиёдтар алаҒда мешуд, мисли ҳезуми тар дарун-дарун месӯхту дуд мекард, чунки ба пиндори вай садои ӯро ҳама сагу гурбаҳои Марғкат мешинохтанду метарсиданд, чи расад ба занону мардонаш.

- Қадимо беҳуда нагуфтаанд, ки мол ба соҳибаш меравад, раҳматии Маҳмазариф як умр нони дари хонаи Абдуҷабборро хӯрду мурду рафт, акнун гови писараш ҳам ба ҳамон бӯю хӯ ба боғи Абдуқаҳҳор алафхӯрию нокхӯрӣ меояд, ҳе, илоҳӣ туъмаи гургони Якдара шавад, чашмоша каргасо хуран, кӯрпистон шавад, гӯсолеш аз беширӣ хушк шуда, қоқ шуда мурад, соҳибоша ғамбемор кунад.

Барои Соҷида ин қадар кофӣ буд, вай нигоҳашро аз андаке холигоҳи байни шоху барги дарахтҳои боғи Восит гузаронду ба боло ба самти ҷӯй фиристод ва дар ҳамон ҷойе, ки тахмин карда буд, рақибашро

пайдо кард. Ҳалима, ки ба назари Соҷида мисли калзоҷи нишаста дар дарахти хазоншудаи чормаҷз зишту шум намуд, пойҳошро паҳн ба ду тараф дароз карда рӯйи пӯстак дар лаби ҷӯй нишаста буд ва чархашро мисли шамшер рӯйи даст бардошта ба сӯйи ӯ таҳдид мекард. Соҷида аз ин таҳдидҳо натарсид, мижааш хам нахӯрд, вай, баръакс каме – ба андозае, ки вазъ имкона медод - хурсанд шуд, чун рақибашро диду шинохт ва акнун то ҳадде бо ӯ баробар буд, акнун метавонист ба ӯ ҷавобҳои мушаххас диҳад, зиндагии Ҳалимаву шӯяш ва додову бобояшон маводу матолиби фаровон барои талмеҳу ишораҳои ошкору мармуз медоданд. Вай нафаси амиқ кашиду кафи даст ба бари даҳон гузошт ва буруз дод:

- Уҳ-ҳ-у, аламои ногиро кардани Маҳмасолеҳ ҳанӯзам аз дилакат нарафта будаст-а, ба Худо, ки ман розӣ, агар ҳукумат иҷозат диҳад, биллоҳи азим, ки пеши роҳаша намегирам, Абдуқаҳҳора сар диҳу зани дувуми Маҳмасолеҳ шав, шояд, ки сӯзакои дилат паст шаваду мардум аз даму нафаси шумат ором гиранд, аз даҳани бефаровезат халос шаванд!

- А-ҳа-а, биллоҳи азим, пиро рост гуфтен, ки кӯр кӯра дар шаби торик мешиносад! Ҳамун биникаҷ ба назари ту ворӣ ходаи хушк шӯ, Худоро шукр гӯ, ки нагирифтамаш, калӯши хостгороша пеши пошон гузоштаму ба ту расид… Набошад ту ҳам шӯ намеёфтию вай ҳам дар ҳасрати зан мепусиду меҳулид, хушк мешуду мемурду мерафт, ягон бандаи муъмин – ғайри додои ту- духтари бесоҳиб надошт, ки ба писари ношуди Маҳмазариф тияд!

Ҳарфи ҳар ду тараф туҳмати маҳз буд, албатта. Мардуми калонсоли деҳ медонистанд, ки Ҳалима аз кӯдакӣ номзади Муҳаммадсолеҳ буд, нон ҳам шикаста буданд, вале баъд издивоҷ накарданд, аммо на Муҳаммадсолеҳ Ҳалимаро ногиро карда буду на Ҳалима калӯши хостгорҳои Муҳаммадсолеҳро пеш гузошта буд, касе аз ин ду нафар ҳарфе ҳам напурсида буд, чунонки замоне, ки номзади ҳам кардандашон низ мувофиқати ононро напурсида буданд—балки он замон ақли ин ду ба издивоҷу хонадорӣ ҳам намерасид. Асли гап ин буд, ки Абдуҷаббор табари Муҳаммадзарифро ба орият гирифта ва ҳангоми кафондани кунда дамашро ба санг зада гардонда, ҳамон тавр бозпас оварда буд ва ин ду дӯсту ҳамсоя аз ин боис ба гап рафтанд, пасту баланд гуфтанд, тунду талх гуфтанд ва як марди солеҳ пайдо нашуд, ки ба миёна дарояду онҳоро ба ифоқа оварад ва пасту баландашон ба ҷангу пархош пайваст ва онҳо чанд сол қаҳриву ногап гаштанд ва Абдуҷаббор ба номи азизону гузаштагон қасам хӯрд, ки духтарашро ба писари каҷбинии Муҳаммадзариф намедиҳад ва Муҳаммадзариф ҳам ба номи чорёри пайғамбар, хазрати Баҳоваддини балогардону Абдулқодири Гелонӣ савганд хӯрд, ки сиёҳи мазанги Ҳалима паридухтару шоҳдухтар шавад ҳам,

аз ҳар қадамаш зару сим резад ҳам, худи рафиқ Сталини муаззам, доҳии пролетариати ҷаҳон ба миён даромада далолат кунад ҳам, намегузорад, ки пой аз дарвозааш дарун гузорад.

Ин ҳарфе набуд, ки дар деҳи начандон бузурге чун Марғкат дар сӣ солу чиҳил сол аз ёдҳо зудуда бишавад, ба хусус, ки ин қазия дар маъракаву нишастҳои занону мардони деҳ ба муносибатҳои мухталиф нуқли суҳбат буд ва ҳеч намегузоштанд чангу гарди фаромӯшӣ ба рӯяш бинишинад ва одами ноогоҳ гумон мекард, ин ҳама дирӯзакак рух додаст. Ва акнун албатта, танҳо чанд нафар буданд, ки дар ёд доштанд ин ҳама ҷангу пархош аз боиси як табар шуруъ шуда буд, вале дигарон ҳеч намехостанд бовар кунанд, ки табаре тавонад сабабгори чунин адовати амиқ бишавад ва ҳар кас ҳадсе мезаду гумоне мепухт.

Ва Ҳалимаву Соҷида ҳар ду, ҳар кадом барои худ тасмим гирифтанд, ки беҳтар аст ин мавзуъро дигар идома надиҳанд. Ва аммо ҳоло навбати Соҷида буд ва ӯ нафаси амиқ кашид, то ҷумлаи тӯлониашро тавонад то ба охир бо садои баланд пахш кунад ва гуфт, балки фарёд кашид, дод зад:

- Аз пушти камари ҳамин биникаҷ Шарифмуродҷон рӯид, ҳама марғкатӣ Душанбе равад, ба хонаи Шарифмуродҷон меравад, чанд бачаи бандаҳои муъмина дар мактабои калон даровард, ҳамин сол ду бор аз телвизор гап зад, бачаҳои туя, кӣ мешиносад, яктеш савдогари бозори Бухоро, яктеш аз калаи баҳор то бехи тирамоҳ дар кӯҳу пушта аз паси бузу бузғола.

- Иҳа-а! Калам заду кӯрам зад, пасмунда ришку шабушкам зад. Шарифмуродат дар мактаби калон кор карда, якаша ду кард? хонаю дар сохт? ҳавлии додо бобоша обод кард? боғу роғ кард? мошин харид? додошу очеша курорту санаторӣ бурд?! Хонаи андохтагии писари мана мардум аз ду обрав тамошо мебиёнд. Ману мардак ҳар сол Исфараю Шамбарию Хоҷаобигарм меравем, маҷбур мекунад мебарадамон, ки дам гиред, давлати пирӣ ронед!

- Ӯҳу аз паси ҳарому ҳариши писар мепарӣ, як рӯз не, як рӯз аз почаки бинеш мебурояд, Худо хоҳад. Ғариюduздӣ гуфтен, дар таги саргини хар, як рӯз не як рӯз, албатта, намоён мешавад.

- Дуздӣ карда ба боғи ту даромад, гову бузи бандаҳои муъмина дуздид? Боғи Абдуқаҳҳора дидагӣ одам ҳавасаш меравад, лаззати себу нокаша дар Тошканду Бухорою Чорҷӯ таъриф мекунанд. Ҳамин нока, ки гови шохшикастет пок-покиза якта намонда резонду хӯрд, – илоҳӣ гӯсолеш беоча монад - мардуми Ӯзбакистону Туркманистон навбат истода, дар болош ҷанг карда мехаранд.

- Уҳ-ҳу-уу, ба боғи бандаҳои Худо дуздӣ дарод, баъд ҳисоб, боғи колхоза ғорат кунад ҳисоб не? Ё себу нокҳои боғи колхоз аз падару бобои Абдуҷаббору Мирзобадал мерос монда буд?

- Писарам бо пули ҳаққу ҳалолаш мехарад, ҳар каса Худо аз ҷойе ризқу рӯзӣ додаст, писари ман аз бозор меёбад, писари ту пули бист сол ҷамъ кардаи мардакоя мегираду дурӯға ба бачаҳои нодону бесаводашон чору панҷ монда ба мактабои калон медарорад.
- Ҳама каса аз худату бачаҳот қиёс нагир, ин шумоед, ки ба ҳарому ҳариш омӯхта шудаед, билоҳи азим, ки мехӯрдагии шумоҳо аз гулуи ягон мусулмон гузарад.
Ва аммо Соҷида эҳсос кард, ки дигар овозаш паст шуда, дамаш мегирад ва ҷумлаҳои тӯлониро ба як нафас гирифтан наметавонад иброз намояд ва ҳамзамон ба дарки ин маънӣ расид, ки ҳарифаш дар баландӣ нишаста ва садояш хеле осону сода на танҳо то ба гӯши ӯ мерасад, балки ба ними деҳ паҳн мешавад, вале вай барои он ки Ҳалима суханонашро шунавад, маҷбур аст бо тамоми қувват доду фарёд бизанад. Ва маълум ҳам нест, дигарон, ки албатта, гӯшҳошона чур карда дар паси деворҳо истодаанд, гапҳояшро мешунаванд, ё не! Чун ин маъниро дарк кард, дигар ба чӣ гуфтани Ҳалима эътиное накард ва чобук ба нардбон часпиду ба бом баромадан гирифт. Аммо, албатта, чун дар ин муддат наметавонист хомӯш бошад, чун хомушӣ ва ҳатто диранг дар баҳсу ҷанҷол хоҳ- нохоҳ заъф қабул мешавад, шеваи дигарро ихтиёр кард. Кам бошаду хуб бошад.
**Соҷида:** Э, рӯйи ту осӯхтаи сиё, сиё-е!
**Ҳалима:** Рӯйи бачаҳот сиё!
**Соҷида:** Г… бачаҳома хур!
**Ҳалима:** Бачаҳот пеш-пешу ту аз қафо кулулапечон, то пушти новаи Заранго[1]!
**Соҷида:** Аз даҳанат баромад дар гиребонат часпад!
**Ҳалима:** Тулуми ҷурғоти бӯйин!
**Соҷида:** Ходаи пусидаи мазор!
**Ҳалима:** Бӯшкаи карасин!
**Соҷида:** Аккаи сиёҳи шумнафас!
**Ҳалима:** Пишаки буғӯзи шикамдамидаи танбал!
**Соҷида:** Лаклаки почадарози пошнакандаи лингрида!
**Ҳалима:** Мочахари пири гаргини думбурида!
Соҷида даҳон боз кард, ки посух гӯяд, аммо нафасаш гашт, бо душворӣ чанд ҳарфе аз даҳон берун пароканд, вале ба назари худаш чунин расид, ки садояш аз зери биниаш дуртар намеравад.
Ҳалима лаҳзае таваққуф кард, посухе нашунид ва дигар бидуни низом, парту парешон ҳарчи аз даҳонаш омад, гуфтан гирифт.
Соҷида аз бом фуромад ва бо шитоб худро ба хона гирифт.
Аммо вай намехост ба мағлубияти худ тан бидиҳад. Дилаш қарор надошт, хунаш меҷӯшид, лабонаш мепарид, дастонаш меларзид.

[1] Новаи Заранго – маҳалли гӯристони Марғкат.

Шабро нимахобу нимабедор ба саҳар расонд ва ҳанӯз чашми рӯз накафида аз рахти хоб бархост ва чун келинаш говро дӯшид, ба ӯ гуфт, ҳавлиро бирӯб, говро ман худам мебарам. Говро ба кӯҳ бурд, ба ҷойи сералафе раҳо карду нишеб шуд, вале ба деҳ нафуромад, болои хонаи Ҳалима рӯи санге нишаст, ҳам дам гирифту нафас рост кард ва ҳам мунтазир шуд, ки мардум кай намози бомдодро мегузоранду аз масҷид берун меоянд. Ва чун дид мардон аз масҷид берун омада ба миёнаи деҳ расиданд, сар кард. Як лаҳза таваққуф накард, мисли пулемет парондан гирифт, беш аз даҳ дақиқа ҳар чи ҳақорату душноме, ки дар панҷоҳу шиш соли ҳаёташ ёд гирифта буд, ба сари Ҳалима фурӯ рехт, аз г. гирифту ба г. задаш. Ҳалима, албатта ин ҳамаро шунид, вале Соҷида фурсат намедодаш ба посух даҳон боз кунад. Ва низ медонист, имрӯз бартарӣ бо Соҷида аст, мавқеъи беҳтарро ӯ дорад ва Ҳалима наметавонад баробар оядаш.
Соҷида паз аз ним соат ба деҳ фуромад, то хонаи ӯ ду роҳ буд, яке наздик ва дигаре дур, вай роҳи дуртарро интихоб кард.

## *ШАРҲИ ҚИССА ВА МУЛОҲИЗОТИ МУҚАДДАМОТӢ ДАР БОБИ ДУШНОМУ ҲАҚОРАТ*

Ҷанги ду зан, албатта, бо баҳонаи ночизе метавонад оғоз бишавад. Ва аммо дар аксар маврид ба назари зоҳирбин чунин аст, ё ба назари касоне, ки аз собиқаи бархӯрдҳои мустақим ва ғайримустақими он ду хабар надоранд чунин менамояд. Ҷанги Халима ва Соҷида низ ҳамин тавр, худ ба худ, бе ваҷҳе оғоз нашудааст. Ва андак шабоҳате, ки дар миёни ҷанги ин ду бо пархоши Иван Иванович бо Иван Никифорофич ҳаст, ҷуз шабоҳати типологӣ ва тасодуфӣ нест. Дар ин маврид бояд ду нуктаро дар назар дошт. Аввалан, нок барои Ҳалима чизи оддӣ нест, нок ноки ғайримаъмулӣ аст, боиси ифтихори аҳли хонадон аст, манбаъи даромад барои хонадон аст, монанди он ноке дар ин обрав дигар вуҷуд надорад. Сонияи, ҷанги онҳо мисли куҳи яхини уқёнусҳост (айсберг) ва гову нок танҳо қисмати намудори он аст, дар зери об ҷӣ хуфта танҳо худашон ва чанд нафари дигар медонанду бас. Гов ва нокҳои резондаи вай дар ҷанги байни онҳо танҳо пешдаргирон аст, ки ҳезуми анбоштаи хушки аламҳои ҷамъоварда дар бухории қалби онҳоро аланга дод.
Ва аммо он чи дар ин қиссаи сода бешу пеш аз чизҳои дигар боиси суол мешавад ва ниёз ба шарҳ дорад, ин аст, ки чаро Соҷидаи Абдусалим рӯзи аввали ҷанг хеле зуд мағлуб шуд ва рӯзи дувум ба осонҷ пирӯзӣ ёфт?
Шояд гумон ба он равад, ки Соҷида дар рӯзи нахуст омодаи пархош набуд, ҷанг барояш ғайриинтизор шуруъ шуд ва ӯ иҷборан дар ҳоли дифоъ қарор гирифт ва аммо дар рӯзи дигар баръакс Соҷида худ ба

ҳуҷум гузашт ва ғайриинтизор ба ҳуҷум гузашт ва Ҳалима, ки сармаст аз пирӯзии худ бепарво дар хона нишаста буд, ба осонҷ тан ба мағлубият дод.

Ва аммо чунин нест. Дурусттар бигӯем, омода набудан ва ғайриинтизор шуруъ гардидани ҷанг сабаби асосӣ нест. Сабаби умдаву асосӣ мавқеъияти онҳо, маҳалли истиқрори онҳост. Пирӯзӣ бо касест, ки дар баландӣ қарор дорад. Баландӣ на танҳо дар амри зудтар, густурдатар ва бо сарфи камтари неру ва садо интишор ёфтани душном мусоъидат мекунад. Муҳимтар аз он эҳсоси бартарии маънавии ҳарифест, ки дар баландӣ қарор дорад. Боло Осмон аст, Мард аст, паст Замин аст, Зан аст. Эҳсоси ботинии бартарӣ дар ҷанг на камтар аз неруи ҷисмонӣ аҳамият дорад. Занони рустоҷ ин маъниро ба хубӣ агар на дарк, ки эҳсос кардаанд. Ба ин сабаб Соҷида рӯзи аввал аз Ҳалима, ки дар баландӣ қарор дошт, мағлуб шуд ва рӯзи дигар субҳи зуд ба баландӣ рафт, то ҳарифро зери пойи худ бибинад.

Ва низ ҳамин сабаб аст, ки ҳарифони ҷангу пархош талош мекунанд рақиби худро дар пастӣ қарор бидиҳанд. Вожа ва таркибҳои марбут ба ҷангу пархош худ далели равшани ин гуфта аст: «коҳиш», «паст задан», «ба хок яксон кардан», «ба хоки мазаллат нишондан», «саркӯб кардан» ва дар гӯштӣ, ки варзиш ва бозии ҷанг аст, пушт ба замин хобондани ҳариф пирӯзист. Ва дар ҳамин варзишҳои ҷангҷ аст, ки довар дасти барандаро мебардорад ва худи варзишгарон низ бо он қонеъ намешаванд ва ба нишони хурсандӣ ҳарду дастро ба боло мекунанд ва таркиби «дастболо шудан» низ аз ин ҷост. (Ду даст боло кардан ба нишони таслим ба гунаи дигар аст ва ин дуро набояст бо ҳам омехт).

Аз як зани ҳамдиёри роқими сутур ҳикоят карданд, ки чун барои навбати об бо як марди ҳамсояаш ҷангу пархош карданд, он мардро чунин душном дода: Болои боми осмони ҳафтум баромада ба ришу бурутат риям!

Ин ҳақорат, метавон гуфт, аз беҳтарин намунаҳои ҳақорати шоиронаи мардумӣ аст. Зан баландтарин нуқтаеро, ки инсон қодир аст тасаввур бикунад, ба осонҷ зери по оварда, ғасб карда, то ҳарифаш натавонад барои наздик шудан ба ӯ ҳатто талош бикунад. Зан нагуфта: «ба осмони ҳафтум баромада», балки таъкид карда: «**ба боми** осмони ҳафтум баромада» ва аз забони ӯ «боми осмони ҳафтум» мисли боми хонаи худаш садо медиҳад, ки ба он ҷо ҳар вақт ки дилаш хост мебарояд ва ҳар чӣ дилаш хост, мекунад.

Вале ҷуз мавқеъ гирифтан дар баландии дастнорас, зан хостааст бо таъкид бар «р… аз боми осмони ҳафтум» муҳим будани амали худро низ ёдрас шавад, яъне ридан ба риши ҳамсоя барояш ончунон муҳим аст, ки вай ҳама корашро як сӯ мегузорад ва тавассути нардбони

қаҳру ғазаб тезу тунд ба боми осмони ҳафтум – ба ҷойи дури дуре мебарояду ин кори муҳимро анҷом медиҳад ва баъд арақи пояш хушк нашуда, бозпас мефурояду кори нимкора гузоштаи рӯзгорашро идома медиҳад.

Дар амри халқи ин ҳақорат нуктаи муҳим он аст, ки ин зани ҳамдиёри роқими сутур, албатта, на аз қавонини физикаву ҷави ҳаво хабар дорад ва на аз нуҷум ва мавқеъияту гардиши аҷроми самовӣ ва агар дониста буд, ин ҳақорати шоирона пайдо намешуд, зеро низ медонист, ки мадфуъаш аз он баландии баланд то ба риши ҳамсоя нахоҳад расид. Аммо намунаҳои беҳтарини душному ҳақорат бо мантиқ ва ақл ва донишҳои табиӣ камтар мувофиқат доранд.

Аз ин намуна вежагии дигари ҳақорати мардумии тоҷикро низ ба хубӣ мебинем – поэтикаи ҳақоратро!

Поэтикаи ҳақоратҳои тоҷикӣ то имрӯз таҳқиқ нашудааст. Гузашта аз ин, ҳеч фолклоршинос ва мардумшинос низ, мутаасифона, то кунун ҳақорату душномҳоро ҷамъ наовардааст, дар сурате ки таърих ва ҷаҳоншиносии мардумро аз ҳақорату душному дуъо (баду нек) на камтар аз афсонаву рубоиву байту дубайтӣ метавон омӯхт. Вале пижӯхишҳои муқаддамотӣ ҳам гувоҳ бар он ҳастанд, ки дар ҳақорати мардуми тоҷик аз қофия, аз муболиға, иғроқ, ғулув, тавсиф, ташбеҳ ва саноеъи дигари лафзию маънавӣ истифодаи фаровон мешавад. Дар душном хеле осон пили рақиброро пашша карда ва пашшаи худро пил месозанд, ё худро ба осмони ҳафтум ва рақиброро дар қаъри замин ҷой медиҳанд.

Михаил Бахтин, ки душному ҳақоратро дар давраҳои асрҳои миёна ва Эҳёи Урупо ба риштаи таҳқиқ кашида, ба натиҷа омадааст, ки ҳақорат нақши қадимии худро, ки ба навъе маросими мазҳабӣ буд, бештар бори мусбат дошт, воситаи таъйид ва тасдиқ, яъне василаи созандагӣ буд, дар асрҳои миёна аз даст додааст ва акнун бештар василаи инкор ва сӯзандагӣ шудааст[1]. Вале ҳарчи бошад, бошад. Моро ба ин маънӣ коре нест. Моро масоили дигар машғул медорад. Ва он чи дар зер меоварам, албатта, танҳо натоиҷи муқаддамотии тааммул ва андешаҳои ман дар ин мавзуъи густурда ва ҳазорбуъдҷ аст. Зеро агар интизор менишастем, ки кай ба натиҷаи ниҳоии ин таамулу андешаҳои бетаҳ мерасем, ин боб, эҳтимол, аслан ба рӯйи коғаз намеомад. Бо он чи ҳаст қаноъат бояд кард ва ончиро ҳаст ғанимат бояд шумурд, бошад ки дар оянда идома бидиҳем ва ё баъди мо такмил бикунанд.

Инак:

1) Ҳақорат вокуниши манфӣ ва ғазаболуд ба гуфта ва кардаи каси дигар аст.

---

[1] Ниг. М.М.Бахтин. Франсуа Рабле и народная культура средневековья и Ренессанса. М. Художественная литература, 1990.

2) Ҳақорат аз назари ҷинсият ва синну сол мутафовит аст, яъне душноми мардона дигар аст ва душноми занона дигар, ҳақорати писарона ба гунаест ва ҳақорати духтарона ба гунае ва ҳақорати пирон ва ҷавонон аз назари таркибу вожаҳо ва лаҳни ифода аз ҳам фарқ мекунанд.

3) Ҳақорат дар бештар маворид далели заъф ва нотавонист.

Ба ин нукта эътироз мекунӣ ва мегӯӣ, пас чаро дар Тоҷикистони азизи мо ҳақорат аз забони мақомдорон низ, ки онҳоро наметавон заъифу нотавон гуфт, канда нест. Ва ҳатто як муъовини вазир муъовини вазири дигарро барои ҳақорат ба додгоҳ кашид ва додгоҳ ҷарима кардаш.

Посух ин аст: аввал, мо «дар бештар маворид» гуфтем ва на ҳамеша, чун ҳар қонун истисно ҳам дорад. Ду дигар, бештари мақомдорони мо заъифу бечора ҳастанд ва барномаҳои сершумори иҷронашуда худ равшантарин далели ин гуфта аст. Се дигар, мақомдор на ҳамеша, на дар ҳар ҷо метавонад аз мушту лагад истифода бикунад ва дар ин гуна маворид аз душному ҳақорат ёрӣ мегирад. Ва чаҳорум, ҳақорат аз забони мақомдор ҳамчунин натиҷаи заъфу нотавонии дигаре низ ҳаст, ки онро заъфи ахлоқӣ ва нотавонии маънавӣ ном аст. Мақомдор замоне ки ба зердастони худ ҳарферо фаҳмонда наметавонад – ё захираи луғавиаш кам аст ва ё донишаш – ба роҳи осони ҳақорат ворид мешавад.

Ҳар ки неруи ҷисмонӣ ва маънавӣ бештар дорад, камтар душном медиҳад, зеро як мушти обдор метавонад сад даҳон ҳақоратро ҷуброн бикунад, яъне марде агар тавонад бо як мушт, бо суханони мантиқӣ ва ё ҳатто нигоҳе ҳарифро ба хари худаш биншонад, ҳоҷат нест ки як соат ӯро душном бидиҳад.

Пас ба хулосаи дигар мерасем, ки чаҳор гурӯҳанд, ки ҳақорату душном мекунанд:

а) онон ки нимазаъифу нимтавонанд, зӯрашон ба ҳариф намерасад,

б) онон ки ба рақиб – хоҳ заъифтар аз худашон бошад ва хоҳ зӯри зӯр – дастрасӣ надоранд; масалан, рақиб рӯйи бом аст ва онон дар поён ва ё ҳариф дар Душанбе нишаста ва онҳо дар Муминобод, ё Мастчоҳанд,

в) онон ки тарбияи ахлоқиашон дар сатҳи поён аст,

г) онон ки ҳақорат бахше аз зиндагиашон аст, ҳақоратро чизе монанди ҳазл медонанд ва ё ҳатто таърифу тавсиф. Чунончи, аз марде ҳикоят карданд, ки лоф мезада ва ифтихор мекарда, ки волоҳазрат ҳар бор, ки маро бибинанд, табассуми малеҳе мекунанд ва тап-тап ба тахтапуштам мезананд ва даҳон фарогӯшам меоваранд ва ба лаҳни хуше мегӯянд: очаяката биг….е!

Ва аммо онҳое, ки тамоман заъифу нотавонанд ва ё дар сатҳи болои маънавию ахлоқӣ қарор доранд, дигар ҳақорату душном

намекунанд, инон бештар дуои бад мекунанд ва руй меоваранд ба Худо, аз Худо мехоҳанд кореро ки худ наметавонанд бо ҳарифашон анҷом бидиҳанд, ба ҷойи онҳо бикунад, масалан оне, ки дуо мекунад, *илоҳӣ, гарданат парад ва* ё *илоҳӣ, рӯзи рӯшноӣ набинӣ* ё худ наметавонад муште ба пушти гардан ва ё чашми рақибаш бизанад ва ё мепиндорад муште, ки худ аз рақиб хӯрда, ҷабре ки аз рақиб ба ӯ расида, бо хости Худост ва чун аз Худост, Худош ҳам бозпас гардонад. Дар ин гуруҳ мардони ҷавон ва миёнсолро тақрибан намебинем ва ин гуруҳ бештар машмули занон, пирмардону пирзанон ва беморону барҷомондагон аст.

Ва аммо бояд донист, ки мардҳо дар амри ҳақорат кардан нисбат ба занон озодтаранд, мардҳо метавонанд аз мафоҳим ва калимаҳое истифода кунанд, ки камтар зан метавонад онҳоро, ба хусус дар иҷтимоъ ба забон биоварад ва ҳақорат, агар дар ҳузури авом гуфта нашавад, хелеҳо аз имтиёзоти худро гум мекунад. Ва низ чунонки пештар ишора кардам, зан рамзи Замин ва пастист ва Мард рамзи баландиву Осмон ва ин амр худ имтиёз аст. Ва аммо захираи луғавии занон дар фанни ҳақорату душном ғанитар аст ва ин бартарӣ кости қаблиро то ҳадде ҷуброн мекунад.

Ин мухтасар, ки гуфтам дар боби афрод буд ва аммо ҷомеъаҳо низ аз назари камият ва кайфияти истифодаи душному ҳақорат бо ҳам тавофут доранд.

Бояд донист, ки ҳақорат таскини дил аст ва чунонки истиъмоли аспирин дарди сарро таскин медиҳад, ҳамчунин ҳақорат туғёни аламу хашмро то ҳадде фурӯ менишонад ва то ҷойе эҳсоси мазаллати заъифию нотавониро ҷуброн мекунад.

Ва аммо ин нуктаро низ бояд донист, чунонки истифодаи инфироддӣ аз ҳақорат мутафовит аст, ҳамчунин истиъмоли он дар ҷомиъаҳо низ фарқ мекунад, чунонки наҳваи ҳақорат ва шеваи истифода аз он иртибот ба сатҳи маънавию ахлоқии шахс дорад, ҳамчунин интишори душному ҳақорат дар сатҳи ҷомиъае ба низоми мавҷуд дар он ҷомиъа иртиботи мустақим дорад. Дар ҷомиъаҳои боз ва демокросӣ ҳақорату душном тақрибан шунида намешавад, ба ҳар сурат онро аз кӯчаву майдонҳои шаҳр барчидаанд ва фаросуи деворҳои баланду панаҳи хонаҳо ва варзишгоҳҳо афкандаанд.

Сабаби аслии ин амр, албатта он аст, ки дар чунин ҷамиъаҳо омилҳои ҳақоратзоро ба нестӣ расондаанд. Заҳматкашон ба воситаи иттиҳодияҳои синфии худ, ба василаи корпартоӣ ва гирдиҳамоиҳо дарду мушкилоти худро ба давлату давлатмардон мерасонанд ва дар аксар маворид ниёзҳои худро бароварда мекунанд. Бароварда накунанд ҳам, боре мушкилоти худро дар майдонҳои васеъ ва дар ҳузури мардум буруз медиҳанд ва дил холӣ мекунанд ва ҷое барои ҳақорат боқӣ намемонад.

Ва аммо дар ҷомиъаҳои худкомаву баста чунин нест, дар ин ҷо на ба корпартоӣ иҷоза ҳаст, на барои гирдиҳамоӣ. Ва чун мардум дар ҷое наметавонанд аз мушкилоти худ ҳарф бизананд, аз муҷримон интиқод бикунанду дод биситонанд, гапашон дар қалбашон гиреҳ мехурад, сурат дигар мекунад ва ниҳоят дар хонаву бозор, дар кӯю барзан дигар на ба сурати қаблии интиқод, ки бо шеваи душному ҳақоратҳои гӯшношуниду болохонадор буруз мекунад. Ба шеваи дигар, чунонки об дар як ҷо истад мегандад, мардум ҳам агар имкон надошта бошанд масоилу мушкилоти худро ба сурати интиқод ва шикояти шифоҳӣ ва ё катбӣ (дар рӯзномаҳо) иброз кунанд, ин интиқоду шикоят дар қалб мемонад, мегандад ва ниҳоят ба сурати душномҳои бадбӯ ва ҳақоратҳои мутаафин берун меояд.

Дар ҷомиъаҳои худкомаву баста он чи дар толорҳои бузург гуфта мешаваду аз телевизион пахш мегардад, комилан мутафовит бо он чи аст, ки дар кӯю хиёбонҳо иброз мешавад. Ин маъниро зоҳиран, давлатмардон ба хубӣ медонанд ва аз ин рӯ, барои ҷуброни он ҳама ҳақорату душному дуъоҳои бад гоҳе бо сарҷунбониҳо ва табассумҳо ва гоҳе бо хомӯшиҳои зоҳиран хоксоронаву дар асл худхоҳона аз мадҳу чопулсӣ тамҳид ва аз маддоҳону чоплусони косалес тамҷид мекунанд. Ин аст, ки дар ҷомиъаҳои баставу автократӣ на танҳо душному ҳақорат, балки маддоҳиву хушомадгӯиву чопулсӣ низ интишори зиёд дорад. Ин ду ҷуфти тафкикнопазиранд, мисли он ки кайку шабушк ҳамроҳони доимии фақру чиркинӣ ҳастанд.

Аз марде ҳикоят мекунанд, ки дар замони шӯравӣ чанд рӯзе як бор меомаду дастон ба пушт дар муқобили бинои КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон меистод, бо садои паст курсинишинони онро душном медод, дил холӣ мекарду мерафт. Онҳое, ки аз тирезаҳо медидандаш, гумон мекарданд, аз онҳо, ки намояндагони масъули ҳизби мардумпарвари коммунистӣ ҳастанд, сипосгузорӣ мекунад.

Акнун ҳамчунин коре дар рӯ ба рӯи он бино имконпазир нест, акнун замони мубориза бо терруризм аст ва ҳар кӣ дар назди биное бекор беш аз се дақиқа таваққуф мекунад, террурист пиндошта ва боздошт мешавад.

Сухани мардум мушобеҳи об аст, ки агар ба мазраъае бирасад месабзонаду ободон мекунад, агар пеши роҳашро бигиранд, ҷамъ мешавад, неру меандӯзад ва саддҳоро меканаду харобӣ меоварад.

## ЗАБОНИ КОРГАР

Дӯстам Абдулаҳади Исо ҳикоят кард: дар канори бозори «Саховат» бачаи 13 –14 солае дар зарфҳои шишагии селитра бензин мефурӯхт,

мошинро нигоҳ доштаму гуфтам, ки бакро пур кунад ва чун сафари тӯлонӣ дар пеш доштам ва ҳамон шабу рӯз сӯхт ҳам кам буд, хостам ягон чалак (конистер) бензин бо худ ҳам бигирам. Ба бензинфурӯш гуфтам, агар чалак дорад, бифурӯшад то бензин бихарам. Надорам, гуфт, ака, вале даруни дарвозаи бозор бидаро як аврат мефуруша, бистлитра. Ва чун, албатта, мехост ҳарчи зудтар бензинашро бифурӯшад, ба раҳнамоии даҳонӣ ҳам қаноат накард ва пеш даромаду маро то назди он зан бурд ва худ шитобон бозгашт. Ман ҳам пулро додам, бақияи пуламро гирифтам ва чалакро бардоштаму омадам.

Чун писарак қифро гузошту ба рехтани бензин шуруъ кард, дидем аз зери чалак бензин метаровад ва писарак бо оҳу воҳ зуд банкаро боло бардошт. Ман чалакро бардоштаму ба назди фурӯшандазан рафтам. Вай машғули суҳбати гарм бо зани дигар буд. Дидам, ки ба ман иътино накард ва суҳбаташон ҳам ба ин зудӣ поён намеёбад, гуфтам:

- Хоҳар, ин чалака иваз кунед, сурох будаст.

Вай чунон ба ман ва баъд ба чалак нигоҳ давонд, ки гӯӣ ҳар дуро бори аввал медид.

- Аз ман харида будӣ?

- Албатта, агар не, намеомадам!

- Кай?

- Ҳоло панҷ дақиқа ҳам нашудаст!

- Ман се сол шуд чалак мефурӯшам, ягон кас баргашта наомад, ки чалакат сурох!

Гумон кардам шӯхӣ мекунад ва ман ҳам ба лаҳни шӯхӣ гуфтам:

- Бибии раҳматии ман 93 сол умр диданд, ҳатто як бор бемор нашуданд, як саҳар хестем, ки дар ҷойи хоб мурдаанд!

- Мара масхара мекунӣ, худат бурдӣ сурох кардӣ овардӣ, фиребам мекунӣ!

- Чӣ хел фиреб, ман чаро чалак харидам, ки сӯрохаш кунам, ҳоло панҷ дақиқа нашуда, ки аз шумо харидам, ду сомонӣ бақия ҳам додед.

- Намедонам, ман имрӯз ҳоло ягон чалак нафурӯхтаам!

Вай намоишкорона рӯй тофт ва боз машғули суҳбат бо зани ҳамсояаш шуд.

Ман чанди дигар ба инсоф хондамаш, Худову Каломашро шафеъ овардам, вале асаре надошт, гӯйӣ ба девор гап мезадам.

Сари хам, дилам пур аз оташи ғазаб ва чеҳраам, эҳтимол аз қаҳру ғазабу заъфу нотавонӣ сурх баргаштам. Писари бензинфурӯш ранг диду ҳол пурсид:

- Чӣ шуд муъаллим?

Ҳар чиро, ки бо занак радду бадал карда будем, нақл кардамаш.

- Тамом?

- Тамом!
- Дигар чизе нагуфтиш?
- Дигар чӣ гӯям!
- Рафтем, - гуфт, - чалакро аз дастам гирифт ва чунон чуст қадам бардошт, ки маро ҳам лозим омад, калонтар қадам бардорам.

Писарак ба пештахтаи зани чалакфурӯш расид, чалакро бардошт ва оҳиста ба миёни зан, ки ҳанӯз машғули суҳбат буд, зад ва чун зан як қад парида рӯй гардонд, фурсати даҳон боз кардан надодаш ва бо тундӣ, бо ҷаҳл ва тезӣ гуфт:

- Эй бева, ҳамин чалака ай пешут мехалонаму ай пуштут мекашум. Э духтарта…., очата…. Мара Карими бензинфурӯш меган-а, фамидӣ ….

Зан ба худ ларзид, сухане нагуфт, хам шуд ва аз зери пештахта чалакеро берун оварду ба ман дароз кард.

- Ай барои Худо, нахо ай барои як чалак ҳаминта бигӯйӣ бачам, бигӣ , бигӣ .

Ман чалакро гирифтам. Карими бензинфурӯш чалаки сӯрохи дасташро аз болои китфи зан ба паси пештахта партофт ва ба қафо гашту ҳамон сон чусту чобук қадам заду рафт.

Баъд аз он ки чалакро бензин пур кард, гуфт, муъалим гапзания ёд бигӣ, интарӣ, ки ту гап мезанӣ, читарӣ зиндагӣ менӣ!

## САФАРИ АЪЛОҲАЗРАТ БА ДЕҲКАДАИ ШОНАРГ

Дар як гӯшаи дунё кишваре ҳаст: Унландия. Агарчи исми Унландияро кам касон шунидаанд ва боз камтар касеро муяссар шуда, ки ба ин мамлакат сафар анҷом бидиҳад - чун душманон дар бораи он овозаҳои росту дурӯғи зиёд мунташир кардаанд ва ба нудрат ҷаҳонгардонро ҷуръати сафар ба ин кишвар боқӣ монда - кишвари зебо ва афсонаист. Дар як гӯшааш баҳор, дар канори дигар зимистон, дар шарқаш тобистон, дар ғарбаш тирамоҳ ҳукмронӣ мекунад.

Унландия ҳафт остон дорад, ҳар остонаш даҳ шаҳристон дорад, ҳар шаҳристонаш сад русто дорад. Яке аз ҳафт ҳазор рустои Унландия Шонарг аст.
Шонарг дар бағали кӯҳҳо ҷой гирифтааст, осмонаш паст аст, аз як канораш рӯд ҷорист. Ва гӯйӣ аз панҷ ҷиҳат - кӯҳҳо аз се тараф, рӯд аз як тараф ва осмон аз боло он қадар фишор овардаандаш, ки ҷуръати пой ёзидану сар боло кардан надорад, ба ҷуз дар рӯзҳои иду сур ва мотаму азо орому сокит аст,якнавохту якмаром орому сокит аст – ба ҳадде, ки гоҳе ин сукуту оромӣ боиси шубҳаи аҳён-аҳён раҳгузарон мегардад, ки Худо накарда, ҳама аҳли деҳ бо говону харону бузу гусфандону хачирону хуконашон ба як бор мурда бошанд.
Аммо инак як моҳ буд, ки Шонарг гӯйӣ аз хоби чандсадсола бедор шуд, сару садоҳояш рӯзи маҳшарро мемонд. Як моҳ қабл ҳокими шаҳристон омад, райиси деҳ, райиси шӯрои худидораи ҷамоъа, поп, мудири мактаб ва чанд нафар саршиносону пирмардони русторо ҷамъ овард ва барои он ки суханаш баландтару мутантан садо бидиҳад, барои он ки таъсираш бештар бошад, лаҳзае чанд хомӯш ба онон нигарист, ба ҳар яке бо диққат нигоҳ кард ва чун дид, ки ҳозирон хеле тарсиданд, табассум карду нафаси амиқ кашид ва хушхабар расонд, ки Аълоҳазрат ба Шонарг ташриф меоранд ва мардум бояд омода бошанд ва аз ҳазрати ҳумоюнӣ чунон пазироӣ кунанд, ки гарди малолат ба гулбарги табъи нозуки Аълоҳазрат нанишинад. Баъд остондор бо ҳайати бузурге омад, диданду нишастанду гуфтанду рафтанд ва омодагк, доду мағалу ғавғо шуруъ шуд. Ва албатта, ин ҳама шодмонӣ ва шӯру валвалаву ҳангома бе ваҷҳ набуд. Аввал, дар панҷсаду анд соли охир барои нахустин бор буд, ки раҳбари кишвар ба Шонарг ташриф меовард ва мардуми Шонарг умед доштанд, ин сафар барои панҷсад соли оянда мояи ифтихор барояшон фароҳам хоҳад кард. Дар панҷсаду анд соли қабл як шоҳзодаи фламандӣ бо дастае аз сипоҳиёни худ аз дасти ҷерманиҳо фирор карда, дар роҳи гурез аз канори Шонарг убур намуда ва номашро бо як байт шеър ба забони қадими лотинӣ дар санге навишта буд. Ва ин санг мояи ифтихору ғғурури мардуми Шонарг дар назди мардуми деҳоти атроф буд. Баъзе шонаргиҳои ифротк ба санги Шонарг қасам ҳам мехӯрданд. Аммо ҳудуди понздаҳ сол пеш академик Луис де Фердинанд омаду мардуми деҳро бо суханони фиребо итминон бахшид, ки агар ин санг ба музейи пойтахт бурда шавад, боиси шуҳрати бештари русто мешавад, ҳазорон меҳмонони хориҷӣ хоҳандаш дид ва агар дар ин ҷо бимонад, пас аз чанд соли дигар аз тобиши офтобу бориши борон, аз гармохуникиҳои табиат, ки ҳама чизро ҷон мебахшаду низ ҳамаро мекушад, мепусаду меҳуладу несту нобуд мешаваду меравад. Ва

худи мардум метину бел гирифтанду буни сангро канданд, мисрон монда ғеҷонданд, дастак карда фуроварданд ва бо ду дасти адаб ба Луис де Фердинанд супориданд ва ӯ сангро бурду дар як гӯшаи як музейи Зимон – пойтахти кишвар, ки дар як ҳафта як тамошоӣ дорад ё не, гузошт. Рост аст ё дурӯғ намедонам, вале дар миёни мардуми русто гап-гап ҳам шуд, ки академик сангро ба ин музей фурӯхтааст. Ба ин ки Луис де Фердинанд сангро фурӯхт, ҳеч кас аз аҳли деҳ шак надошт ва аммо ин ки ба чӣ қимате фурӯхт мавзуъи баҳсҳои доманадор шуд: гурӯҳи кӯчаке бар ин буданд, ки осорхона сангро ба 150 соми қирғизӣ, ки баробар бо 250 евро аст, фурӯхтааст, вале дигарон ин қиматро таҳқир ба Шонаргу аҳли Шонарг ва худи санги таърихӣ донистанд. Ҳамчунин далел оварданд, ки танҳо қимати мошини боркаш аз Шонарг ба Зимон баробар ба 150 евро аст ва ҳеч мумкин нест, академик барои 100 евро ин қадар заҳматро ба худ раво дида бошад. Онон мутмаин буданд, осорхона барои санги нодир ба академик на камтар аз 150 сомонии тоҷикӣ додааст, ки баробар бо 2500 евро ва 4200 доллари амрикоӣ аст. Аммо барои мо ин мавзуъ аслан муҳим нест, ба чӣ қимате фурӯхт, коре надорем, на санги моро фурӯхту на ба мо фурӯхт. Ва аммо Ҷеймс Оланд – як нафар аз сокинони Шонарг, ки порсол ба пойтахт рафта буд, гуфт, суроғ гирифта, пурсида-пурсида, кофта-кофта ин музейро пайдо намудааст ва ходимашро, ки ҳарду бо посбон донаки офтобпараст хӯрда, машғули бозии домино буданд ва ҳеч намехостанд, ки бозиашонро қатъ кунанд, маҷбур кардааст, ки дари музейро боз кунанд, то ӯ санги Шонаргро, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад ва худи ӯ ҳам аз як рустои дури кишвар маҳз барои дидани он санги машҳур ба пойтахт омадааст, бибинад - нагуфтааст, ки худ аз Шонарг аст - ва ҳоли зори сангро дар кунҷи осорхонаи харобу торик дида, қариб ҳой-ҳой гиристааст.

Мардум, албатта, медонистанд, Аълоҳазрат, ки ҳар дақиқаи вақташ аз солҳо пеш барномарезӣ шудааст, фурсат нахоҳад дошт, барои онҳо рӯйи санге чанд ҳарф ҳаккокӣ бикунад, вале зарурате барои ин амр ҳам намедиданд, акнун васоили муассиртаре барои ҷовидонӣ шудани ифтихори онҳо вуҷуд дошт, акнун камераҳои синамоиву телевизионӣ ва дастгоҳҳои аккосӣ ин ташрифро, чун ҳамаи сафарҳои Аълоҳазрат барои наслҳои оянда забту сабт мекарданд. Ҳамчунин аз қабл маслаҳат шуда буд, ки ҷойи нишасти Аълоҳазратро ба панҷараи чӯбқ ва ё беҳтараш оҳанқ иҳота ва ба зиёратгоҳ табдил хоҳанд дод.

Дар иртибот бо ҷойи нишасти Аълоҳазрат Эдвард Ҷойс—марди қавиҳайкалу девпайкар ба пирони русто ва райиси шаҳристон пешниҳод кард, ки ӯ, Эдвардро ба ҳайси курсии нишасти Аълоҳазрат истифода бикунанд. Эдвард гуфт, - ва ҳамзамон нишон

ҳам дод, ки вай чаҳор дасту пояшро ҷамъ оварда, оринҷу зонувонашро ба замин гузошта, нимахоб мекунад ва онҳо матои зарбафтеро ба тахтапушти бузурги ӯ паҳн мекунанд ва Аълоҳазрат ҳарчи муддате ки хост, ё лозим аст, ба пушти ҳамвору нарми ӯ менишинад. Эдвард гуфт, ин амр боиси шуҳрати дигари Шонарг мешавад, чун то кунун Аълоҳазрат дар ҳеч сафаре ба минтақае касеро ба нишастан дар тахтапушт мушарраф накардааст. Сарони деҳу шаҳристон ин пешниҳодро бо хурсандӣ пазируфтанд ва Эдвард Ҷойс се рӯз ба худ болида гашт. Аммо, Луиза Алан – духтари паканаи Серж Алан хабари Курсиэдвардро низ дар қатори хабарҳои дигари русто аз тариқи SMS ба падараш, ки дар сафар буд, фиристод ва пас аз соате Серж Алан занг зад, ки Луиза ба сарони деҳ бирасонад, ки ба ҳеч ваҷҳ ба ин пешниҳоди худхоҳона ва аблаҳонаи Эдвард розӣ нашаванд. Албатта, ба ин чиз ақли Эдварди кавдани ҳатӯл намерасад ва маншаъи ин пешниҳод зани ӯ Фаинаи фаттон аст, гуфт Серж, аммо муҳим ин нест, муҳим ин аст, ки Эдвард ва Фаина бо ин кор қасд доранд, қисмате аз шуҳрати ояндаи Шонаргро ба худ ихтисос бидиҳанд. Ба ивази курсӣ, ки онро метавон асрҳо дар музейи мактаб нигоҳ дошт ва ба наслҳои ояндаву меҳмонон нишон дод, истифода кардан аз тахтапушти Эдвард, бо он ки аз суйе, воқеан бузургу ҳамвор аст ва беш аз ҳар кори дигар дархӯрди бар рӯяш нишастан ва аз суйи дигар, кори бесобиқа ва ғайримаъмулӣ мебошад, агар нарм бигӯям, кӯтоҳбинӣ асту бас, зеро Эдвард чун ҳар инсони дигар миранда аст, пас аз чанд соли дигар хоҳад мурд ва худ мурданаш, ки ҳарфе нест, вале баробари ба хок супурдани ҷанозаи ӯ, мо курсии таърихиро низ бо дасти худ дафн хоҳем кард.

Сарони деҳ бори дигар ба ақлу заковати Серж Алан қоил шуданд ва ба Эдвард Ҷойс кас фиристоданд, ки пешниҳоди аблаҳона ва худхоҳонааш рад шуд ва зинҳору зинҳор бори дигар дар ин бора даҳон накушояд.

Ва аммо Эдвард Ҷойс – ва ба гумони Серж Алан Фаинаи фаттон – натавонист ба тақдир тан диҳаду хомӯш биншинад. Вай – ба гумони Серж Алан бо ҳидояти занаш – ба шаҳр рафт, се рӯз ғоиб шуд ва пас аз се рӯз бо тасвири бузурги Аълоҳазрат дар рӯи синааш ва тасвири дигари Аълоҳазрат нишаста дар рӯйи саманд дар тахтапушти бузургаш баргашт. Ва як рӯзи дароз дар саҳнаи синамохонаи Шонарг, ки хуки парвориашро фурӯхта онро ба иҷора гирифта буд, ин тасвирҳоро ба маърази диди мардуми деҳ гузошт. Мардум тасвирҳоро писандиданд ва аҳсанту офарин гуфтандаш. Ба хусус тасвири тахтапушти Эдвард ҷолиб ва диданӣ буд; чун Эдвард китфонашро меҷунбонд асп ба дав меомад ва баробар бо дави асп бадани муборакии Аълоҳазрат болову поин мешуд; ин тасвир гӯӣ ки зинда буд ва гумон мекардӣ, асп баъди лаҳзае аз гареваи тахтапушти

Эдвард ба поён меҷаҳад ва давашро дар рӯи замин идома медиҳад. Серж Алан, ки низ дар ин бора аз номаҳои духтараш хабар ёфта буд, ақида дошт, мубтакири тарсими ин тасвирҳо низ Фаинаи фаттон аст, ки Эдварди кавданро бо суханони фиребо ва таърифу тавсиф гӯл зада ва ба ин амр ҳидоят намудааст. Серж Алан бар ин муътақид буд, ки азбаски дили Эдвард қодир нест бо суръат ва ҳаҷми лозим ба ҳамаи гӯшаву канори бадани бузурги ӯ хун бирасонад, бадеҳист, ки ба мағзи ин паҳлавон хун камтар мерасад ва ба ин сабаб мағзаш кунд кор мекунад (чунонки донишмандон собит кардаанд, ки чун динозаврҳо ҷисме бузург доштанд ва дилашон ғизои мағзашонро наметавонист таъмин кунад, иртиботи онҳо бо воқеъият заъиф шуда, боиси маргу мири умумиашон гардид) ва ба ин иллат низ Фаинаи фаттон хеле осон мефиребадаш. Ва аммо ҳадафи Фаина ҷуз ин набуда, ки шаб ки дар рахт Эдвард ба оғӯш мегирадаш, худро дар огӯши Аълоҳазрат бибинад ва агар Эдвард пушт мегардонад, дар паси Аълоҳазрат дар аспи ӯ биншинад.

Ва нуктаи ҷолиб ин аст, ки ҳамин Эдварди ба қавли Серж Алан кавдану аблаҳ осонакак рафиқ ва ҳамсояи девордармиёнаш Эрик Шнихтро аблаҳу бадбахт кард ва аз об ҳам хушк берун омад.

Эдвард рӯзе субҳи барвақт дарвозаи ҳамсояро сахту боисрор кӯфт. Эрик, занаш ва духтару писараш ҳанӯз дар хоб буданд ва аз садои мушти Эдварду чӯби дарвоза аввал худи Эрик бедор шуд, бедор шуд, вале натавонист, балки нахост аз ҷой бархезед. Занашро бедор кард:

- Хез, рав бубин, кадом аблаҳ субҳи зуд дарвозаро мекӯбад.

Занаш ҳам натавонист, зоҳиран нахост аз ҷой бархезад, ба паҳлӯи дигар ғелид ва аз паси пардаи хоб ғурунгид:

- Дасташ, ки дард кард, ба дилаш, ки зад мегардад меравад.

Аммо дасти Эдвард дард накард, дасти ӯ аз дастоне набуд, ки аз ним соат кӯфтан ба чӯби дарвоза ба дард меоянд. Бо ин ҳол сабрро аз даст дод, баргашту аз девор ба ҳавлии Эрик гузашт ва беибо ба хона даромад.

- Эрик, бихез, ки гапи муҳим дорам.

Эдвард дар миёнаи хона рост меистод ва Эрику занаш илоҷе ҷуз бархостан, либос пӯшидан ва дар рӯ ба рӯи Эдвард нишастан надоштанд.

Эдвард лаҳзае хомӯш ба зану шавҳар нигоҳ карда нишаст, баъд табассуме кӯдаконаву малеҳ кард ва гуфт:

- Агар роҳе нишон бидиҳам, ки хонаатро дар зарфи як моҳ, бепул аз нав созанд, чӣ медиҳӣ?!

Эрик ба занаш нигарист, занаш ба Эрик ва ҳар ду баробар ба Эдвард.

- Чӣ тавр?

- Чӣ медиҳӣ?

-Чӣ тавр, охир?
-Чӣ медиҳӣ?
Эрик се сол боз ният мекард, хонаи нав созад ва хонаи кӯҳнаи бобоиашро, ки эҳтимоли ҳар лаҳза фурӯ уфтодан дошт, хароб кунад, аммо чун мехост ба иҷрои ният шуруъ кунад, дилашро тарсу ҳарос пахш мекард, на пули зиёд дошт, ки ба устоҳо диҳад, на ҳунари кофӣ, ки ҳадди ақалл қисме аз корҳоро худаш анҷом диҳад. Ва низ аз кор метарсид, тамоми умр ба ғайр аз хурдафурушӣ дар бозораки русто кори дигаре накарда буд.
- Чӣ мехоҳӣ? Хоҳӣ хачирамро бигир, хоҳӣ як модахук медиҳамат?
- Модахуки ҷавону зоё!
Эрик розӣ шуд. Эдвард садо пастар кард ва гуфт, ки бояд Эрик як шаб девори тарафи роҳи хонаашро хароб кунад.
- Азбаски деворҳои хонаи ту бояд кайҳо фурӯ мерафтанд, касе шубҳае намекунад ва азбаски хона дар сари роҳ аст ва сафари Аълоҳазрат ҳам наздик ва роҳбарон намехоҳанд, ки чашми Аълоҳазрат ба чунин харобае афтода табъашон хира шавад, мутмаин бош, ки ба зудӣ хонаатро аз нав хоҳанд сохт.
Эрику занаш чанд лаҳза хомӯш монданд, хомӯшии Эрик эҳтимол хеле бештар тӯл мекашид, аммо пешниҳоди нимахоми Эдвард ба зудӣ дар деги мағзи занаш пухт; вай хонаи баланду зебоеро дар муқобили чашмонаш дид ва аз ҷой бархоста, шавҳарашро андаке тела дода хам шуд ва аз пешонии Эдвард бӯсид. Вале тардид, мисли хари гарданшах, ки намехоҳад аз ҷуйи об гузарад, ҳеч намехост аз қалби Эрик берун равад. Ва ниҳоят, пас аз панду насиҳатҳои Эдвард ва таҳдиду пӯписаҳои занаш, баъд аз ду ҳафта, шабе девори хонаи Эрик фурӯ афтод. Субҳи зуд мардуми русто ҷамъ омаданд, ҳама ба як овоз гуфтанд, ин деворҳо хеле зудтар аз ин бояд меуфтоданд, на ҷойи аҷобат аст, на мавриди таассуф.
Баъд калонҳои рустову ҷамоъа ҷамъ омаданду диданду рафтанд. Сарони шаҳристон ҳамроҳ бо калонҳои ҷамоъаву русто омаданду диданду суханҳое радду бадал карданду рафтанд. Роҳбарони остон ҳамроҳ бо сарони шаҳристон ва калонҳои ҷамоъаву русто омаданду гуфтанду шунуданду рафтанд. Вале ба ҷуз намояндагони ширкати бима касе ба назди Эрик наомад, ҳеч кас аз Эрик ҳолпурсҷ накард. Намояндагони ширкати бима баъд аз баҳсҳои тӯлонӣ, бо пешиниҳоди ҳисобҳои печидаву мураккабе, ки ақли Эрик ба фаҳмаш намерасид, пули ночизе ба ӯ доданду рафтанд.
Ва баъд аз чанд рӯз тоблуи бузургеро бо абъоди 20 ба 120 бо тасвири Аълоҳазрат дар миёни бачагони тозаву озода, ки дар зераш «Ояндаи мо дурахшон аст» навишта буданд, оварданду аз пеши девори харобшудаи Эрик насб карданд. Ва тамом.

Эрик албатта, бо доду фарёд ба ба назди Эдвард омад, Эдвард китф дарҳам кашид, охир кӣ медонист, ки ин тавр мекунанд. Ва афзуд:
- Аслан гуноҳи худат, агар ҳамон бори аввали гуфтанам, хароб мекардӣ, сиву панҷ рӯз вақт буд, хонаи калону баалнде бароят месохтанд, лекин дар бист рӯз чӣ мешавад кард.
Аз ин сухан Эрик бештар барошуфт.
- Ҳамон бегоҳ худат омадӣ, ки кай хонаро мегардонӣ, нагуфтӣ, ки нагардон акнун дер шуд, баръакс гуфтӣ, ки кафолат медиҳӣ.
- Ман аз куҷо донам, бояд месохтанд.
Эрик хост аз Эдвард ба додгоҳ шикоят барад.
Вале Эдвард ва ҳам занаш тарсондандаш, ки агар ба ҷойе шикоят барад, вайрон кардани хона фош мешавад ва дар ин сурат, албатта ширкати бима ҳам пулҳои додаашро бозпас мегирад ва на танҳо бозпас мегирад, балки барои фиреб ва тақаллуб ҷарима ҳам мекунандаш.
Ва аммо агар аз ин хурду резаҳоро сарфи назар кунем, боқӣ ҳама чиз хуб буд. Орзуҳои ширин ва бештар аз он иштиёқи дидори Аълоҳазрат аз наздик ва агар бахт мададгор бошад, даст дода салом кардан бо ӯ, ба мардум, гӯӣ, пару бол дода буд ва ҳама бо шавқу завқ, чун пионерони Иттиҳоди шӯравии собиқи мо дар шанбегии коммунистӣ бо шодмонию сурур кор мекарданд. Гурӯҳе девори хонаҳо ва боғотро сафед мекарданд, чанд нафар зан латта дар даст ғӯтҳои гилолудро, ки баҳори соли пеш сел аз доманаи кӯҳҳо канда оварда, дар соҳили дарё, дар канори роҳ афканда буд, мешустанд ва чанд нафар талабагони синфҳои болои мактаби деҳ зери назорат ва раҳнамоии муаллимонашон суханони баҳикмату андарзҳои Аълоҳазрат ва аҳодиси анбиёву авлиё ва абёти классиконро бо рангҳои парчами миллии Унландия дар рӯяҳои ҳамвори ғӯтҳо менавиштанд. Гурӯҳе як порча замини мусаттаҳи канори деҳро ҳамвортар мекарданд, пастиҳояшро пур мекарданд, баландияҳояшро паст месохтанд, то чархболи Аълоҳазрат тавонад бидуни душворӣ бинишинад. Зимнан бояд гуфт, мардуми деҳоти атроф, ки аз рӯзи эъломи сафар бо ҳасаду рашк ба мардуми Шонарг менигаристанд, мутмаин буданд, ки Шонарг ба унвони маҳалли сафари навбатии Аълоҳазрат маҳз барои ин замини ҳамвору мусаттаҳи канораш интихоб шудааст, чӣ ҳеч деҳи дигар дар ин гӯшаи аз хотири Худо фаромӯшшудаи кӯҳистони Унландия чунин замини ҳамвори сахт, ки чархбол дар он нишастан тавонад, надошт. Ва аммо шонаргиҳо мутмаин буданд, Аълоҳазрат ки таърихро мисли панҷ панҷааш медонад, таърихномаҳоро об карда хӯрдааст, Шонаргро ба сабаби шуҳрати оламгираш маҳалли ташрифи хеш интихоб намудааст.
Ва аммо чаҳор нафар муаллими мактаб суолҳоро, ки бояд дар мулоқот бо Аълоҳазрат аз ҳазрати ҳумоюнӣ пурсида мешуданд, ба

гурӯҳе аз талабагон тақсим карда дода буданд ва акнун бо онҳо ҳар рӯз як соат субҳ ва як соат баъд аз зуҳр тамрин мекарданд, то ҳар як суолро аз ёд, бехато, бурро гуфта тавонанд. Бар тибқи муқаррароти Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ шарафи ироаи суол ба Аълоҳазрат бояст танҳо ба талабагони аълохон ва пешсафу баодоб вогузор мешуд, то аз чунин донишомӯзон қадрдонӣ шавад ва ба ин васила ҳамаи донишомӯзони кишвар ба таҳсили илму адаб ташвиқ ва таблиғ шаванд. Ва низ бино бар муқаррарот суолдиҳандагон бояст мисли гӯсфанди қурбонии мо, мусалмонон, комилан бе айбу бе накс мебуданд: шал, ланг, кал, кар, олус, пакана, даҳанкаҷ, каҷбинӣ, бинипучуқ, забонаш лакнатдору гиреҳчадор, рӯяш доғи кунҷидакдорро иҷозаи ироаи суол намедоданд, то ҳангоми суол додан хотири Аълоҳазратро озурда ва зимни пахш кардан аз тариқи телевизион завқи зебоиписанди миллатро хадашадор насозад. Ва муаллимони мактаби Шонарг низ чунин карда буданд, панҷ суолро, ки аз марказ, аз Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ ба воситаи пусти махсус ирсол шуда буд, ба панҷ нафар аълохон ва талабагони тақрибан беайб дода буданд. Аммо дар ҳамин як вожаи содаи «тақрибан» масоили зиёде нуҳуфта буд; аз ин панҷ нафар донишомӯз чаҳор нафар суолҳоро ба тавре ки мебояст ироа медоданд; бурро, шунаво ва фаҳмо! Вале писари Роберт Ҷин вожаи ”Аълоҳазрат”-ро ба дурустӣ талаффуз кардан наметавонист, чунон талаффуз мекард, ки агар аз унландӣ ба тоҷикӣ баргардонем, масалан, ”ало ҳазрат” мешавад ва таъкиду танбеҳи муаллимон низ таъсире надошт, вай на ин ки аслан наметавонист садои ”ъ”-ро талаффуз бикунад, балки ба иллати ин ки талоши зиёд ба харҷ медод то «ъ»-ро талаффуз бикунад, задаро нодуруст мегузошт ва «алоҳазраташ» чун «ҳазрати ало» садо медод. Худаш пешниҳод кард, ба ҷои ”аълоҳазрат” ”волоҳазрат” бигӯяд, вале муаллимон ҳамон лаҳза ин пешниҳодро рад карданд. ”Мон бе бало шинем”, гуфт муаллими таърих. Чунки ду сол қабл Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ истифодаи ”волоҳазрат”- ро қатъиян манъ ва ба ивази он корбурди ”аълоҳазрат”-ро пешниҳод карда буд ва ҳамаи пешниҳодҳои Пижуҳишгоҳ баробари чоп шудан дар матбуоти давлатӣ ҳукми қонунро дошт. Агарчи Пижуҳишгоҳ сабаби ин тағйирро шарҳ надод, вале тақрибан ҳама медонист, иллати асосӣ ин буд, ки шаҳрвандони кишвари ҳамсоя низ ба тақлид аз шаҳрвандони унландӣ аз чанд соли пеш ба раиси ҷумҳуриашон ”волоҳазрат” хитоб кардан гирифтанд. То замоне, ки Аълоҳазрат бо раиси ҷумҳурии кишвари ҳамсоя иртиботи ҳасанаю дӯстона доштанд ва пас аз саломуалейку бӯсобӯс дастонашонро бо алкул намешустанду лабонашонро бо даструймол ва ё пушти даст пок намекарданд, ин мавзуъ матраҳ набуд. Вале баъд аз он ки ҷангӣ шуданд, раиси

ҷумҳурии Унландия қатъиян нахостааст, ки ин касро мисли он кас ном баранд. Ва аммо сабаби қаҳрӣ шудани онон чунин будааст, ки райиси ҷумҳурии Унландия дар иҷлосе, ки райиси ҷумҳурии ҳамсоя кишвар ва миллати унландиро носазо гуфта, аз ҷой бархоста ва аз ин суйи мизи гирд даст дароз карда, чунон як тапончаи обдоре ба рӯйи райиси ҷумҳурии ҳамсоя задааст, ки панҷаҳояш ба рухсораи фарбеҳи вай фурӯ рафта ва пайаш дар рӯйи ӯ нақш бастааст ва райиси ҷумҳурии кишвари ҳамсоя ҳатто натавонистааст мутобиқ бо ташрифот дар аксбардории умумии руасои ҷумҳурии ширкаткунанда дар иҷлос ҳузур ёбад ва дар иҳотаи танготанги кормандони амниятии худ ва кишвари мизбон баробар бо тамом шудани иҷлос ба ватани худ баргаштааст. Гузашта аз ин, бино ба иттилоъи ҷосусони унландӣ рӯйи райиси ҷумҳурии кишвари ҳамсоя пас аз гузашти солҳо низ ҳангоми сармоҳои шадиди зимистон ва гармоҳои тоқатфарсои тобистон вал-вал месӯхтааст. Райиси кумитаи амнияти Аълоҳазрат ва кишвар чун ин гузоришномаи махфиро хонд, аз камоли шавқ аз ҷой бархост ва даст ба даст молид ва дар кабинети бузургаш ин тарафу он тараф рафта омадан гирифт. Вале пас аз чанд дақиқае ақли даррокаш пай бурд, ки дар ин гузориш чизе, як чизи хеле муҳимме намерасад. Гузориш ба ин сурат беш аз як ҳафтае наметавонад боиси хушҳолии Аълоҳазрат шавад ва ҳадди ақалл нуктае мебоист, ки ду-се моҳ Аълоҳазратро хушнуд кунад. Ва чун соате фикр кард, ба гузориш афзуд: аз манобеъи мувассақ маълум гардид, ҳангоме ки райиси ҷумҳурии кишвари ҳамсоя ба ғазаб меояд, нақши ангуштони Аълоҳазрат дар чеҳрааш падид меояд ва азбаски вай зуд-зуд ба ғазаб меояд, нақши ангуштони Аълоҳазрат ҳам пайваста дар рухсорааш зоҳир мегардад ва пизишкон ҳеч дармони ин дарду ин нақшро пайдо накардаанд. Ва ин амр боис шуда, ки дар кишвари ҳамсоя ду тан шабеҳи райиси ҷумҳурро пайдо кунанд ва ин ду тан ҳастанд, ки райиси ҷумҳуриро дар дидорҳо, музокирот, мушовирот, иҷлосҳо, иду ҷашнҳо, маросими наворбурии корхонаву муассисаҳои ҷадид, ки метавон гуфт, дӯстдоштатарин кори райиси ҷумҳурии ҳамсоя буд, иваз мекунанд.

Аммо бархе аз мухолифини Аълоҳазрат, ки албатта, дар хориҷ аз Унландия сукунат доранд, бар ин бовар буданд, ки ҳамарӯза ҳазор бор шунидани «волоҳазрат» дар давоми бисту чаҳор сол худ ба дили райиси ҷумҳурии Унландия зада буд ва чунонки кӯдак ҳамарӯза шоколад хурад, дигар лаззате аз он намегирад, гӯши вай ҳам дигар аз шунидани ин таркиб роҳат намекард ва ҷанҷол бо райиси ҷумҳурии ҳамсоя фақат баҳонае шуд, ки тавсифи дигареро ҷойгузини «волоҳазрат» бикунанд. Гузашта аз ин, онҳо таъкид мекарданд, худи сафарҳои пай дар пайи Аълоҳазрат ба манотиқи кишвар низ аслан барои шунидани тавсифу таърифҳои болохонадор

аст, ки гӯшаш ба онҳо хӯ гирифта ва акнун, чунонки бемори музмини қанд бидуни инсулин наметавонад, ӯ ҳам агар се рӯз пайи ҳам ин ҳама чоплусиҳову хушомадгӯиҳо бо вожаву таркибҳои тоза ба тоза ва аз забони гӯяндагони нав ба навро нашунавад, сараш шадидан дард мекунад ва айшаш талх мешавад. Аммо набояд ин нуктаро ҳам фаромӯш кард, ки рақиб рақиб аст ва агар баҳонае наёфт, мегӯяд чаро думи гурбаат кач аст. Вале ҳар чӣ бошад бошад, ба мо чӣ! «Гӯянд ба Балосоғун турке ду камон дорад, гар з-он ду яке кам шуд, моро чӣ зиён дорад?». Ин баҳсҳоро ба худашон вогузор мекунем.

Хулоса, писари Роберт Ҷин "аълоҳазратро" "алоҳазрат" талаффуз мекард, "волоҳазрат" мамнуъ шуда буд, на танҳо мамнуъ шуда, ки ҳар ки «волоҳазрат» мегуфт, гуноҳаш баробар бо гуноҳи муртадоне буд, ки номи Аълоҳазратро бидуни тавсиф ба забон меоварданд. Ва муаллимон аз боиси забони писари Роберт Ҷин гирифтори ғаму андеша буданд. Ва ин андешаву ғам беваҷҳ набуд, албатта! Роберт Ҷини бозаргон ваъда карда буд, ки агар писараш ба райиси ҷумҳурӣ суол бидиҳад, ки ҳатман пас аз он як ҳафта аз тариқи ҳамаи шабакаҳои телевизионии кишвар пахш мекунандаш ва баъдан низ такрор ба такрор намоиш додан мегиранд, ба директори мактаб панҷ халта ва ба ҳар нафар аз чаҳор муаллими масъули суол се халтаӣ орд медиҳад. Се халта орд баробар бо моҳонаи ҳаштмоҳаи муаллимони унландӣ буд ва захираи орде, ки хонаводаҳои шонаргӣ аз ҳисоби кишварҳои пешрафтаи ёрирасон, чун Тоҷикистону Молдова ва Боливияву Ангола ва Узбакистону Уганда ду моҳ пеш гирифта буданд, қариб тамом мешуд ва ин аст, ки муаллимонро ҳеч дилашон намехост писари Роберт Ҷинро аз савол додан маҳрум ва ироаи суолро ба нафари дигаре вогузор кунанд. Ин амр то ҳадде боиси ташвиши хотири муаллимон ва коҳиши лаззати дидори Аълоҳазрат дар қалби онҳо шуда буд. Онҳо, албатта, хуб медонистанд, ки чанд рӯз қабл аз сафари Аълоҳазрат комиссиони вежаи Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ хоҳад омад ва аъзои он аз ҷумла, суолдиҳандагон ба райиси ҷумҳуриро аз назари ҷисмонӣ ва шеваи суол додани онон баррасӣ хоҳанд кард ва хоҳу нохоҳ айби писари Роберт Ҷин фош мешавад ва муаллимон на танҳо аз халтаҳои орд маҳрум мешаванд, балки барои дидаву dониста аъзои комиссионро фиреб карданашон танбеҳ мешунаванд. Аммо Роберт Ҷин гуфт, вай ин масъаларо худ ҳал хоҳад кард ва муаллимону раиси мактабро итминон бахшид, ки хиёлашонро беҳуда барои ин масъала парешон накунанд. Аммо муаллимон намехостанд хатар кунанд ва исрор намуданд, ки агар роҳе медонад, ҳамакнун барояшон бигӯяд, то ки онҳо осуда бошанд ва шаб ором бихобанд. Роберт Ҷин гуфт, мехоҳад ҳайати комиссионро зиёфат бидиҳад ва чунон зиёфат бидиҳад, ки масти

лояъқил бишаванд ва одам, ки маст шуд, пасту баландро намешиносад, кампири золро дӯшиза мепиндорад, шери нар ба назараш гурбаи мода менамояд ва ё баръакс гурбаро паланг мебинад, мастиву девонагӣ якест ва хулоса ҳеч яки аъзои комиссион як ҳарфи уфтода аз забони писари ӯро пай намебаранд ва аслан ҳам ба хотири як ҳарф кӯдакеро ранҷонидан ва тамоми умр ӯро озурдахотир кардан, аз рӯи адолат, ки муҳимтарин рукни сиёсати Аълоҳазрат ҳам ҳаст, ҷоиз нест!
Муаллими таърих эътироз кард, ки фаразан Роберт Ҷин метавонад узви комиссионро биферебад ва писараш ба суол додан мушарраф бишавад, фаразан дар толори бузург як ҳарфро хӯрдани ӯро ҳам касе пай набарад, вале бо телевизиону радио чи хоҳад кард, ки дастандаркорони онҳо қабл аз пахши барнома бори дигар онро бо диққат баррасӣ мекунанд ва ҳатман лакнати забони писари ӯро пай мебаранд. Роберт Ҷин табассуми ширине кард ва хост посух бигӯяд, вале пеш аз ӯ муаллими физика даҳон кушод ва фаҳмонд, илму фан ва фановарӣ он қадар пеш рафта, ки ислоҳи як садо бо васоили техникӣ барои оне ки бо фанну фановариҳои муосир ошност ва ба ивазаш пуле ҳам дарёфт мекунад, ҳеч мушкиле нахоҳад дошт.
Ва Роберт Ҷин, ки дар пойтахт дӯстони зиёд дошт, рӯзи сафари ҳайати комиссионро аниқ муъаян кард, пайваста занг зада, соати ба роҳ баромаданашон аз Зимон ва бо чи гуна мошин баромаданашонро фаҳмид ва ба писараш масъала дод, ки агар мошин дар 218 км роҳи ҳамворӣ бо суръати миёнаи 90 км дар соат ва дар 147 км роҳи куҳистон бо суръати миёнаи 65 км дар соат ҳаракат кунад, баъд аз чанд соат аз пункти А - Зимон ба пункти Б – Шонарг мерасад ва писараш, ҳамоне ки боястӣ ба Аълоҳазрат суол медод ва ин ҳама давуғеҷи падараш ва ҳазинаҳои ҳангуфт ҳама барои ояндаи ӯ буд, ба зудии зуд, баъд аз 45 дақика ҳисобу китоб, зарбу тақсиму ҷамъ карда хабар дод, ки баъд аз 5 соату 8 дақиқа мерасад, падарҷон. Роберт Ҷин писарро таҳсин гуфт, либосҳояшро иваз кард, ба маркази деҳ омад ва пас аз ду соати дигар ошпазҳоро фармуд ба кор шуруъ кунанд. Ошпазҳо дар зери понздаҳ дег алов карданд. Як соат қабл аз он ки комиссион бояст ба Шонарг мерасид, донишомӯзони мактаби русто бо ҳидояти муаллимон аз масофати як километр берун аз деҳ то маркази он дар ду тарафи роҳ дар фосилаи яку ним метр аз ҳамдигар саф оростанд. Аслан чунин саф оростани донишомӯзон дар сартосари кишвар ба ҷуз ҳангоми ташрифҳои Аълоҳазрат муҷоз набуд. Аммо дар ин ҳол низ Роберт Ҷини зирак илоҷи корро пайдо карда буд. Ин саф оростан ба шарафи омадани комиссион нест, гуфт вай ба директор ва муаллимон, ки мухолиф бо ин кори ғайримуҷоз буданд, балки тамрин аст ва ҳайати комиссион, ки вазифааш баррасии сатҳи омодагии русто барои ташрифи Аълоҳазрат аст, аз

ҷумла ин сафороиро низ ба чашми худ мебинад ва арзёбӣ мекунад. Муаллими физика, ки хеши Роберт Ҷин буд ва ҳамеша дар баҳси миёни муаллимон дар мавриди сарчашмаҳои сарвати ҳангуфти Роберт Ҷин аз ӯ пуштибонҷ мекард, ба нигоҳе омехтаи ғуруру шамотат ба муаллими таърих нигарист: дидӣ ақлу заковатро, дидӣ сарчашмаи сарватро! Муаллими таърих посухи омода надошт ва мунфаъил гашту рӯй тофт. Роберт Ҷин ҳамчунин нафареро дар панҷкилометрии русто гузошт. Гуфт, агар Мерседеси 200, ранги сафед, бо шумораи 5050 пайдо шавад, ҳамон лаҳза ба муаллими физика, ки дар оғози сафи донишомӯзон қарор дошт, занг бизанад ва муаллими физика баъд аз ду дақиқаи дарёфти ин хабар ба донишомӯзон амр кунад, ки ба алвонҷ додани байрақчаҳои дасташон ва бо фосилаи бист сония такрор кардани «марҳабо, Аълоҳазрат, ба Шонарги бостон, хуш омадед» шуруъ намоянд. Ва айнан ҳамин тавр шуд, ки Роберт Ҷин мехост. Роберт Ҷин донишомӯзонро чунон саф ороста буд, ки аъзои комиссион наметавонистанд ба ҷуз дар ҷойе, ки вай мехост, пиёда бишаванд. Ва чун пиёда шуданд, балки шояд ҳанӯз пиёда нашуда, бӯи хуши таъомҳои гунагун ба димоғ расидан гирифт. Ҳудуди шаш соат роҳ паймудан дар ҷодаи ноҳамвор худ он чиро дар шикам буд, ҳал карда, таҷзия намуда буд ва ҳама гурусна буданд. Аммо афзун бар ин, сардори комиссион – марди тақрибан панҷоҳу ду –панҷоҳу сесола, ки тайи 16 сол ба ҳайси аъзо ва райиси комиссион бо чунин маъмуриятҳо ба гӯшаву канорҳои кишвар зиёд сафар карда ва таҷриба андӯхта буд, медонист, барои истифодаи босамар аз чунин сафарҳо бояст ду рӯз қабл аз он чизе нахӯрд, то аз дастархони мизбононончунон хӯрда бишавад, ки пас аз он ҳам ду рӯз чизе хӯрда нашавад. Вай ҳисоб карда буд, ки агар соле 15 бор ба чунин маъмуриятҳо биравад, метавонад 75 рӯз аз ҳисоби худ чизе нахурад. Илова бар ин, бештари мизбонон ҳамчунин халтаҳои пури ғизо – аз гӯшту ҳасибу панир гирифта то себу ноку биҳӣ, аз оби маъдан гирифта то коняку вискиро бо чоплусиву хушомад дар сандуқи ақаби мошинаш мемонданд ва ӯ медид, ки агар ҳоҳишашонро бипазираду ин тухфаҳоро қабул кунад, мизбонон чӣ қадар хурсанд мешаванд ва агар қабул накунад, афсурдаву пажмурда мешаванд ва ӯ, ки марди боилтифоту меҳрубон буд, ҳеч гоҳ ба худ иҷоза намедод, ки мизбонон аз ӯ дилмондаву ранҷидахотир бимонанд. Роберт Ҷин хеле дақиқ пешбинӣ карда буд; меҳмонон, ки роҳи дарозро тай карда гурусна монда буданд, зуд розӣ шуданд, ки аввал «ним соатак» барои сарфи таъом ба сари дастархон биншинанд. Ва нишастанд. Аммо, кӣ гуфт, ки 15 навъи таъомро дар ним соат мешавад хӯрд?! Гаргантюа[1] хам наметавонад! Вале инро

[1] Гаргантюа, ќањрамони пањлавонљусса ва пурхӯри романи Франсуа Рабле «Гаргантюа ва Пантагрюэл».

ҳам бигӯям, ки на ҳама тавонист аз тамомии ин 15 навъи таъом ҳадди ақалл чошнӣ бигирад. Аз меҳмонон танҳо райиси комиссион – Алберти анбор то ба охир дошт дод. Алберт Ҷеймс, ки ба муносибати шиками бузурги бетаҳаш мулаққаб ба «анбор» шуда буд, барои он ки тавонад дар зиёфатҳое, ки ба муносибати маъмурияташ меоростанд ҳарчи бештар бихурад ва ҳам худ лаззат бигираду ҳам мизбононро хурсанд кунад, барои таҳаққуқи ин амр аз чанд шева истифода мекард; аввалан, ғизоро хуб ва дурудароз мехоид; сонияан, чун ғизо мехӯрд аз моеъот ба ҷуз араққи русҷ чизе намеошомид ва баъд барои он ки таъсири арақро бибурад наботчой мехӯрд; севум, пинҳон аз чашми дигарон қурси исҳоловар мехӯрд ва бо баҳонаи қазои ҳоҷат ба мабраз мерафту он чиро ба «шикамамбор» гунҷонида буд, холӣ мекард ва агар қурс набуд, ду ангуштро ба гулӯ мехалонид ва чунонки, бигӯем, ходаи дарозеро ба хафоли рӯбаҳ андохта, рӯбоҳро маҷбур ба берун омадан мекунанд, хӯрдаҳояшро иҷборан ба халоҷо мерехт ва тару тоза ба сари дастархон бармегашт. Сархуш мешуд, вале ҳеч гоҳ масти лояқил не. Ва яке аз ду сабаби солиёни тӯлонӣ дар раъси комиссион монданаш ҳамин буд. Сабаби дигар, ки шояд сабаби асосист, ин буд, ки мегӯянд, хонаводааш бо хонаводаи райиси ҷумҳурӣ дар замоне, ки Алберт ва Аълоҳазрат ҳарду ҳанӯз хурдсол будаанд, се сол дар ҳамсоягӣ зистаанд. Ва замоне, ки падари Алберт дар бемористон дар рахти марг мехобид, Аълоҳазрат, ки марди меҳрубон аст, ба дидорбиниаш омад ва падари Алберт дасти райиси ҷумҳуриро ба даст гирифта, ба ӯ васият кард, ки метарсам баъд аз сари ман Алберт хору зор бишавад, зеро ҳеч касбу ҳунаре, ки бо он худрову хонадонашро бихуронад надорад ва ту ҳамин ҳоло, дар ҳамин ҷо, ба ман ваъда бидеҳ, ки ба ӯ вазифае медиҳӣ, ки нони шиками худу фарзандонашро ёбаду аз гуруснагӣ намиранд. Ва Аълоҳазрат ҳам, ки хеле ба эҳтирос омада, чанд бор бо пушти даст ашки чашмонашро пок карда буд, савганд хӯрд, ки барои Алберт вазифаи хубе пайдо мекунад. Баъд аз ин падари Алберт дасти райиси ҷумҳуриро раҳо мекунаду ҳамон лаҳза ҷон медиҳад.

Хулосаи калом, баъд аз яку ним соати зиёфат, аз чаҳор нафар аъзои комиссион танҳо Алберти амбор дар сари дастархон монд; ду нафар маст шуданд ва дар ҳамон сари дастархон хобашон бурд ва бо ишораи Роберт Ҷин чанд нафар онҳоро рӯйи даст бардошта ба хонае, ки аз қабл барои хоби меҳмонон ихтисос дода буданд бурданд, дар сари болинашон шишаҳои арақу виски гузоштанд ва дарро аз берун қулф карданд. Як нафари дигараш баъди се қадаҳ нӯшидан гуфт, вай асп шудааст, либосҳояшро берун кард ва се бор лучу урён гирдогирди боғ давида хаставу шалпар шуда, ба замин

уфтод ва дар ҳамон ҷо хобаш бурд ва ӯро ҳам ба «меҳмонхона» мунтақил карданд.

Ва аммо Алберт Ҷеймс, ки се бор ба халоҷо рафта омада буд, ниҳоят нимамаст шуду аввал дар бораи рӯзгору фаъолияти Аълоҳазрат як соат лексия хонд ва баъд аз он даст ба гардани Роберт Ҷин андохта, суруд хонд ва ниҳоят, калавида аз ҷой бархосту ҳозиронро як-як ба оғӯш кашида бӯсид. Баъд ронандаро даъват карду фармуд, кифи ӯро аз мошин биоварад; кифро кушоду бастаеро берун овард; бастаро боз карду чанд варақро берун кашид, хоначаҳояшро пур карду имзо намуд ва нусхае аз онро ба райиси шӯрои деҳ дод. Кори комиссион беҳтар аз он ки Роберт Ҷин мехост ва хеле беҳтар аз он ки интизор дошт, ба итмом расид. Комиссион ба омодагии Шонаргу шонаргиён ба сафари Аълоҳазрат баҳои аъло дод.

Ва аммо, агар забони лакнатдори писари Роберт Ҷинро сарфи назар кунем, воқеъан омодагӣ дар сатҳи олӣ буд.

Ва танҳо касе, ки аз сафари қарибулвукуъи райиси ҷумҳурӣ нороҳату норозӣ буд, Алесандро Витт буд. Алесандро Витт як ҳектор замини ширкати кишоварзиро ба иҷора гирифта, ҷуворимакка кошта буд. Ҷувориҳо қад кашида ва сар баста буданд ва тақрибан 20 рӯзи дигар лозим буд, то дони ҷуворӣ пазад. Аммо…. Аммо ниҳоди амнияти Аълоҳазрат ва кишвар ин ҷуворизорро, ки дар канори роҳи Аълоҳазрат аз фурудгоҳ ба маркази деҳ тӯл кашида буд, хатарзо дарёфт, террористҳо метавонистанд дар паси ҷувориҳои анбуҳ пинҳон шуда, ба сӯйи Аълоҳазрат норинҷак афкананд ё тир паронанд ва кормандони ниҳоди амният мардумро ҷамъ карданд ва ҷуворики хому норасидаро даравиданду партофтанд. Алесандро Витт ҳарчанд илтиҷову илтимос кард, таъсир накард. Намояндаи ниҳоди амният гуфт, оё гумон мекунӣ ҷуворики ту аз ҳаёти Аълоҳазрат муҳимтар аст? Алесандро Витт ҷавобе наёфт бигӯяд ва хомӯш шуд.

Ва ниҳоят то сафари Аълоҳазрат ҳамагӣ се рӯз монд. Дар давоми ин се рӯз аз мадориси атроф панҷ ҳазору чаҳорсаду бист донишомӯзро ҷамъ оварданд – се ҳазору шашсаду шаст нафар аз онҳо бояд бо либосҳои мулавван ва гулдастаҳо дар доманаи кӯҳ ба сурати зинда «Марҳабо, Аълоҳазрат, қадаматон хуҷаста бод» менавиштанд ва як ҳазору ҳафтсаду шаст нафарашон ҳамроҳ бо ҳафтсаду чилу се нафар донишомӯзони мактаби деҳ дар ду канори роҳ парчамҳои миллӣ ва шиъорҳои мухталиф дар даст рост меистоданд ва Аълоҳазратро истиқбол мегирифтанд; аз пойтахт, маркази вилоят ва маркази шаҳристон се ҳазору сесаду наваду се пулис ва дувисту чилу нуҳ нафар корманди хадамоти вежа оварданд - онҳо мебояст атрофи деҳаро ҳалқавор печонида мегирифтанд ва аз соати панҷи бегоҳ дигар касеро барои ворид шудан ба Шонарг иҷоза намедоданд, дар рӯи бомҳои баланд ва сари харсангҳои доманакӯҳ маскан

мегирифтанду фазои деҳро муроқибат мекарданд ва низ дар миёни мардум мегаштанду аз эҳтимоли судури ҳар гуна рафторҳои ношоисту нобоист пешгирӣ менамуданд; аз манотиқи мухталифи кишвар чаҳорсаду шасту ҳафт овозхону раққоса оварданд - таронаву рақси онҳо туҳфаи Аълоҳазрат ба мардуми Шонарг ва деҳоти атрофаш буд, то ки сафари таърихӣ бо хурсандиву сурур дар ёдҳо нақш бибандад; сесаду понздаҳ таббохи беҳтарини кишварро эъзом намуда буданд – онҳо муваззаф буданд барои ин ҳама меҳмон ва истиқболкунандагон дар дегҳои бузург ғизо бипазанд.

Ва ин ҳама мардумро барои як то се шабонарӯз дар хонаҳои мардуми Шонарг ҷой доданд.

Ҳамчунин шаш ҳазору дувист либоси махсус дӯзонидашуда барои донишомӯзон, се ҳазору ҳаштсаду бист дастагулҳои мухталиф, сесаду ҳафтоду ҳашт пораматоъҳои рангоранги шиъор навишта, як ҳазору панҷсаду панҷоҳу панҷ парчами миллии хурду бузург, чилу ҳафт деги чиҳиллитрҷ ва сию се деги садлитрҷ, як ҳазору яксаду чил метр пойандози қолӣ, ҳафтоду се сар хук, чилу чор сар гов, яксаду понздаҳ гӯсфанд, панҷсаду панҷоҳ мокиёну хурус, сесаду сӣ ғоз, яку ним тонна моҳии зинда, ду мошин картошка, ду мошин пиёз, як мошин карам, як мошин зардҷома, ду тонна намак, панҷсад кило мурчу қаланфул, ҳафт мошин ҳезум ва ғ. ба Шонарг оварда шуд.

Дувисту ҳаждаҳ қассоб, ки аз ҳама рустоҳои шаҳристон ҷамъ оварда буданд, ба забҳ ва пӯсту пора кардани дому мурғон сар карданд. Азбаски домҳоро ҳамзамон ва дар сари ҷӯй ба куштан сар карданд, дарёи хун равон шуд, дарё дар ҷуй нагунҷид ва хуни дому мурғон боғи зардолузори Ҷеймс Оутро пахш кард ва дар натиҷа то баҳори соли дигар ҳама дарахтони ин боғ хушкиданд, ки зимнан бояд гуфт, Ҷеймс Оути ҷавонмард на танҳо аз ин ҳол норҳат нашуд, балки «садқаи қадами Аълоҳазрат» гуфта, изҳори хурсандӣ кард.

Қолиро бояд фардо то як соат қабл аз воруди Аълоҳазрат аз фурудгоҳ то маркази деҳ, ки шашсаду чилу се метр буд, мегустурданд, то пойи ишон ба замин нарасад. Қолӣ густардан дар зери қадами Аълоҳазрат ба салоҳи Мардум ва Меҳан ва бо қасди даромади ҳарчи бештари будҷаи Унландия анҷом мешуд. Инак понздаҳ сол шуда, ки Аълоҳазрат маҷбур буд ба ҷуз дар зодгоҳаш пой ба замин нагузорад, ба ҳама минтақаи кишвар, ки ташриф меоварад ҳатман пойандози қолӣ мегустурданд ва баъд аз анҷоми сафар ин пойандоз ба порчаҳои як метриву ним метрӣ бурида шуда, аз тариқи музояда ба раъияти кишвар фурӯхта ва пули он ба сандуқи махсуси хайрия ворез мегардид. Раёсати ин сандукро, хонуми Аълоҳазрат, ки бо пешниҳоди Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ Улёҳазарат ва бо дархости сершумори заҳматкашон «модари миллат» унвон гирифта буд, анҷом медод. Ва аммо пойандоз

густурдан дар зери пойи Аълоҳазрат бе ваҷҳ набуд, албатта. Дар яке аз сафарҳои Аълоҳазрат, муҳофизони ӯ пири нобиноеро, ки мехост ба Аълоҳазрат наздик омада, бо ӯ салому алейк кунад ва бӯйи ӯро бишамад, тела дода, ба дур ронданд. Вале ин пирмарди бечораи маҳрум аз дидану хондан солиёни тӯлонӣ шабу рӯз фақат радио гӯш мекард ва радио ҳам бештари барномаҳояш аз кардаҳо ва гуфтаҳои Аълоҳазрат иборат буд ва пирамард ошиқи шайдои Аълоҳазрат шуда буд ва ин аст, ки вай аз ин ҳол ноумед нашуд, балки як каф хоки зери пойи Аълоҳазратро бигирифт ва бо ихлосу меҳр ба чашм молид. Вай, ин пирамарди нобино бо як бор ба чашм молидани он хоки муқаддас қаноат накард ва он кафи хокро ба рӯймолчааш баста ба хонааш овард ва аз сари шавқ рӯзе чанд бор аз киса берун меовард, мебуйид ва ба чашм мемолид. Рӯзи чаҳорум субҳ аз хоб бархост ва аввал нафаҳмид, ки чӣ шуда… дар атроф ва ё дар вуҷуди худи ӯ чизе тағйир ёфта буд, вале чӣ? Ва пас аз чанд лаҳзае фаҳмид ва бовар накард, гумон кард ҳанӯз хоб аст ва хоб мебинад, худро пучид, бо тамоми қувват бо дасти рост ба рӯйи чапаш зад, муисарашро сахт кашид, аз ҷой бархосту аз тиреза ба берун нигарист ва ниҳоят бовар кард, бовар кард, ки воқиъан мебинад, пас аз бисту се соли нобиноӣ дубора мебинад. Вай бо хурсандӣ, бидуни асояш, ки дар ин бисту се соли гузашта ҳамсафари доимиаш буд, ба кӯча баромад- ва ҳама мардум ин муъҷизаро диданд – ба хона баргашт ва сурати Пётри муқаддасро аз девор, аз канори салиб барканда, – чунки ҳамарӯза чанд бор дар назди ин тасвир дуъо мехонд ва шафоате надида буд- акси бузурги Аълоҳазратро ба ҷойи он овехт. Табиист, ки хабари биноӣ пайдо кардани пирамарди аъмо ба зудӣ овоза шуд ва чун рӯзномаҳо низ дар ин бора мақолаҳо чоп карданд ва телевизиони марказӣ дар борaи ин пирамард филми мустанад пахш кард, дигар ҳама мардум худ озмуданд ва диданд, ки дар воқиъ хоки пойи Аълоҳазрат на танҳо кӯронро бино, балки шалҳо, лангҳо, беморони қанд, сил, пойшикаставу дастбаромада, сӯзоку сифилис, чанд навъ аз саратон ва зардпарвину илтиҳоби гурдаро низ дармон мекунад, санги гурдаву талхадонро об мекунад, бо шир омехтаву хӯрдани он фишори баландро паст ва фишори пастро баланд мекунад, бо об омехта тан шустанаш занони астарванро зоё мекунад, агар калҳо ин хокро бо мезаки худ омехта он лойро ба ҷойи собун истифода кунанд, баъд аз ду ҳафта мӯйашон, агар чиҳил сол пештар рехта бошад ҳам, мебарояд. Ва пас аз он ки мардум ин ҳамаро озмуданд, сафарҳои Аълоҳазрат ба манотиқи мухталиф мушкилоте ба дунбол овард, ки ҳомили хатар ва фоҷиъа барои саросари кишвар буд. Мардум барои ба даст овардани хоки кафи пойи Аълоҳазрат чандин километр ҷодаҳоро ба варта ва садҳо ҳектор заминҳои ҳосилхезро ба замини хархобрав табдил доданд.

Мошинҳо ҳафтаҳо натавонистанд ба самти мақсад ҳаракат бикунанд ва ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ба маротиб коҳиш ёфт. Равшанфикрони миллат бонги хатар заданд ва Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ се шабонарӯз иҷлоси изтирорӣ баргузор карда, пас аз баҳсҳои тӯлонӣ, - ки боис ба душному ҳақорат ва гиребонгириҳо шуд ва ҳатто дар шиддати баҳсҳои он бар асари як мушти обдори вазири корҳои дохилӣ ду дандони пеши вазири тандурустӣ шикаст ва дафъатан пас аз иҷлос раиси кумитаи амният аз хонумаш, ки хоҳарзодаи вазири маориф буд, ҷудо шуд - аз се пешниҳод: а) умуман манъ кардани сафарҳои раиси ҷумҳурӣ ба музофотҳои кишвар, б) ҳангоми сафар ба манотиқи кишвар манъ кардани пиёдагардии ӯ (дар ҷойҳое, ки мошин рафта наметавонад, раиси ҷумҳурро бояд ду нафар кормандони амниятӣ, ки дар назар буд махсус барои ин амр истихдом бишаванд, пуштора мебурданд) ва в) зимни сафарҳо раиси ҷумҳурӣ баъд аз он ки аз мошин, ҳавопаймо ва чархбол пиёда мешавад, бояд фақат ва фақат дар рӯйи пойандоз роҳ бигардад, то ки пойаш ба замин нарасад, пешниҳоди севумро пазируфт.

Пас аз эъломи тасмими пижуҳишгоҳ ҳамзамон дар чандин шаҳри Унландия гирдиҳамоиҳои эътирозии мардум баргузор гардид; гирдиҳамомадагон мақомдоронро бо он муттаҳам карданд, ки ба ивази дарёфти пули ҳангуфт аз иттиҳодияи синфии пизишкон, дорусозон ва доруфурӯшон амдан мехоҳанд мардуми кишварро бенасибу бебаҳра аз хоки пойи Аълоҳазрат гузоранд ва ҳатто садоҳое шунида шуд, ки мақомдорон аз ҷумлаи атрофиёни Аълоҳазрат бо ин кор мақсад доранд, танҳо худ ба хоки шифобахши кафи пойи Аълоҳазрат дастрасӣ дошта бошанд ва онро ба кишварҳои хориҷа ба пули арз бифурӯшанд. Ва ин иддаъо боис ба тавлиди идаи ҷолибе дар мағзи вазири молия шуд ва дафъатан ба кормандони вазорат фармуд, ки пинҳон ва махфӣ аз ниҳодҳои дигари давлатӣ ба таҳияи тарҳи ҷадиди таъмини буҷа оғоз намоянд.

Чун се рӯз аз миён гузашт ва эътирозкунандагон пароканда нашуданд, дар марказ изҳори нигаронӣ карданд ва Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ бори дигар маҷлиси изтирорӣ даъват намуд ва тасмим гирифт, раиси ҷумҳурӣ дар ҳар се моҳ як бор ба зодгоҳи худ биравад ва муддати як ҳафта дар заминҳои лалмии пурхок бигардад ва ин хок ба воситаи булдозеру экскваторҳо ҷамъ оварда ва ба халтаҳо андохта ва мутобиқ бо нуфуси ҷамъияти ҳар шаҳру ноҳия ба тамомии маҳалҳои кишвар фиристода бишавад, то дардмандону эҳтиёҷмандон саргардон набошанд ва дар маҳали сукунати худ бо қимати муносиб онро биханранд. Давлат бо ин мақсад, дар марҳалаи аввал се ҳазор ҳектор замин ихтисос дод. Ҳамчунин бо тасвибномаи махсус Ширкати саҳомии хоси «Хоки муқаддас», ки саҳомаш сад

дар сад давлатӣ аст, ташкил ёфт, ки идораи замини тахсисшуда ва фурӯши хоки кафи пойи Аълоҳазратро дар ихтиёр дошт. Чун ин кори муҳимро намешуд ба ҳама бовар кард, писарамаки райиси ҷумҳурӣ, ки сафири Унландия дар Фаронса буд, бозпас хонда ва ба мақоми мудири кулли ин ширкат мансуб гардид.

Ва инак дар паси деворҳои вазорати молия тарҳи ҷадиди таъмини буҷа таҳия ва тадвин шуд ва вазири молия бо ваҷоҳат ва ғурури Саъди Ваққос пас аз фатҳи Эрон ва ё Колумб пас аз кашфи Амрико, дар ҳидояти чаҳор нафар ҷондор кифи бузург дар зери каш ба Кохи раёсати ҷумҳурӣ омад, ҷондоронаш паси дарвоза монданд ва худ рост ба дафтари райиси ҷумхурӣ ворид шуд ва тарҳи ҷадиди инқилобиро ба рӯйи мизи райиси ҷумҳурӣ ниҳод. Баробари ошноӣ бо ин тарҳ эҳсосоти мухталиф қалби Аълоҳазратро пур кард: ғуруру ифтихор аз шахси худ, ҳайрату шигифт аз ақли вазири молия, ки ба зудии шуълавар шудани барқ дар осмони фасли баҳор метавонад маншаъҳои ҷадиди дарёфти пулро пайдо кунад ва низ каме рашк аз ин вазир, ки чаро ин фикри сода аввал ба сари худи ӯ наомад. Тарҳ дар се вариант таҳия шуда буд: Унландия метавонад ҳамасола мутобиқ бо варианти хушбинона то 60 дар сад, мутобиқ бо варианти бадбинона 20 дар сад ва мутобиқ бо варианти миёна – нимхушбинонаву нимбадбинона то 40 дар сади даромади буҷаро аз маҳалли судури хоки кафи пойи Аълоҳазрат ба кишварҳои хориҷа таъмин намояд. Райиси ҷумҳурӣ варианти хушбинонаро масрафи беақлона ва ҳарисонаи хоки Ватан хонд ва дар рӯяш хати бутлон кашид, варианти бадбинонаро нобоварӣ ба неруи содиротии кишвар ва хосияти шифобахшии хоки кафи пойи худ унвон намуд ва низ ба рӯяш хати бутлон кашид ва варианти миёнгинро таъйид кард, аммо бо тасҳеҳи ҷиддӣ – бояд 50 дар сади маблағ аз фурӯши хок ба буҷа ворез мешуд ва 50 дар сади дигар ба сандуқи махсуси захиравӣ барои наслҳои оянда. Ва се ҳайат аз кормандони ниҳодҳои мухталифи давлат ва пизишкон ба кишварҳои хориҷӣ эъзом шуданд, то таъсири хоки шифобахшро дар беморони ин кишварҳо биозмоянд ва пас аз он ки мутахассисини хориҷӣ натоиҷи ҳайратовари хокро бо чашмони худ бididанд, бо масъулини зирабти кишварҳои онон дар мавриди ниёз ва мизони содироти солонаи он ба тавофуқ бирасанду қарордод манъақид намоянд. Аммо, ғайриинтизор ва мутаассифона, хок он таъсиреро, ки дар Унландия дошт дар кишварҳои хориҷӣ зоҳир накард, хоки зинда дар хориҷ аз марзҳои Унландия ба хоки оддӣ ва маъмулӣ бадал шуд. Ҳайатҳои давлати Унландия хеле нороҳату мунфаъил ба ватан баргаштанд. Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ бо ширкати мутахассисони риштаҳои мухталиф семинар доир кард ва баъд аз суханрониҳои тӯлонӣ ҳадс заданд, ки хоки кафи пойи Аълоҳазрат шояд танҳо аҷин бо ҳавои ин Ватан хосияти

дармонбахшӣ дорад ва чун нафаси ҳавои бегона ба он мерасад, хосияти худро гум мекунад. Пасон сесад нафар беморони мухталифамрозро аз кишварҳои дуру наздик бо маблағи давлат ба Унландия оварданд, дар беҳтарин осоишгоҳҳо ва бемористонҳо бистарӣ карданд ва хоки кафи пойи Аълоҳазратро бо шеваҳои мухталиф дар онҳо озмуданд, аммо ҳайҳоту ҳайҳот, ки хок танҳо ва танҳо ба шаҳрвандони Унландия таъсир дошт, ҳеч табаъаи хориҷӣ аз он баҳрае наёфт ва агар фақат баҳрае намеёфт ҳам ҳарфе набуд, балки ду нафар аз ин беморон пас аз ду соати истеъмоли хок фавтиданд. Ва ин амр боиси ҷанҷолҳои дипломатӣ ҳам шуд, чун яке аз ин беморон шаҳрванди Ӯзбакистон буд ва вазорати корҳои хориҷаи Узбакистон дар гузоришҳои чанд соли охири худ роҷеъ ба муроъоти ҳуқуқи башар дар ҷаҳон давлати Унландияро пайваста барои нақзи ҳуқуқи инсон мавриди интиқоди шадид қарор медод ва аммо боз ҳам бино ба ин гузоришҳо Унландия барои ислоҳи вазъ ҳеч иқдоме намекард, ки албатта боиси асабонияҳо ва нороҳатиҳои давлатмардони Ӯзбакистон мегардид ва акнун марги ин бемор баҳонае шуда буд, ки Ӯзбакистон бори дигар Унландияро барои адами муроъоти асли инсондӯстӣ муттаҳам бикунад ва талаб намояд хунбаҳои ин мурдаро ба хешовандони ӯ пардохт намоянд. Вазорати корҳои хориҷаи Унландия дар баёнияи ҷавобии худ изҳор кард, бемори ӯзбакистонӣ аз солҳо пеш ба бемории диқи нафас гирифтор буда ва аз умраш рӯзҳои башумор боқӣ монда буд ва мурданаш ҳеч иртиботе бо истеъмоли хоки кафи пойи Аълоҳазрат надорад ва ӯ хок истеъмол намекард ҳам, бояд мемурд. Ва агарчи истеъмоли ин хок, мутаассифона, боиси сиҳҳат ёфтани беморони хориҷӣ нашуд, вале масрафи он ҳеч хатаре ба ҷони онҳо надорад ва 298 бемор, ки пас аз хокдармонӣ бидуни он ки вазъи сиҳҳаташон бадтар шавад, ба ватанҳои худ бозпас рафтанд, далели ин амр аст. Ҳамчунин тамоми беморони хориҷӣ, ки довталабона барои анҷоми хокдармонӣ бо ҳазинаҳои давлати Унландия ба кишвари мо оварда шуданд, забонхат навиштаанд, ки дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои ғайри қобили пешбинӣ, аз ҷумла марги ногаҳонҷ ва бадтар шудани вазъи сиҳҳаташон, ки барои чунин беморони музмин табиӣ аст, танҳо ва танҳо худ масъул мебошанд.

Чун хоки шифобахш ҳеч шаҳрванди кишвари хориҷиро дармон набахшид, чанде аз донишмандон ба натиҷа расиданд, ки пас «ихлосу халос» барҳақ аст ва чун шаҳрвандони Унландия ба райиси ҷумҳурии худ итминон ва эътиқод доранд ва ӯро дӯст медоранд ва ин дӯст доштан, албатта, мутақобила аст, боиси шифо ёфтани онҳо мешавад. Ва аммо чанд донишманди дигар, аз ҷумла, райиси Пижуҳишгоҳи саъодати миллӣ ва шоирон, нависандагон, кормандони корхонаҳои саноатӣ ва деҳқонон ва иттиҳодияҳои

синфӣ ва пизишкон ва донишҷуён ва хонандагон ва овозхонону раққосон ва райисони шаҳру шаҳристонҳо ва... ба рӯзномаву ҳафтаномаҳо номаҳои эътирозӣ навишта ва он чанд донишмандро ба кӯтоҳбинӣ ва ақаб мондан аз раванди илми муосир ва адами ватандӯстӣ ва об рехтан ба осиёби душманони Унландия ва Аълоҳазрат муттаҳам карданд. Онҳо навиштанд, ки заҳматкашон ва одамони пешқадами тамоми мамолики ҷаҳон Аълоҳазратро дӯст медоранд ва гувоҳи ин амр номаҳои зиёде аст, ки ҳамарӯза аз гӯшаву канори ҷаҳон дастрас мешавад... Баъзе шоирону раққосон ва коргарони чанде аз корхонаҳо ҳатто пешниҳод карданд, ки он олимони бадхоҳ ба додгоҳ кашида шаванд, вале Аълоҳазрат бо муроъоти асли инсондӯстӣ, албатта, ба ин амр розӣ нашуд. Онҳо сабаби таъсири мусбати хоки кафи пойи Аълоҳазрат ба шаҳрвандони Унландия ва адами ин таъсир ба шаҳрвандони хориҷиро ба пайванди essential мармуз ва фавқуттабиӣ дар байни Аълоҳазрат ва раъияти кишвар шарҳ доданд, ки илми муосир ба кашфи он ҳанӯз қодир нест...
Ва аммо чун хок андак таъсире ҳам ба шаҳрвандони хориҷӣ накард, давлатмардони Унландия руҳафтодаву ғамгин шуданд ва вазири молия, агарчи он бечора ҳеч тақсире дар ин амр надошт, хешро сабабгори ин ҳама шармандагиҳо дониста, аз табақаи ҳафтуми сохтмони вазорат партофта кушт.
Дар ин ҳол Чин пешниҳод кард ин хокро бо қимати яклухт бихарад. Ин пешниҳоди ғайриинтизор боиси шубҳаҳо дар миёни давлатмардони Унландия гардид. Аълоҳазрат дар иҷлоси махфии давлат гуфт, агарчи хоки кафи пойи мо, боиси сиҳҳат ёфтани беморони хориҷӣ нашуд, аммо пешниҳоди Чин гувоҳ бар он аст, ки ин хок ба ҷуз хосияти шифобахшӣ ба беморон хосиятҳои дигар низ дорад ва ба донишмандон супориш дод, ҳарчи зудтар ин хосиятҳоро кашф бикунанд ва ба сафорати Унландия дар Пекин фармон шуд, сабаби харидор шудани Чин ин хокро ошкор кунад. Пижӯҳишгоҳҳои заминшиносӣ, зистшиносӣ, эпидимуоложҷ, шимҷ ва ғайра чанд гурӯҳи таҳқиқӣ ташкил намуда ва ба пажуҳиш пардохтанд ва аммо ду моҳ пас аз сафорати Ундландия дар Чин хабар расид, ки чиниҳо мехоҳанд хоки бикр ва киштнадидаи Унландияро бо ҳадафи ҳосилхезтар кардани киштзорҳои худ бихаранд. Давлати Унландия пешниҳодро рад кард ва дар нома ба тарафи Чин навишт, «мо хоки меҳанро ба ҳеч қимате намефурӯшем. Ҳадафи мо аз пешниҳоди судури хок, танҳо хоки кафи пойи Аълоҳазрат буд, ки ҳосили ангезаи инсондӯстӣ аст. Ва аммо чун, мутаассифона, ин хок дармони дарди беморони хориҷӣ нашуд, давлати Унландия аз судури он бо ҳама аҳдофи дигар иҷтиноб мекунад».
Ва аммо ба Шонарг баргардем.

Ҳама чиз барои ташрифи Аълоҳазрат омода буд ва ҳама хурсанд буданд. Ва аммо Серж Алан, ки дирӯз аз сафари тӯлонии навбатӣ ба зодгоҳ баргашт, ҳамроҳ бо дӯсташ Роберт Ҷин оҳиста-оҳиста байту шиъорҳои рӯи ғӯтҳову шохи дарахтонро хонда, ба омодагиҳо ва ҷунбуҷулҳои қассобону таббохон зеҳн монда, ба назди «фурудгоҳи» Шонарг омад. Гирдогирди «фурудгоҳ»-ро пулисҳо ва кормандони амниятӣ печонида буданд ва дар миёнаи майдон раиси шаҳристон бо ду-се нафар меистоданд ва зоҳиран бори дигар омодагии «фурудгоҳ»-ро баррасӣ мекарданд. Серж Алан ба фурудгоҳ, ба нигаҳбонони фурудгоҳ ба раису ҳамроҳонаш чашм давонд, баъд нигоҳаш атрофи фурудгоҳро пармосид ва ваҷоҳаташ тағйир ёфт, табассуме мармуз дар лабонаш нақш баст. Роберт Ҷин тағйир ёфтани ваҷоҳат ва табассуми мармузи дӯсташро дид, медонист, ки ин табассум беваҷҳ пайдо нашуда ва ақли дарроки Серж чизеро дарёфт карда, ки ҳатто ӯ – Роберт Ҷин низ ба кашфи он қодир нест.

- Чӣ шуд, чӣ дидӣ, - суол кард Роберт Ҷин, вале Серж Алан, гӯӣ ки нашунид ва хам шуд, ки аз зери навори сабз, ки гирдогирди фурудгоҳ кашида буданд, бигзарад. Пулисҳои муҳофиз иҷоза надоданд ва ӯ аз пулис хост, раисро ба наздаш даъват кунад, ба ӯ гапи муҳим дорад. Пулис рафт ва ба раис ҳарфҳое гуфт, раис ба сӯи Сержу Роберт нигарист ва зуд рӯй тофту суҳбат бо ҳамроҳонашро идома дод. Серж Алан ба пурсуковҳои Роберт Ҷин, ки «чӣ шуд, медонам, ки табассумат бе ваҷҳ нест, чӣ дидӣ»? кутоҳ «ҳоло раис, ки меояд, мефаҳмӣ » посух гуфт. Вале чун чанд дақиқа аз миён гузашт ва раис дигар ба онҳо нигоҳ ҳам накард, Серж Алан пулисро даъват кард ва гуфт, ба раис бирасон, ки агар ҳарфе шуд, агар аз мақом барканор шавад ва ё ҳатто зиндонаш кунанд, фақат аз худ ва аз худ гила кунад ва дигар таваққуфе накарда, аз бозуи Роберт Ҷин гирифт ва рафтанд. Пулис, ки аввал бепарво даст афшонд ва дар ҷояш истодан гирифт, дид ки онҳо мераванд, лаҳзае мутараддид шуд ва пасон ба назди раиси шаҳристон давид. Раис аввал эътино накард, баъди лаҳзае ба ташвиш уфтод, баъди лаҳзаи дигар тарсид ва пулисро фиристод, ки зуд биравад у он ду нафарро бозпас бигардонад ва худ низ интизор нашуда, аз майдон ба роҳ баромад.

Чун Серж Алан ва Роберт Ҷин расиданд, раис суоломез ба онҳо нигарист, баъд ба нигоҳ сухан афзуд:

- Чӣ гапи муҳим доред, чӣ шуда?

- Ба атроф нигаред, ба «фурудгоҳ», ба атрофи «фурудгоҳ» нигоҳ кунед, чӣ мебинед? – Серж Алан бо даст ба атроф ишора кард.

- Чӣ мебинам? Ҳеч чиз намебинам! Э-э, не, хостам гӯям, ки ҳама чизро мебинам, ҳар чиз ки ҳаст мебинам, аниқтар гап зан, раиси шаҳристон дар остонаи сафари Аълоҳазрат кори дигар надорад, чистонёбӣ карда бинишинад!

- Он дарахти чормағзро мебинед?
- Албатта! Албатта, мебинам, чӣ шуда баъд?
- Ҳоло чизе нашудааст, вале эҳтимол баъд шавад?! Худо накунад, ки ин тур шавад.
- Шаф-шаф нагӯ, бигӯ охир!
- Медонед, ки зоғҳо аз чӣ сабаб бошад дарахти чормағзро дӯст медоранд ва ҳар рӯз, ба хусус пагоҳу бегоҳ дар ҳамин дарахт ҳам ҷамъ меоянд.
- Хайр, баъд чӣ?
- Баъд ҳамин ки танҳо роҳи Аълоҳазрат аз «фурудгоҳ» ба роҳ аз зери ҳамин дарахт мегузарад, ин тарафу он тараф доманаи кӯҳ, ин тараф ғутҳои калону аз паси онҳо ҷӯйи об, роҳ фақат аз зери ҳамин дарахт мегузарад?
- Медонам, медонам, вале баъд чӣ, охир?!
- Баъд, Аълоҳазрат, ки аз чархбол фуромаду аз зери ин дарахт гузашт, ногаҳон дар ҳамин вақт яке аз зоғҳо ва ё ҳатто чанд зоғ метавонанд бирианд ва эҳтимол ридаи яке аз онҳо рост ба сар, ё рӯй, ё нуги бинии Аълоҳазрат афтад. Бар тибқи назарияи эҳтимолият ҳамин тавр шудани ин кор сад дар сад мумкин аст!
Ранги рӯйи раис канд, хун аз чеҳрааш гурехт, хост ҳарфе бигӯяд, вале нафасаш ба дарун зад ва ногаҳон, чун ҷуволи пуркоҳи бодрасида ба замин уфтод ва аз хуш рафт. Зуд аз ҷӯй об оварданду ба рӯяш заданд. Райис чашм боз кард, пас аз чанд лаҳзае дигар аз ду китфаш гирифтанду нишондандаш. Пулисҳо одамони ҷамъомадаро ба ҷуз Сержу Роберт ба дур ронданд, яке ҳаббае дору овард ва ба райис хӯронд. Пас аз чанд дақиқаи дигар райис ба гап омад:
- Зуд, зуд, арра, табар, чормағз, зуд, аз бехаш буред, зуд, зуд равед.
Баъд дасти Сержро фишурд:
- Ташаккур, ташаккур, ҳазор раҳмат, чанд бор омадему рафтему ҳамин чормағзи лаънатиро дидем, ҳамин фикр ба сари касе наомад, ҳазор раҳмат, ҳар коре ки дорӣ, ҳар хоҳише ки дорӣ биё ба назди ман, беибо омадан гир, ҳар вақт, ки бошад, биё!
Мардуми Шонарг арраву табар оварданду чормағзро буриданд.
Дигар ҳама чиз барои сафари Аълоҳазрат омода буд, дигар ҳеч чиз ба ин сафари таърихӣ халал намерасонд.

# СУХАН АЗ РИШ ВА ПЕРОМУНИ РИШ

Ҳафт-ҳашт сол қабл расонаҳои гурӯҳии ҷаҳон бонг заданд, доду фарёд бардоштанд, радиову телевизионҳо гуфтанд, рӯзномаву ҳафтаномаву моҳномаҳо навиштанд, овоза карданд: дар Ӯзбекистон ришдоронро таъқиб мекунанд, ҳар ришдор, ба хусус, ҷавонони ришдорро, узви гуруҳҳои ифротгарои исломӣ медонанд, ба ӯ кач-кач, бо шубҳа менигаранд.

Аммо барои мо ин ҳарфи наве набуд. Дар Тоҷикистону Ӯзбекистон дар замони Шӯравӣ низ риш боиси шубҳа мегардид. Ришдорро, агар дигар душмани синфӣ ҳам, ки намешинохтанд, яқин муҳри беэътимодӣ ва ҳадди ақалл ақабмондагӣ дар номаи аъмолаш мезаданд ва ё нафаре медонистанд, ки аз фарти нодонӣ, бе ҳеч сабабе аз ҳукумати советӣ ранҷидааст.

Азиз Мирзоев - ҳамкорам дар нашриёти “Ирфон” дар рӯзҳои гирдиҳамоиҳои тирамоҳи соли 1991 дар Душанбе, гуфт, биё, бо як каси аҷиб ошноят кунам. Маро ба канори майдон бурд ва марди ҷавонеро бароям муъаррафӣ кард, ки аз ноҳияи Фархор омада буд. Даст додему салом кардем. Бо вуҷуди гарм будани ҳаво дар сар кулоҳи пусти гурбаи ваҳшӣ дошт. Аммо ба ҷуз ин кулоҳи қабл аз мавсим ба болои сар нишаста, дар қиёфаи марди фархорӣ низ чизе ғайриодӣ буд, ки боис ба ҷалби таввачуҳ мегардид. Пас аз диққат ва тааммуқ дарёфтам, ки ду бари рухсораи ғайритабиӣ сафеду нармаш ҳамхонӣ бо зери чашмони ожангзада ва гардани офтобхӯрдаю дурушташ надоштанд. Ва ин марди тақрибан 32-34 сола қисса кард, ки ду рӯз пеш бо қасди омадан ба гирдиҳамоии Душанбе дар маркази Фархор ба автобус нишастааст, вале пеш аз он ки автобус роҳӣ шавад, милисаҳо даромаданд, мусофиронро як-як бо диққат нигаристанд ва ӯ ва ду нафари дигарро аз дар берун карданд ва эълом карданд, ба Душанбе рафтани шумоён иҷоза нест. Гарчи милисаҳо сабаб нагуфтанд, се ёр, ки дар ҳамин ҷо шинос шуданд, зуд фаҳмиданд, ки сабаб чист, зеро танҳо ваҷҳи иштирок дар ин сегона риши онон буд. Як нафарашон нахост ришашро ба хотири гирдиҳамоӣ ва истеъфои Қаҳҳор Маҳкамов ва ҳатто барои мушорикат дар воқеъае, ки баъд аз панҷоҳ сол ҳам мешавад ба набераҳо қисса кард, қурбон кунад. Ду нафари дигар аз дари хирад ворид шуданд, ки риш боз месабзад, вале агар ба гирдиҳамоӣ нараванд, эҳтимол аз муҳимтарин воқиъаи зиндагиашон дар канор бимонанд ва дар қатораи таърих, ки он шабу рӯз хеле бо суръати боло ба кишвари оянда медавид, таъхир кунанду билет наёбанд. Ва рафтанду ришҳошонро тарошиданд. Ошнои нави ман гуфт, ҳамон рӯзе ки риш тарошидааст, яъне ду рӯзи қабл, ришаш ҳафт солу се моҳа будааст. “Дидиш, - гуфт, - барои ҳамин рум руи аврат ворӣ метова, ҳафт сол офтоба надидай”. Вале боз пеш аз ҳаракати автобусҳо милисаҳо омаданд, ба ҳамроҳаш нигоҳе карданду гузаштанду чизе нагуфтанд, вале ӯро фуроварданд. “Фикр кардум, ки бачира фуроварданум, баъ фаҳмидум, ки тоқӣ чоргул дорам, муллоҳои ғармӣ ворӣ”.

Вай натавонист, сарашро урён кунад, гумон мекард дар сараш кулоҳ набошад, ҳама ба ӯ нигоҳ мекунанд, ба ҳамин сабаб телпак пӯшид, агарчи нимаи сентябр буду ҳаво ҳанӯз гарм. Ва пас аз талоши севум ба Душанбе омад.

**Ёддошт.** Фотеҳ Абдулло – муҳаққиқ, нависанда ва шоир, дар ҷавонӣ устоди забон дар донишкадаи забону адабиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд. Ривоят мекунанд, ки ин муаллими ҷавон мехост қолабҳоро шиканад, аз чаҳорчӯби меъёрҳо ва муқаррароти роиҷ

берун ояд. Аз ҷумла, гоҳе донишҷӯёнашро аз синфхона берун мебурд, дар рӯи сабзаҳои навдамидаи баҳор менишонд ва тадрис мекард. Ва низ дар ростои ҳамин қолабшиканиҳо буд, ки риш гузошт. Ин риш, ҳар қадар бештар меруст, он қадар бар безобитагӣ, нороҳатӣ, нигаронӣ, ташвишу изтироб ва фучуру кучури сарварону устодони донишкада меафзуд. Чанд бор ишора карданд, ки ришашро битарошад. Вале ғурур ва максимализми ҷавонӣ иҷоза намедод, ки устод риши наврустаашро ҷавонмарг кунад. Ниҳоятан диданд, ки намешавад, гапи хуб таъсир надорад, риши Фотеҳ Абдуллоро дар қатори ”масоили ҷорӣ” вориди рӯзномаи маҷлиси ҳизбии донишкада намуданд (агарчи Ф. Абдулло узви ҳизб набуд) ва бозрасӣ карданд. Гуфтанд, барои муаллими советӣ шоиста нест риш дошта бошад, оё ӯ чи ранҷише аз СССР ва Ҳизби коммунистӣ дар дил дорад?
Фотеҳ Абдулло итминон дод, ки риши ӯ ҳеҷ мухолифате бо сиёсати давлати советӣ ва ҳизби коммунистӣ надорад ва баръакс ӯ сиёсати сулҳҷӯёнаи давлату ҳизбро бо дилу ҷон пуштибонӣ мекунад.
Гуфтанд, пас исбот кун, ришатро, ки тарошидӣ мо бовар мекунем, ки ту сиёсати ҳизбу давлатро пуштбонӣ мекунӣ!
Фотеҳ Абдулло қотеъона гуфт, сиёсати партияро пуштибонӣ мекунад, вале ришашро нахоҳад тарошид. Бубинед, гуфт, ҳама бузургони мо аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ риш доштанд, ҳама классикони марксизм - Карл Марксу Фридрих Энгелсу Владимир Ленин ҳам риш доштанд ва риши ман идома ва ҷамъи ин ду суннат аст дар як чеҳра, риши ман, гуфт, наҷибуттарафайн аст!

Вале ба назари коммунистони ифротии тоҷик, риши рафиқи рус метавонист идомаи суннати классикони марксизм-ленинизм бошад, аммо риши тоҷик фақат нишонаи ислом, феодализм ва иртиҷоъ буду бас.
Ба назари инҳо риши рафиқ Михайлини додситони кулл қариб ки ”шарафу виҷдони” замон буд, аммо ришаки базӯр намоёни Тоҳири Абдуҷаббор риши иртиҷоӣ, феодалӣ, ифротгароёна ва миллатгароёна, ки насли наврасро аз шоҳроҳи тахту ҳамвори марксизм ба дур мебарад.
Ва аммо ин ифрот дуҷониба буд. Ба қавли русҳо ”рӯйи дигари сикка”-ро ҳам мехоҳам бинамояматон. Дӯстам Саломуддини Мирзораҳмат ҳикоят кард, чанд сол пеш, ки зимоми қудрати Афғонистон дар дасти Толибон буд, як нафар рафиқи афғонистониро, ки дар шимоли Қазоқистон кору зиндагӣ мекард, дар Олмотӣ дидам. Гарм салому алайку пурсупос кардем. Ба хона даъваташ кардам. Гуфт, валлаҳ, ки шитоб дорам, имрӯз аз Кокчетав омадам ва мехоҳам раводиди Покистонро бигираму фардо, ки парвоз ҳаст, аз тариқи Пешовар ба Афғонистон равам. Хайрухуш

кардему ҳар ки аз дунболи кораш рафт. Аз миён ду ҳафта гузашт. Иттифоқан, боз он ошноро дар кӯча дучор омадам, ҳамдигарро ба оғӯш кашидем.

-Афғонистон хайру хайриятист, ин қадар зуд баргаштӣ, ҳама хешону наздикон хубанд?!

- На, - гуфт, - ҳанӯз нарафтаам, интизор ҳастам!

- Чаро, магар раводид надодандат ва ё парвоз қатъ шудааст?

- На, - гуфт, -интизори баланд шудани риш ҳастам, агар аз як қабза кӯтоҳтар бошад, толибон мегирандам, чӯб мезананд.

Пас дар иртибот бо риш ду гурӯҳи тундрав дорем. Як гурӯҳ ришдорон ва ришгароёни тундрав ва гурӯҳи дигар мухолифони тундрави риш ва ришқимобон.

Бояд гуфт, ҳеч узви инсонӣ дар таърихи башар ин қадар мавриди ихтилофҳои шадид набудааст, ки риш. Барои тасарруфи мағзу қалбҳо ҷангидаанд, вале дар ин ҷангҳои гарму сард ин мавзуъ, ки сар ё дил лозим аст ё на, матраҳ набудааст. Басо мардон, ки барои ба даст овардани дили маҳбубагони худ муборизаҳо бурдаанд, қаҳрамониҳо нишон додаанд, номаъқулиҳои зиёд кардаанд. Шоирон зулфу холро ситудаанд, рӯю мӯро васф кардаанд, вале танҳо риш – ин муйҳои руста дар ду тарафи рӯй ва зери манаҳи мардон буда, ки инсонҳоро ба ду гурӯҳ тақсим карда, ҷонибдорон ва мухолифон.

Ихтилоф бо риш пешинаи амиқи таърихӣ дорад. Шоҳ Искандари Мақдунӣ фармуда буд, сарбозонаш ришашонро бистуранд, то дар майдони набард дастаки хубе барои рақибон ва василаи заъфе барои худ надошта бошанд. Петри Кабир дар талоши урупоӣ кардани Русия дар қатори ислоҳоти дигар ислоҳоти риш анҷом дод, ки дар қайчӣ задани риши ашроф ва мужикҳо таҳаққуқ ёфт. Худи Петр бо дасти худ риши чанд нафарро қайчӣ зада буд.

Чун ба риш меандешем, чанд нуктаи ҷолиб ба мушоҳида мерасад. Аввал, риш боризтарин нишонаи зоҳирии тафовути мард аз зан аст. Ва ман гумон мекунам, риш аз замоне тақаддус пайдо кард, ки падархудоӣ дар таърихи банӣ башар ҷонишини модархудоӣ шуд. Ба умқи таърих фурӯ нарафтаам, вале шояд фаро расидани марҳалаи падархудоӣ ҳамзамон ва ё каме пас аз он сурат гирифта бошад, ки инсонҳо бо барги дарахту гиёҳҳо шармгоҳҳои худро пӯшониданд ва диданд, акнун танҳо чизе, ки назаррас аст ва мардон доранду занон на, ҳамин риш аст ва эҳтимол риш буда, ки баҳсҳои тӯлонӣ дар мавриди ба кӣ тааллуқ гирифтани зимоми қудратро бар суди мардон ҳал кард.

Дигар, сабзидани риш оғози мардӣ аст, бо баромадани риш навҷавон ба марҳалаи масъули зиндагӣ ворид мешавад, бояд дигар худ ба рафтору кирдораш посухгӯ бошад, яъне риш нишони камолот аст.

Ва шояд ҳамин амрҳо буда, ки руҳониёни ҳама мазҳабҳои ҷаҳонӣ - ҳам муллои мусалмонон, ҳам усқуфи масеҳиён ва ҳам хохоми яҳудиён ҳама риш доранд ва тасаввур кардани онҳо бидуни риш амри муҳол аст. Албатта, буддоиҳо аз ин гурӯҳ истисно ҳастанд, бештари руҳониёни буддоӣ риш надоранд. Аммо ин амр на ба ин маънӣ аст, ки дини онҳо бо риш мухолиф аст ва ё ҳадди ақалл дар ойини онҳо риш тақаддус надорад! Сабабро дар буъди дигар бояд ҷуст. Ва ман гумон мекунам, иллат тафриқаи нажодӣ аст; чун бештари пайравони Буддо зардпӯстҳо ҳастанд ва азбаски Худо ба инҳо мӯй камтар дода, риш дар чеҳраи онҳо он шаҳомат ва виқореро ба пайдо намеоварда, ки дар сурати муллову усқуфу хохом. (Далели дигар бар ин ки рӯҳониён ба шаҳомату виқор аҳамияти вежа қоил ҳастанд, сабк ва шеваи гуфтори онҳост, ки дар ҳар се дини ба истилоҳ иброҳимӣ (динҳои сомӣ) аз шеваи гуфтори мардуми авом тафовут дорад). Зимнан бояд гуфт, риши кӯчаке, ки танҳо дар зери манаҳ гузошта мешавад (ва В.И. Ленин замоне чунин риш дошта) дар миёни зардпӯстон пайдо шудааст, чун шавқи риш доштан дар миёни бархе аз афроди ин нажод низ боло гирифта, ва онон, ки дар рухсора тора-тора риши тунук доранд, аз таҷрибаи тӯлонии таърихӣ ба натиҷае расидаанд, ки риши кӯчаки ҷамъу ҷур дар зери манаҳ беҳтар аз риши тунуку тора-тораи монанд ба киштзори жолазада аст. Ва ин ки Бозор Собир ришро бо Тухтамиш қофия карда ва риши муллоҳои тоҷикро шабеҳ бо риши ин ҳукмрони муғул донистааст, саҳеҳ нест, албатта.

Ва аммо бояд гуфт, дар ҳеч замон ва дар ҳеч мазҳабе риш ба объекти муборазаҳои идеулужӣ табдил нашуда буд, чунонки дар замони мо (чи дар даврони барқарории Шӯравӣ ва чи ҳоло) ва дар ислом. Ин баҳс ҷадид аст, барои гузаштагони мо ин баҳс аслан матраҳ набудааст. Шояд сабаб ин ки онҳо ҳама риш доштанд? Шояд… Вале онҳо ба риш механдиданд, ки вожаи “ришханд” дар забони форсӣ ва “Ришнома”-и Убайди Зоконӣ гувоҳи ин амр аст. “Дилханд” нагуфтаанд, “сарханд” нагуфтаанд, гуфтаанд ”ришханд”, аблаҳонро гуфтаанд ”риши гов” ва ба ҳеч ваҷҳ ба риш аҳаммият қоил набудаанд ва онро муқаддас надонистаанд, агарчи умре бо он зистаанд. Ҳатто Аҳмади Дониш, ки аз нодонию аблаҳии мансабдорони аморати Бухоро ба танг омада буд, бебок риши онҳоро мавриди ҳамла қарор дода:

Аввал ба риши миршабу дарвозабон р…  
В-он гоҳ ба риши муфтию қозикалон р…  
Чандон р…, р… ки зи г.. кӯҳҳо шавад,  
Болои он баромада бар риши хон р…

(Ва дар ин шеър низ ба ин нукта мутаваҷҷеҳ мешавем, ки Аҳмади Калла ба риши мансабдорони олимақоми аморати Бухоро, ки онҳоро сабабгори бадбахтии мардум медонад ба таври одӣ ва маъмулӣ р….аст, вале чун навбат ба риши хон, ки маншаъ ва сарчашмаи ҳамаи бадбахтиҳо аст, расида, ба р. одӣ ва маъмулӣ қаноат накардааст, балки аввал аз г… кӯҳ карда ва баъд ба болои ин кӯҳ баромада ва аз он баландӣ ба риши хони аблаҳ р….аст ва дуруст ҳам кардааст. Ниг. Ба боби «Технулужии ҳақорати тоҷикӣ»).

Ва аммо бархе мулломаъобони имрӯзи тоҷик имонро ба риш месанҷанд, бовар доранд, ҳар қадар риши дарозтару анбуҳтар дошта бошӣ он қадар бештар ба Худо хуш меоӣ. Инон дар баҳси риш андармон шуда ва қалбу мағзро фаромӯш кардаанд ва ин аст, ки руҳониёни адёну фирқаҳои дигар хеле осону сода пайравонашонро ба ойинҳои худ, ки баъзеашон офаридаи ”шайтон” аст, ҷазб мекунанд.

**Ёддошт**. Мавлоно Қутбуддин аз ҷавоне, ки риши анбуҳи парту парешон ва қайчинадидае дошт, пурсид: «Чаро риш гузоштӣ?» Гуфт: «Суннати хотами анбиёст». Гуфт: «Агар медонист, ки пас аз ҳазору чаҳорсад сол чун туе бо инчунин риш меояд, суннат намекард».

Ин мулломаъабон барои он ки тақаддуси ришро бештар кунанд, онро низ мисли ҳазорон-ҳазор чизи дигари камаҳамият ба суннати пайғамбар марбут кардаанд. Ва фаромӯш кардаанд, ки риши пайғамбар реша дар замони қабл аз ислом дорад, яъне пайғамбар аввалин ваҳйро дар чиҳилсолагӣ дарёфт кард, дар ҳоле ки ришаш ҳадди ақалл бисту панҷ сол пештар неш зада буд. Ва агар пайғамбар риш дошта, ҷуз ба ин сабаб нест, ки дар қабилаи қурайш зода шуда ва чун ҳама аҳли қурайш риш доштанд ӯ низ аз суннати қабилаи худ пайравӣ карда, вассалом. Агар мехоҳед, аз суннати пайғамбар пайравӣ кунед, қалбатонро пок бикунед, зангор аз дилҳоятон бизудоед, нагузоред, ки фарзанди ятими ҳамсоятон гурусна бихобад, бандагони Худоро бо ҳар баҳонае ба куфр маҳкум накунед, балки дасти афтодагону мазлумон бигиред.
Шукри Худо, ки гурӯҳе аз исломиён ин маъниро пай бурдаанд, донистаанд, ки риш ҳеч иртиботе бо асли мусалмонӣ надорад; Раҷаб Тайиби Эрдуғон бо рухсораҳои пок тарошида, ба манфиъати ҷаҳони ислом беш аз лак-лак ришдори бесавод ва ғӯтида дар ҷаҳли мураккаб мубораза мебарад. Муҳиддини Кабирӣ низ манофеъи исломро ва суди мусалмононро амиқтар аз бештари ришдорони тоҷик дарк карда ва то ҷое имкон медиҳандаш аз манофеъи онон дифоъ мекунад.

Мо ба ришу бериши̅ коре надорем. Ҳарфи мо дар сари муносибати аҳмақонаи ду ҷониб ба риш аст. Ва чун дар риёзиёт мусбат мусбатро ва манфи̅ манфиро ҳазф мекунад, мо ин ду ҳумқро дар муқобили ҳам гузоштем, то ҳамдигарро хунси̅ карданд. Ин ду аз миён рафтанд ва риш боқи̅ монд, ҳар ки хост, ҳар субҳ битарошадаш, хар ки хост дароз кунад ва гоҳ-гоҳ қайчиаш бизанад, албатта.

## ДАР БОБИ ТАРС

Зуфархон Ҷавҳари̅ –шоир ва яке аз охирин пайравони мактаби Бедил бо ҷурми намоз гузордан дар масҷид дар рӯзи байнулмилалии озодии занон боздошт ва истинтоқ шуда ва баъд ҳам солҳои тӯлони̅ маҷбур буд, дар деҳи дурдасте дар ноҳияи Ғончи̅ пинҳон умр ба сар барад. Мегӯянд, ба ин сабаб (аз тарси он ки ба иртибот бо душмани ҳаёти нав муттаҳам накунандаш) писараш - Суҳайли̅ Ҷавҳаризода бо падар қатъи иртибот карда буд. Пас аз шуруъи Ҷанги бузурги ватании солҳои 1941 – 1945 Бобоҷон Ғафуров супориш дод, акнун вақти он расидааст, ки Ҷавҳариро пайдо кунанд, то дубора вориди майдони адабиёт бишавад. Ҷавҳариро аз деҳи дурдасти ноҳияи Ғончи̅ пайдо карданду бозоварданд ва ӯ баъдан дар воқеъ аз пурмаҳсултарин шоирони тоҷик дар солҳои ҷанг шуд. Ва аммо чун ба Суҳайлҷ Ҷавҳаризода хабар бурданд, ки падараш ба Душанбе омадааст ва ӯ метавонад ба дидораш биравад, ӯро ҷуръат набуд, метарсид дар ин амр дасисае ниҳон бошад ва ба ин баҳона бигирандашу табъид кунанд. Таъкид карданд, ки падарашро бо супориши партия ва аз ҷумла, рафиқ Ғафуров ба пойтахт хондаанд ва шеърҳояшро ҳам чоп хоҳанд кард. Ва танҳо пас аз шунидани ин далоил ва боз ҳам пас аз тардидҳои зиёд писар ба дидорбинии падар омад.

Ва ҳамин Суҳайли̅, ки дар хонаводаи марди мутадайин ба дунё омада ва парвариш ёфта буд, боре ҳам лаб ба арақ наёлуда буд. Дар нишастҳои шоирони тоҷик, ки бебаркаш арақ мехӯрданд, боре ҳам даст ба қадаҳ намебурд.

То замоне, ки дар базме яке аз шоирон қадаҳ бардошт, аз ҷой бархост ва гуфт: барои рафиқ Сталин! Ҷавҳаризодаро илоҷе намонд ба ҷуз ин ки қадаҳи гузошта дар наздашро бардораду ба як дам даркашад. Азбаски боре ҳам арақ нахӯрда буд, зуд сархуш шуд ва Худораҳмати̅, ки забонаш лакнат дошт, пайваста мегуфт: «ман маштам, ман маштам, лекин маштам бошам, машти шоветиам»!

Гадои Рафеъ – фақиртарин мард дар Марғкат рӯйи кати чойхона нишаста буд ва оби даҳон паронда лоф мезад:
- Падарлаънато, ҳама заминҳоро колхозӣ карданд, дар дашту доманаи кӯҳҳо заминҳои бобоӣ доштем, як ваҷаб намонда ҳамаро гирифтанду ба колхоз доданд.
- Рӯтон сафед, амаки Гадо, медонед, ки колхозҳоро бо фармони Сталин ташкил кардаанд?
- Э, не-е-е! Э, не-е-е! Қасам хур?!
- Ба ҳурмати Худо, ки … чаро дурӯғ гӯям.
- Ин хел бошад, тавба кардам, бад кардам, Худоҷон, як бор гуфтам, дигар намегӯям.

ДАР БОБИ ОДОБИ ШАРҚӢ

Марҳум Фазлиддин Муҳаммадиев ҳикоят карда буданд: Гурӯҳе аз адибони тоҷик барои ширкат дар пленуми Иттифоқи нависандагони шӯравӣ ба Маскав рафтем. Аз меҳмонхона то маҳалли баргузории пленум масофат наздик буд, пиёда роҳ пеш гирифтем, вале азбаски зимистон буду субҳ, дастҳо дар киса ва сарҳо дар гиребон фурӯ кашида роҳ мерафтем ва аз тарси хунукӣ касеро ёрои даҳон кушодан набуд. Чун ба дари биное, ки қарор буд пленум он ҷо баргузор бишавад расидем, дидем ки аз тарафи муқобил ҳамқаламони ӯзбекамон меоянд. Истодем, саломуалейк кардем, пурсупос намудем ва баъд сар шуд. Мо ба онҳо: марҳамат, бифармоед; онҳо ба мо: не, хоҳиш мекунем аввал шумо гузаред. Ибрози одоб ва изҳори меҳрубонию илитфоти тарафайн се-чаҳор бор такрор шуд. Ин дам як гурӯх адибони рус даррасиданд, кутоҳ салом гуфтанд ва чун диданд, ки ба дохили бино намедароем, онҳо ҳам бозистоданд. Аммо аз миёнашон як нафар пирамард пеш гузашт.
- Я их, среднеазиатов хорошо знаю, я там жил, они еще долго будут стоять, а ведь холодно- ва дарро боз карду даромад ва дигарон ҳама аз паси ӯ ворид шудем.

Натиҷа аз ин ҳикоят ин аст, ки чун ҳар адабе ба ҳадди ифрот мерасад, аз омили мусбат ба омили манфӣ бадал мешавад.

Ва низ мо шарқиёни мусалмон қадри вақтро намедонем. Як дӯсти хабарнигори эрониям мегуфт, то родиои Теҳрон «бисмиллоҳи раҳмони раҳим мегӯяд» ва чанд ояте ҳам қироъат мекунад ва ба

саломи шунавандагонаш мерасад, ки Би-Би-Си чаҳор хабар пахш мекунад.

Гуфтам, ки хор аз по кашам маҳмил ниҳон шуд аз назар,
Як лаҳза ғофил гаштаму садсола роҳам дур шуд.

Томас Манн аз номи яке аз қаҳрамононаш мегӯяд: чун русҳо маҳдудаи бузург доранд, ба қадри вақт намерасанд.
Вале бародарони тоҷик, мо чанд аср аст, ки дигар маҳдудаи бузург надорем, ба қадри дақиқиҳову соъатҳою рӯзҳое, ки ба масобаи хишту сутунҳои иморати зиндагии шумоянд бирасед, то ҳамин маҳдудаи кӯчаки азиз маҳфуз бошад.
Аммо бас аст, ки ба насиҳат гузаштам… Кори ман нест насиҳат. Бас аст…

## ИФТИХОР ВА ҲИММАТ

Имомалии Саидамирзод қисса кард, ки замони донишҷӯйӣ бо шарикдарсон ба Панҷекат рафтем, дар деҳи Мазори Шариф ба сайри кӯҳ баромадем, дар кӯҳ бо чӯпоне дучор омадем, ки рама мечаронид. Чӯпон моро ба сари кӯшаш даъват кард, дастархон оросту зиёфат дод. Як девони Ҳофиз ҳамроҳ дошт, ки тамоми ғазалҳояшро аз ёд медонист, аз ҳар ғазал ки интихоб мекардему мисраъе мехондем, то поёнашро аз ёд мехонд.
Гуфтам: Баъд чӣ?
Гуфт: Чӣ тур баъд чӣ? Оё боиси ифтихор нест, ки як чӯпони тоҷик Девони Ҳофизро аз ҳифз медонад?
Гуфтам: Аҷаб мардуми пастҳиммате ҳастед, чӯпонҳои яҳуду араб ба паёмбарии Худо баргузида шуданд, шумо бо он ифтихор доред, ки чӯпони тоҷик ғазали Ҳофиз медонад?!

## БОЗ ДАР БОБИ ҲИММАТ ВА ҒУРУР

Аз Мирзо Боқӣ даъват карданд, ки ба Эрон ташриф биоварад.
Гуфт: - Дар Эрон Фирдавсӣ набошад, ба назди кӣ равам?

## НАСЛИ ИМРӮЗ

Устод Муъмин Қаноъат барои муддате ба Олмотӣ омад ва рӯзе Сафар Абдулло ӯро ба тамошои дараи зебову сарсабзи Алмаарасон, ки шабоҳате бо Варзоби мо дорад, бурд.
Шоиру мунаққид хеле гаштанд, тамошо карданд, аз ҳавои тоза нафас гирифтанд ва гурусна монданд. Сафар Абдулло гуфт, беҳтар аст каме сабр бикунанд, поёнтар як бачаи тоҷик сихкабоб мепазад, хуб ҳам мепазад, ҳамон ҷо наҳор хоҳанд хӯрд.
Омаданд. Сафар Абулло аз ҷавони тахминан 22-23-сола пурсид:
- Устодро мешиносӣ?
Ҷавон бо диққат ба устод Қаноъат нигарист, каме сурх шуд, дасту по гум кард ва оҳиста гуфт:
- Неъ.
Сафар Абдулло пурсишро идома дод:
- Ту худат, савод дорӣ, мактаб хондаӣ?
- Синфи ҳашта тамом кардум.
- Адабиёт хондаӣ? Кадом шоирҳоро мешиносӣ?
Ҷавон бори дигар бо диққат ба Муъмин Қаноъат нигарист ва кам-кам чунонки офтоб аз паси абр бурун меояд, чашмонаш дурахшиданд, оҳиста-оҳиста чеҳрааш шукуфт ва шодмон гуфт:
- Э, э, э, Рӯдакиаш ҳаминай.
Устод Қаноат, ки то кунун бо табассум ба гуфтугӯи мунаққид ва кабобпаз гӯш медод, ғамгин шуд ва гуфт:
- Биё, биё, бобо, биравем, ки дигар иштиҳои хурок хӯрдан надорам.

# ДОСТОНИ ЁД ГИРИФТАНИ ШАРИФМУРОД БА АҚИБ РОНДАНИ МОШИНРО

*Ба ёди неки Шарифмурод, Худо аз биҳишти аълояш ҷой бидиҳод!*

Муҳаммадакбар занг зад, ки вақти наҳор биё ба чойхонаи «Роҳат», Исомиддину Шарифмурод омадаанд, камтар менишинем, ҳам хӯрок мехурем, ҳам суҳбат мекунему ғубори дил мебарорем.
Пас аз чандин сол бори аввал буд, ки ба мо ҳамсинфон муяссар шуд, гирди як дастархон ҷамъ биёем. Аз ин дару он дар суҳбат кардем, гуфтему хандидем, ба ёд овардему ҳасрат хӯрдем, гила кардему гузаштем. Аз ҷумла, Шарифмурод лаҳзае чанд ба чашмонам нигаристу сухане кудомеро бурид ва гила кард:
- Ҳар рӯз дар газетаҳо дар бораи ину он менависӣ, ман шиш сол ҳамроҳат дар паси як парта нишастам, як ҷумла ҳам наменависӣ, ки Шарифмуроди Холзода гуфтанӣ ронанда ҳам ҳаст.
Муҳаммадакбар эътироз кард:
- О, ту ягон кори аҷиб кун, қаҳрамонӣ нишон деҳ, ки ин нависад, ҳеч кори ғайриоддӣ накарда бошӣ, корнамоӣ накарда бошӣ, чӣ гуфта нависадат!
Шарифмурод бо ҳайрат ба ману Муҳаммадакбар нигарист:
- Аз корнамоии ман хабар надоред! Исомиддин, ино шӯхӣ мекунанд ё ростӣ, ки хабар надоранд! Қисса кун, аз барои Худо, фаҳманд, чи тавр ман ба ақиб ҳай кардани мошина ёд гирифтам, дарду балота гирам, нарезондаю начаконда қисса кун, иғроқу муболиға лозим нест, бемуболиға ҳам қиссаи аҷиб аст, орову торо надода ҳикоят кун, агар ман худам гӯям, гумон мекунанд, ки худама таъриф мекунам, худситоӣ мекунам.
- Не, сухан аз даҳони Луқмон хуш аст, худат гӯй, ягон кас мисли худат ҳикоят кардан наметавонад.
Шарифмурод аввал хоксорона неву нестон кард, вале чун маҷбураш кардем, даст боло карда гиребони пироҳанашро кашид, дар ҷой ҷунбиду дурусттар нишаст ва ба қисса гуфтан оғоз намуд.

Мактабро тамом кардему шумо чанд кас ба Душанбе хондан рафтед. Мо дар деҳа мондем. Дар колхоз кор кардан фоидае надошт, гуфтам, ба ҷойи дигар равам, боз фикр кардам, ки кирои рафтан надорад, то меравӣ чанд каса восита мекунӣ ба кори дурусте медароҷ, ки ба армия даъват мекунанд. Гуфтам, беҳтар аст дастёрии падару модара карда савобу дуъошона гирифта гаштан гирам ҳоло. Як сол гузашта буд, ки ба армия даъват карданд; се бор дари дарвоза бо падару

модару хешу ҳамсояҳо хайрухуш кардем, се бор дар истгоҳ бо ҷӯраҳо паноҳихудо кардем, се бор ба Панҷекат рафтаму се бор ҳам гардонданд, гуфтанд, баргарду интизор бош. Бори чорум, ки ба военкомат омадем, гуфтам, ки мефиристондагӣ бошед, фиристонед, ки рафтану омадан ба дили худам ҳам заду ба дилу ёру ошно ҳам; ба дилам гуфтам, аз армия, ки ҷойи гурез нест, беҳтар аст тезтар раваму тезтар биёям; зан гирифтан лозим, хона пӯшондан лозим, бори рӯзгор кашидан лозим. Хайр, гуфтанд, ин қадар иштиёқманд, ки бошӣ савор шав ба ҳамин автобус. Ман ҳам савор шудам. Ба Ленинобод оварданамон, ҷӯраҳои ҷон. Гуфтанд, ки имсол дар Қазоқистон гандум зиёд шудаст, механизатору ронанда намерасад, мо бояд ронандагиро ёд гирему ба Қазоқистон равем. Як моҳи дароз ёд додандамон. Инструктори ман гуфт, ин чист? Гуфтам, ки рул. Ин чист? Гуфтам, ки скорост. Инаш чӣ? Тормоз, гуфтам. Э, балое, гуфт, ҳамаашро медонӣ-ку? Албатта, гуфтам, ман чанд бор ЗиЛ-и Шодибоя ҳам ҳай кардагӣ. Шодибойаш кӣ, гуфт. Шодии Бӯта гуфтам, ҳамқишлоқемон, бисту панҷ сол стажи шофирӣ дорад. Хайр, ҳай кун набошад, гуфт. Худаш дар паҳлӯям шишт. Дусад—дусаду панҷоҳ метр ҳай карда будам, ки гуфт, нигоҳ дор, ту шофери тайёр будагӣ, ҳамаашро медонӣ, ба ту гувоҳнома додан даркор. Баъди ду рӯз гувоҳномаи ронандагӣ навиштанду ба дастам доданд, баъд ҳамроҳи шаш нафари дигар ба поезд шинонданду ба Қазоқистон оварданд. Дар Қазоқистон як мошин доданд, гуфтанд, ки гандум мекашонӣ. Чанд моҳ гандум кашондем. Мавсими дарави гандум, ки тамом шуд, ҳеч кори дигар намонд магар, ки мошина гирифтанду ба Сибир фиристоданд. Дигар мошин надоданд. Қариб яку ним соли дигар, то тамом шудани хидмати аскарӣ дар сохтмон кор кардем. Хидмат ҳам тамом шуду ба ватан баргаштем. Ду-се моҳ ки гузашт, додом гуфтанд, сакалтугӣ бас будагист акнун, ҳел-ҳел гаштан мегири чӣ, рав, ба геологияи худамон меравӣ, ба Қизилқум меравӣ, ё ягон ҷойи дигар, ихтиёрат, ба ягон кор даро, пул ҷамъ кун, ки сарата ҷуфт кардан даркор, як нафақапулии ману очет катӣ гуфтанд, бори рӯзгора кашидан намешавад. Чаро ба геология равам, гуфтам, чаро ба Қизилқум равам, гуфтам, ман шофер, гувоҳнома дорам, ронанда мешавам. Ту, гуфтанд, кай шофер шудӣ, ки чанд бор сурат фиристодӣ, бушлат дар танату белу метин дар дастат буд, ба ҳолат нигоҳ кардан намешуд, раҳми одам меомад, аз кай боз ту шофер шудӣ. Дар мактубам навишта будам, шофер шудам, гуфта, ё аз хотирашон баромадаст, ё бовар накарден. Гувоҳномая баровардаму нишон додам. Ин тавр, ки бошад, гуфтанд, Панҷекат рав, ба автобаза, рост пеши Нарзии Нор медароӣ, мегӯӣ, ки ман панҷрӯдӣ, писари Мелибой мешавам, ман шофер мегӯӣ, дар қатори ҳамин қадар сағираҳо ба ман ҳам мошин диҳед.

Баъди ду рӯз, ҷӯраҷоно, пеши Нарзии Нор рафтам. Гапҳои додом гуфтагия, нарезондаву начаконда гуфтам. Гуфт, ки шумо панҷрӯдиҳо ба ғайри шоферӣ касби дигара ҳам медонед ё не? Забонам лол монд, надонистам чӣ гӯям. Лекин худаш ҳам медонистаст, ки ҷавобе намешунавад, аз ҷош хесту дара кушоду фарёд зад, ки «Карим, ҳамун «ЗиЛ»- а ин тараф он тарафаша бин, пагоҳ ҳамин бача меояд, ба ҳамин медиҳӣ».
Тамом, бо ҳамин, шофери автобазаи 37 шудем, ҷӯраҳои ҷони ман, мошинро гирифтем. Мошинро гирифтему баъди ду рӯз диспечтер гуфт, ки ба Самарқанд меравӣ, орд мебиёрӣ. Албатта, номардӣ кард, даррав мана ба Самарқанд фиристонданаш лозим набуд, лекин гап назадам, дар дилам гуфтам, боз фикр накунанд, ки Нарзии Нор ҳамқишлоқиҳои беҳунараша ба кор мегирад. Ҳамроҳи шиш мошини дигар ба Самарқанд омадем, пасу пеш ба дарвозаи база даромадем. Анбори орд, як дари калон дошт, бояд мошинҳо як-як ақибнокӣ ба ҳамин дарвоза меомаданд, ки орда бор кунанд. Як вақт, ҷӯраҷоно, ба кадом як сабаби номаълум, дилама сиёҳӣ зер кард. Фикр кардам, ки сабаб чӣ бошад, ронандаҳои ҳамроҳам ҳамешон одамои хуб, ягонтеш ягон гапи беҷо нагуфтаст. Фикр кардам, фикр кардаму… эҳ, гуфтам Шарифмурод, ошно, шарманда шудҷ! Ба ёдам расид, ки охир, ман ягон бор ҳам мошина ақибрӯ ҳай накардагам! Фақат медонам, ки скороста задан даркор, вале чи хел намедонам! Дар Қазоқистон дашти васеъ буд, лозим набуд, ки мошина ақибрӯ ҳай кунҷ, меомадӣ ба таги комбайн, гандума холӣ мекард, аз тарафи дигар мебаромадӣ мерафтӣ, анбораш ҳам шипанги калон буд, аз ин тарафаш медаромадӣ холӣ мекардию аз тарафи дигар мебаромадӣ мерафтӣ. Акнун чӣ кор кунам! Фикр кун, гуфтам, Шарифмурод, фикр кун, одамо ба кайҳон парвоз мекунанд, ба таги укёнусҳо медароянд, аз худи Рассияю Украина ба Чимтарғаю Помир бароем гуфта, мебиёянд, наход ту илоҷи ҳамин корака ёфтан натонӣ! Фикр кун, гуфтам, Шарифмурод, фикр кун, ки ҳам худата шарманда мекунӣ, ҳам Нарзии Нора, ки ба ту бовар карда, насанҷида, мошин дод. Ман, ҷӯраҳои ҷон, ба каллем бовар доштам, дар мактаб танбалӣ мекардам, дарс намехондам, вале медонистам, ки каллем бад нест, шарманда намекунад, каллаи шумоҳону Каромтилло барин зӯр набошад ҳам, каллаи Абӯю сағераи Рабим барин дундук ҳам нест. Фикр кардам, фикр кардаму илоҷа ёфтам. Дар як тарафи база, дар буни девор, ҷӯраҷоно, ҳоҷатхона буд, ҳамин, ки дидам, ки ду-се дақиқаи дигар мошини таги бор пур мешаваду навбати мошини ман мерасад, дурӯға ишкама дошта, хаму рост шудан гирифтам. Дар роҳ, дар даромадгоҳи Самарқанд шӯрбо хӯрда будем, кадоме аз шоферо гуфт, ки шӯрбои гӯшти гов буд, хунукӣ кардагист! Э, намедонам, гуфтам, хунукӣ кард, ё балои дигар, аҳвол бад, Салимҷон гуфтам,

ҳозир навбати ман, маҳтал накунем дигароя, то ман омадана, мошини мана ақиб те, калидаш дар ҷош. Худам рафтам туалет даромадаму аз роғи дар нигоҳ карда истодам. Салим мошина ақиб дод, ордборкунӣ сар шуд, ман ду-се дақиқаи дигар истодаму баъд тагбанда гузаронда-гузаронда баромадам омадам. Хайрияте, сабук шудам, қариб аҳвол бад шуда буд, гуфтам. Ҳеч кас нафаҳмид, орда гирифтему овардем. Рост ба магазини Навобод бурдаму холӣ кардам. Дигар бе ҳеч воқеъае кор карда гаштан гирифтам. Лекин аз байн ягон даҳ рӯз гузашта буд, ки ҳоло дар хотирам нест барои чӣ кор бошад, ба Ёрӣ рафтам. Баҳор буд, гулу сабза шукуфта, шамолак вазида бӯйи хуши гулу сабзая меовард, магнитофон мондагӣ Ҷӯрабек Мурод мехонд, худам ҳам ҷавон будам аз гулу бӯйи баҳор маст сари овози Ҷӯрабека гирифта суруд мехондам. Лекин як хамгашта гузаштаму кайфом парид, Ҷӯрабек танҳо монд, ман сурудхония бас кардам, аз пеш як Газ-66-и лаънатӣ мефуромад, дар болош пури одам. Як метр ба ҳамдигар нарасида, мошинҳоя нигоҳ доштем. Шофери Газ дастоша болои рул монда интизор нишаст; мувофиқи қоида ман бояд ақиб мерафтам, лекин ман ҳам худама ба нодонӣ задаму шиштан гирифтам. Шофери Газ дид, ки ман аз ҷоям ҷунбиданӣ нестам, сарашро аз кабина баровард.

- Ақиб рав, - гуфт, - чаро нигоҳ карда истодагӣ?

- Қишлоқ қишлоқи шумоён, ман меҳмон, роҳҳотона намедонам, худатон ақиб тед, пеши потон мурам!

- Чӣ хел намедонӣ, надонӣ чи тавр омадӣ, бо ҳамон раҳ, ки омадӣ, рафтан гир! Мошината ақиб тею рула тов, худаш ғелида рафтан мегирад!

Дидам, ки намешавад, агар суст биём, ё ақиб ҳай карда натавонистам фош мешаваду шарманда мешавам, ё ҷанҷол мешаваду дастбагиребон мешавему ман ки танҳо будам, шаллоқ мехурам. Қиёфаро ҷиддӣ гирифтаму гуфтам:

- Ман, ошно, Ёрии шуморо хуб медонам, Худо накарда, як санг аз девори ягонтетон афтад, дар бало мондагӣ ҳастам, то Суди Олия даводав мекунетон. Беҳтараш худат ақиб те, забони мурғоя мурғо медонанд, ягон девора харошида кунҷ ҳам, ҳамдеҳаи худат, ягон созиш мекунед. Мани бегоная ба бало намунон.

Худоба шукр, ки одамои мошинаш тарафи мана гирифтанд. Меҳмон рост мегӯяд, меҳмон рост мегӯяд, гардон Акрам гуфтанд, ақиб те.

Лекин Акрам ҳам аз шоферои гарданшах будаст, о гуфт, даҳ метр равад, пеши дарвозаи Мӯсо роҳ васеъ аст, ман бемалол мегузарам меравам, вай ҳам роҳаша давом медиҳад. Агар, гуфт, ман ақиб гардам, бояд қӯтала пуштнокӣ аз сад метр зиёд равам.

Дидам, ки намешавад, аз тарафгирии ёригиҳо шерак шудам. Ба ҳурмати Худо, акаи Акрам гуфтам, агар аз ҷоям ҷунбам. Ман кори

зарур надорам, то бегоҳа истодан мегирам, шаб монам меҳмонатон мешавам. Намедонам, ё аз меҳмондорӣ тарсид, ва ё дид, ки аз кору бораш мемонад, зери лаб ғур-ғур карда мошина ақиб дод. Ман ҳам, Худо ба шукр гуфтаму гузаштам рафтам, ҷӯраҷон.
Лекин баъди ин хеле фикр кардам, гуфтам, ки Шарифмурод, ошно, ягон бало кун, ки ин тур намешавад, Панҷеката ҳама қишлоқош кӯҳистон, роҳош танг, ҳар рӯз нашавад, ки бо шоферо дастбагиребон шавию номат ба бадӣ овоза шавад. Мабод ба ягон асабонии девонааш вохурӣ, ягон мушт ба таги колингат ҳам мезанад.
Фикр кун, гуфтам, фикр кун! Гуфтам, пеши ягон бачаи худӣ раваму рости гапа гӯям, илтимос кунам, ки ба ақиб ҳай кардани мошина ёд диҳад, чӣ мешуда бошад. Албатта, не намегӯд ягонтеш, ёд медиҳад, лекин овоза ҳам мекунанд, баъд номат ки баромад, тамом, то охири умрата гуфтан мегиранд. Як-ду рӯз дар ҳамин фикру хаёлҳо гузашта буд, ки як саҳарҷ дидам, комбайнҳо гандуми дашти Кали Маллая медараванд. Паяи гандума дидам, ҷураҳои ҷону гуфтам, эҳе, Шарифмурод, ин майдону ин ҳам асп, ҳунар дошта бошӣ, нишон деҳ. Ду рӯз баъдаш, ки ҳама гандумҳоро даравиданд, аз Панҷекат дер баргаштам. Торик шуда буд, рула тофтаму ба гандумпая даромадам. Бисмиллоҳи раҳмони раҳим, гуфтам, дасти ман не, дасти Шодии Бӯта гуфтам, дасти Ҳасани Набера гуфтам, дасти Абдунозиру Нормаҳмаду Муродбек гуфтам, чашмома пӯшидам, балотона гираму скороста задам. Бовар мекунӣ, худаш рафт, худаш рафтан гирифт-е! Эҳе, кайф кардам, гӯё ки аз тори Сӯхта ҳезум гирифта, хаставу шалпар шуда, аз қафои хар по кашола карда мебиёию сари Парпот, ки омадӣ ҳам хона намоён мешавад, ҳам шамолаки форам вазидан мегираду роҳат мекунӣ, ҳама мондагӣ мебурояд, дар ин ҷа ҳам ҳамин хел шуд. Ба суруд хондан даромадам, ба суруд хондан сар кардаму дидам, ки чӣ ҷои дурӯғ гуфтан аст, ягон суруда то охираш намедонам, ба Худо, камтар аз Ҷӯрабек гирифтам, камтар аз Зафар, андаки дигар аз Аҳмад Зоҳиру Одина Ҳошиму Ҳалим Ёров, ҳатто аз Зайниддини писари амаки Зиёваддин ҳам ҳамроҳ кардам, хулоса чанд суруда дарбеҳ карда, хондам. Гумон накунед, ки махсус карда бошам, худаш аз дилам баромадан гирифт, ман фақат даҳон мекушодам, хиёл мекардам, ки агар даҳон намекушодаму суруд намехондам, шодию хурсандӣ дилама пур карда мекафонад.
Лекин, ҷӯраҷон мошин рост намерафт, ба чап мегашт, ба рост мерафт, давр мезад, ман ҳам кордор нашудам, рула зиёд наметофтам, ба ихтиёраш монда будам. Якум бор буд, ки ақибрӯ мошин ҳай мекардам, ба худам гуфтам, ки Шарифмурод, ошно, аз ин зиёд чӣ мехоҳӣ, зиёдхоҳӣ накун, ки қаҳри Худо мебурод, ба ҳамин қадараш шукр кун. Як вақт дидам, ки шаб аз шаб гузаштааст,

баъд бензин ҳам бебаркаш нест, охир. Боз тамом нашавад, ки дар ҳамин шабӣ дар роҳ монам!

Боз се шаби дигар, ҷӯраҷонои ман, ҳар баҳона катӣ аз Панҷекат дер мебаромадаму ба дашти Кали Малла меомадам. Боз мошина ақибнокӣ ҳай кардан мегирифтам. Оҳиста-оҳиста рост ҳай карданашро ҳам ёд гирифтаму тез, бо суръати баланд ҳай карданашро ҳам. Рости гап дар автобазаи 37 ягон шофер баробари ман мошинро ақибрӯ сахт ҳай кардан наметавонист ва ҳоле ҳам наметонад.

Баъд аз дилам гузашт, ки равам ба Нарзии Нор гӯям, ки мусобиқаи ақибрӯ ҳай кардани мошина ташкил кунад, лекин тарсидам, рости гап. Албатта, гапама то охир гӯш намекард, ҳам ки мумкин фикр мекард, ки писари Мелибой девона шудаст чӣ бало!

Аз байн чанд рӯз гузашта буд, ки дидам суратгири «Зарафшон» аз кӯча мегузарад. Баъди раҳматӣ Қиём Шароф як бачаи ҷавон дар ин газит суратгир шуда буд, вай як бор сурати мана дар кабинаи «Зил»-ам гирифта, чоп карда буд ва ман ҳам як зиёфати калон дода будам ба вай. Мошина нигоҳ доштаму ҷеғ задамша. Гуфтам, як бало кун, аз номи худат, ё аз номи ягон каси дигар дар «Зарафшон» пешниҳод чоп кун, ки мехоҳем дар ноҳия ва баъдан дар вилояту республика мусобиқаи ақибрӯ ҳай кардани мошин ташкил шавад. Дидам, ки гапама шӯхӣ фаҳмид, гуфтам шӯхӣ намекунам, ту як илоҷ карда ҳамин пешниҳода чоп кун, фақат аз номи ман не, албатта, ман як палави чойхонаи сари чашма аз ту қарздор. Мебинем гуфту рафт, лекин чоп накард, суволич! Баъд замонаҳо дигар шуд, мусобиқа ҳам ба гӯшаи хиёли ягон кас намеомад ва ман натавонистам ҳунарама нишон диҳам, лекин аниқ ки дар Панҷекат, Панҷекат чӣ, мумкин дар тамоми Тоҷикистон ҳам ягон кас ман борин мошина ақибрӯ ҳай карда натонад!

Шарифмурод чойи сардшудаи пиёлаашро ба сар кашиду суоломез ба мо нигарист.

- Тамом, - пурсидам ман!

- Ҳа, тамом, гуфтам, ки мусобиқа нашуд.

- Хайр, ин қиссаи ту чӣ чизи аҷиб дорад, ки бояд дар рӯзномаву китоб чоп шавад, - гуфт Муҳаммадакбар.

- Эҳ-э-э, чӣ хел чӣ чизи аҷиб надорад?! Исомиддин ба ино худат фаҳмон, дарду балот занад! Охир, таҷрибаи ман аҳамияти бузурги ахлоқию тарбиявӣ дорад! Пионерҳою талабаҳоя ба саъю кӯшиш кардан даъват мекунад! Ин ки навишту чоп кард, муаллими баақл бошад, ба синф мебараду мехонад, мегӯяд, ки дидед бачаҳо Шарифмуроди Холзода, ки ба ақиб ҳай кардани мошина наметонист, руҳафтода нашуд, дилаш сард нашуд, касбашро, ки дӯст медошт, саъйу талош кард ва ниҳоят ба мақсадаш расид. Шумо ҳам бояд аз

вай пайравӣ кунетон, беҳавсалагӣ, танбалӣ накунетон, хонетон, хонетон, боз хонетон, агар ҳар рӯз вазифаҳои хонагиро тайёр кунетон… Баъди як ҳафта мебинед, ки духонҳо сею чор мегирифтагӣ мешаванд, хубхонҳо аълохон мешаванд.
Муҳаммадакбар ба ин гуфтаҳо розӣ нашуд. Вай изҳор кард:
- Рӯдакию Саъдӣ ҳамин қадар панду насиҳат навиштанд, ба ту чӣ қадар таъсир кард, ки акнун ақибрӯ мошин ҳай кардана ёд гирифтани ту ба талабаҳо сабақ шавад.
Шарифмурод эътироз кард:
- Рӯдакиву Саъдӣ шоирҳои бузург, одамои бузург буданд, ба назари бачаҳо онҳо дар осмони ҳафтуманд, ба уно расидан намешавад, ба уно наздик шудан намешавад, бачаҳо ҳам мегӯянд, ки ин насиҳатҳо ки уно кардаанд барои одамои бузург аст. Лекин ман мисли худашон, як бачеки одии қишлоқӣ, уно мегӯянд, ҳамин Шарифмурод ҳам, ки мисли мо будаст, бачаи одии қишлоқӣ будаст, вай ки тавонист, вай ки ба мақсадаш расид, мо чаро нарасем, мо чаро натавонем, ҷони гап дар ҳамин ҷост, унҳо аз ман пайравӣ мекунанд, аз Рӯдакиву Саъдӣ не!
Шарифмурод мисли ғолиби майдони гуштӣ ёлу кифт афшонда, аввал ба атроф нигарист ва баъд ба мо чашм дӯхт.
Ба ин ҳарфи бомантиқи Шарифмурод посухе намешуд гуфт ва ман ҳам қиссаи ӯро нарезондаву начаконда навиштам. Ҳар талабаи ақибмонда, ки бихоҳад мисли ӯ саъйу талош ба харҷ диҳад, албатта, пушаймон нахоҳад шуд. Вале барои он ки аз Шарифмурод ибрат бигирад, бояд аввал ин ҳикоятро бихонаду бифаҳмад, ки вай чи корнома кардааст!

## ҚИССАИ ПАХТАЧИНӢ, УСТОД, ФУТБОЛ ВА ШОҲУ ДУЗД

Донишҷӯйи соли чаҳоруми донишгоҳ будем, ки боз ба пахтачинӣ фиристоданд. «Боз», ки гуфтам ба ин маънист, ки се соли аввали донишҷӯйӣ низ ба пахтачинӣ рафта будем; кори тозае набуд, маъракаи ошно буд! Рахтҳоро бастем, ғизои як рӯзи аввалро харидем, ба утубусҳо нишастем ва омадем боз ҳам ба совхози «Қирғизистон»-и ноҳияи Куйбышев ва боз дар маҳалли ошно - духтарҳо дар синфхонаҳои мактаб ва писарон дар клуби кӯҳнаи совхоз маскан гирифтем. Ва шояд пахтачинии имсол низ чун солҳои қабл якрангу якнавохт – рӯзона пахтачинӣ, шабона бо таронаву

рақсу шеърхонӣ, бо карамшӯрбоҳою макароншӯрбоҳои фач (ки донишҷӯён «шлангшӯрбо» ном карда будандаш) ва нонҳои нимахоми корхонаи нонпазии ноҳияи Куйбишев мегузашт. Аммо, хушбахтона ин тавр нашуд; аз баракати муаллим Адҳамов ин мавсими пахтачинӣ барои мо хеле аҷиб ва шавқовар паси сар шуд ва хотироту осораш имрӯз низ дар мағзҳову дилҳо маҳфуз аст. Муаллим Адҳамов, ки аз ҳамон рӯзи аввал ба унвони сарпарасти гурӯҳи мо муаррафҷ кардандаш, қаблан барои донишҷӯён ошно набуд, касе пеш аз ин ӯро надида ва исмашро ҳам нашунида буд ва баъдан маълум шуд, ки солҳои пеш дар пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ ва ахиран дар институти такмили ихтисоси муаллимон кор мекарда ва ҳамагӣ чанд рӯз пеш ба донишкадаи мо – донишкадаи забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин ба кор гузашта будааст. Ин ки ҳеч кадоме аз мо муаллимро намешинохтем, ҳарфи содаест, аҷобате надорад ва аммо маълум шуд, ки бадбахтона ва ё хушбахтона, ӯ ҳам моро намешинохтааст. Дақиқтару саҳеҳтар бигӯям, ӯ ҳеч ошноие бо донишҷӯйи нимаи дуввуми солҳои 70 –уми қарни бистум надошт, на танҳо тадрис накарда, ки аслан бо донишҷӯ корафтода нашуда буд.

Вале Рахши саркаши хома хеле ба пеш давид ва наздик ба марра расид. Андаке лаҷомашро ба пас мекашему дубора, аз оғоз шуруъ мекунем.

Инак ба мошин нишастем – муаллим дар кабина дар паҳлӯи ронанда ва мо дар болои мошини боркаши совхоз – ва омадем ба сари киштзори пахта, пиёда шудем, барои ошноӣ бо муаллим, дақиқтар бигӯям, барои ошноии муаллим бо мо дар баробари ӯ саф оростем, муаллим худро муаррафӣ кард ва як-як номҳоямонро пурсид, баъд дар бораи аҳамияти бузурги иқтисодии пахта ва дар мавриди маъракаи сиёсӣ будани пахтачинӣ ва дар хусуси шароити мусобиқаи сотсиалистӣ дар миёни гурӯҳҳои донишкада ва дар байни донишкадаҳои донишгоҳ лексия хонд ва таъкид кард, шарафи донишкадаву донишгоҳ ва ниҳоят шарафи ҷумҳурӣ ба ҳар кило пахтаи чидаи мо низ марбут аст ва мо пас аз ин суханон бо ғайрату шавқ ба пахтачинӣ сар кардем.

Баъд аз ягон ним соат, Адҳамов, ки даст ба пушт сар-сари вот мегашт, бо ду даст ниҳолҳои пахтаро дур карда ба назди ман омад; ин кор албатта барояш чандон душвор набуд, чун ман ҳанӯз аз сари ҷӯяк чандон дур нарафта будам.

- Сигарет мекашед, а? –аввалин суоли муаллим ҳамин буд!

- Бале, муаллим.

- Биёед, яктоӣ сигарет кашем.

Нишастему сигарет оташ задем.

- Шумо ба як нафар ҳамкори пештараи ман ҷудо ҳам монанд. Ба Абдулҳафиз Рустамов чӣ мешавед?
- Додарашон.
- Эҳе-е, даст диҳед-е, ин хел ки бошад, аз ҳамин рӯз ҳар дуямон ҷӯра мешавем.
Ҷӯра шудан бо муаллим имтиёзҳои зиёд ба дунбол дошт ва ман зуд розӣ шудам, ки бо ҳам ҷӯра бошем.
Баъд аз дую ним- се соат, чун ҳангоми вазн кашидани пахтаҳои чидаамон фаро расид, ин ҷурагӣ қавитар шуд.
- Фамиялатон чист?
- Азизқулов.
- Э-е-е, фамилияи Абдулҳафиз Рустамов ку?
- Он кас ба номи падарам, ман ба номи бобом.
- Ҳа-а, дуруст, дуруст, истед, ки шумо ба Ҷумъабой чӣ мешавед.
- Бародарзодаашон, он кас амакам.
- Эҳ-е, ин тавр ки бошад, ману шумо ҷӯраҳои қарин, ману Ҷумъабой шарикдарс, дар як курс хондагӣ!
Ҷӯраҳои қарин шудем, ҳамроҳ сигарет мекашидем, сигарети муаллим намерасид аз ман мегирифт, аз они ман тамом, ки мешуд аз ӯ металабидам. Аслан муаллим Адҳамов на танҳо бо ман, ки бо ҳама бачаҳои гурӯҳ мисли рафиқу ҷӯра буд, ба мисли дигар муаллимонамон сахтгир набуд ва талош ҳам намекард, ки аз донишҷӯён фосила бигирад, балки хуш дошт, ки донишҷӯён ӯро низ мисли худашон бидонанд ва чун рафиқи худ қабул кунанд. Масалан, чанд нафар аз бачагони курси мо одат доштанд, барои дилхушӣ давра бигиранд, даст ба гардани ҳам ҳалқа бикунанд ва нафаре ҳарфе бигӯяд ва ҳама баробар қоҳ-қоҳ биханданд. Ин хандаҳои фалакпеч, албатта, диққати атрофиёнро ҷалб мекард ва диққати муаллим Адҳамовро низ ба худ кашид. Пайваста аз ину он суол мекард:
- Шумо чӣ гапҳои аҷиб мегӯед, ки ин қадар механдед? Маро ҳам ҳамроҳ кунед, камтар хандем, охир.
Бачаҳо ба ҳар навъе ҷавоб медоданд.
Раҷабмаҳмад мегуфт: - Шумо ин гапҳоя нафаҳмед беҳтар, муаллим, ин гапҳо барои гӯши мубораки шумо нестанд.
Абдулло идома медод: - Барои шумо аҷиб нестанд, муаллим, гапҳои байни худамон.
Абдулмаҷид меафзуд: - Ин гапҳо фақат барои аъзои клуби мо, шунидани дигарон мумкин нест.
Вале оташи шавқи муаллим баъд аз ин чавобҳо баландтар забона мезад, эҳсоси кунҷковиаш бештар мегардид. Ба илтимосу илтиҷо даромад, ки вайро ба ин клуб аъзо кунанд.

- Одам дар ин ҷо аз зиқия нафастанг мешавад, ба виҷдонам қасам! Шумо механдетон, дилхушӣ мекунетон, маро ҳам ба клубатон қабул кунетон чорта хандем, дилхушӣ кунем.

Пас аз илтимосҳои серӯза ниҳоят Адҳамов низ ба узвияти клуб пазируфта шуд.

- Бошад, муаллим, биеёд ин ҷо, дар паҳлӯи ману Абдулмаҷид истед. Як дастатона ба гардани Абдулмаҷид андозед, дасти дигаротонро ба гардани ман, саратонро каме ба пеш хам кунед. Ку Абдулло сар кун!

Абдулло: Ин бегоҳ ҳам шлангшӯрбо мехурем!

Ҳама: Ҳа-ҳа-ҳа-ҳа! Ҳи-ҳи-ҳи-ҳи! Ҳо-ҳо-ҳо!

Абдумаҷид: Мегӯянд, имсол то бистуми ноябр пахтачинӣ мекунем!

Ҳама: Ҳа-ҳа-ҳа-ҳа! Ҳи-ҳи-ҳи-ҳи! Ҳо-ҳо-ҳо!

Адҳамов асабонӣ шуду барошуфт, бо қаҳр дастонашро аз гардани ёронаш бардошту сарашро берун кашид:

- Шумо, ки маро аҳмақ гумон намекунед, ҳама гапҳотон ҳамин?!

- Не, валлоҳ, муаллим, чаро ин тавр гумон мекунед! Мо шуморо эҳтиром мекунем, агарне ҳатто бисёре аз ҳамкурсонамонро ба клуб қабул накардем!

- О, ин гапҳотон ҳеч маънӣ надорад-ку! Боз барои ҳамин гапҳои фачу бемазза баланд-баланд механдед!

- Наранҷед муаллим, - Абдулмаҷид ба суҳбат ҳамроҳ шуд, - гапҳомон ҳамеш ҳамин хел, вале фачу бемазза нестанд, ҳамааш маъниҳои амиқ доранд.

- Чӣ хел маъниҳои амиқ доштаанд?! - муаллимро, ки каме ором шуда буд, боз эҳсоси кунҷковиаш боло гирифт.

- Масалан, муаллим, «ин бегоҳ боз шлангшӯрбо мехурем» чунин маънӣ дорад, ки аз омаданамон панҷ рӯз гузашт, ду бор дар чошту се бор бегоҳҷ макароншӯрбомон доданд, ба дили ҳама зад, хӯрданаш чи ки аз диданаш дил беҳузур мешавад. Мо ҳамин тавр пешакӣ ба худу ба шлангшӯрбо хандида руҳиямонро хуб мекунем ва бегоҳ, ки шлангшӯрбои лаънатиро оварданд, бе кароҳат то охир мехурем. Шумо бегоҳ як бор ба ҷои хӯрокхӯрии мо биеёд, мебинед ки шояд фақат мо ин шалангшӯрборо то охир хӯрда бошем, дигарон намехурандаш ё нимахӯр мекунанд.

- Ё ки «имсол то бистуми ноябр пахта мечинем»! – Раҷабмаҳмад суханони Абдулмаҷидро идома дод. – Пахтачинӣ барои донишҷӯ як ҳафтаю даҳ рӯзаш романтика, бист рӯзу як моҳаш азобу азият аст. Мо ки аз солҳои пештара таҷриба дорем, ки чанд бор муҳлати эъломшудаи пахтачиниро дароз мекунанд, аз ҳозир худамонро омода мекунем, фоҷиаро ба мазҳака табдил медиҳем ва ҳамин тавр қаҳру ғазабамонро камтар мекунем.

Адҳамов мот шуд, чашмош калон кушода шуданд, даҳонаш боз монд ва ниҳоят гуфт:

- Ба виҷдонам қасам, шумо психологҳои зӯр ҳастед. Ман аз ҳамин рӯз аъзои клуби шумо, ман ҳамроҳи шумо!
Ва акнун чи рӯзона дар сари майдони пахта ва чи шом дар маҳалли сукунат Адҳамовро зуд-зуд дар доираи Раҷабмаҳмаду Абдулмаҷиду Абдулло медидем, ки даст ба гардани ҳам карда, сар ба пеш андохта паст-паст миёни худ чизҳое мегӯянд ва баъди чанд лаҳзае қоҳ-қоҳи хандаашон ба фалак мепечад! Гоҳе аз шиддати ханда аз чашмони муаллим ашк мебаромад.
Боре Адҳамов маро даъват кард. Пешдомани нимапури пахтаро ба дӯш андохтаму ба наздаш омадам, чанд ниҳоли пахтаро канда, заминро ҳамвор карда буд.
- Бишинед.
Нишастаму аз киса сигарет баровардам.
- Не, вай сигоратона монед, инро кашед.
Сигарети ман «Лаъл» буд, аз они муаллим «Родопи». Сигарет дуд додем ва муаллим пас аз ду- се бор хомӯшона нигоҳ кардан ба ман гуфт:
- Ҳар дуямон ҷӯраҳои қарину лекин Абдуқодир ҷӯраҷон, шумо аз ҳама кам пахта мечинед. Бинед, - вай ангушти ишорат ба дафтар ниҳоду сафҳа гардондан гирифт, - 37 кило, 35 кило, 40 кило, ҳатто 27 кило ҳам ҳаст. Дигарон 80, 90, 100 кило мечинанд! Камтаринашон 60- 65 кило! Камтари дигар ғайрат кардан лозим, ҷӯраҷон! Дигарон нагӯянд, ки муаллим ҷӯрааш, рӯихотирбинӣ мекунад!
- Гапатон рост, муаллим, вале ду омил ҳаст, ки сабаби объективии кам пахта чидани ман ҳастанд.
- Чи сабабҳоянд?
- Аввал, ин ки худатон медонед, дар Панҷекат пахта нест, ман пахтаро бори аввал чор сол пеш баъди донишҷӯ шуданам дидам. Дувум ин ки, худатон як ба атроф нигоҳ кунед, дар ин гурӯҳ қади ман аз ҳама баланд, фақат Нуралиев ҳамқади ман аст, вале Нуралиев аз хурдҷ дар даруни ҷӯяки пахта бузург шуда, миёнаш ба хаму рост шудан одат карда бошад ҳам, бо азобу машаққат 60-70 кило мечинад, вале ман аз даҳ дақиқа зиёдтар хам шуда наметавонам. Ҳамон 37-у 40 килоро ҳам ба хотири шумо мечинам, агар не солҳои пеш ягон рӯз ҳам аз 34 кило зиёд начида будам.
- Э не-е-е! Э не-е-е! Аз барои Худо, рост?!
- Чаро дурӯғ гӯям, аз муаллим Неъматҷон Аҳмадов пурсед, соли гузашта роҳбарамон дар пахтачинӣ ҳамун кас буданд.
- Ҳоҷати пурсидан нест, ман ба шумо бовар мекунам, раҳмат ҷӯраҷон, раҳмат бар падаратон, ки мана эҳтиром мекунед.

Баъд аз ин Адҳамов на танҳо дар хусуси кам пахта чидани ман лаб накушод, балки борҳо шуда, ки нафареро, ки нисбат ба дигарон камтар пахта мечид, чунин танбеҳ мекард:

- Шармат намеояд, Абдуқодира бин дар умраш пахтая надидаст, қадаш аз ҳама баланд, 37 кило чид, ту ҳадди ақалл ба 65 кило нарасидч. Кӯшиш кардан даркор, охир, ғайрат кардан лозим!

Даҳаи аввали пахтачинӣ ба охир расид. Муаллимон иваз шуданд. Адҳамов як-як ҳар кадоми моро ба оғӯш гирифта, хайрухуш кард. Ба сабаби арақи нӯшидааш эҳсосӣ шуда ва як-ду бор ашки чашмонашро ҳам бо нуки ангуштонаш пок кард. Ва боз рӯзҳои якнавохт ва дилбазани пахтачинӣ ба кундҷ паси сар мешуданд.

Ва даҳаи дувум низ бо душвориҳо ба охир расид. Бегоҳи рӯзи охирини даҳаи дувум аз мошин пиёда шудему садои ошно ба гӯш расид.

- Ман омадам! Ман омадам! Шумоёнро пазмон шудам, натавонистам дар шаҳр гаштан бе шумо!

Муаллим Адҳамов, ки каме нӯшида ва рӯяш бар асари арақ ва шиддати эҳсосот сурх шуда буд, бо оғӯши боз ба истиқболамон омад ва боз як-як бағал ба бағал бо писарҳои гурӯҳ салому алайку пурсупос кард.

Ва боз аз сарони ситоди пахтачинӣ илтимос намуд, ки ӯро роҳбари гурӯҳи мо таъйин кунанд.

Абдуллову Раҷабалиро одат шуда буд, ки баъд аз сарфи ғизои нимарӯзӣ пешдоманҳоро мудавваршакл мепечониданд, бо риштаи худаш аз рӯй мебастанд ва чизе монанди тӯб месохтанду гӯйӣ футбол бозӣ мекарданд. Рӯзи дувуми бозгашташ муаллим чун дид, ки бачаҳо бо пешдоман бозӣ мекунанд, гуфт:

- О, наход одам бо ҳамин футбол бозӣ кунад, ягон тӯб биёред намешавад.

Ва рӯзи дигар бачаҳо тӯби футбол пайдо карданду оварданд.

Муаллим аз гуфтааш пушаймон шуд:

- О, ман як даҳон шӯхӣ кардам, агар хабар ба Норматов расад, ҷанҷол мебардорад, ба виҷдонам қасам.

- Гапи мард якто муаллим, худатон гуфтед. Дигар ин ки мо ҳар рӯз ним соат бозӣ мекардем, чи фарқ дорад бо пешдоман бозӣ мекунем ё бо тӯб.

Муаллим дар муқобили ин мантиқ ҳарфе пайдо накард бигӯяд ва хомӯш шуд, ки мутобиқ бо масали «хомӯшӣ аломати ризо» пазируфта шуд. Гузашта аз ин, кудоме пешниҳод кард, ки муаллим довари бозӣ бошад. Аз кадом бачаи русточ як ҳуштокӣ низ барои муаллим пайдо карданд ва ӯ дар васати майдон меистоду расо 40 дақиқа (ду қисми 20 дақиқаӣ) доварӣ мекард. Баъд боз ду-се соат пахта мечидем ва бегоҳ зудтар аз ҳама гурӯҳҳои дигар ба маҳали хоб

бармегаштем. Чун ронандаи мо ҷавон ва зоҳиран чанде пеш хонадор шуда буд ва низ мехост ҳарчи зудтар ба хонааш баргардад, барзи ташвиқоти мо барои бегоҳ зудтар омадан ба замини баруманд уфтоду бар дод, зиёд неву нестон накарду розӣ шуд. Мантиқист, ки бо ин вазъ гурӯҳи мо ҳар рӯз дар мусобиқаи чиниши пахта дар байни 9 гуруҳи донишкадаи забону адабиёти тоҷик мақоми ахирро ишғол мекард.

Як рӯз чун ҳаррӯза бо сару садоҳои шодмонӣ ба маҳалли сукунати муваққтамон ворид омадем ва якбора ҳама хомӯш шудем. Урдугоҳ пур аз донишомӯзони тару тоза ва либосҳои озода бар тан буд. Дар ҳамон лаҳзаи аввал, ҳанӯз аз мошин поён нафуромада маълум шуд, ки имрӯз рӯзи ҳаммом будааст, ҳама гурӯҳҳоро ба ҳаммом бурдаанд ба ҷуз гурӯҳи мо, ки зоҳиран фаромӯш кардаанд. Табиист, ки садоҳои эътироз баланд шуд, ба хусус духтарон хеле дар ғазаб буданд. Адҳамови бечора осемасар шуд.

- Ба виҷдонам қасам ман хабар надоштам, ба ман касе чизе нагуфта буд, наход ки ман дидаву дониста ҳамин корро карда бошам.

Вале ғазаби духтарон паст намешуд, муаллимро муттаҳам ба он мекарданд, ки фаромӯш кардааст, вагарна чӣ тавр мешавад, ки ҳама муаллимон дар як хона сукунат доранд, роҳбарони ҳама гурӯҳҳо донанду ӯ бехабар монад, ин амр ҳеч мумкин нест.

Адҳамов ваъда кард, ки як рӯз махсус гурӯҳи моро ба ҳаммом мебарад ва мо он рӯз на танҳо ба гармоба меравем, балки тамоми рӯз истироҳат хоҳем кард.

Ман даҳон фарогӯшаш бурдам ва гуфтам:

- Медонед, раҳбарони ситод чаро ин тавр карданд?

- Не, чаро?!

- Аввал, ин ки шумо муаллими нав, дувум бо донишҷӯйҳо муносибати дӯстона доред, муаллим Норматов аз рашк, барқасдона чунин кардаанд.

Ва боз афзудам, ки аслан сабаби дубора ба пахтачинӣ омаданаш ҳам ҳамин аст, вагарна дар таърихи донишгоҳ ҳеч муаллимеро дар як сол ду бор ба пахтачинӣ нафиристодаанд.

Адҳамов бо диққат муддате ба ман нигарист, шояд мехост аз чеҳраам бихонад, ки ҷиддӣ мегӯям ва ё ҳазл мекунам. Шояд як дақиқаи тамом ба ман нигарист ва дар ин дақиқаи тӯлонӣ чеҳраи ман бетағйир ҷиддӣ буд ва чеҳраи муаллим тира шуд, тардидро аз қалбаш берун ронду ниҳоят гуфт:

- Лекин рост мегӯед….

Дар ин се нуқта душноме нуҳуфтааст, ки оварданашро лозим намедонам.

- Лекин, парво накунед, мо инҳоро боб мекунем!

- Чӣ хел?! – бо нобоварӣ ва малулхотир гуфт Адҳамов.

- Пагоҳ, - гуфтам, - меравему палов мепазем, пахта намечинем.
- Э, даста партоед-е, ба виҷдонам қасам, шумоён катӣ одам дар ягон ҷо раҳгум намезанад.
Дастамро дурудароз фишурд ва баъд ба тардид уфтод:
- Лекин масолеҳи оша аз куҷо мегирем.
- Инаш кори мо, ду ҳамкурсамон – Нурмаҳмаду Муртазо дар штаб кор мекунанд, якеш дастёри ошпазҳо, дигараш чойхоначӣ, аз ҳамонҳо мегирем.
Шаб ҳама масолеҳи барои палов лозимро гирифтем. Субҳ пинҳон аз чашми муаллимон андаруни пешдоманҳо ба мошин бор кардем ва Адҳамов низ пеш аз он ки дар паҳлӯи ронанда бинишинад оҳиста суол кард:
- Ҳамааш сад шуд?
- Сад муаллим.
- Не, сад не, муаллим, - садои мухолифи Норқобил буд. – Палав бе арақ чӣ кайф дорад, арақ надорем, сари роҳ магазин ҳаст, пул диҳед арақ ҳам харем.
Муаллим ноилоҷ даст ба ҷайб бурду як панҷрубла берун овард.
- Ба виҷдонам қасам дигар надорам.
- Ҳамин бас, муаллим, таги кисаҳои худамон ҳам як сум ним сум ёфт мешавад.
Сари роҳ Норқобил фуромаду се шиша арақ харид. Роҳро идома додем ва ба сари майдони пахта расидем.
Муаллим биринҷу рӯғанро хабар гирифт. Биринҷро писандид, вале аз рӯған хушаш наомад.
- Палав бошад, палави рӯғани дунба бошад. Ақаллан камтар ёфта ба рӯғани пахта ҳамроҳ кардан даркор. Ман хонаи табелчии ошном меравам, барои справкаҳои рӯзҳои пеш, аз ҳамон ҷо бо ягон бача мефиристам.
Бо тавсияи духтарон Раҳбарро ошпаз ва яки дигарро дастёри ӯ интихоб кардем. Муаллим ба хонаи табелчии ошнош рафт ва вақти рафтан таъкид намуд, ки албатта бояд то пухтани ош пахта чинем, вагарна ба ҳамаамон гап мерасад.
- Албатта, муаллим, албатта.
Вале пахтачинӣ то даме идома кард, ки қомати муаллим дар паси ниҳолҳои пахта панаҳ шуд. Дигар ҳама ду-дую се-сею чаҳор-чаҳор ҳар ҷо ҳар ҷо нишастанд, ҳар гурӯҳ суҳбати хоса дошт ва ё қартабозӣ мекард.
Чоштгоҳ чун харрӯза «Беларус»-е ду присеп баста дар қафояш, аз роҳҳои пурчолаву пасту баланд, чун мастон аз ин тараф ба он тараф алвонҷ хӯрдаву садо дардода омад. Шогирди бригардир тарозуро дар ақиби присеп насб кард ва се нафар намояндаи мо бо чаҳор пешдоман пахта дар назди тарозу саф оростанд. Чаҳор пешдоман

пахта 67 кг баромад. Шогирди бригадир муддате ҳайрону гаранг ба мо нигарист, чун дид ки беш аз ин пахта надорем, ҳарфе нагуфт, ба пахлӯи ронанда нишаст ва «Белорус» боз тарақо-турук присепҳояшро кашиду рафт.

Палов ҳам пухт. Вале муаллим ҳанӯз наомада буд. Ин амр гурӯҳро ба ду қисми мухолиф ҷудо кард. Қисме мегуфт, бояст муаллимро интизор бишавем, зеро вай ҳам дар офариниши ин палав саҳм дорад. Қисми дигар муътариз шуд, ки ҳоҷат ба интизор шудани муаллим нест, ӯ албатта, аз хонаи табелчӣ хӯрок хӯрда, сер шуда меояд, палови моро шояд нахурад ҳам.

- Нахурад ҳам барои эҳтиромаш бояд интизор шавем.

- Ин эҳтиром нест, одоб ҳам нест, оҳанро дар гармияш бояд кӯфту хӯрокро дар гармияш бояд хӯрд.

- Арақ чӣ, муаллим барои арақ пул дод, намешавад, ки бе вай хурем.

- Муаллим, ки дар хонаи табелчӣ хӯрок хӯрд, арақашро ҳам мехурад, намешавад, ки хӯрок диҳаду арақ надиҳад.

- Табелчӣ худаш намехурад, муаллим дар танҳоӣ шарм мекунад, ки мувофиқи табъи дилаш хурад.

Дар ин баҳсҳо будем, ки муаллим аз дур намудор шуд ва Раҳбар ҳам дами дегашро кушоду ошро кандан гирифт.

Муаллим даррасид. Ним соъат қабл аз сари дастархон бархоста буд, шикамаш сер буд ва палави моро кам хӯрд, ду-се бор даст бурд оварду бас кард. Арақ ҳам хӯрда буд, вале ба серҷ не ва се шиша арақро то охир ҳамроҳи мо нӯшид.

Шикам сер шуд, ниммаст шудем, ғамҳо дур шуд, андаруни қалбамон шоддӣ табли пирӯзӣ зад. Баъд аз ин даруни ҷӯяки пахта даромадан, ки ҳама лаззати «гуноҳҳо»-ро барбод медод, маънӣ надошт. Вале ҳамту нишастану сухбат кардан низ талафи беҳудаи вақт буд. Анқариб дар як моҳи пахтачинӣ ҳама мавзуъҳо мукаррараран мавриди гуфтугузору баҳс қарор гирифта буданд. Ва яке пешниҳод кард, ки подшоҳу дузд бозӣ кунем. Ин бозии суннатҷ ҳанӯз дар он солҳо машҳур буд. Ба ҷойи сақҷо қуттии гӯгирдро гирифтем. Қарор кардем ду тарафи баландтаринаш подшоҳ, ду тарафи кибритдораш вазир, тарафи суратдор сӯфҷ ва тарафи муқобили он дузд бошад. Дузду суфию вазир хеле зуд мушаххас шуданд, вале дар замини бо вуҷуди пойкӯбиҳо ва бо даст ҳамвор карданҳо на чандон мусаттаҳ хеле вақт лозим шуд, ки подшоҳе ба тахт бинишинад. Ва пас аз чанд бори қуръапартоӣ Раҷабалӣ ба тахти подшоҳӣ нишаст. Ва пас аз се даври дигар муаллим бо «дуздӣ ба даст уфтод». Подшоҳ Раҷабалӣ хеле дар тардид шуд, сар ба гиребони андеша фурӯ бурд ва ниҳоят бо машвараи вазир Усмон Билолӣ ҳукм кард, ки дузд дар пушти хар чаппа нишонда ва хар то сари теппа ронда бишавад. Баъд аз шафоатҳои мушовирон подшоҳи қаҳҳор розӣ шуд, ки дузд ба хотири

солхӯрда ва омӯзгор буданаш ба хар роста биншинад. Вале хар соҳиб дошт. Тоҷимоҳ чун маликае бар тахт пушти хар нишаста буд. Кадоме харро кашид пеш овард ва муаллимро аз паси Тоҷимоҳ ба хар нишонданд. Яке аз ёлаш гирифту ба самти теппа кашид, вале хари ҳатӯли аз бекорӣ тамбалшуда намехост ба кӯтал барояд ва чор дасту по ба замин тиргак карда аз ҷо наҷунбид, на «йих, йих» таъсир дошта, на зону ба шикамаш задани муаллим, на лағат ба думғозааш задани бачаҳо. Муаллим бо таассуф аз хар фуромад ва пешниҳод кард, ки ҳама ба болои тепа бароему атрофро тамошо кунем. Аз сари теппа то дуриҳои дур киштзори пахта, долу дарахтон ва бомҳои шиферпӯши деҳоти сотсиалистӣ ба чашм мерасиданд. Пас аз об додани чашмон бо манзараҳои водии тиллоии ватан ва пур кардани қалбҳо аз эҳсоси ифтихор аз ободиҳои меҳан ба поён хамбидем. Зоҳиран бурову фуро ба сари теппа муаллимро хеле ҳушёр карда буд ва ё шояд дидани духтарони рустоҷ дар миёни пахтазор чанг ба торҳои виҷдонаш зад, ки муаллим якбора пурсид:

- Усмонов, фаромӯш кардам, ки бипурсам, бачаҳо чӣ қадар пахта чиданд.
- Мешавад, муаллим!
- Чӣ қадар охир!
- Кирои гуфтан намекунад, муаллим!
- Хайр, гап зан, охир, медонам, ки шумо ягон бор аз ҷойи нӯҳум болотар набаромадетон, шарм накарда гуфтан гир!
- 67 кило муаллим!
- Худата напурсидам, ҳамаи гурӯҳа пурсидам!
- Ҳамаи гурӯҳа гуфтам, муаллим.

Сукуте лол ба миён омад, ки гӯётар аз амвоҷи суханони зани теззабон буд. Ва дар пурсише сода низ, ки баъд аз ин сукут садо дод, сад лаҳну сад эҳсос гунҷоиш дошт:

- Чӣ тур?!
- Ҳамин тур, муаллим!
- Охир наход 27 нафар 67 кило пахта чинад! 67 кило барои 27 кас! Чанд килоӣ мешавад ба сари ҳар нафар?!
- 2 килову 480 граммӣ, муаллим! Дирӯз тамоми гурӯҳҳои дигарро аз соати 10 ба ҳаммом бурданд. Онҳо ҳам аз ҳамин қадар зиёд начидагистанд!
- Охир ман ба шумо ваъда додам, ки як рӯз махсус ба ҳаммом мебараматон!
- Ҳаммом бурдану набурдан фақат ба шумо марбут нест, муаллим.
- Чӣ мешавад акнун?!
- Ҳеч чиз намешавад, муаллим, мисли ҳаррӯза мешавад, ҷойи охира, ки мегирем чӣ фарқ дорад, ки бо дукилоӣ мегирем ё бо чилкилоӣ!

- Ба шумоён чӣ, шумоён мераветон хӯрока мехуретону хоба мезанетон, чормағза ба сара мани бечора мешикананд. Ҳамин ду пиёла арақа захр кардетон, ба виҷдонам қасам!
- Нӯшатон бод муаллим! Парво накунед, ҳеч кас ҳақ надорад ба сари шумо чормағз шиканад!
- Мешикананд, чӣ хел намешикананд, худатон Норматова намедонетон гӯё, як гапҳо мегӯяд, як гапҳо мегӯяд, ки замин намекафад дароч, ба виҷдонам қасам!
- Вай аз куҷо медонад, ки мо 67 кило пахта чидем.
- Чӣ хел аз куҷо мефаҳмад, 67 кило чидед-ку!
- 67 кило чидем, лекин шумо ҳисобот диҳед, ки масалан, 1 тоннаву 250 кило ё 1 тоннаву 430 кило чидем!
- Чӣ тур?
- Ҳоло Усмон Усмонов дар як варақ барои ҳар нафар аз 30 кило то 100 кило пахта менависад, шумо ҳам ба ситод, ба Норматов ҳисобот пешниҳод мекунед, ки масалан 1 тоннаву 250 кило пахта чидем, намепурсанд, албатта, вале агар пурсанд, ки «спаравкаи бригадир ку», мегӯед, ки ҳамин рӯз барои се рӯзи пеш справка гирифтам, справкаи имрӯз ва ду рӯзи баъдро низ якҷо медиҳанд. Баъд, ки барои се рӯз справка доданд, ҳеч кас пай намебарад ва ё ки аз ҳисоби ду рӯзи баъд кам мекунему ба имрӯз зам мекунем.
Муаллим каме сукут кард, андешаманд шуд ва ниҳоят чеҳрааш шукуфт.
- Ба виҷдонам қасам, гуфта будам-ку, одам бо шумоён барин ҷӯраҳо дар ҳеч куҷо дар намемонад. Навис Усмонҷон, ба ҳар кас навис чил килову шаст килову ҳафтод кило, лекин аз ҳад зиёд нанавис, беинсофӣ нашавад!
Мувофиқи тақсимоти Усмон мо ҳамон рӯз 1 тоннаву 273 кило пахта чидем, ки ба ҳисоби миёна 47 килоиро ташкил медод ва чун ҳаррӯза ҷойи нуҳумро гирифтем.
Рӯзи дигар Адҳамов тамоми рӯз хурсанд буд; ҳам қасди ба ҳаммом набурдани гурӯҳ ва беэҳтиромии Норматов ба худашро гирифта буд ва ҳам аз об хушк баромад. Аммо шабона маҷлиси ситод баргузор шуд, муаллими бечораро як соат рост гузошта пасту баланду талху турши бисёр гуфта, дар охир як тазаккур ҳам додандаш. Баъд фаҳмидем, ки рӯзона табелчии падарлаънати кӯрнамаки хабаркаши ошнои муаллим ба ситод омада ва қиссаи палов пухтану арақ хӯрдан дар сари киштзори пахта ва 67 кило пахта чидани моро фош кардааст. Ин хабар ба зудии зуд то раҳбарии донишкада ҳам мерасад ва муъовини декан Толиб Хаскашов – ҷояш ҷаннат бошад, ки аз беҳтарини устодонамон буд - омад, то бо қазия дар маҳал ошно шавад. Хаскашов дигар то охири пахтачинӣ ба Душанбе барнагашт, ӯ раҳбарии курси панҷумро ба ӯҳда гирифт, вале бар тибқи

машвараи қаблии раҳбарии ситод гурӯҳи мо ҳам дигар ҳамарӯза дар канори ӯ ва зери назорати ӯ пахта мечид. Бо ин ҳол ҳам боре аз ҷойи нӯхум боло набаромадем. Ва гузашта аз ин, Хаскашов аз дохили пешдомане тӯби футболи моро пайдо кард.

- Акнун, фаҳмидам, ки чаро шумо пахта намечинед, - гуфт ӯ – вале гумон намекунам ҳамин футболбозиро ҳам дуруст тавонед. Ку биёед, бо бачаҳои мо футбол бозӣ кунед.

Ва дар ҳамон ҷо бозии футбол дар миёни бачаҳои курси мо ва курси панҷум баргузор шуд. Бачаҳои мо, ки ҳамарӯза тамрин дида буданд, се голи беҷавоб ба дарвозаи ҳарифон заданд. Бо ҳар гол муаллим Адҳамов ҷаста аз ҷой бармехест ва дод мезад ва нафари дар канораш бударо оғӯш мекард, вале баъди лаҳзае гӯӣ ба хотир меовард, ки муъовини декан ҳамин ҷост ва сар поён мекарду дар ҷояш менишаст.

Хаскашов пас аз голи севум бозиро қатъ кард. Бачаҳои курси панҷумро ба майдони пахта фиристод ва дигар то итмом ёфтани пахтачинӣ ба мо ва муаллими мо кордор нашуд.

Рӯзи охири мавсими пахтачинӣ бо эҳсоси ғариби таассуф ба утубусҳо нишастем.

## ХАРИ МАРЗШИКАН

22 сентябри соли 2003, соати 16-у 23 дақиқаи баъд аз зуҳр ба вақти маҳаллӣ Хари наринаи бӯри шашсолаи Содиқ Абдураҳимов, сокини рустои Муғоби ноҳияи Варзине ғайриинтизор навори марзи давлатии Тоҷикистону Узбакистонро убур карда, ба масофаи 67 метр ба даруни хоки Ӯзбакистон ворид шуд.

Бино ба иттилоъи Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Варзине, шаҳрванд Содиқ Абудраҳимов, соли таваллудаш 1951, деҳқон, соҳиби ҳафт фарзанд талоши зиёд ба харҷ дод, то аз вуруди Хар ба

хоки кишвари ҳамсоя пешгирӣ кунад, вале Хар, бо вуҷуди он ки бори сангин дар пушт ва ҷуйи беоб дар пеши роҳ дошт, тезу тунд давид, сабук ин ҷӯйро убур кард ва Абдураҳимов ба вай расида натавонист ва ҳарчанд бо садои баланд ва омирона «юш, юш» гуфт, вале Хар фармон набурд ва бидуни он ки суръаташро андаке ҳам суст кунад, ҳамон сон дартоз ба хоки кишвари ҳамсоя ва дӯст дохил шуд.

Кӯшишҳои чандинбораи шаҳрванд Содиқ Абдураҳимов барои ворид шудан ба хоки кишвари ҳамсоя бо мақсади баргардонидани Хар бе натиҷа анҷом ёфт. Гурӯҳи се нафараи марзбонони кишвари ҳамсоя, ки дар маҳалли ҳодиса ҳузур доштанд ва баъдан маълум шуд, бо ҳама силоҳи дасташон аз посгоҳи марзҷ ба маросими пайғамбарошии падари як дӯсташон омада будаанд, ба ӯ иҷозаи вуруд ба маҳдудаи мамлакати худро надоданд ва чун Абдураҳимов исрор ва пофишорҷ кард, марзбонони ӯзбак ба вай ҳамлавар шуданд ва яке аз онҳо бо қундоқи автомати Калашников ба қафаси синаи ӯ зад, ки дар натиҷаи ин зарб Абдураҳимов мувозанаро гум карда, бо пушт ба замин афтод ва қафаси синааш хун баст, ки дар ин бора гувоҳномаи дармонгоҳ ва бемористони марказии ноҳияи Варзине мавҷуд аст.

Ва ҳамин ҷароҳат, ки боиси бистарӣ шудани Абдураҳимов Содиқ дар бемористони маркази ноҳия шуд, ҳамчунин муҷиби озод мондани ӯ гардид, чун ду рӯз баъд, додситонии ноҳияи Пахтакори Ӯзбакистон хостори боздошти Абдураҳимов шуд ва чанд нафар пулис ва марзбонони ӯзбак бо қасди боздошти ӯ, субҳи 24 сентябр ғайримуҷоз ба хоки Тоҷикистон ворид шуда ва хонаҳои ӯ ва бародарашро дар рустои Муғоб кофтуков карда ва ӯро пайдо накарда бозгаштанд.

Дафъатан пас аз ин Шуъбаи корҳои дохилии Варзине номае бо ҳоҳиши баргардонидани Хар ба Тоҷикистон ба Неруҳои марзбонии Узбакистон ирсол кард ва бо итминон таъкид намуд, дар рафтори Хар ҳеч гуна амали бадқасдона ва душманона алайҳи миллат ва кишвари бародари Узбакистон ҷой надорад ва кирдори вай авбошиест, ки бар асари шунидани ҳангоси Мочахаре аз ҷониби Узбакистон ва аз фарти нодониии зотӣ ва бадахлоқии Хар рух додааст. Мо итминон дорем, ки чунин авбошии ғайриинтизор аз ҷониби Хари аблаҳе наметавонад дӯстии чандинасринаи ду халқи бародари тоҷику ӯзбекро, ки шоирон ва инсондӯстони бузург Абдурраҳмони Ҷомҷ ва Алишери Навоҷ санги таҳкурсиашро гузоштаанд, халалдор созад.

Тарафи Узбакистон пас аз дарёфти ин нома се рӯз хомӯшӣ ихтиёр кард ва рӯзи чаҳорум телевизиони давлатии ин кишвар баёнияи

муштараки фармондеҳии неруҳои марзбонҷ ва додситонии кулли Узбакистонро пахш намуд.

Фармондеҳии неруҳои марзбонҷ ва додситонии кулли Ӯзбакистон Харро ба хусус ва тарафи Тоҷикистонро умуман, ба марзшикании барқасдона ва нияти анҷоми амали террористии мудҳиш муттаҳам карданд ва афзуданд, Хар, ки ҳомили маводи тарканда буд, майл дошт худро ба бинои мактаб зада, мунфаҷир кунад. Дар ин вақт, яъне соати 16-у 24 дақиқаи вақти маҳаллӣ 182 нафар талабагони басти дувум ва 15 нафар муаллимони мактаби деҳаи Тӯпаланги ноҳияи Пахтакор машғули таҳсилу тадрис буданд ва таҳаққуқ пазируфтани ин қасди нопок ва душманона метавонист ҳадди ақалл даҳҳо нафар куштаву маҷруҳ бар ҷой гузорад.

Дар баёния таъкид гардид, Хар, ки ҳезум ва дар зери он маводи тарканда бор карда будандаш, мутмаин ба худ чунон бо суръат медавид, ки марзбон - сержант Генадий Ҳидоятов, ки аввалин шуда Харро дид, бо вуҷуди давидан натавонист дарёбадаш ва пас аз он ки Хар ба фармонаш гӯш надода, давиданро идома додан гирифт, маҷбур шуд ба сӯйи вай аз автомат тир кушояд. Яке аз тирҳои ӯ ба ҳезуми сарвораи Хар бархӯрда, се ҷуби ҳезумро сурох карда, берун шуд ва ба девори ҳаёти Юлдош Менглиев, сокини деҳи Тӯпаланг бархӯрд, вале мутаассифона, ба худи Хар осебе нарасонид. Бо ин ҳол низ Хар аз давидан бознаистод. Хушбахтона Мочахаре, ки дар паси ҳавлиии Юлдош Менглиеви мазкур баста шуда буд, ресмони пояшро кашола карда ба сари роҳ баромад ва садди роҳи душман шуд. Хар, чун дид, ки мехоҳанд ба иҷрои нияти нопокаш халал расонанд, ба ғазаб омад ва ба болои Мочахар парида дандон ба гардан ва сағрии вай халид. ( Ва гувоҳномаи Идораи домпизишкии ноҳияи Пахтакор ҳокӣ аз он аст, ки пайи се дандони Хар дар гардан ва ду дандони Ӯ дар сағрии Мочахар мавҷуд буда ва умқи ду дандон дар маҳалли гардан яку ним сантиметр ва як дандон як сантиметру 3 миллиметр ва умқи як дандон дар маҳалли сағрӣ 8 миллиметр ва дандони дигар 6.5 миллиметр будааст). Дар ин лаҳза марзбонон даррасиданд ва бо ёрии сокинони рустои Тӯпаланг Харро боздошт карданд.

Хабарнигори сайти интернетии «Фарғона. ру» тафсилоти бештареро аз ин ҳодиса нашр кард, ки бино бар он Хар дар урдугоҳи махсуси террористон дар Вазиристони Покистон амали тахрибкориро омӯхта ва аз ду соли қабл махсус ба минтақаи марзии Тоҷикистон бо Ӯзбакистон фиристода шуда буд ва мунтазири фаро расидани фурсати муносиб ба таври муваққат дар хонаи сокини рустои Муғоби Тоҷикистон Содиқ Абдураҳимов, ки аз ҷангандаҳои собиқи мухолифини давлати Тоҷикистон буда ва ҳамакнун бо ниҳоди амниятии ин кишвар иртибот доштааст, хидмат мекард.

«Фарғона.ру» бо истинод ба сокинони рустои Тӯпаланг навишт, ки онҳо Харро борҳо дар наздикии навори марзии ду кишвар дидаанд, ки гаштаву баргашта ва дурудароз ба самти хоки Ӯзбакистон менигаристааст ва онҳо то рӯзи ин воқеъа гумонашон бар ин будааст, ки чун Тоҷикистони қашшоқ аз алафу ҷави серӣ таъмин нест, Хари нимгурусна нияти гурехтан ба Ӯзбакистонро дар дил мепарварад ва интизори фаро расидани фурсати муносиб аст, то кай тавонад чашми соҳибаш ва марзбононро хато кунаду фирор намояд. Ин хабаргузорӣ, ки бо истинод бо манбаъи худ дар ниҳоди амниятии Ӯзбакистон навишт, муоинаи Хар нишон додаст, ки ду дасти вайро як рӯз қабл аз вуқуъи ин ҳодиса наъл кардаанд ва ин амр низ гувоҳ бар амали ҷиддан тарҳрезишудаи созмони ҷосусии кишвари ҳамсоя аст.

Ва аммо хабарнигори ҳафтаномаи «Халқ», чопи Душанбе, ки дафъатан бо сафари хидматӣ ба Варзине ва Муғоб эъзом шуда буд, навишт, ки сабаби вуруди Хар ба марзи Ӯзбакистон ҷуз ишқи шадиду ифротии Хар ба Мочахар чизи дигаре нест.

Вай нукоти ҷолибе аз тарҷумаи ҳоли Харро мунташир сохт. Аз ҷумла, ин ки Хар на танҳо боре ҳам дар Афғонистону Покистон набуда, балки аз дурҷ ҳам ин кишварҳоро надидааст. Ин Хари бечора ва бегуноҳ, ки имрӯз ба террурисм мутаҳҳамаш кардаанд, ба ҷуз рустоҳои Тӯпаланги Ӯзбакистон, ки дар он ҷо ба дунё омада, замони куррагиро ба сар бурдааст ва Муғоби Тоҷикистон, ки дар он бузург шудааст ва саҳрову кӯҳҳои ин ду русто ҷойи дигарро надидааст ва умуман бо сиёсат ҳам сару кор надорад. Хабарнигори «Халқ», ки дар беморхона бо Содиқ Абдураҳимов ҳамсӯҳбат шуда буд, аз қавли ӯ навишт, ки ин Харро чаҳор сол қабл аз сокини рустои Тӯпаланг Алишер Туғайбоев, ки ҳарду ошнои қадима будаанд, харида будааст.

Ҳамчунин, «Халқ» навишт, бино ба шаҳодати сокинони рустои Муғоб солҳои пеш, то замоне, ки неруҳои марзбонии Ӯзбакистон ғаддаи боли ҷуйи хушкидаро, ки Тӯпаланг ва Муғоб ва ба воситаи ин ду русто Ӯзбакистонро бо Тоҷикистон мепайваст, вайрон карданд, Мочахар ин ғаддаро се бор убур карда худ ба самти Тоҷикистон, ба назди Хар омада буд ва тарафи Тоҷикистон ягон бор ҳам ин амрро марзшикании бадқасдона талаққӣ накардааст, балки баръакс ду бор худи сокинони Муғоб Мочахарро ба воситаи ғадда ба тарафи Тӯпаланг бозпас фиристоданд ва як бори дигар ҳам соҳиби Мочахар худ омад ва онро ба хонааш бурд. Ва ниҳоятан, Мочахари тӯпалангӣ аз Хари муғобӣ ду курра ба дунё оварда ва сарвати соҳибаш ва умуман Ӯзбакистонро афзудааст.

«Халқ» ҳамчунин аз мардуми Тоҷикистон даъват кард, дар баробари тақдири Хар бепарво набошанд ва ба хотири озодии Вай садои

эътироз баланд кунанд, вале миллат ин бор ҳам ин даъватро паси гӯш кард ва ҳама ба дунболи ғизои шиками худ буданд. Фақат чанд рӯзномаи мустақил буданд, ки сару садо баланд мекарданд.

Баъд аз як ҳафта, чун нашрияҳои ғайридавлатии Тоҷикистон ниҳодҳои давлатии кишварашонро ба хомушӣ ва тарсуӣ ва бепарвоӣ дар баробари манофеъи миллӣ муттаҳам карданд, фармондиҳии Неруҳои марзбонии Тоҷикистон низ маҷбур шуд, баёнияи ҷавобӣ пахш намояд. Дар ин баёния муҳтавои баёнияи муштараки ниҳодҳои Ӯзбакистон иттиҳомоти беасос хонда шуд.

Дар ин баёнияи ҷавобӣ гуфта шуд, он чи ки ниҳодҳои расмии Узбакистон маводи мунфаҷир талаққӣ карданд, дар асл шишаи керосин будааст, ки Содиқ Абдураҳмонов аз боғхонааш ба хонааш меоварда, то дар фасли зимистон, ки минҷумла ба сабаби мухолифатҳои беасоси тарафи Узбакистон ба бунёди неругоҳҳои барқии обии Тоҷиксchallenge

Ин ки сохтмони гилини мактаб метавонад бар асари як шишаи яклитраи керосин ва як хар ҳезуми нимахушк мунфаҷир бишавад, хиёли воҳӣ ва мухолиф бо хиради солим аст.

Фармондиҳии неруҳои марзбонии Тоҷикистон бар он аст, ки ин ҳама дасисаву тавтиъа кори гуруҳҳои алоҳида дар Ӯзбакистон буда ва ҳадаф аз он нооромм кардани минтақаи Осиёи Марказӣ, аз масоили мубрами экологӣ дур кардани таваҷҷуҳи ҷомеъаи ҷаҳонӣ ва теша задан ба решаи дарахти ҳамешасабзи дӯстии халҳои тоҷику ӯзбак аст. Ва баъид ҳам нест, агар ин гуруҳҳо худ бо истифода аз Мочахар Хари бечораро бо фиреб ба Узбакистон ворид карда бошанд.

Тарафи Ӯзбакистон пас аз пахши ин баёния дафъатан марзи худ бо Тоҷикистонро баст ва қаторҳои боркаши самти Тоҷикистонро мавриди бозбиниҳои тӯлонӣ қарор дод.

Тарафи Тоҷикистон наворҳои сарояндагони Ӯзбакистонро аз дукону бозорҳо барчид ва барои донишҷӯёни ғоибхони ӯзбакистонии донишгоҳҳои Душанбе раводиди вурудӣ надод.

Ӯзбакистон дар минтақаи наздики марзи Тоҷикистон тамрини низомии якҳафтаина баргузор карда, «гуруҳҳои сар то по мусаллаҳи террористони байналмилалии исломиро, ки аз хоки Тоҷикистон ба Ӯзбекистон ворид шуда буданд», торумор кард.

Вазорати саноат ва энержии Тоҷикистон эълом кард, бо ширкатҳои Гватемала ва Белжик бо ҳадафи эҳдоси ду корхонаи бузурги алюминиюм ва семент дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Спитамен вориди музокирот шудааст.

Ӯзбакистон аҳолии чанд рустои тоҷикнишини воқеъ дар минтақаи марзии худ бо Тоҷикистонро, бо баҳонаи ёрии мумкини онҳо ба гуруҳҳои террористӣ ба дохили хоки кишвар кӯч дод.

Ширкати саҳҳомии «Барқи тоҷик» эълом кард ба сабаби зимистони сарду тӯлонӣ ва мухолифати Ӯзбакистон барои воруди барқи Қирғизистон ба Тоҷикистон, маҷбур шудааст оби ду обанбори Норак ва Қайроқумро ба ҳадди ниҳоӣ масраф кунад ва акнун лозим меояд дар фаслҳои баҳор ва тобистон ҳарчи бештар дар ин ду обанбор об захира кунад ва ба ин иллат хуруҷи об аз ин ду обанбор нисбат ба солҳои қабл ба таври қобили мулоҳиза камтар хоҳад буд.

Пас аз ду шабонарӯзи нашри ин баёния, саҳар тақрибан ним соат баъд аз намози бомдод, Содиқ Абдураҳимов садои ошнои ҳангосро шунид ва осема, калӯш дар по ба беруни дарвоза давид ва Хари азизашро дид. Ва чун чароғи умедаш барои дубора дидани Хар мурда буд, аз шиддати эҳсосот об аз чашмонаш фурӯ рехт. Хар ҳамон Хар буд, полон ҳам ҳамону пордуму пуштангаш ҳам, албатта хеле лоғар шуда буд, гӯшҳои ҳамеша сихаш, каме фурӯ афтода буданд ва ҳузум дар пушташ набуду шишаи керосин дар пордумаш. Содиқ Абдураҳимов дасташро каф карда ба пеш ёзонд, «беҳ, беҳ» гуфт ва чун Хар беибо пеш омад, аз ёлаш гирифту ба оғил кашид. Дар оғил полонашро гирифт, дар охур басташ, пушташро қишав кард, Сару гарданашро молид. Баъд говронаро аз сари харӣ гирифту ду зарбаи сахт ба пушташ зад. «Падарлаънат, - гуфт, - зимистони дароз дар ба дари мардум гашта, хар талбида, об кашондам».
Баъд рафту дар лаган ҷав оварду ба назди Хар гузошт ва чун Хар ҳарисона ба хӯрдани ҷав сар кард, гуфт: «Албатта, гуноҳи ту нест, вале чи кунам, ки зӯри ман ба падарлаънатое, ки тую гирифтанду мана азоб доданд, намерасад!»

# ДУ ЁР АЗ ДУ ДИЁР ДАР ЧОЙХОНАИ «РОҲАТ»

Онҳо – яке қоматбаладри лоғарандом, ки кулоҳи мудаввару лапардори урупоӣ дар сар дошт ва галстук баста буд ва дигаре фарбеҳи ришдор ва яктаҳ бар тан дар роҳрави зерзаминии назди Фурӯшгоҳи марказии пойтахт дучор омаданд, дурусттар бигӯям, қариб кала ба кала зада буданд.
- Амак намегӯед, чойхонаи «Роҳат» дар куҷост?
- Баъд ман тура амакум, гумон мекунӣ худут ай мана ҷавонтарӣ.
- Риш мондед, охӣ, мошубиринҷ!
- Баъд ҷавон риш намемуна, иқа балоҳо, ки аз сар гузашт, риша сафед намена?!
- Гапатон дурусту…
- Хайр, шухӣ кардум ба дил нагӣ, манум чойхонаи «Роҳат» мерум, чанд сол пеш омада будум, роҳуш ай ёдум рафтай, ҳамин тарафа нишонум додан, ку биё бирем, бинем ба куҷоя мерасем.
Рафтанд. Ягон саду панҷоҳ қадам рафта буданд, ки ришдор гуфт, ина «Роҳат», шинохтумуш, худи худуш.
Ба табақаи дувум баромаданд. Нишастанд. Ба атроф чашм давонданд.
Ришдор гуфт:
- Лекин хеле дигар шудай, калон шудай, базебтар шудай.
- Офарин ба ҷаноби олӣ! – гуфт лоғарандоми галстукдор.
- Ай, ҳамиям ай ҷаноби олияй?!
- Э, не, лекӣ ҳама обудонӣ ба шарофати ҷаноби олияй, охӣ.
- Валлаҳ, ки рост мегӣ! Қандша бузана!
Пешхидмат омад. Чойу нону қанд супориш доданд.
- Боз чӣ? – пурсид пешхидмат.
- Ту мехрӣ ягон чӣ!
- Не, ягон пиёла чой мегирам, шояд ягон шинос пайдо бишавад.
- Не, фақат чойу нону қанд.
- Ин ҷо чойхона не!
- Чӣ тур чойхона не, чойхонаи «Роҳат»-ай ку? Дар пешонишам «чойхона» навиштагияй!?
- Вай солҳои пеш навиштагӣ, акнун чойхона не, ресторану ошхона, ягон хурок ҳам супориш диҳетон, чойу нони холӣ намедиҳанд.
- О мо ҳолӣ хӯрдан намехоҳем!

- Хӯрок нахуред, чой ҳам нест, қоида ҳамин.
- Хайр, чи дорӣ?
- Лагман, лӯлакабоб, қайла, палов, шӯрбо, карамшӯрбо…
- Лағман мехрем?
- Дигар илоҷ набошад, чи кор мекунем, маҷбурем хурем.
Пешхидмат рафт.
- Муаллимӣ?
- Не. Чаро пурсидед!
- Галстук бастӣ, гуфтам, муаллим бошӣ!
- Худатон муллоед!
- Бачира мепурсӣ!
- Риш дорӣ!
- Баъ фақат мулло риш дора?
- Надонам.
- Риш суннати пайғамбарай. Мун деҳқонум, авом ҳам деҳқон буд.
- Кӣ? Кӣ?
- Авом, падарам.
- Хайр додом гӯед, падарам гӯед, ин ҷо шаҳр, пойтахти як кишвари соҳибистиқлол!
- Баъ ту додо мегӣ гуфта, манум додо бигум, лафзи худма гум бикунум.
- Не-ю, адабӣ гап задан даркор, охӣ.
- Худут нависандаӣ, журналистӣ?
- Э, не, куҷо нависанда, ман агрономам, техникум тамом кардагиям дар Зафаробод, лекин даҳ сол зиёд шуд, ки колхозоя барҳам доданд, дигар агрономам нестам.
- Баъ чи кор менӣ?
- Ман ҳам деҳқонӣ мекунам, мисли шумо, лекин ҳашт сотих замин дорам, бо иқа замин бачаҳоя хурондан мешавад?!
- Бист сотих бошад чӣ? Ҳолӣ бо деҳқониям рӯз гузаронда намешава! Туркманбошӣ сарҳадоя баст, Ислом Каримуф виза кард, дига аз себфурӯшиям рӯз намегузара…
- Рост мегӯед, худоро шукр бачаҳо дар Россия кор мекунан, гоҳ-гоҳ пул мефиристанд, набошад…
- Ай манум сета дар Рассия. Ай худут чандта!
- Ду писари калонӣ, сеюмашам имсол синфи ҳашта тамом мекунад, ман ҳам Россия меравам, мегӯяд.
- Хайр мунуш бирава, хонда чӣ мешава. Маълум, ки худутум мисли ман як бечораӣ, писарои ману ту вазир намешаван!
- Не, гуфтам, намеравӣ, мактабата хондан гир, аз Худо умед дорем, ки замона ин тавр намемонад, рӯзҳои хуш ам меоян!

- Албатта! Ноумед шайтунай! Ҷаноби олиям гуфт, панҷ сол тоқат бикунен, Худора шукр ду солаш гзашт, се соли дигаруш мунд, тоқат менем. Худут нарафтӣ Рассия?
- Э. не-е, ман куҷо меравам!
- Ман рафта будум, се сол дар Рассия кор кардум!
- Ҳаҳ, - марди галстукдор курсиашро пештар кашид, чашмонаш дурахшиданд, сар пештар овард, - баъд ҳамун ҷа нарафтед аз гиребони Гарбачефи суволичи падарлаънат маҳкам бигиред, сахтакак афшонед, як лағат ба қабри Елтсини гӯрсӯхта бизанед? Падарлаънато, гуйед, ун ватани бузургу обода чӣ кор кардед!? Ҳаҳ, хок бар сарам, СССР-и бузургу обода вайрону валангор кардан партофтан-а! Брежнуф атса мезад, тамоми Америка меларзид-а, биллоҳи азим!
- Америка Точикистон нестай, ки биларза… Аввулуш ки ман дар Маскав набудам, дар Новосибирск будум, дувумаш, ки баъ ба унода наздикшавит мемунан? Сеюмуш, ки Горбачеф одами хубай, то замони вай ба як калона як даҳан гап зада наметонистӣ, як ҳафта интизор мешиштӣ қабулат намекард, озод ба масҷид ам рафтан намешид.
- Куҷош хубай, вай як падаралънат буд, ага ба дастам афтад, биллоҳи азим якта-якта ришаша накандам, номам Амирқул набошад.
- Вай риш надора…
- Дар омади гап гуфтам, дандоноша мешиканам.
- Ман ба Горбачефа қасд надорум, ин тақдири Худояй, ага Исталинам мешид, ки ҳеч кор карда наметонист.
- Чӣ хел наметонист, ҳафт-ҳашта маҳмадоноҳошо ба девол рост карда мепаронд, дигарош дам ба дарун мешуданду мешиштанд.
- Намедонум, ман ба Горбачеф душманӣ надорум, чеҳраш гармай, одами хуб менамоя… Лекӣ ага Буши падалаънат ба дастум афтуд, аз сад ҷонуш як ҷонуш халосӣ надора, Қуръони Шариф бизана!
- Ҳо, унам Горбачеф барин як падарлаънатай, лекин ун ватани дигароя вайрон мекунад, ин ватани худаша кард. Мегун, ки аз аввал ҷосуси Америка будаст.
- Намедонум, леки Буша ёбум, валлаҳ ки мисли як паша дар кафам меқапум, меҷафамуш, ки бимира, мусулмонои олам халос бишан…
- Кошки ба ин рӯзҳо мерасидем. Фақат айби Буши хурдӣ нест, падараш сар кард, писараш давом дод! Леки дар замони Буши калонӣ СССР буд, метарсид, ҳар номаъқулия кардан наметонист… Як орзу дорам, ҳамин Горбачефа ақаллан аз тиливизор бинам, ки мурдасту ба гӯр монданаш, ман ам беармон мемурам. Аз Худои якто як чиз мехохам, ки аз ҳамон рӯз пештар намурам.
- Э, буродар, уно ага атса занан даҳ духтур болои сарашон ҳозир мешава, уно ба зудӣ намемуран.

- Азроил мепурсад, ки ту кистӣ? Ленину Исталин мурдану… Брежнев мурду… Гумон мекардӣ, ки асло намемурад…
- Албаттаю…
- Русҳои имрӯза ҳам мисле ки ҳамаш алкаголик шудагӣ, русҳои давраи инқилоби кабири октябр мешуданд, Горбачёф метонист озод дар кӯчаҳои Маскав гаштан гирад? Биллоҳи азим аз пош меовехтанд!
- Рус ишкамаш сер бошаду арақаш боша, чи парво дора дар боло Горбачев шиштай ё Путин! Мо 300 кас дар як автобаза автобус ҳай мекардем, ба тоҷикою малдавано 15 ҳазор рубл маъош медодан ба худи урусҳо аз 30 то 40 ҳазора. Чи парво дорад урус, ки об тагда мерад болода, Путинай Медведуфай…
- Ба ҳаминаш ам шукр. Ага тоҷикоя буроран пеш кунанд чӣ кор мекунем. Чанд суволичаш аз тилвизору газито гуфт, ки тоҷикоя ба ватанашон фиристодан даркор!
- Гуфтан мегиран, тоҷику ӯзбак набошан дар Рассия кӣ кор мена?! Уно ҷаноби олия тарсонданӣ мешаван, ки ба тарафи Америкаю НАТО гашта, армияи Рассияра ай Тоҷикистон пеш накуна..
- Рост мегӯӣ, ҷаноби олия намемунан кор бикунад, агар урусо фиреб намедодану ӯзбако ғиромӣ намекардан, Роғуна кайҳо сохта буд. Офарин, ба ҷаноби олӣ. Маҷлисоша бинед, вазирою ҳокимоя рост мемунад, чи гапошон мегуд, замин намекафад, ки дароянд, биллоҳи азим! Ман кайф карда тамошо кардам.
- Хуб менад. Соли гузашта ҳокими райони мора рост монда буд, ба ун падарлаъната шиш моҳ муҳлат дода буд, ки корота дуруст кун, леки ҳамун Аҳмади поринаяй, падарлаънати беимонай. Ҳашт сол шид, ки ба писари калонима, шиш сол шид, ки ба писара дуюмима, ина як сол мешавад, ки ба писари сеюмима замин бояд бидиҳад, ҳамашона як чиз ним чиз дода хоҷагии алоҳида кардам, имрӯзу фардо гуфта, фиреб карда гаштай, ба ҳар ки пораш медиҳа, ҳақ дора надора медиҳа, ба камбағалора намедиҳа, имрӯз пагоҳ мена мегарда. Имсол сел ними замини худма бурд, меган ки акнун дуруст шид, ба шиш сотих ҳақ дорӣ шиш сотих шид, унаша ки сел бурд, барзиёд буд… Шайтун гуфт, ки аз гиребунаш бигиру як мушт ба таги ҷоғаша бизан, ки сиву дандунуш шикана, бо астағфируллоҳ гуфта, худма нига доштум…
- Дуруст кардед, ино даст нарасонда фарёд мебардоранд, боз ага даст боло кунӣ тамом, ба зиндон мебарандат… Худи мана райиси совети қишлоқа ҳақорат кардӣ гуфта, се рӯз маҳкам карданд.
- Ҳақоратуш кардӣ?!
- Э, не, кошки дурусттар ҳақорат мекардам, алам намекард, ҳамту як бор «падарлаънати порахӯри молимардумхӯр» гуфтам, туҳмат кардӣ, гуфта, се рӯз бурданд маҳкам кардан.. Чи тур туҳмат, ки пора

мехурад, ёриҳои башардӯстонаи фиристодагаии мамлакатҳои хориҷия мефурӯшад, мехӯрад…

- Чӣ кор кард, ки…

- Э, қиссааш дароз… Хулосааш ин ки ҷӯйи оби замини ман аз замини ҳамсоя мегузашт. Баъд ин ҳамсоя аз болодасти заминаш барои писараш хона андохту тирезаҳоша рӯ ба рӯи ҳавлии ман гузошт, аз тирезеш ҳавлии ман кафи даст барин менамод. Чанд бор гуфтам, ки ин турӣ накун, гӯш накард, донистагии худаша кард. Ман мӯйсафедои деҳаро ҷамъ кардам, уно ҳам ба миён даромаданду далолату насиҳат карданд, гӯш накард. Баъд ман ба пеши райиси ҷамоъа рафтам, гуфтам, райис хешатона насиҳат кунед, охир, гапи ҳеч каса гӯш намекунад, тирезаша ба тарафи ҳавлии ман мондаст… Падарлаънат дар ҷавобам медонед, чӣ гуфт? Гуфт, ки хона хонаи вай, тирезаша ба кадом тараф хоҳад мондан мегирад… Дар ягон қонуни давлат навиштагӣ нест, ки гуфт, ба тарафи ҳавлии ҳамсоя тиреза мундан мумкин нест. Баъд мана тарсонданӣ шуд, ки агар хап карда нагардам ба суд медиҳадам, ту гуфт, писарата, ки бояд ба армия мерафт, гурезонда ба Рассия фиристондӣ, се сол шуд, ки намебияд, агар ҳамин солам набиёд ба устали суд мешинӣ… Боз таҳдидҳои дигар ам кард, баъд ман қаҳрам омаду «падарлаънати порахӯри молимардумхӯр» гуфтамаш… Барои ҳамин мана се рӯз маҳкам карданд… Аз ҳамун зиндон баромада рост ба Душанбе омадам, ки ҷаноби олӣ арзама шунавад…. То худашона дида арзама нарасонам, намеравам….

- Ба ягон муаллими басавод додӣ, ки хушру карда бинависа…

- Э, не ба худашон рӯ ба рӯ мегӯям…

- Баъ, ҷаноби олӣ вақт дора, ману туя қабул карда бишина… Ману ту ворӣ ҳар рӯз сад кас меод… Ман худам се рӯз даводав карда арзама аз болои ун падарлаънати ҳоким ба кормандош додам. Рав, гуфтан, ҷавобаша менависем…. Ту ҳам ё худат менависӣ, ё ба ягон басаводтара битию нависон….

## АҚВОЛИ ХОҶА ЗАЙНУЛОБИДИН
(бародари **х**урди Хоҷа Зулфиқор)

Хоҷа Зайнулобидин гуфт: чи хосиятест дар ғам, ки асари мухталиф дорад. Ману Абдулғании Даврон ҳарду ғами Ватан мехурем, ӯ ҳамарӯза фарбеҳтар мешавад, ман лоғартар.

Боз гуфт: Кишваре, ки раиси ҷумҳураш алтернатив надорад, оянда надорад.

Хоҷа мукаррар мегуфт: дар кишваре, ки мардумаш имрӯз дар торикӣ ба сар мебаранд, азояндаи дурахшон бисёр ҳарф мезананд, ончунонки зиндониён дӯст доранд пайваста аз озодӣ сухан бигӯянд.

Захрханде карду гуфт: Саге, ки бо гурба сари дӯстӣ дорад, ба зоти худ нанг меорад.

Аз саге ҳикоят карданд, ки алаф мехӯрдааст. Хоҷа гуфт, дар сагони ин замона ҳам ғурури сагона намондааст.

Гуфт: гурбаи хонаи ман, беҳтар аз шери биёбони Африкост.

Гуфт: Хушомад навъе аз таҷовуз ба номус аст, вале камтар таҷовузшудаи хушомад тавони дарки ин маъниро дорад.

Ба дӯстонаш гуфт: Оё як дӯлча оби софу сард дар гармои тамуз аз сад китоб дар боби манофеъи об муфидтар нест?

Гуфт: Ориёӣ? Орат ку?!

Марде гуфт: миллатамро дӯст медорам, вале аз ҳама арақҳои Тоҷикистон «Беркут»-и Қазоқистон беҳтар.
Хоҷа ки шунид гуфт, ба ростӣ, ки ин сияҳмаст аз ростгӯён аст.

Хоҷа мукаррар мегуфт: онҳое, ки аз бандаи Худо метарсанд, аз Худо наметарсанд, онон, ки аз Худо метарсанд, аз аҳаде бим дар дил надоранд. Ва меафзуд: дар Тоҷикистон мусалмони содиқ кам дидам.

Ва боз гуфт: Тарс аз Худо гувоҳ бар сафои қалб аст ва тарс аз бандаи Худо нишони ҳирси нафс.

Ва боз гуфт: Тамаллуқ зодаи тарс аст, чопулсӣ фарзанди ҳирс.

Бо заҳрханд гуфт: Буз галстук бандад ҳам «алиф»-у «бе»-ро намешиносад.

Ба такрор мегуфт: Шер мурдан беҳ, ки рӯбоҳ зистан.

Ҳоҷӣ сар дар гиребони андеша аз дафтари соҳибмақоме берун омад ва гуфт: агар гову хар ақл доштанд, одамӣ чӣ мекард?

Нафаре дар чойхона рӯзнома мехонд, ки Тоҷикистон бар тибқи иттилоъи кумитаи омор фалон қадар хар ва фалон қадар буз доштааст.
Ҳоҷӣ сар боло кард ва гуфт: камтар навиштаанд, валлоҳ, ки хеле бештар аст.

Яке ҳангоми ифтор гуфт: бо хурмо рӯза бикушоед, ки суннати паямбар, алайҳуссалом аст. Хоҷа ки ҳузур дошт гуфт: Агар дар Арабистон чормағз мерӯид, бо чормағз мекушод.

Замоне, ки дар Тоҷикистон рӯз дар миён оши оштӣ мехӯрданду ҷанг ҳеч ба поён намерасид, Хоҷа ба такрор мегуфт: ин сарварон аз «оши оштӣ» танҳо «ошаш»-ро дӯст доранд.

Баъд аз пахши сабқати навбатии таърифу тавсифҳо аз тариқи телевизион гуфт: Агар инҳо ин қадар бузурганд, чаро мо ин қадар залилу ҳақирем?!

Хоҷа гуфт: басо хоксориҳоро дидам, ки рӯпуши даридаи ғуруру нахватанд, чи басо тарсуро дидам, ки либоси фарсудаи одоб дар бар дошт.

Хоҷа бар ин ақида устувор буд, ки шеър хубу бад намешавад ва мегуфт: шеър аст, агар хуб аст, агар бад аст, шеър нест.

Гуфт: китоби бад мисли вирус аст, агар бо вирус муқовимат нашавад, шумораи бештари одамонро меолояд.

Чун бо зане кареҳманзару бадқавора дучор меомад, мегуфт: кошки фаранҷиву чодар иҷборӣ буд!

Душанбе—Олмотӣ—Душанбе,

1991; 2004—2009.